1. Аюшева А.О. Формирование интегрированных структур агропромышленного комплекса региона: проблемы и перспективы: Монография / А.О. Аюшеева. – Новосибирск: Издательство ЦРНС, 2013. - С.31.
2. Аграрные отношения: теория, историческая практика, перспективы развития. Монография / И.Н. Буздалов, Э.Н.Крылатых, А.А.Никонов и др. – М.: Наука, 1993. – 270 с.
3. Гафуров Б.Г. Таджики // На тадж. язык. Часть 2. – Душанбе, 1985. –416 с.
4. Гафуров Б.Г. Таджики // На тадж. язык. Часть 2. – Душанбе, 1985. -165 с.
5. Давлатов К.К. Развитие кооперации и интеграции в АПК Республики Таджикистан: Монография / К.К. Давлатов. – Воронеж: Изд-во «Истоки», 2008. -218 с.
6. История Таджикской ССР // Под. общ. ред. Антоненко Б.А. -2-е изд., перераб и доп.. – Душанбе: Маориф, 1983. -400 с.
7. Конотопов М.В. Из тупика: Экономический опыт мира и путь России / М.В. Конотопов, С.И. Сметанин. -2-е изд., перераб. – М.: Изд. «Палеотип», 2002. -412 с.
8. Кураева Г.К. Агропромышленная интеграция как фактор устойчивого развития экономики региона [Текст]/ Г.Кураева // Журнала Образование и наука в России и за рубежом. - 2019. - №2. - С.383-389.
9. Файн Л.Е. Отечественная кооперация: исторический опыт / Л.Е. Файн. - М: Иваново, 1994. - 275 с.
10. Фасихов И.С. Альтернативные стратегии развития системы продовольственной безопасности [Текст] / И.С.Фасихов, Т.С.Дыйканбаева // Журнал «Economics». -Россия-Москва, 2016. -№ 8 (17). – С.5-12.


## ШАРОИТҲОИ ТАЪРИХӢ-ИҚТИСОДИИ ТАШАККУЛЁБИИ ИНТЕГРАТСИЯИ АГРОСАНОАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола оид ба шароитҳои таърихӣ-иқтисодӣ ва ташаккулёбии интегратсияи агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои рушди он ба таври васеъ маълумот дода шудааст. Инчунин, оид ба интегратсия дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти агросаноатӣ бо хусусиятҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, гуногунии иқлимиву ҷуғрофӣ, шароитҳои демографӣ, таърих ва анъанаҳои хоси миллӣ нишон дода шудаанд. Масъалаҳое, ки бояд дар стратегия дарҷ ёбанд, аз ҷумла дастрасии физикӣ ва иқтисодии маҳсулоти ғизоӣ, ҳифзи муҳити зист, идоракунии самарабахш, риояи меъёрҳои агротехникӣ ва дар маҷмӯъ, истифодаи дурусти захираҳои замини ҷумҳурӣ ва афзалиятҳои кишвар дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии органикӣ пешниҳод карда шудаанд. Бинобар ин тадқиқотҳои таърихии рушди равандҳои интегратсионӣ барои корхонаҳои агросаноатӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар мақола шароитҳои таърихӣ-иқтисодӣ ба таври возеҳу равшан таҳлил гардидаанд. Бояд қайд кард, ки муносибатҳои ҳамгироӣ дар шароити бозор аз вазъияти бозор аз давраи пеш аз ислоҳот бо интихоби демократии шарикон, навъҳои моликият ва идоракунӣ, васеъ намудани каналҳои фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзиву саноатӣ ва ашёи хом нишон дода шудааст. Дар мақолаи мазкур таҳлили шароитҳои таърихии пешниҳодшуда нишон дода шуда, ҳамгироии агротехникӣ мувофиқи принсипҳои бахши истеҳсолот, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамгироӣ байни онҳо муайян карда шудааст.

Хулоса карда шуд, ки танҳо ташаккулёбии интегратсияи агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита барои ҷомеа манфиатовар буда, барои расидан ба ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад кард.



**Калидвожаҳо:** иқтисодиёт, рушд, комплекси агросаноатӣ, ҳамгироӣ, ҷараён, ҳавасмандӣ.

## ИСТОРИКО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ АГРОПРОМЫШЛЕННОЙ ИНТЕГРАЦИИ В РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается агропромышленная интеграция как фактор устойчивого развития экономики регионов Республики Таджикистан. Предложены общеэкономические мотивы агропромышленной интеграции. Изучена разновидность агропромышленной интеграции на уровне государства. Это также показывает интеграцию производства сельскохозяйственной продукции с характеристиками социально-экономического развития, климатического и географического разнообразия, демографических условий, специфических национальных традиций. Вопросы, которые должны быть рассмотрены в стратегии, включая физическую и экономическую доступность питания, защиту окружающей среды, эффективное управление, соответствие сельскохозяйственным агрегатам и в целом правильное использование земельных ресурсов и приоритеты страны в производстве экологически чистой сельскохозяйственной продукции. Соответственно, историческое исследование развития интегрированных процессов для агропромышленных предприятий имеет первостепенное значение. В рассказе исторические и экономические условия были тщательно проанализированы. Следует отметить, что интеграция рынков в рыночных условиях была продемонстрирована до реформ с демократизацией партнеров, форм собственности и управления, расширением каналов продаж сельскохозяйственного и промышленного секторов и сырья. В данной статье был продемонстрирован анализ исторических предложений и определена агротехническая интеграция в соответствии с принципами производства, переработки сельскохозяйственной продукции и интеграции между ними.

Был сделан вывод, что только развитие агробизнеса в Республике Таджикистан имеет непосредственное отношение к обществу и будет способствовать достижению целей Правительства Республики Таджикистан в обеспечении устойчивого развития национальной экономики.

**Ключевые слова:** экономика, развития, агропромышленный комплекс, интеграция, процесс, глобализация

## HISTORICAL AND ECONOMIC CONDITIONS AND FORMING AGROINDUSTRIAL INTEGRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article considers agro-industrial integration as a factor of sustainable economic development of the regions of the Republic of Tajikistan. The proposed general economic motives of agro-industrial integration. Studied a variety of agro-industrial integration at the state level. It also shows the integration in the production of agricultural products with the characteristics of socio-economic development, climatic and geographical diversity, demographic conditions, specific national traditions. Issues to be addressed in the strategy, including physical and economic accessibility of food, environmental protection, effective management, compliance with agricultural aggregates and, in general, proper use of land resources and the country's priorities in the production of environmentally friendly agricultural products. Accordingly, a historical study of the development of integrated processes for agro-industrial enterprises is of paramount importance.In the story, the historical and economic conditions were carefully analyzed. It should be noted that the integration of markets in market conditions was demonstrated before reforms with the democratization of partners, forms of ownership and management, expansion of sales channels of the agricultural and industrial sectors and raw materials. In this article, an analysis of historical proposals was demonstrated and agrotechnical integration was determined in accordance with the principles of production, processing of agricultural products and integration between them.

It was concluded that only the development of agribusiness in the Republic of Tajikistan is directly related to society and will contribute to achieving the goals of the Government of the Republic of Tajikistan in ensuring the sustainable development of the national economy.

**Keywords:** economy, development, agriculture, integration, process, globalization.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Давлатзода Қудрат Қамбар*** - Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директор. **Суруға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев, 42\2. Телефон: **(+992) 918-63-78-88**
***Бобошерзода Нозанин Қарақул*** –Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 987-14-71-37**. E-mail: **nozanin.kuraeva@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Давлатзода Кудрат Камбар*** - Агентства по стандартизации, метрологии, сертификации и торговому надзорому при Правительстве Республике Таджикистан, доктор экономических наук, профессор, директор. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Н. Карабаева, 42/2. Телефон: **(+992) 918-63-78-88**
***Бобошерзода Нозанин Каракул*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры финансового менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 987-14-71-37**. E-mail: **nozanin.kuraeva@mail.ru**

**Information about the author:** ***Davlatzoda Kudrat Kambar*** - Agency for Standardization, Metrology, Certification and Trade Inspection under the Government of the Republic of Tajikistan, Doctor of Economics, Professor, Director. **Address:** Republic of of the Tajikistan, Dushanbe, st. H. Karaboev 42/2. Phone: **(+992) 918-63-78-88**
***Bobosherzoda Nozanin Karakul*** - Tajik State University of Finance and Economics, Senior Lecturer, Department of Financial Management. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan Dushanbe Nakhimov st. 64/14. Phone: **987-14-71-37**

УДК 331.5

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРКУНАНДА БА РУШДИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТ ДАР БАХШИ АГРАРӢ

*Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, Гулов А.Б.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ иқтидори меҳнатӣ дар деҳот алҳол бо давомнокии баланди бекорӣ ва суръати афзоиши он, маҳдудият дар интихоби ҷойҳои кори холӣ ва имконоти корёбӣ тавсиф дода мешавад. Ҳамаи инҳо шиддатнокии иқтидори меҳнатиро баланд менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки самтҳои асосии танзими шароити иқтисодии афзоиши самаранокии иқтидори меҳнатӣ дар деҳот барои ояндабинии динамикаи сатҳи шуғли аҳолии минтақа ва рушди меҳнат, инчунин, барои ирсоли маълумоти зарурӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асосноккунӣ ва коркарди барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ имконият медиҳанд. Вазъи кунунии масъалаҳои номбаргардида ҷиҳати ҳалли мушкилот дар илми иқтисодиёти ватанӣ, аз он шаҳодат медиҳад, ки назарияи мукаммали таҳқиқи масъалаи мазкур пешниҳод нагардидааст ва ин аз муаммоҳои ниҳоят муҳимми иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан зарур аст, ки талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат аз бисёр омилҳои дигар вобаста мебошанд. Ҳамаи омилҳои ба бозори меҳнат таъсиркунанда ба ду гурӯҳ омилҳои таъсиргузоранда ба талаботи иқтидори меҳнат ва омилҳои таъсиргузоранда ба пешниҳод ҷудо мешаванд. Ҳамзамон, ба нархи қувваи корӣ ҳар дуи ин гурӯҳҳо таъсир мегузоранд, зеро нарх таҳти таъсири талабот ва пешниҳод ташкил мегардад, аз ин хотир, омилҳои ба нарх таъсиргузорандаро ба гурӯҳи алоҳида ҷудо намекунанд.

Дар миқёси калон ба талаботи (муштарак) меҳнат вазъи иқтисодие, ки ҳолати иқтисодро нишон медиҳад, инҳо таъсир мегузоранд. Агар иқтисод дар ҳоли рушд қарор дошта бошад, он гоҳ талабот ба меҳнат бо расидан ба сатҳи баланд меафзояд. Агар иқтисод дар ҳолати буҳрон қарор дошта бошад, он вақт талабот ба меҳнат паст мегардад. Вобастагии шабеҳи талабот дар бисёр вақт аз талабот ба молҳое мебошад, ки бо ёрии меҳнат истеҳсол карда мешаванд. Вазъи мусоиди иқтисодӣ ин инкишофи даромадҳои субъектҳои (шахс)-ҳои иқтисод ва инкишофи дахлдори талабот ба молҳои гуногун, бо талаб кардани афзоиши истеҳсоли онҳо мебошад [7].

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар сатҳи калон ба пешниҳоди (муштарак) меҳнат сохтори иҷтимоии аҳолӣ, аниқтараш, саҳми шахсони аз воситаҳои хусусии истеҳсолот ва ҳаёт маҳрумгашта таъсир мерасонанд. Азбаски сохтори иҷтимоии аҳолӣ серҳаракат аст, аз ин рӯ, пешниҳоди муштараки меҳнат низ тағйирёбанда мебошад. Масалан, муфлисшавии молистеҳсолкунандаҳои хурд саҳми шахсони пешниҳодро дар бозори меҳнат таъминкунанда зиёд мегардонад.

Қобили зикр аст, ки сохтори демографии аҳолӣ, пеш аз ҳама, вазни қиёсии шахсони дар синну сол ва ҳолат қобили меҳнат қарордоштаро муайян месозад [3]. Аммо дар ин ҷо нақши муҳимро қонунгузории иҷтимоӣ ва ҳолати системаи нигаҳдории тандурустӣ бозӣ мекунад. Ҳамин тариқ, манъ кардани меҳнати кӯдакон, наврасон, нафақахӯрон ва занон дар якчанд соҳаҳо пешниҳоди муштараки меҳнатро маҳдуд мегардонад. Бо тарзи мазкур пардохти кумакпулӣ ба баъзе категорияҳои бекор низ таъсир мегузорад. Низоми рушдёфтаи нигаҳдории тандурустӣ ба нигаҳдории қобили меҳнат будани аҳолӣ, аз ҷумла дар синну соли баркамол мусоидат менамояд ва пешниҳоди баланди меҳнати муштаракро таъмин менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки омилҳои ба талаботи меҳнат дар бахши аграрӣ сатҳи мезо ва макро таъсиргузоранда: сатҳи музди маош, маҳсулнокии меҳнат, талабот ба молҳои бо ҳамин меҳнат истеҳсолкардашаванда, синну соли коргар, миқдори корфармоён ва васеъ намудани истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошанд. Омилҳои дар сатҳҳои мезо ва макро таъсиргузоранда миқдори коргарони боихтисос, шароити кор (мақом, эътибор, таъминоти иҷтимоӣ), сатҳи музди маош ва шароити меҳнат дар ҷойҳои корӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, сатҳи зиндагии коргар, тағйироти ҳолати демографӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, хароҷотҳои бо ивази кор алоқаманд, фаъолияти иттифоқи касаба, танзимкунии давлатӣ дар бозори меҳнат ва омили муваққатӣ мебошанд [5].

Таҳқиқи масъалаи ташаккулёбӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар бахши аграрӣ нишон дод, ки стратегияи асосгузори сиёсати давлатии кормандии шуғли аҳолӣ ба тавозуни баландтарини имконпазири талабот ва пешниҳод дар иқтидори меҳнат вобаста мебошад. Таъмини шуғли аҳолӣ, ки суръатҳои баландшавии бекорӣ ва танзими иқтидори меҳнатро дар минтақа нигоҳ медорад, аз анҷомёбии муваффақонаи ислоҳоти иқтисод ва дигаргуниҳои бозорӣ вобаста мебошад.

Дар мақола қайд шудааст, ки сифати захираҳои меҳнатӣ ба суръат ва сифати афзоиши иқтисодӣ таъсир мерасонад. Иқтидори истеҳсолии қувваи корӣ, ғайр аз сифатҳои психологӣ ва ҷисмонии коргарон, як қатор параметрҳои муайянкунандаи коршоямӣ ва қобилияти он ба меҳнати сермаҳсулро ҳамроҳ мекунад. Ин сатҳи таълими умумӣ ва махсуси ҷамъшудаву аз насл ба насл гузаранда, таҷрибаи истеҳсолӣ ва меъёрҳои фарҳанги рафтор мебошад. Маълум аст, ки иқтидори истеҳсолии захираҳои меҳнатии ин ё он мамлакат аз бисёр ҷиҳат бо сиёсати иқтисодию иҷтимоии давлат муайян мегардад.

Ба мушоҳида мерасад, ки истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар бахши аграрӣ хусусиятҳои худро дорад. Якум, ин ки дар бахши аграрӣ вазни қиёсии меҳнати дастӣ нисбати дигар соҳаҳои иқтисоди давлатӣ каме баланд мебошад; дуюм, аксари намудҳои кор хусусияти мавсимӣ доранд, махсусан растанипарварӣ [6]. Дар натиҷа захираҳои меҳнатии бахши аграрӣ нисбат ба дигар соҳаҳо аз ҳама бештар ба таъсири омилҳои иқлимӣ дучоранд. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ**
**Table 1. Gross domestic product**

| | 1991 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, фоиз | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо фоиз | 36,5 | 20,4 | 23,4 | 21,9 | 20,3 | 21,1 |

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маҷмӯаи оморӣ). –Душанбе, 2018. -С.15 [1]

Исбот шудааст, ки ҷараёни инкишофи шуғл, ММД (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) ва маҳсулнокии меҳнат бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 21,1%-ро ташкил дода, сол ба сол зиёд шуда истодааст. Амалияи ислоҳоти иқтисодӣ, татбиқи гузариши самаранок ба муносибатҳо ва алоқаҳои бозаргонӣ, афзоиши вобастагии иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун дар натиҷаи тавсияҳои низоми ҷаҳонишавии хоҷагидорӣ ба донишмандони иқтисодӣ талаботҳои зиёдро пешниҳод менамоянд. Чуноне ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Омилҳои мазкур ба раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии кишварамон, ки ҳамчун иқтисоди кушод як ҷузъи иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, бетаъсир намемонанд» [10]. Ҳукумати мамлакат дар асоси афзалиятҳои муайянгардида ва ҳадафҳои стратегии кишвар дар роҳи ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонӣ пайваста, азму талош дорад, ки ҳадафи ниҳоии онҳо таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мебошад.

Бар хилофи дигар мамлакатҳои бо маҷмаи саноати аграрии рушдёфта дар як муддат пастшавии ногаҳонии маҳсулоти умумии кишоварзӣ, маҳсулнокии меҳнат, сатҳи шуғл, ки боиси вайроншавии асоси истеҳсолот, шиддатгирии нобаробарии нархҳо ва дигар падидаҳои номатлуб мегардад, сурат гирифт.

Дар шароити буҳрон тағйиротҳои ғайриодатӣ дар муносибати хароҷоти меҳнати зинда ва таҷассумёфта рух медиҳанд ... «арзиши қувваи корӣ нисбат ба аризиши фондҳои асосӣ ва захираҳои моводию техникӣ бениҳоят дар дараҷаи кам афзоиш меёбад..., афзоиши нархи техникаи нав нисбат ба маҳсулнокии он бартарӣ пайдо мекунад». Дар натиҷа «озодкунии қувваи корӣ, дар натиҷаи дохил кардани технологияҳои нав сурат намегирад ва баръакс, қувваи кории арзон техникаи аз ҷумла, ба ҳолати корношоям омадаро аз миён мебардорад». Одатан дар адабиёти иқтисодӣ миқёсҳои бекории ниҳонӣ

фарқиятро байни шумора воқеан машғул ва шумораи «пешниҳоди аз ҷиҳати иқтисодӣ додашуда» муайян месозад [8].

Хароҷот оид ба музди меҳнат, соқиткунии он ба ҳисоби корхона равона шуда, баҳисобгирии онҳо бошад, оид ба молҳо ва маҳсулоти тайёр, масолеҳ, асбобҳои камнархутезфарсудашаванда баҳисоб гирифта мешавад. Ба онҳо дохил мешаванд: арзиши пешниҳодшудаи молҳо бе пардохт дар асоси қонунгузории мавҷуда, арзиши бе пардохт додашуда дар асоси қонунҳои амалкунанда [10].

Тадқиқот муқаррар кардааст, ки соҳаи кишоварзӣ дар деҳот ягона бахше нест, ки дар он дигаргунисозиҳои қувваи корӣ ба амал меояд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), корхонаҳои хурди миёна дар деҳот дар шароити таназзули ногаҳонии истеҳсолот, ҳамчунин, қувваи изофаи кориро ихтисор мекунанд, ҳамзамон, ба он мекӯшанд, ки кормандони ихтисоснок ва ҳалқаҳои асосии технологиро нигоҳ доранд. Дар сохтмони деҳот, масалан тибқи маълумотҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекории ниҳонӣ тақрибан 10% шумораи машғулонро ташкил медиҳад. Тақрибан чунин сатҳҳои бекории ниҳонӣ дар саноат ва дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддии иқтисоди деҳа мушоҳида карда мешаванд. Муҳоҷирати аҳолии ҷумҳурӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (нафар)**
**Table 2. Migration of the population in the Republic of Tajikistan (people)**

| | Солҳо | | | | | С.2017 ба с. 2013, нафар |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | |
| Шумораи аҳолии кӯчидаомада | 36298 | 39648 | 35316 | 33336 | 37497 | 1199 |
| Шумораи аҳолии кӯчидарафта | 40304 | 45344 | 40135 | 37606 | 41150 | 846 |
| Афзоиши ҳиҷрат | -4006 | -5696 | -4819 | -4270 | -3653 | - |

Сарчашма: Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Минтақаҳо. –Душанбе, 2018. –С.36 [1]

Аз таҳлилҳои ҷадвали 2 бармеояд, ки шумораи аҳолии кӯчидаомада дар соли 2017 37497 нафар қиёси соли 2013 1199 нафар зиёд шудааст, шумораи аҳолии кӯчидарафтагиҳо 846 нафарро ташкил додааст. Аз рӯи маълумотҳои муоинаи аҳолӣ, тибқи масъалаҳои шуғл, дар соҳаҳои доираи истеҳсолот дар бахши аграрии 65% аҳолӣ ба кор машғул мебошанд.

Ҳамин тариқ, микёси бекории ниҳониро дар ин ҷо тақрибан ба 750 ҳаз. нафар баҳо додан мумкин аст. Барои соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва деҳот, инчунин, соҳаҳои идоракунии чунин падида хос намебошад, зеро маблағгузории маҳдуди буҷетии ин соҳаҳо (ғайр аз тиҷорат ва хӯроки ҷамъиятӣ) барои қувваи кории зиёдатиро нигоҳ доштан имкон намедиҳад.

Арзиши баланди иҷтимоии муҳоҷирати бурунмарзии меҳнатӣ. Интиқоли маблағҳои пулӣ ба кишвар дар таносуб бо ММД зиёда аз 40%-ро ташкил дода, ҳамасола на кам аз 600 ҳазор нафар ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ҷалб мегарданд. Талошҳои қонунигардонии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирон дар кишваре, ки ба онҳо шуғл пешниҳод мекунад, муҳим мебошанд. Масъалаи бадшавии мушкилоти иҷтимоӣ дар оилаҳои муҳоҷирон, ки дар кишвар боқӣ мемонанд, боиси ба миён омадани падидаи иҷтимоии "оилаи муҳоҷирон" ва "кӯдакони овора" мегардад. Қайд кардан лозим аст, ки коҳиш ёфтани интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ. Метавонад ба даромади аҳолии кишвар, ки қисми зиёди хонаводаҳо даромади худро аз ин ҳисоб ба даст меоранд, таъсири худро расонад ва бо кам шудани ҳаҷми интиқоли он хароҷоти мардум низ таносубан коҳиш ёбад [9].

Ҳамин тариқ, дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ масъалаи таъмин намудани шуғли аҳолӣ ба яке аз мушкилоти асосии сиёсати иқтисодии давлат мубаддал мегардад, аз ин рӯ, сабук кардани оқибатҳои номатлуб қабул кардани чораҳои мушаххасро барои танзим кардани он тақозо менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат ба бисёр омилҳои дигар низ вобаста мебошад. Ҳамаи омилҳои ба бозори меҳнат таъсиркунанда ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: омилҳои таъсиргузоранда ба талабот дар иқтидори меҳнат ва омилҳои таъсиргузоранда ба пешниҳод. Ҳамзамон, ба нархи қувваи корӣ гурӯҳҳои мазкур таъсир мегузоранд, зеро нарх таҳти таъсири талабот ва пешниҳод ташкил мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Минтақаҳо» Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, 2018.
2. Амонова Д.С. Социальная политика и социальная справедливость в Республике Таджикистан (экономические аспекты исследования) Монография / Д.С. Амонова.- Душанбе: Ирфон, 2006. -С.23-25.
3. Ахмедова У.Ч. Баланд бардоштани ҳавасмандии касбии ҷавонон ҳамчун роҳи ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодӣ дар бозори меҳнат / У.Ч. Ахмедова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили иҷтимоию иқтисодии ташаккули шакли инноватисионии иқтисод ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (27-28 октябри 2017). -С.111-116.
4. Бабаджанов Р.М. Тенденции рынка труда в контексте реализации стратегии развития Республики Таджикистан / Р.М. Бабаджанов, А.Л. Алимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили иҷтимоию иқтисодии ташаккули шакли инноватисионии иқтисод ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (27-28 октябри 2017). -С.117-129.
5. Бабаджанов Р.М. Вопросы формирования миграционной политики / Р.М. Бабаджанов // Журнал Труд и социальная защита. -Душанбе, 2012. -№4(15). -С.31-33.
6. Богдановский В.А. Труд и занятость в сельском хозяйстве / В.А. Богдановский // Вопросы экономики. - 2005. - №6. –С.72-83.
7. Богдаренко Л.В. Программный подход к проблеме сельской безработицы / Л.В. Богдаренко, Б.П. Панков // Аграрная наук. – 1999. - №5. -С. 4-5.
8. Борисова Л.И. Государственная политика занятости в Республике Таджикистан и её эффективность / Л.И. Борисова // В сб. «Материалы республиканской конференции – Пути повышения эффективности занятости трудовых ресурсов Таджикистана в условиях переходной экономики» (2-3 ноября 2012 г.). -Душанбе: «ТоРус», 2013. -С.22-25.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон, 26.12.2019.
10. Барфиев К.Х., Мирзохонов С.О. Управленческий учет оплаты труда в сельском хозяйстве. Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. - 2016. -№2. -С.9.


## ОМИЛҲОИ ТАЪСИРКУНАНДА БА РУШДИ ИҚТИДОРИ МЕҲНАТ ДАР БАХШИ АГРАРӢ


Дар мақолаи мазкур омилҳои таъсиркунанда ба рушди иқтидори меҳнатӣ дар бахши аграрӣ баррасӣ мегардад. Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ иқтидори меҳнатӣ дар деҳот алҳол бо давомнокии баланди бекорӣ ва суръати афзоиши он, маҳдудият дар интихоби ҷойҳои кори холӣ ва имконоти корёбӣ омӯхта шудааст. Самтҳои асосии танзими шароити иқтисодии афзоиши самаранокии иқтидори меҳнатӣ дар деҳот бароиояндабинии динамикаи сатҳи шуғли аҳолӣ ва рушди меҳнат, инчунин, барои ирсоли маълумоти зарурӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асосноккунӣ ва коркарди барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ имконият медиҳанд. Вазъи кунунии масъалаҳои рушди иқтидори меҳнат, ҷиҳати ҳалли мушкилот дар илми иқтисодиёти ватанӣ, шаҳодат медиҳад, ки назарияи мукаммали таҳқиқи масъалаи мазкур пешниҳод нагардидааст ва муаммоҳои ниҳоят муҳимми иқтисодиёти кишоварзӣ таҳлил карда шудааст. Талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат аз бисёр омилҳои дигар вобаста мебошанд. Ҳамаи омилҳои ба бозори меҳнат таъсиркунанда ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: омилҳои таъсиргузоранда ба талабот дар иқтидори меҳнат ва омилҳои таъсиргузоранда ба пешниҳод. Ҳамзамон, ба нархи қувваи корӣ ҳар ду ин гурӯҳҳо таъсир мегузоранд, зеро нарх таҳти таъсири талабот ва пешниҳод ташаккул мeёбад. Тавсияҳои илмӣ оид ба таъмин намудани шуғли аҳолӣ ба яке аз мушкилотҳои асосии сиёсати иқтисодии давлат мубаддал мегарданд, аз ин рӯ, сабук кардани оқибатҳои номатлуб қабул кардани чораҳои мушаххасро барои танзим кардани он тақозо менамояд. Амалияи ислоҳоти иқтисодӣ, татбиқи гузариши самаранок ба муносибат ва алоқаҳои бозоргонӣ, афзоиши вобастагии иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун дар натиҷаи тавсияҳои низоми ҷаҳонишавии хоҷагидорӣ ба донишмандони иқтисодӣ талаботҳои зиёдро пешниҳод менамоянд.



**Калидвожаҳо:** иқтидори меҳнат, омилҳои таъсиркунанда, иқтисодиёти бозаргонӣ, бахши аграрӣ, талабот ва пешниҳод.


## ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА РАЗВИТИЕ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА В АГРАРНОМ СЕКТОРЕ


В данной статье рассматриваются факторы, влияющие на развитие трудового потенциала в аграрном секторе. Изучены в условиях рыночной экономики трудовой потенциал в сельской местности, рост безработицы, ограниченность выбора новых рабочих мест. Основные направления по регулированию эффективности экономического роста в сельской местности позволяют прогнозировать динамику занятости, развитие труда, а также предоставлять необходимую информацию государственным органам при обосновании и разработке социально-экономических программ.Обоснованы современное состояние развития трудового потенциала с целью решения проблем отечественной экономики в науке, свидетельствующих о том, что не были представлены всеобъемлющие теории и проанализированы наиболее важные проблемы экономики сельского хозяйства.Спрос и предложение на рынке труда зависят от многих факторов. Все факторы, влияющие на рынок труда, делятся на две группы: факторы, влияющие на спрос на рабочую силу, и факторы, влияющие на предложение. В то же время обе группы влияют на цену рабочей силы, поскольку цены формируются по спросу и предложению. Научные рекомендации по трудоустройству становятся одной из основных проблем экономической политики государства, поэтому смягчение негативных последствий требует принятия конкретных мер. Предложены осуществление экономических реформ, эффективный переход к рыночным отношениям и контактам, возросшая зависимость экономик разных стран на основе рекомендаций мировой экономической системы.



**Ключевые слова:** трудовой потенциал, влияющие факторы, рыночная экономика, аграрный сектор, спрос и предложение.

**FACTORS INFLUENCING LABOR POTENTIAL DEVELOPMENT IN THE AGRICULTURAL SECTOR**

This article discusses the factors affecting the development of labor potential in the agricultural sector. Studied in a market economy, the labor potential in rural areas, the growth of unemployment, the limited choice of creating new jobs.The main directions for regulating the efficiency of economic growth in rural areas make it possible to predict the dynamics of employment and labor development, as well as provide the necessary information to state bodies when substantiating and developing socio-economic programs.The current state of the development of labor potential has been substantiated with the aim of solving the problems of the domestic economy in science, indicating that no comprehensive theory has been presented and the most important problems of agricultural economics have been analyzed.Demand and supply in the labor market depend on many factors. All factors affecting the labor market are divided into two groups: factors affecting the demand for labor, and factors affecting supply. At the same time, both groups are affected by the price of labor, since prices are analyzed by supply and demand. At the same time, both groups are affected by the price of labor, since prices are analyzed by supply and demand.Scientific recommendations on employment are becoming one of the main problems of the state economic policy, therefore mitigation of the negative consequences requires the adoption of specific measures. Implementation of economic reforms, an effective transition to market relations and contacts, increased dependence of the economies of different countries on the basis of recommendations of the world economic system.

**Keywords:** labor potential, influencing factors, market economy, agricultural sector, supply and demand.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. Телефон: **904-03-72-06**

***Гулов Акобир Баҳронович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. Телефон: **904-65-66-27**

**Сведения об авторах:** ***Хайрзода Шукрулло Курбонали*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры банковского дела. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **904-03-72-06**

***Гулов Акобир Бахронович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **904-65-66-27**

**Information about the authors:** ***Khairzoda Shukrullo Kurbonali*** - Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D. in Economics, associate professor of the Department of Banking. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **904-03-72-06**

***Gulov Akobir Bahronovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **904-65-66-27**

**УДК 312(575.3)**

# НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОВЕДЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО АУДИТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Зокирова Ф.Дж.***

**Таджикский национальный университет**

Одной из основных проблем института государственного аудита является проблема эффективности. Повышение эффективности использования средств государственного бюджета и государственной собственности является одной из ключевых задач, которые должна решить система управления. Необходимо разработать систему измерения и оценки эффективности, которая дополнит методические подходы подзаконных актов и нормативно-правовых документов.

Правовая неурегулированность данного процесса отрицательным образом отражается в распределении средств государственного бюджета. Повышение эффективности использования государственных средств и имущества при проведении государственного аудита может стать стимулятором повышения эффективности всей системы финансового контроля, снижением уровня экономических преступлений, количество и объемы хищений средств государственного бюджета зависят от критериев оценки эффективности их использования.

Эффективность проведения финансово-контрольных мероприятий зависит от ряда факторов, контрольный аппарат должен владеть точными сведениями о деятельности объекта проверки, изменениях, происходящих под влиянием проверки деятельности организации. Однако немаловажное значение для эффективности результатов аудита зависит от расходов, которые несёт бюджет в ходе проведения проверки: расходы различного рода на количество проверяющих, транспорт, командировочные расходы и продолжительность аудита имеют

немаловажное значение для общего эффекта от процесса проверки. Расходы должны быть сопоставлены с результатами аудита, эффективность контрольного мероприятия тем значимее, чем меньше финансовых расходов было на достижение того или иного конечного результата, который, в свою очередь, должен отвечать критериям экономичности. Экономичность является одним из критериев оценки эффективности проведения государственного аудита. Критерии эффективности дают полноценную возможность оценить качество проведенной проверки.

Оценка результатов деятельности контрольного аппарата помогает при разработке и внедрении показателей государственного аудита. Показатели имеют немаловажную роль в эффективности проведения аудита, характеризуя уровень работы контрольно-счетного органа, оценивая качество проведения проверки, способствуя устранению недочетов в работе органа. Показатели характеризуют количественную оценку контрольного мероприятия, являясь своеобразным измерителем эффективности. Показатели дают количественную характеристику деятельности различных отраслей национальной экономики.

Показатели имеют свои преимущества, однако преувеличение их роли является ошибочным, количественная характеристика проведения государственного аудита не охватывает устранения фактических нарушений, выявленных в ходе проведения аудита. Необходимо отметить, что количественный показатель учитывает систематичность проведения государственного аудита и степень загруженности контрольного аппарата.

Показатели характеризуют деятельность органов контроля, дают оценку соотношения количества аудиторов с общим количеством работников контрольного органа, что также характеризует эффективность деятельности работников контрольного аппарата. Для определения критериев эффективности государственного аудита, его необходимо рассматривать с точки зрения методических подходов, необходимо различать макро - эффективность и микро - эффективность. Макро - эффективность, это совокупность эффектов, которые можно получить после проведения государственного аудита, например, социально-экономические, организационно-методические эффекты, которые в свою очередь могут быть как положительными, так и отрицательными. На микроуровне можно охарактеризовать как соотношение результатов аудита и расходов на содержание контрольного аппарата, то есть затрат, понесённых в ходе проведения государственного аудита.

Следует отметить, что для повышения эффективности государственного аудита необходимо снизить себестоимость проведения государственного аудита и повысить результативность качества работы аудиторов. Основываясь на опыте западных стран, нужно отметить, что государственный аудит носит профилактический характер, то есть он должен привезти к уменьшению количества экономических правонарушений, тем самым обеспечив снижение бремени на государственный бюджет.

Разработка новых и осмысление уже имеющихся подходов к оценке эффективности государственного аудита поможет Счетной палате повысить уровень эффективности деятельности. Сбалансированность контрольной деятельности Счетной палаты, слаженное взаимодействие всех её элементов, обеспечит оптимизацию финансовых, трудовых и временных ресурсов, тем самым может быть достигнуто совершенствование организационно-методического процесса проверки. По нашему мнению, необходимо внедрить в работу Счетной палаты РТ следующие показатели оценки эффективности проведения контрольного мероприятия. Расчет показателей обеспечит оптимизацию времени проведения проверки, снизит экономическую нагрузку, и повысит качество проведения проверки:

- показатель затрат - количественная и качественная оценка, затраченных финансовых и материальных ресурсов;
- показатель выпуска - соотношение представленных услуг и финансовых затрат к количеству и качеству выпущенной продукции и оказанных услуг;
- показатель социальной справедливости - качественная оценка, затраченных бюджетных средств в соотношении с уровнем жизни населения;
- показатель продуктивности-понесенные затраты на выпуск единицы продукции и оказанных услуг к соотношению с расходами бюджета;
- показатель противодействия коррупции - соотношение проведенных контрольных мероприятий к выявленным нарушениям.

Целевая направленность и законность использования средств государственного бюджета и государственного имущества оцениваются при помощи проведения финансово-правового анализа программ Правительства, разработанных различными министерствами и ведомствами, направленных на подъем социально-экономических результатов в стране. В соответствии с этим необходимо разработать методические подходы и положения для проведения данного анализа, где должны быть определены цель, задачи и предмет оценки. Также необходимо проанализировать социально-экономический эффект последствий выявленных экономических правонарушений.

Одной из первоочередных задач, которые должна решить Счетная палата Республики Таджикистан, является проведение анализа состояния законодательной базы, регулирующей использование средств государственного бюджета и государственного имущества. Определение реального состояния законности использования финансовых ресурсов государства заключается в совершенствовании эффективности оценки законодательного и целевого направления. Под правомерным использованием средств государственного бюджета мы можем понимать своевременное и объективное информирование о состоянии государственных средств и их целевом использовании, точное отражение бухгалтерских операций, экономичное использование финансовых ресурсов, проведение достоверного аудита, определение конкретных объемов убытков, понесенных в ходе нецелевого использования, и экономических последствий финансовых нарушений, разработка предложений по противодействию различного рода нарушениям экономического характера. Объектом нормативной оценки должны быть средства государственного бюджета, движение и целевое использование международных кредитов и займов, полученных Республикой Таджикистан от международных финансовых институтов и других государств, также финансовые ресурсы, полученные от приватизации государственного имущества, гранты, субсидии, субвенции, дотации, вложенные в национальную экономику. Цели, которые ставит перед собой Счетная палата РТ, должны различаться в зависимости от оценки объекта и предмета государственного аудита. Объект аудита, в ходе проведения контрольного мероприятия, должен отвечать нормативно-правовым требованиям, деятельность не должна противоречить Конституции Республики Таджикистан и другим нормативным правовым актам, выделенные средства государственного бюджета должны быть распределены целесообразно и отвечать критериям эффективности и экономичности в ходе их использования должна соблюдаться правильность отражения операций в бухгалтерском учете. Эффективность, законность, результативность организации государственного аудита в полном объёме зависит от методики организации и методического обеспечения.

Оценку эффективности отдельных отраслей народного хозяйства, контрольный орган может предоставить после проведения анализа, реализации комплексных программ, разработанных Правительством, для обеспечения экономического развития страны, для реализации которого средства берутся из государственного бюджета.

Участниками бюджетного процесса в основном являются бюджетные учреждения, также могут являться субъекты предпринимательской деятельности, где основная доля акций принадлежит государству, основными задачами государственного аудита в ходе проведения контрольных мероприятий является оценка законности проведённых финансовых операций и их правильное отражение в бухгалтерском учете, также анализ выполнения должностными лицами своих полномочий, в соответствии с Конституцией Республики Таджикистана и другими нормативно-правовыми документами.

В условиях современного мира, органы исполнительной власти, аппарата управления, контрольно-счетные органы принимают активное участие в социально-экономической ситуации, являясь локомотивом развития экономики. Достоверная и правдивая информации позволит контролирующим структурам снизить уровень риска невыявления в ходе государственного аудита и увеличить доверие общества к предоставляемой информации. Необходимо также ужесточить требования к прозрачности деятельности самого контрольного органа, что позволит экономическим субъектам чувствовать себя более уверенно в ходе проведения государственного аудита и приведёт к либерализация методов и форм проведения аудита.

В современных условиях, экономическим субъектам, учреждениям, осуществляющим финансирование в форме хозяйственного расчета, необходимо предоставление большей финансово-экономической свободы. Снижение контрольного бремени, потому что неплановое количество проверок, жёсткие методические подходы и инструкции в нынешней экономике являются неактуальными, необходимо построить такой институт контроля, который бы учитывал интересы всех участников процесса контроля. Соблюдение критериев эффективности, результативности, целесообразности при проведении государственного аудита можно назвать первостепенными в ходе проведения контрольного мероприятия. Как показывает опыт развитых стран, отечественная система контроля, в частности, института государственного аудита, противостоит вызовам современного мира, нужно развивать определённые направления для обеспечения эффективности аудита: формирование нормативно-правовой базы, отвечающий национальным и международным требованиям, организация эффективного методического обеспечения контрольного мероприятия, образование высококвалифицированного кадрового потенциала отвечающего международным требованиям, ликвидация дисбаланса между основными контрольными структурами, отказ от дублирования контрольными органами функций друг друга.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Васильева М.В. Развитие государственного финансового контроля в Российской Федерации: методология, методика, концепция / М.В. Васильева // Волгогр. гос. ун-т. -Волгоград: Волгогр. науч. изд-во, 2009. - 498 с.
2. Васильева М.В. Эффективность государственного и муниципального финансового контроля: организационный, институциональный и системный ракурсы / М.В. Васильева // Финансы и кредит. - 2011. -№33. -С.344.
3. Глущенко А.В. Необходимость формирования системы внутреннего контроля в организациях различной организационно-правовой формы / А.В. Глущенко // Материалы докладов V Международной научно-практической конференции молодых ученых, аспирантов, соискателей и студентов. -Луцк: Луцкий национальный технический университет, 2013. – 282 с.
4. Горланова Н.А. Ревизия как инструмент финансового контроля в бюджетных учреждениях / Н.А. Горланова, Е.А. Дьяченко // Бухгалтерский учет в бюджетных и некоммерческих организациях. –2014. – №1. –230 с.
5. Государственное регулирование и контроль финансовых рынков / Р.Т. Балакина [и др.]. -Омск: Ом. гос. ун-т им. Ф.М. Достоевского, 2013. - 271 с.
6. Государственный финансовый контроль в современных условиях // Сб. науч. тр. участников науч.-практ. конф., 18 февр. 2011 г. Фин. ун-т при Правительстве Рос. Федерации (Фин. ун-т). каф. фин. контроля; под ред.: Кунца Н.З., Савинского П.Ф. - М., 2011. – 271 с.
7. Данилевский Ю.А. Государственные контрольные финансовые органы за рубежом / Ю.А. Данилевский // Финансы. - 1993. - №7. – 663 с.
8. Двуреченских В.А. Национальный контроль / В.А. Двуреченских. -М: Финансовый контроль, 2008. -226 с.
9. Закона Республики Таджикистан 28 июня 2011 года №749 «О Счетной палате Республики Таджикистан». - 2011.
10. Ковярякова Е.В. Парламентский контроль в зарубежных странах: дис. … к. ю. н. / Е.В. Коврякова. -М., 2002. - 216 с.
11. Конституции зарубежных государств / сост. В.В. Малков. -М., 2000.- 298 с.
12. Конституционный закон Республики Таджикистан от 01 августа 2012 г. №897 «О правовом статусе члена Маджлиси милли и депутата Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан». – 2012.
13. Конституционный закон Республики Таджикистан от 26 декабря 2011 г. №794 «О Маджлиси Оли Республики Таджикистан». – 2011.
14. Конституционный закон Республики Таджикистан от 2мая 2001 г. №28 «О Правительстве Республики Таджикистан». – 2001.
15. Конституция Республики Таджикистан: принята всенародным голосованием 6 ноября 1994 г., с изм. и доп. от 22 мая 2016 года.
16. Крикунов А.В. Совершенствование контрольно-ревизионной системы / А.В. Крикунов // Финансы. – 2008. – №12. -С.69.
17. Кузьменко В.В. Финансовый контроль в системе управления бюджетными ресурсами / В.В. Кузьменко, Т.В. Никитенко. –Ставрополь: Сев. -Кавк. гос. техн. ун-т., 2011. – 193 с.
18. Маслова Т.С. Контроль за целевым использованием средств федерального бюджета / Т.С. Маслова // Бухгалтерский учет в бюджетных и некоммерческих организациях. – 2010. –№12. –412 с.
19. Степашин С.В. Государственный аудит как экономика будущего / С.В. Степашин. -М.: Наука, 2008. -608 с.
20. Шеремет А.Д. Аудит: учебник / А.Д. Шеремет. -3-изд, перер. и доп. –М.: Инфра, 2007. – 448 с.
21. Ялбулганов А.А. Финансовый контроль как институт финансового права / А.А. Ялбулганов. –М: Юрист, 1999. - №4. -С.450.
22. Барфиев К.Х. Эффективность системы внутреннего контроля (аудита) на предприятиях агропромышленного комплекса//Аудит и финансовый анализ. 2015. №4. С.153

## САМТҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ИҶРОИ АУДИТИ ДАВЛАТИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ноустувории афзояндаи рушди ҷаҳон бо дарназардошти вазъи кунунии иқтисодиёт истифодаи принсипҳои самаранокӣ ва самарабахшии истифодаи маблағҳои буҷети давлатиро тақозо мекунад. Ин вазъ ташаккул додани усулҳои дахлдори гузаронидани аудити давлатиро талаб мекунад. Дар мақола ҷанбаҳои асосии такмили аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таҳлили самаранокӣ, ошкор намудани хусусиятҳои он, инчунин таҳлили принсипҳо ва фарқиятҳои аудити молиявӣ ва самаранокии аудит баррасӣ карда мешаванд. Дар мақола масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии аудити давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Масъалаҳои бардоштани самаранокии аудити давлатӣ яке аз нишондиҳандаҳои системаи миллии назорати давлатии молиявӣ мебошанд. Дар мақола мо қайд мекунем, ки самаранокии чораҳои назоратӣ аз бадостовардани иттилооти дуруст вобаста аст. Зарурати коркардабарории низоми ченкунӣ ва баҳодиҳии самаранокии равишҳои методологӣ, санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои меъёриро мукаммал мегардонад. Бояд қайд кард, ки барои баланд бардоштани самаранокии аудити давлатӣ бояд хароҷоти гузаронидани аудити давлатӣ кам карда шуда, самаранокии кори аудиторҳо баланд бардошта шавад. Таҷрибаи кишварҳои Ғарбро ба назар гирифта, қайд кардан зарур аст, ки аудити давлатӣ хусусияти пешгирикуни дорад, яъне он бояд ба кам шудани шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои иқтисодӣ оварда расонад ва ба ин васила паст шудани бори буҷети давлатро таъмин кунад. Бо мақсади рушди аудити самаранокии истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ таҳияи методикаи муосири илмӣ оид ба баҳогузории самаранокии ташкилотҳои буҷавӣ пешниҳод карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** аудити давлатӣ, назорати давлатии молиявӣ, самаранокӣ, сифат, вайронкунӣ, субсидияҳо.

## НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО АУДИТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Усиление неопределенности мирового развития с учетом современного состояния национальной экономики приводит к необходимости обращения к принципам эффективности и действенности использования средств государственного бюджета. Данное обстоятельство требует создания соответствующих методов проведения государственного аудита. В статье исследуются основные аспекты совершенствования государственного аудита в Республике Таджикистан, внедрения и развития таких инструментов государственного аудита, как аудит эффективности, раскрываются его особенности, а также анализируются общие принципы и различия финансового аудита и аудита эффективности.В статье рассматриваются вопросы повышения эффективности осуществления государственного аудита в Республике Таджикистан. Проблемы повышения эффективности проведения государственного аудита являются одними из первостепенных для отечественной системы государственного финансового контроля. В статье мы отмечаем, что эффективность проведения контрольного мероприятия зависит от точности получения достоверной информации. Возникает необходимость разработки системы измерения и оценки эффективности, которая дополнит методические подходы подзаконных актов и нормативно-правовых документов. Следует отметить, что для повышения эффективности государственного аудита необходимо снизить себестоимость проведения государственного аудита и повысить результативность качества работы аудиторов. Основываясь на опыте западных стран, нужно отметить, что государственный аудит носит профилактический характер, то есть он должен привести к уменьшению количества экономических правонарушений, тем самым обеспечив снижение бремени на государственный бюджет. В целях развития аудита эффективности использования средств государственного бюджета предложена разработка современной научно обоснованной методики оценки эффективности деятельности бюджетных учреждений.

**Ключевые слова:** государственный аудит, государственный финансовый контроль, эффективность, качество, правонарушение, субсидии.

## DIRECTIONS FOR IMPROVING THE PERFORMANCE OF IMPLEMENTATION OF THE STATE AUDIT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Перевод экономики от аграрно-индустриальной к индустриально-инновационной настоятельно требует решения основных проблем, стоящих перед образованием и наукой, основными из которых [3] являются: «уровень поставленных перед системой образования задач не соответствует ее возможностям, не позволяет в полной мере выполнить функцию ключевых ресурсов социально-экономического развития страны и повышения благосостояния граждан» и «необходимость непрерывного профессионального развития для всех в условиях недостаточной развитости институциональных основ». Эти пробелы не дают возможность организации непрерывного образования», когда каждый желающий и способный освоить совокупность необходимых знаний, имеет возможность (в том числе финансовую) получать необходимую информацию от источников (школа, вуз, послевузовское образование, порталы специализированных институтов). Этому, прежде всего, мешает «низкая доступность качественного школьного образования, особенно в сельской местности, для уязвимых групп населения, неприспособленность нормативной базы создания конкурентной среды в системе

образования; непривлекательность учреждений начального и среднего профессионального образования для молодежи; неразвитость систем участия бизнес-сообщества в мероприятиях по реформированию системы профессионального образования»[3,с.52].

Эти проблемы имеют место быть, и в настоящее время, как показывает анализ фактического материала и опросы школьников по поводу проводимых учителями уроков, школники утверждали, что «содержание уроков очень сложное, а учителя в отдельных случаях не могут в доступной форме объяснить их»*.

Сравнение статистических данных по республике в 2013-2017 годы показывает, что [6,с.32] из общего числа учителей (в том числе руководителей школ) 120217 в 2018 году всего 8530 были с высшим образованием, 7426 с незаконченным высшим, со средним профессиональным, в том числе 6017 педагогическим образованием 24345 учителей имели среднее общее образование. Таким образом, менее 85% учителей имеют высшее образование (бакалавр) и они к науке, по уровню образования, не имеют отношения. Индивид, не имеющий непосредственного отношения к науке, в принципе не может подготовить школьников к научной деятельности, так как, не зная, что такое наука как система, как область деятельности, как научный процесс по производству, распространению и потреблению знаний, он бессилен в отдельных случаях объяснить школьникам, почему изучает тот или иной предмет и как использовать полученные теоретические знания на практике.

В результате всего этого выпускники школ, «успешно» сдавая тестовые вступительные экзамены, по принципу «может и повезет» поступают в высшую школу, где их ждет коллектив преподавателей, уровень образования которых характеризуются как отношение 2687 кандидатов и 619 докторов, и это величина делится на 10321 преподавателей вузов или составляет не менее 33% [6,с.88], то есть почти в два раза ниже, чем по требованиям Болонской конвенции (не ниже 60%), плюс к этому численность студентов имеет тенденцию роста и составляет на одного преподавателя 19 студентов [6,с.21,34], а количество школьников на одного учителя в среднем по республике составляет 18,6 человек. Иными словами, и вузе и средней образовательной школе соблюдается один из принципов нагрузки преподавателя вуза и учителя школы, что, на наш взгляд, является неприемлемым, ибо преподаватель вуза в отличие от учителя школы, «читает свою лекцию», тогда как учитель школы может на базе общеизвестного учебника успешно заниматься преподаванием.

Проанализировав контингент «поступивших в вуз»*, мы пришли к интересному выводу: смешивание «отличников и троечников» в одну группу, когда насыщенность вузов специалистами с учеными степенями кандидатов наук и докторов наук в два раза ниже требуемой в Болонской конвенции (60% не ниже), приводит к тому, что «часть преподавателей вуза вместо того, чтобы читать свои лекции и вести свое занятие», начинают «успешно» применять опыт вузов, условия функционирования и характер между производителем образовательной услуги - профессором (вузом) и потребителем образовательной услуги (студентом) строятся на «взаимном дополнении и сотрудничестве». Этот шаблонный подход к перенятию опыта ведущих вузов мира становится возможным потому, что некоторые преподаватели вузов еще не достигли уровня «эксперта» по таксономии Бенджамина Блума, а инерционность деятельности аспирантуры и докторантуры (PhD) не позволяет своевременно и в заданные сроки подготовить компетентного ученого, способного из моря информации, посвященной конкретной теме учебного предмета, выбрать то содержание и формы и предложить студенту, аспиранту, докторанту (PhD), чтобы они смогли «успешно применять свои теоретические знания на практике».

* Автор проводил опрос в 2015, 2016, 2017 и 2018 годах. Проводил беседы с участниками областной малой академии по предмету « экономика», и пришла к выводу о том, что школьники еще не пришли к пониманию самого понятия «экономика» и «научный труд», но хотели бы участвовать в «научных разработка» и их поддерживали их руководители

* В течение 2016,2017 годов автор проанализировала «баллы» поступивших на факультет «Финансы и экономика рынка» студентов-специалистов и пришла к выводу о том, что в группах сосредоточены и те, которые имеют высокие баллы, и те, которые поступили с очень низкими баллами, ….. и сводят тех, которые могут освоить предлагаемые преподавателем знания, и те которые не имеют зачаточных знаний, в результате они характеризовались как «троечники»

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Вульфсон Б.Л. Стратегия развития образования на Западе на пороге развития 21 века / Б.Л. Вульфсон. –М.: Изд-во УРАО, 1999. – 208 с.
2. Наполеон Хилл. Думай и богатей / Наполеон Хилл. -М.: ООО «Издательство АСТ», 2016.
3. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.
4. Николаев А.В. Функционирование человеческого капитала в условиях модернизации системы высшего профессионального образования: диссертация доктора экономических наук / А.В. Николаев. –Орел, 2014. -С.134-140.
5. Обзор системы высшего образования стран ОССР. -М., 2005. [Электронный ресурс]. money.news.ru. www.ap.ru
6. Образование в Республике Таджикистан. - 2018.
7. Степанов Т.Е. Закон реконфигурации знаний / Т.Е. Степанов // Креативная экономика. – 2007. -№3(3). -С.36-44.
8. Управление современным образованием: социальные и экономические аспекты / [А.Н. Тихонов, А.В. Абрамешин, Т.П. Воронина и др.]. -С.27,30,33.
9. Щетинин В. Человеческий капитал и неоднозначность его трактовки. Экономика и экономическая теория / В. Щетинин // Мировая экономика и международные отношения. – 2001. -№12. -С.42-49.

## НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ДАР МУҲИТИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ САНОАТӢ - ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ташаккули самаранок ва рушди иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо муқаррароти ҳуҷҷатҳои амалкунандаи дарозмуддат мутобиқгардонии сармояи инсониро ба муҳити амаликунии иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ тақозо менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарқият аз дигар мамлакатҳои дорои иқтисоди рушдёбанда дорои сохтори мутахасссисоне низ мебошад, ки ҳиссаи бартариятдоштаи онҳоро хатмкунандагони тахассусноки таҳсилоти муасссисаҳои маориф таркиб медиҳанд. Инчунин, андозаи қиёсии тайёрии касбҳои муҳандисӣ-техникӣ дар макотиби олӣ ду маротиба назар ба ШМА камтар ва ба нишондиҳандаҳои Олмон баробар буда, то ду банди фоизӣ назар ба Англия болотар мебошад. Панҷ соли охир ташкилоти тайёрии мутахассисони касбҳои муҳандисӣ-техникӣ бо тадриҷ ба талаботҳои иқтисоди индустриалӣ мутобиқ мегардад. Дар мақолаи мазкур тадқиқот оид ба пешгӯии нишондиҳандаҳо дар давраи то соли 2030, ки дар стратегияи миллии рушди иқтисод таҳлил карда шудааст: муқоиса бо нишондиҳандаҳо ва самти рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ, барои пешниҳод намудани эҳтиёҷоти иқтисодии мутахассисон тавассути натиҷаҳои татбиқшаванда муносибати мутахассисон ба ташкили омӯзиш дар асоси таҳлили пешакии пешгӯиҳои фарогир барои эҳтиёҷоти мутахассисон.

**Калидвожаҳо:** стратегияи миллии тараққиёт, пешгӯӣ, таҳлил, консепсия, ҳисобкунӣ, эҳтиёҷот, таъмин намудани мутахассисон.

## СИСТЕМА ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В СРЕДЕ РАЗВИТИЯ ИНДУСТРИАЛЬНО - ИННОВАЦИОННОЙ ЭКОНОМИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Эффективное формирование и развитие индустриально-инновационной экономики в Республике Таджикистан согласно положений действующих долгосрочных документов требует адаптации человеческого капитала к среде функционирования индустриально-инновационной экономики. Республика Таджикистан, в отличие от других стран, с развивающейся рыночной экономикой имеет структуру специалистов, превалирующая доля которых составляют выпускники образовательной специализации учреждений образования. Также удельный вес подготовки инженерно-технических профессий в вузах составляет в два с половиной раза меньше, чем в США, почти равен показателям Германии и на два процентных пункта выше, чем в Англии. За последние пять лет организация подготовки специалистов инженерно-технических профессий постепенно адаптируется к потребностям индустриальной экономики. В статье сделана попытка на базе исследования прогнозных показателей национальной стратегии развития экономики на период до 2030 года и их сравнения с показателями и направления развития системы высшего профессионального образования в республике выдвинуть мысль о том, что растущая потребность экономики в специалистах может быть органично обеспечена по результатам внедрения компетентностного подхода к организации подготовки специалистов на базе предварительного анализа многовариантных прогнозов потребностей в специалистах.

**Ключевые слова:** система образования, национальная стратегия, прогноз, анализ, концепция, расчет, потребность, предложение специалистов.

## THE SYSTEM OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION IN THE DEVELOPMENT ENVIRONMENT OF INDUSTRIAL - INNOVATIVE ECONOMY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The effective formation and development of the industrial and innovative economy in the Republic of Tajikistan in accordance with the provisions of the existing long-term documents requires the adaptation of human capital to the functioning environment of the industrial and innovative economy. The Republic of Tajikistan, unlike other countries with developing market economies, has a structure of specialists, the prevailing share of which are graduates of educational specialization of educational institutions. Also, the proportion of training in engineering and technical professions in universities is two and a half times less than in the United States, almost equal to that of Germany, and two percentage points higher than in England. Over the past five years, the organization of training specialists in engineering and technical professions has gradually adapted to the needs of the industrial economy. In the article, an attempt was made on the basis of a study of the forecast indicators of the national economic development strategy for the period up to 2030 and their comparison with the indicators and the direction of development of the system of higher professional education in the republic to suggest that the growing need of the economy for specialists can be organically ensured the results of the

introduction of a competence-based approach to the organization of training of specialists on the basis of a preliminary analysis of multivariate forecasts of needs for specialists ah.
**Keywords**: education system, national strategy, forecast, analysis, concept, calculation, need, supply of specialists.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳамидова Сарвиноз Ҳамробоевна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **927-01-97-55**. E-mail: **istambonu@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансы и кредита. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **927-01-97-55**. E-mail: **istambonu@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khamidova Sarvinoz Khamraboevna*** - Khujand State University named after B. Gafurova, candidate of economic sciences, associate professor of the Department of Finance and Credit. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. Phone: **927-01-97-55.** E-mail: **istambonu@mail.ru**

**УДК 339.18 (575.3)**

# МАСЪАЛАҲОИ ҶОЙГИРКУНОНИИ ЗАХИРАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ КОРХОНА ВА КАЛСТЕРИ АГРАРӢ

***Иброҳимов И.Р. Сайдаҳмадов Ф.Б.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Инсоният дар рушди худ низомҳои гуногуни иқтисодиро истифода кардааст ва истифода мекунад. Дар илми иқтисодии муосир мафҳуми низоми иқтисодӣ мафҳуми тамоми равандҳои иқтисодиеро, ки дар ҷомеа дар заминаи муносибатҳои моликият ва шаклҳои ташкилии он ба амал меоянд, дар назар дорад. Низомҳо бо равиш ва усули ҳалли масъалаҳои асосии иқтисодӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Низоми иқтисоди бозорӣ имкон медиҳад, ки имкониятҳои субъектҳои хоҷагидор васеъ карда шуда, рафъи камбудиҳои марказонидашудаи аз ҳад зиёди идоракунӣ, рушди ташаббуси молистеҳсолкунандагон, тақвияти ҳавасмандгардонии онҳо ва татбиқи усулҳои пешқадам бештар карда шаванд.

Тавре маълум аст, Тоҷикистон мамлакати аграрӣ аст ва аз ин рӯ, муносибатҳои бозаргонӣ ва ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, ба дигаргуниҳои аграрӣ низ ниёз доранд. Дар чунин шароит, механизми кӯҳнаи иқтисодӣ тағйироти куллии соҳавиро дар сатҳи ҷумҳурӣ пешбинӣ мекунад [5,с.753].

Иқтисоди миллии ҳар як кишвар кам ё беш бо ҷаҳони беруна робита дорад. Шаклҳои ин равобит дар ҳамбастагӣ гуногунанд, ки дараҷаи пурмаҳсулии онҳоро муайян мекунад: аз мубодилаи одии мол бо номгӯи маҳдуди молҳо, то мубодилаи ҳамаҷонибаи молу сармоя ва фаъолияти муштараки иқтисодӣ.

Дараҷаи гуногунрангӣ ва шиддатнокии ҳар як иқтисодро ба ҷаҳони беруна, маҳдуд, кушода ва пӯшида метавон номид. Шаффофияти иқтисодиёт имкон медиҳад, ки ҳолати омилҳои зиёди ба рушди иқтисод таъсирбахш арзёбӣ карда шаванд ва, пеш аз ҳама, ин озодии фаъолияти соҳибкорӣ дар дохили давлат бошад. Чун ҳама кишварҳои пасошӯравӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1991 Тоҷикистон истиқлол ба даст овард, вале, мутаассифона, оғози истиқлоли ҷумҳурӣ бо ҷанги шаҳрвандӣ ва офатҳои табиии нимаи аввали с. 90-уми садаи XX, ки ба иқтисоди ҷумҳурӣ, хусусан, қисми истеҳсолии он хисороти калони моддӣ расонд, ба як вақт рост омад. Бино ба маълумоти расмии ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, танҳо зарари мустақими моддӣ беш аз 7 млрд. доллари ИМА-ро ташкил дод [1].

Дар натиҷаи таназзули мунтазами истеҳсол корхонаҳо муфлис шуда, барҳам хурданд, дар натиҷа камомади миқдори дахлдори андозу пардохтҳо ба буҷети давлат аллакай соли 1995 эҳсос шуд. Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ танҳо 40% аз сатҳи соли 1995 ва ҳосилнокии кишоварзӣ 46%-и онро ташкил дод. Қарзҳои дохилии давлатӣ 800 миллиард рубл, аз ин қарзи музди кор беш аз 340 млрд рубл, қарзи хориҷӣ аз кишварҳои хориҷи наздику дур беш аз 370 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод [2].

Барои иқтисоди ҳар кишвар ислоҳоту дурнамои рушди бахши аграрӣ масъалаи мубрамтарин аст, зеро бахши аграрӣ, бо вуҷуди ҳиссаи назаррасаш дар ММД, ҳамеша нақши муҳиммеро дар равандҳои иқтисодии кишвар мебозид. Бояд гуфт, ки маҳз соҳаи кишоварзӣ хоҷагии заминагузори иқтисоди миллии кишварҳо будааст. Заминаи пайдоиши давлатдорӣ ва ба як кишвар муттаҳидшавии қабилаҳоро маҳз кишоварзӣ фароҳам овардааст.

Пас аз ҳодисаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва бозгашти тадриҷӣ ба ҳаёти осоишта, соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллиро тақозо менамуд. Дар шароити дигаргунсозии иқтисоди Тоҷикистон муассисаҳои кишоварзӣ аз дастгирии давлат маҳрум гаштанд. Танзими давлатии нархи захираҳои таҳвилгарони монополист ва ҳимоя аз худкомии фурӯшандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар зерсохтори ислоҳнашудаи бозории комплекси агросаноатӣ вуҷуд надошт. Ҳама нуқсонҳои зикршуда натиҷаи аз лиҳози сармоягузорӣ касод будани онҳо ва ҳатто имконнопазирии татбиқи равандҳои такрористеҳсол буданд. Дар натиҷа сифати маҳсулоти ниҳоии кишоварзӣ коҳиш ёфта, мавқеи худро дар майдони рақобат аз даст доданд.

Алҳол бахши аграрӣ мисли дигар бахшҳои иқтисодӣ як қатор хусусиятҳои худро дорад. Равандҳое аз қабили ҷаҳонишавӣ давлатҳоро водор ба истеҳсоли маҳсулоте карданд, ки дар қиёс бо кишварҳои дигар бартарӣ доранд. Яъне, наметавон гуфт, ки кишварҳо тамоми маҷмӯи маҳсулотро мустақилона истеҳсол мекунанд. Баъзе аз кишварҳо ҳатто ба пуррагӣ онро дар хориҷа мехаранд, чунки соҳаҳои муфидтари саноат вуҷуд доранд [10,с.25].

Ташаккули ботадриҷи кластери аграрӣ дар Тоҷикистон ва навсозии он хароҷоти молиявиро металабад, ки ҷузъи марказии ин хароҷот сармоягузорӣ мебошад.

Раванди сармоягузории бахши аграриро ба равандҳои муҳимтарини иқтисодӣ нисбат додан мумкин аст. Такрористеҳсоли васеъро дар истеҳсолоти аграрӣ сармоягузорӣ таъмин мекунад. Он ҳамбастагии равандҳои биологӣ, технологӣ, ташкилӣ ва иқтисодиро дар истеҳсолоти аграрӣ, ки дар тамоми қаламрави иқтисодии Тоҷикистон, ғайр аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар шароити табиию иқлимии яксон амалӣ мегардад, таъмин мекунад.

Ҳадафи асосии бахши аграрӣ қонеъ кардани талаботи аҳолӣ тибқи меъёри оқилонаи ғизо ва ҳосилнокии баланди маҳсулоти кишоварзии хӯрокворӣ мебошад, вале амалӣ шудани ин ҳадаф танҳо дар раванди комили сармоягузорӣ имконпазир аст.

Иқтисоди бозорӣ ва принсипҳои хоси он дар иқтисоди муосир ва ҷомеаи инсонӣ такмил ёфта истодаанд. Яке аз принсипҳои ин иқтисод рақобатпазирист, рақобатпазирии истеҳсолоти аграрӣ дар шароити кунунӣ таҷдиди техникию технологӣ, таҷҳизоту техникаи навтаринро металабад. Барои ин натанҳо сармоягузорӣ, балки сармояи бузурги самти инноватсионӣ доштан лозим аст. Ҳолати кунунии молиявӣ ва моддии техникии комплекси агросаноатӣ хуб нест. Барои фароҳам сохтани фазои мусоиди сармоягузорӣ равиши идоракунии бахши аграриро сифатан тағйир дода, онро ба шароити бозор мутобиқ гардондан лозим аст. Баҳисобгирии идоракунӣ ин на танҳо ҷамоварӣ ва бақайдгирии маълумотҳо, инчунин таҳлил ва баҳодиҳиро бо мақсади муайянкунии маълумоти асосӣ барои идоракунии оперативии корхонаро низ дар бар мегирад [9,с.313]

Низоми иқтисоди бозорӣ ба бисёре аз корхонаҳои кишоварзӣ имкон дод, мақоми ҳуқуқиашонро тағйир дода, сохти дохилӣ ва сохтори худро нав сохта, ислоҳоти моликиятро доир намоянд ва расман моликияти коллективиро ба хусусӣ табдил диҳанд.

Ислоҳот ба ташаккули моделҳои асосии комплекси агросаноатӣ мусоидат кард:

-корхонаву иттиҳодияҳои кооперативӣ;

-корхонаҳои аграрӣ;

-хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ);

-ассоситатсияиҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ.

Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки имконияти беҳсозии некуаҳволии мардум ва таъмини амнияти озуқаворӣ маҳз ба ҳамин хоҷагиҳо вобаста буда, нақши асосиро дар таъмини амнияти озуқавории кишвар хоҷагиҳои деҳқонӣ мебозанд.

Имрӯзҳо соҳаи кишоварзии Тоҷикистон пурра ба ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ гузошта шудааст. Аз нуқтаи назари мо, хуб мебуд, ки якчанд шуъбаҳои давлатӣ дар ин соҳа нигоҳдошта мешуданд, аммо, мутаассифона, вуҷуд надоранд. Омилҳо ба монанди фарсудашавии технология, мушкилоти фурӯши маҳсулот, нобаробарии нарх ва ғайра

имконоти мустақилонаи бахши аграриро намедиҳанд. Ҳар сол давлат ба соҳаи кишоварзӣ сармоягузориҳои зиёде чудо менамояд ва танҳо мақомоти танзимкунандаи давлатӣ қобилияти ҷалби ҷараёни зиёди сармояро ба истеҳсолоти кишоварзӣ доранд.

Ҳамзамон, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ намунаҳои афзоиши қобилияти рақобатпазирии комплексҳои минтақавӣ ва саноатӣ тавассути татбиқи стратегияи сиёсати аграрии бакластерҳои овардашуда мавҷуданд. Кластер, ба фикри мо, иттиҳодияи умумии ҷамъиятҳо, иттиҳодияҳо, корхонаҳо, муассисаҳои таҳсилот аз рӯи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, географӣ ва саноатӣ мебошад, ки ба рушду афзоиши рақобатпазирӣ ва ҷаззобии соҳа, таҳия ва татбиқи технологияҳои нав баҳри рушди босамари тамоми соҳаҳои минтақа мусоидат мекунад.

Низоми кластерӣ ташаккул ва рушди он дар чунин шароит метавонад омили муҳимми фаъолнокии сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ шуда, сатҳи баланди самараи иқтисодӣ ва устувории рушди бахши аграриро таъмин карда метавонад.

Мувофиқсозии нақшаҳои мутақобилаи субъектҳои низоми кластер бо фаъолияти самарабахши онҳо зич алоқаманд аст, ки ба онҳо дар ташаккули модели ҳавасмандкунандаи кластери кишоварзӣ ноил шудан мумкин аст, ки алгоритми ташаккули онро метавон ба таври зерин пешниҳод намуд (расми 1):

**Расми 1. Тартиби ташкили кластери аграрӣ [3]**
**Figure 1. Procedure for establishing an agrarian cluster**




Дар натиҷаи тақсимоти субъектҳои хоҷагидорӣ сатҳи рушди онҳо ба таври назаррас коҳиш ёфт, ки ин моро бори дигар зарурати ташаккул додани бахши кишоварзии иқтисодиёти кластерҳои кишоварзиро боварӣ мебахшад.

Ҳангоми тезутундшавии рақобат дар бозор хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нотавон шуда, самараи фаъолияти субъектони хоҷагидор коҳиш меёбад. Механизми феълии бозор имконоти рушдро сахт маҳдуд намуда, масъалаи ҷонноксозии фаъолияти сармоягузорӣ дар ин сурат аҳамияти бештар касб мекунад. Сустшавии механизми ҳавасмандкунии сармоягузорӣ, аз як тараф, робитаҳои истеҳсолию иқтисодии миёни субъектони хоҷагидори бахши аграриро хароб мекунад, аз тарафи дигар, сатҳи рақобатпазирии маҳсулот ва тамоми иқтисодиётро коҳиш медиҳад.

Ташкили кластерҳои аграрӣ самти муҳимми тақвияти ёрии сармоягузорон ба иқтисоди ҷумҳурӣ мегардад, зеро кластерҳои аграрӣ ба эҳёи муносибатҳои иқтисодии миёни соҳаҳои мухталифи КАС, ташкили заминаҳои зарурӣ барои болобарии сатҳи рақобатпазирии бахши аграрӣ ва афзоиши самараи фаъолияти субъектони хоҷагидор мусоидат мекунанд. Илова ба ин, кластерҳои аграрӣ афзоиши фаъолияти сармоягузориро таъмину иқтидори содиротии иқтисоди кишварро қавӣ мекунанд [7,с.201].

Сустшавии фаъолияти сармоягузорӣ ва тамоюли манфии ҷалби сармояи хориҷӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ ба субъектони истеҳсолоти аграрӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Албатта, дар ин ҳол ҷустуҷӯи шаклу усули ҳалли масъалаҳои мазкур мубраму сариваќтӣ мегардад.

Маълум аст, ки замони маҳсулоти ғизоии арзон гузашт. Ба ғайр аз ин, пасманзари экологии сайёра, якҷоя бо тағйири иқлим ва афзоиши аҳолӣ бадтар шуда, нархи маҳсулоти хӯрока гарон шуда истодааст. Яъне, сармоягузорӣ ба бахши аграрии иқтисод, хусусан, ба технология ва ҳифзи захираҳо ояндаи иқтисодии нек дорад.

Ба ҳамаи омилҳои мусбати сармоягузории кишоварзӣ нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон норасоии маблағгузорӣ ба ин соҳа ҳис карда мешавад. Ёрии давлат ба бахши аграрӣ ҳатто дар шароити бухрони молиявии ҷаҳон назаррас аст.

Алҳол бисёре аз хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд, дар ҳадди муфлисӣ қарор дошта, бо вуҷуди ин, баъзан зиён меоранд, баъзан фоидаи зиёд мегиранд, ки ин ба сармоягузорон таъсири манфӣ мерасонад, зеро онҳо ба кишоварзӣ майли кам доранд.

Ҷ.М. Кейнс мегуфт, ки андозаи пасандозҳо ва сармоягузорӣ «ба ҳам баробар аст, зеро ҳар кадомаш баробари афзоиши даромад нисбати истеъмол аст» [4]. Вай қоидаеро пешниҳод карда, ки яке аз сабабҳои инқилоби кейнсӣ гашт, яъне даромади баробарвазн, ки пасандоз ва сармоягузориро ба мувозинат меорад, шуғли пурраро таъмин намекунад. Ҷ.М. Кейнс дахолати давлат ба равандҳои иқтисодиро зарур дониста, бо ҳамин аҳамияти нақши давлатро таъкид мекард. Тибқи назарияи ӯ бахши хусусии иқтисод бесубот аст, «дасти ноаёни давлат» бошад, афзорҳои зарурии танзими иқтисодро дар ихтиёр дорад.

Иқтисоди бозорӣ ба фарқ аз низоми маъмурию фармондиҳӣ нақши давлатро дар ҳалли масъалаҳои афзоиши самара, даромад ва суботи фаъолияти соҳаи кишоварзӣ ба куллӣ дигаргун кард.

Вобаста ба ин зарурати пешбурди сиёсати ҳақиқии навсозии бахши аграрӣ ба миён омадааст. Профессор Воҳидов В.В. дар робита ба ин чунин мегӯяд: «Навсозии соҳаи кишоварзӣ бояд инъикосгари шароити гуногуни минтақаҳои ҷумҳурӣ дар марҳилаҳои мухталифи рушди кишвар бо назардошти талаботи бозор бошад. Шаклу навъҳо ва моделу намудҳои мухталиф ва нақши онҳо дар рушди кишоварзӣ бо дарназардошти гуногунии минтақаҳои ҷумҳурӣ муҳим мебошад» [6].

Албатта, мо бо андешаи профессор розӣ ҳастем, ки соҳаи кишоварзӣ дар кишвари мо ба навсозӣ эҳтиёҷ дорад. Вале маблағи дохилӣ, аз ҷумла кумакҳои давлат, барои тағйироти глобалӣ кофӣ нестанд ва ғайрисамараноканд. Мутаассифона, пулҳои ҷудошуда дар бештари ҳолатҳо ба ҳадаф намерасанд.

Алҳол воҳиди устувортарини таъмингари озуқаворӣ барои ҷомеа хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ мебошанд, чунки ин хоҷагиҳо ҳатто дар шароити бозорӣ ниҳоят устувор ҳастанд, гарчанде бисёре аз корхонаҳои калон дар ростои бесуботии иқтисоди Тоҷикистон бар асари ҷаҳиши доллар муфлис мешаванд, вале бояд гуфт, ки дар тамоми ҷаҳон ҳамин ҳолат рӯй медиҳад. Ба ғайр аз ин ширкатҳои бузургро қайд бояд кард, ки ба бахши аграрӣ мароқ зоҳир мекунанд. Ба инҳо корхонаҳои саноати коркарди хӯрокворӣ (комбинатҳои калони гӯшту шир), фаъолони бузурги бозори маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ мансубанд.

Воридшавии ин корхонаҳо ба бозори аграрӣ сабабҳои гуногун дорад. Корхонаҳои саноатии коркарди хӯрокворӣ бо коҳиши ҳаҷми ашёи хом мувоҷеҳ шуда, маҷбуранд маблағи калонро барои рушду эҳёи он ва барои таъмини кори пурраи иқтидори истеҳсолии худ сарф намоянд. Ширкатҳое, ки ба фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва хӯрокворӣ машғуланд, бештар ба истеҳсолоти аграрӣ ҳамгиро шуда, истеҳсоли ғалла ва зироатҳои равған, тухмии хушсифат, тухм ва гӯшти парандаро инкишоф дода мекӯшанд, ки сегменти бозори хешро васеъ ва хароҷоти транзаксиониро ихтисор кунанд.

Як қатор омилҳо ҳастанд, ки ба раванди ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Шароити мавҷуда ба ташкилу рушди низоми минтақавии кластерӣ мусоидат мекунанд ва то андозае мушкилоти ҷалби сармояи хориҷиро ба воситаи амалҳои зерин ҳал менамоянд:

Рақобати минтақавӣ фазои сармоягузориро беҳтар мекунад, сифати ҳамкории дохилии минтақавӣ дигаргун мешавад ва равиши кластерӣ ба ҳамаи инҳо мусоидат мекунад;

Дар ин шароит кластерҳо метавонанд боиси консентратсияи баланди истеҳсолот гарданд, яъне имконияти афзоиши иқтидори содиротии иқтисоди минтақа вуҷуд дорад.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми ташкилӣ таъсиси сохтори нав - кооперативи сармоягузории кишоварзӣ мебошад. Кооперативи сармоягузорӣ қодир аст, тарафҳои манфиатдорро ба маблағгузории дарозмуддати сармоя бидуни гаронии иловагӣ ба буҷети вилоят ва кишвар равона созад. Ба ғайр аз ин, самтҳои дигар ҳам барои ҷалби маблағ ба соҳаи кишоварзӣ вуҷуд доранд. Яке аз онҳо истифодаи агролизинги захираҳои қарзии муассисаҳои махсуси қарзии хурд мебошад. Зимнан барои субъектони хоҷагидори таркиби клатери аграрӣ ва барои истифодаи самараноки имконоти лизинг дар фаъолияти худ раванди лизингро бо иқтидори кластерҳои аграрӣ муттаҳид бояд кард.

Дар ояндаи наздик кластерҳои аграрии вилояти Хатлонро мебояд, ки ба пурзӯр намудани фаъолияти инноватсионӣ таваҷҷуҳ кунанд. Дар ин ҳангом технологияҳои истеҳсоли органикиро дар ҳудуди кластерҳо истифода бояд кард, ки имкони тезонидани ҷараёни ташаккули рақобатпазирии иқтисоди минтақа, таъмини густариши фаъолияти сармоягузории онро ба воситаи ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти пуртақозои бахши аграриро таъмин мекунад, ки самаранокии он бо ҳисобҳои математикӣ санҷида шудааст.

Раванди таҳаввулот шароитро барои рушду такмили сохторҳои ташкилии истеҳсолӣ, гузариш аз ташкилоти содаи аграрӣ ба ташкилоти мураккаб фароҳам меорад. Тамаркузи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, коркард ва истеҳсолу фурӯши маҳсулоти ниҳоӣ, ба даст овардани пул дар доираи як субъекти хоҷагидории ҳамгиро имкони танзими таносуби бозор, риояи принсипи одилонаи тақсимот дар байни зинаҳои гуногуни истеҳсол ва рақобатпазириро дар бозори яклухти молҳои озуқаворӣ таъмин мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Вахидов В.В. Таджикистан: проблемы модернизации сельского хозяйства / В.В. Вахидов. -Душанбе, 2007. - С. 10-11.
2. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег / Дж.М. Кейнс. [Электронный ресурс]: http://socioline.ru/files/5/316/keyns.pdf.
3. Кожин Д.Ю. Активизация инвестиционной деятельности как главная функция кластеров / Д.Ю. Кожин. Научные записки ОрелГИЭТ. - Орел, 2010. - №2. - С.201-205.
4. Козлов М.П. Региональные агропромышленные кластеры: методические аспекты формирования и развития в условиях инновационной экономики / М.П. Козлов. Экономика и социум. - 2016. -№2(21). -С. 12.
5. Левченко В.А. Теоретические основы сущности инвестиций / В.А. Левченко, Л.И. Протопопова // Вестник Курской государственной сельскохозяйственной академии. - Курск, 2009. -№ 2. - С.50-53.
6. Лях А.П. Инвестиционная привлекательность региона и ее составляющие / А.П. Лях, Н.А. Бондаренко // Ученые заметки Тихоокеанского государственного университета. -Хабаровск, 2015. -Том 6. -№4. -С.753-757.
7. Мерзликина Г.С. Инновационная система воспроизводства основного капитала / Г.С. Мерзликина, В.В. Картавченко // Вестник Воронежского государственного университета инженерных технологий. - Воронеж, 2015. -№ 1(63). -С. 244-250.
8. Музаффаров Б.С. Пути повышения инвестиционной активности предприятий аграрного сектора региона (на материалах Хатлонской области Республики Таджикистан): авт. дисс. на соис. уч. степ.к.э.н. / Б.С. Музаффаров. -Душанбе, 2013. -25 с.
9. Барфиев К.Х., Мирзохонов С.О. Теория понятийного аппарата управленческого учета сельскохозяйственных организаций на основе учетно-аналитического комплекса. Крымский научный вестник. 2016. №1 (7). С.313.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Душанбе, 2016.
11. https://tj.sputniknews.ru/country/20170505/1022205182/tadzhikistan-grazhdanskaya-voina.html.


## МАСЪАЛАҲОИ ҶОЙГИРКУНОНИИ ЗАХИРАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ КОРХОНА ВА КАЛСТЕРИ АГРАРӢ

Дар мақола зарурати гузариш аз иқтисодиёти маъмурӣ ба бозорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таҳлили назариявии тақсимоти захираҳои сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ ва кластерҳо баррасӣ гардидааст. Қайд гардидааст, ки иқтисоди бозорӣ ба фарқ аз низоми маъмурию фармондиҳӣ нақши давлатро дар ҳалли масъалаҳои афзоиши самара, даромад ва суботи фаъолияти соҳаи кишоварзӣ ба куллӣ дигаргун гардонида, имкониятҳои субъектҳои хоҷагидор васеъ карда шуда, ба рафъи камбудиҳои марказонидашудаи аз ҳад зиёди идоракунӣ мусоидат намуда, рушди ташаббуси молистеҳсолкунандагон, тақвияти ҳавасмандгардонии онҳо ва татбиқи усулҳои пешқадамро тақозо намуд.

Бояд гуфт, ки дар Тоҷикистон, чун дигар ҷумҳуриҳои собиқи сотсиалистӣ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ бинобар сабаби тағйироти сиёсӣ ва иқтисодӣ зарурартро ба миён овард. Қайд гардидааст, ки раванди таҳаввулот барои рушди тадриҷӣ ва такмили сохторҳои ташкилию истеҳсолӣ, гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ дар кишвар шароит фароҳам овард.

Инчунин, дар вақти тадқиқи мавзӯъ омилҳое, ки ба раванди ҷалби сармояи хориҷӣ таъсир мерасонанд, ба монанди ноустувории сиёсӣ, ташаннуҷи иҷтимоӣ, сатҳи баланди таваррум, меъёрҳои баланди бозтамвил ва ғайра дида баромада шудаанд. Қайд гардидааст, ки беҳсозии фазои сармоягузорӣ ба

ташкилу рушди низоми минтақавии кластерӣ мусоидат намуда, дар ин замина то андозае мушкилоти ҷалби сармояи хориҷироба кишвар аз байн мебарад.

**Калидвожаҳо: к**орхона, кластер, фазои сармоягузорӣ, комплекси агросаноатӣ, субъекти хоҷагидор, таносуби бозор, рақобатпазирӣ.

**ВОПРОСЫ РАСПОЛОЖЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РЕСУРСОВ ПРЕДПРИЯТИЯ И СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО КАЛЬКУЛЯТОРА**

В данной статье рассматривается необходимость перехода от административной экономики к рыночной, а также проводится теоретический анализ распределения инвестиционных ресурсов сельскохозяйственных предприятий и кластеров. Отмечено, что рыночная экономика, в отличие от административной системы, радикально изменила роль государства в решении вопросов роста, прибыльности и устойчивости сельскохозяйственной деятельности, расширила возможности хозяйствующих субъектов и устранила пробелы в централизованном управлении, а также она требует обеспечения повышения мотивации товаропроизводителей и использования передовых технологий.

Следует отметить, что в Таджикистане, как и в других бывших социалистических республиках, переход к рыночной экономике был обусловлен политическими и экономическими изменениями в стране.

В ходе исследования отмечено, что процесс преобразования способствовал постепенному развитию и совершенствованию организационных и производственных структур, переходу к рыночным отношениям в стране. Также были изучены факторы, влияющие на процесс привлечения иностранного капитала, такие как политическая нестабильность, социальная напряженность, высокие темпы инфляции, высокие ставки рефинансирования и т.д. Также отмечено, что улучшение инвестиционного климата будет способствовать созданию и развитию региональной кластерной системы, устраняя тем самым проблему привлечения иностранного капитала в страну.

**Ключевые слова:** предприятие, кластер, инвестиционный климат, агропромышленный комплекс, субъекты предпринимательской деятельности, рыночный коэффициент, конкурентоспособность.

**ISSUES OF THE LOCATION OF THE INVESTMENT RESOURCES OF THE ENTERPRISE AND THE AGRICULTURAL CALCULATOR**

This article discusses the need for a transition from an administrative economy to a market economy, and also discusses a theoretical analysis of the distribution of investment resources of agricultural enterprises and clusters. It is noted that a market economy, in contrast to the administrative system, has radically changed the role of the state in addressing the issues of growth, profitability and sustainability of agricultural activity, expanded the capabilities of economic entities and filled in the gaps in centralized management, and will also require providing increased motivation for producers and the use of advanced technologies.

It should be noted that in Tajikistan, as in other former socialist republics, the transition to a market economy was due to political and economic changes. It was noted that the transformation process contributed to the gradual development and improvement of organizational and production structures, the transition to market relations in the country. The study also examined factors affecting the process of attracting foreign capital, such as political instability, social tension, high inflation, high refinancing rates, etc.

It was also noted that improving the investment climate will contribute to the creation and development of a regional cluster system, thereby eliminating the problem of attracting foreign capital to the country.

**Keywords**: enterprise, cluster, investment climate, agriculture, business entities, market coefficient, competitiveness.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Иброҳимов Илҳомуддин Раҷабалиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 989-11-88-22.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: **988-17-57-55**

**Сведения авторов**: ***Ирохимов Илхомуддин Раджабалиевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 989-11-88-22.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Саидахмадов Фаррух Бобокулович*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры международные финансово-кредитные отношения. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: **988-17-57-55**

**Information about the authors:** ***Ibrokhimov Ilkhomuddin Rajabalievich*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Associate Professor of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 989-11-88-22.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
***Saidakhmadov Farrukh Bobokulovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant professor of international financial and credit relations. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimova, 64/14. Phone: **988-17-57-55**

УДК 336.276 (575.3)

# УСУЛҲОИ ПАРДОХТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

*Давлатов Н.А., Ҳусайнов М.Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар баробари тараққиёти давлат ва гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ сохтор ва уҳдадориҳои он низ мураккабтар мегарданд. Дар шароити бозор давлат ҳамчун соҳибкору ташкилкунандаи соҳибкорӣ ва муайянкунандаи қоидаҳо дар мамлакат баромад карда, дар ин маврид, уҳдадориҳои зиёдеро, монанди: таъмини амният ва ҳимояи мамлакат, суғуртаи иҷтимоию маблағгузорӣ ба иқтисодиёт, идораи мамлакат ва ғайраро ба зимма мегирад.

Қарз гуфта, маблағи пулиеро меномем, ки мутобиқи шартнома гирифта шуда, ба ҳамон андоза, бо фоиз аз истифодаи он, дар вақти муайян баргардонида мешавад. «Муҳлатнокии қарз шакли асосии бозгардонии он аст. Усули муҳлатнокӣ нишон медиҳад, ки дар муҳлати муаяйншуда қарз гардонида шавад. Муҳлати қарз ин давраи дар ихтиёри қарзгиранда будани маблағи он аст» [3].

Усули таъминкунии қарз қаблан ба таври маҳдуд амал мекард, яъне фақат таъминнокии моддии қарз ба ҳисоб гирифта мешуду халос. Ин маънои онро дорад, ки қарз фақат аз рӯи ашёи мушаххас дода мешавад. Ин сарчашмаи асосии бозгардонии қарз ба шумор меравад. «Мақсади асосии гирифтани қарз дар лаҳзаи амалиёти он муайян карда мешавад, аз ҷумла барои бартараф намудани касри буҷет, барои сохтмон, барои ба дастовардани техника ва технологияи ҳозиразамон, барои таъмири асосӣ ва ғайраҳо» [1,с.8].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонии қарзи давлатӣ асосан аз ду сарчашма анҷом дода мешавад. Яъне, аз ҳисоби содироти молу маҳсулотҳо ва аз ҳисоби даромадҳои буҷети давлатӣ. Барои баҳогузорӣ ва таҳлили таъсири ҚХ ба амнияти иқтисодии мамлакат чунин низоми индикаторҳо истифода карда мешаванд:

- таносуби фоизии ҲМ ҚХ ва ММД ($K_1$=), ки меъёри муътадили он 50%-ро ташкил медиҳад;

- таносуби фоизии ҲМ ҚХ ва воридшавиҳо(фоида) аз содирот (Вс) ($K_2$=), ки меъёри муътадили он 275%-ро ташкил медиҳад;

-таносуби фоизии хароҷотҳо оиди хизматрасонӣ $X_{ҚХ}$ ва (фоида) аз содирот (Вс) ($K_3$=,), ки меъёри муътадили он 30%-ро ташкил медиҳад;

-таносуби фоизии хароҷотҳо оиди пардохти фоизҳо аз рӯи ҚХ ва воридшавиҳо аз содирот Вс($K_4$=), ки меъёри муътадили он 20%-ро ташкил медиҳад.

Дар мувофиқа бо низоми индикаторҳои дар боло нишон додашуда нишондиҳандаи аввале, ки устувории қарзии давлатро муайян месозад, ин таносуби қарзи хориҷӣ ба ММД бо фоиз ба ҳисоб меравад. Дар мувофиқа бо СИКД [3] барои солҳои 2018-2020 қимати нишондиҳандаи мазкур набояд аз 60% зиёд бошад. Нишондиҳандаи ҚХ/ММД бо фоиз дар солҳои 2011-2017 дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Қарзи хориҷии давлатӣ**
**Table 1. Public external debt**

*(млн. $)*

| | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| **Қарзи хориҷии давлатӣ** | 2143,3 | 2168.9 | 2188.4 | 2095.9 | 2194.5 | 2274.1 | 2879.01 |
| **ҚХ/ММД, бо %** | 32,5 | 28,5 | 25,7 | 22,7 | 27,9 | 32,7 | 40,3 |

Сарчашма: www. minfin. tj

Дар мувофиқа бо маълумотҳои ҷадвали 1 бузургии нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи муътадил қарор дошта, ба амнияти иқтисодии кишвар таҳдид эҷод наменамояд.

Нишондиҳандаи дигари устувории қарзи хориҷӣ ин таносуби қарзи хориҷӣ нисбат ба содирот мебошад, ки бузургии он дар солҳои 2011-2017 дар ҷадвали навбатӣ оварда шудааст.

Дар мувофиқа бо СИКД дар давраҳои гуногун қабулгардида бузургии ин нишондиҳанда набояд аз 100% зиёд бошад. Вале чи тавре ки қиммати нишондиҳандаи мазкур дар ҷадвали 2 нишон медиҳанд, он аллакай аз ҳадди ниҳоии худ гузаштааст.

**Ҷадвали 2. Коэффитсиенти қарзи хориҷӣ/содирот**
**Table 2. External debt / export ratio**

*(млн. $)*

| | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| Қарзи хориҷӣ | 2143,3 | 2168,9 | 2188,4 | 2095,9 | 2194,5 | 2274,1 | 2879,01 |
| Содироти молҳо ва хизматрасониҳо | 1257,3 | 1359,7 | 943,4 | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 |
| Қарзи хориҷӣ /содирот, бо % | 170,5 | 159,5 | 232,1 | 214,4 | 246,4 | 253 | 240,3 |

Сарчашма: www. minfin.tj

Ҳаҷми маблағҳои барои хизматрасонии қарз аз рӯи категорияи кредиторон ҷудо гардида дар солҳои 2011-2017 дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3. Хизматрасонии қарз аз рӯи категорияи кредиторон**
**Ladvali 3. Loan services by category of creditors**

*( млн. $)*

| | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хизматрасонии қарз** | | 62,1 | 106,1 | 131,0 | 136,2 | 144,7 | 159,2 | 106,8 |
| | қарзи асосӣ | 34,0 | 75,1 | 100,1 | 104,6 | 113,3 | 125,5 | 68,0 |
| | фоизҳо | 28,1 | 30,9 | 30,9 | 31,6 | 31,4 | 33,7 | 38,8 |

Сарчашма: www. minfin.tj

Дар мувофиқа бо ҷадвали 3 ҳаҷми маблағҳо барои хизматрасонии қарз дар давраи солҳои 2011-2017 1,8 маротиба зиёд гардид.

Маблағҳои ҳамасола барои хизматрасонии қарзи хориҷӣ ҷудогардида аз ҳисоби содироти молҳо ва хизматрасониҳо дар ҷадвали 4 оварда шудаанд. Дар давраи таҳияшаванда ҳаҷми содироти молҳо ва хизматрасониҳо 2,1 маротиба зиёд гардид.

**Ҷадвали 4. Содироти молҳо ва хизматрасониҳо**
**Table 4. Exports of goods and services**

*( млн. $)*

| | | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** |
| **Содироти молҳо ва хизматрасониҳо** | | 1257,3 | 1359,7 | 943,4 | 977,3 | 890,6 | 898,7 | 1198,0 |
| **Хизматрасонии ҚХ аз ҳисоби содироти молҳо ва хизматрасониҳо** | % | 5,0 | 7,8 | 11,5 | 13,9 | 16,2 | 17,7 | 11,2 |
| | млн. $ | 62,9 | 106,1 | 108,5 | 135,8 | 144,3 | 159,1 | 134,2 |

Сарчашма: www. minfin. tj

Муътадил будану таҳдид эҷод накардани қарзи давлатӣ ба амнияти иқтисодии кишвар аз муҳити созгори макроиқтисодӣ вобаста мебошад. Муҳити созгори макроиқтисодӣ аз бузургии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ вобаста мебошад, ки саволи мазкур ба он бахшида шудааст.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 47,5 млрд. сомонӣ баробар гардида, афзоиши воқеии он 7,0% ва дар қиёс ба ҳамин давраи соли сипаришуда 5,1 млрд. сомонӣ ё 0,2% зиёд мебошад.

Индекси нархҳои истеъмолӣ, яъне меъёри таваррум, дар давраи ҳисоботӣ 3,9% фоизро ташкил дод, ки ин нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1,7 банди фоиз кам мебошад. Ба сатҳи таваррум асосан тағйироти нархи молҳои озуқаворӣ 2,8% ва ғайриозуқаворӣ 0,6% таъсир расонидааст.

Рушди истеҳсолот ва хизматрасонӣ дар аксари соҳаҳо таъмин гардида, афзоиши он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 13,5%, кишоварзӣ 4,0%, ҳаҷми умумии гардиши савдо 15,6%, аз ҷумла гардиши моли чакана 7,3%, сохтмон 15,8%, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 2,0%-ро ташкил додаас.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ба 3126,6 млн. доллари ИМА баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 258,0 млн. доллари ИМА ё 9,1% зиёд гардидааст.

Ҳиссаи содирот дар гардиши савдои хориҷӣ 809,0 млн. доллари ИМА ё 25,9%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 92,4 млн. доллари ИМА ё 10,2% кам гардидааст.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли 2018 содироти фулузоти қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ба маблағи 212,2 млн. доллари ИМА, воситаҳои нақлиёт 11,7 млн. доллари ИМА, мошинолот ва таҷҳизот 7,1 млн. доллари ИМА, асбобу анҷоми оптикӣ ва тиббӣ 6,0 млн. доллари ИМА ва маҳсулоти растанӣ 5,3 млн доллари ИМА кам гардидааст.

Ҳиссаи воридот дар гардиши савдои хориҷӣ бошад, ба 2317,6 млн. доллари ИМА ё 74,1% баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба маблағи 350,4 млн.доллари ИМА ё ба андозаи 17,9% зиёд гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ воридоти молҳои зерин нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 зиёд гардидаанд, аз ҷумла фулузоти арзон ва маснуоти онҳо ба маблағи 118,4 млн. доллари ИМА, мошинолот ва таҷҳизот ба маблағи 101,7 млн. доллари ИМА, воситаҳои нақлиёт ба маблағи 97,3 млн. доллари ИМА, маҳсулоти маъданӣ ба маблағи 82,1 млн. доллари ИМА, маҳсулоти тайёри озуқа ба маблағи 18,4 млн. доллари ИМА, ашёи полимерӣ, резин ва маснуоти онҳо ба маблағи 6,1 млн. долл. ИМА.

Тарози савдои хориҷӣ манфӣ буда, касри он 1508,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ бо дарназардошти азхудкунии маблағи қарзу грантҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва маблағҳои махсуси муассисаву ташкилотҳои буҷетӣ ба 15582,6 млн. сомонӣ баробар гардида, иҷрои нақшаи нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи 100,4% таъмин карда шуд. Воридоти он нисбат ба нақша 67,2 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба маблағи 1504,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Сиёсати хароҷоти буҷети давлатӣ, пеш аз ҳама, ҷиҳати таъмини уҳдадориҳои давлат дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла пардохти музди меҳнати кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, нафақа, пардохти идрорпулӣ, ҷубронпулӣ, кумакпулии иҷтимоӣ, мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаю ташкилотҳои соҳаи иҷтимоӣ, пардохти қарзи дохилию беруна, маблағгузории иншооти муҳимми стратегӣ ва амнияти давлатӣ равона карда шудааст.

Дар соли 2018 дар ҷумҳурӣ 65 лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ба маблағи умумии 3,1 млрд. доллари амрикоӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои байналхалқии молиявӣ мавриди амал қарор дорад.

Мувофиқи маълумотҳо дар нуҳ моҳи соли 2018 аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалию молиявӣ дар доираи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ маблағ дар ҳаҷми 2046,1 млн. сомонӣ аз худ гардидааст, ки 90%-и нақшаро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 212,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Маблағҳои азхудгардида барои рушди соҳаи ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 34,4 млн. сомонӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ 4,2 млн. сомонӣ, маориф 53,3 млн. сомонӣ, тандурустӣ 53,6 млн. сомонӣ, ҳифзи иҷтимоӣ 981,5 ҳазор сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ 109,7 млн. сомонӣ, энергетика 978,5 млн. сомонӣ, кишоварзӣ 274,8 млн. сомонӣ ва нақлиёт 536,8 млн. сомонӣ равона гардидааст.

Дар ин давра 12 созишномаи қарзию грантӣ барои татбиқ гардидани 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 288,23 млн. доллари амрикоӣ ба имзо расонида шуд, ки аз он маблағҳои грантӣ 168,0 млн. доллари амрикоӣ ва маблағҳои қарзӣ 120,23 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳанд.

Маблағи умумии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2873,8 млн. долл. ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ин ба 38,7%-и ҳаҷми номиналии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) баробар мебошад.

Ҳаҷми умумии қарзи беруна дар ин давра нисбат ба аввали сол ба маблағи 5,2 млн. доллари ИМА афзоиш ёфт. Дар ин давра аз ҳисоби донорон дар ҳаҷми 97,1 млн. долл. ИМА маблағи қарзӣ азхуд гардида, аз ҳисоби фарқияти доллари ИМА нисбати асъорҳои хориҷӣ ба маблағи 3,6 қарзи асосӣ зиёд гардидааст. Инчунин, аз ҳисоби пардохти қарзи асосӣ дар ҳаҷми 106,0 млн. долл. ИМА бақияи қарз кам гардид.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ бошад, қарзи асосӣ ва фоизи он ба маблағи 148,2 млн. доллари ИМА таъмин гардид, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 84,53 млн. доллари ИМА ва фоизи қарз 63,65 млн. доллари ИМА.

Хизматрасонӣ ва пардохти қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти қарзи Хазинаи Байналмилалии Асъор, ки дар тавозуни Бонки миллии Тоҷикистон дарҷ мешаванд ва қарзҳои кафолатноки ҳукуматӣ дар давраи ҳисоботӣ 170, 6 млн. доллари ИМА, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосӣ 106,0 млн. доллари ИМА ва фоизи қарз 64,6 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Қарзи дохилии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 01.10.2018 6,8 млрд. сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба 10,2%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ баробар мебошад.

Мақсади тиҳқиқоти мазкур муайян намудани таъсири қарзи давлатӣ ба рушди иқтисодиёт ва роҳҳои баланд намудани самаранокии истифодаи қарзҳои давлатӣ бо мақсади таъмини рушди иқтисодии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои ноил гардидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин пеш гузошта шудаанд:

- омӯзиши қонуниятҳои амалкардаи қарз ва қарзи давлатӣ бо мақсади муайян намудани принсипҳои истифодаи он барои ноил гардидан ба таъмини рушди иқтисодиёт;
- таҳқиқи мазмуни иқтисодии мафҳуми «қарзи берунаи давлатӣ»;
- баҳогузории ҳаҷм ва сохтори қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани марзҳои имконпазири қарзҳои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қобилияти қарзии кишвар зарар мерасонанд ва имконият фароҳам меоранд, ки қарзи беруна бе натиҷаҳои таъсиррасон ба нигоҳдории рушд ва пешрафти иқтисодии он хизматрасон шаванд;
- таҳияи ҷузъҳои механизми ба танзим дарорандаи қарзи беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## АДАБИЁТ


1. Ашуров Н. Пул, қарз, бонк / Нусрат Ашуров. –Душанбе: Матбуот, 2011. -Нашри II. С.195.
2. Барномаи давлатии қарзгирии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018.
3. Бозори молия. Васоити таълимӣ / З.А. Раҳимов, М.Н. Ҳусайнов [ва диг.]. –Душанбе, 2015.
4. Деньги, кредит, банки Учебник / колл. авт.; под ред. О.И. Лаврушина. - 3–е изд., перераб. и доп. -М.: КНОРУС, 2006. – 560 с.
5. Кидуэлл Д.С. Финансовые институты, рынки и деньги / Д.С. Кидуэлл, Р.Л. Петерсон, Д.У. Блэкуэлл. -СПб.: Питер, 2001.
6. Красавина Л.Н. Международные валютно-финансовые и кредитные отношения / Л.Н. Красавина. -М.: Финансы и статистика, 2006.
7. Международно-кредитные и финансовые отношения: Учебник / под ред. Л.Н. Красавиной – 3-е изд., перераб и доп. -М.: Финансы и статистика, 2005. – 576 с.
8. Оймаҳмадов Г. Н. Молия / Г.Н. Оймаҳмадов. –Душанбе, 2005. -С. 219.
9. Петров П. А. Неплатежи как зеркало больной экономики / П.А. Петров // Финансы. – 2008. -№4.
10. Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2017.


## УСУЛҲОИ ПАРДОХТИ ХИЗМАТРАСОНИИ ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


гардидани тавачҷуҳи Ҳукумати кишвар, фаъол гардидани мубодилаи сайёҳӣ дар миқёси байналмилалӣ аз рӯи ҳамкориҳои дуҷониба татбиқшаванда, баррасии масъалаҳои содатар гардонидани расмияти раводидӣ, сарҳадӣ ва гумрукӣ, фароҳам овардани иқлими мусоиди андозӣ, зарурати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба ин соҳа мусоидат намуд.

Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои рушди сайёҳӣ, деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ, бо назардошти зарурияти инкишофи инфрасохтори деҳот бо ибтикори Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 “Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардид. Мақсади ин пешниҳод баҳри фароҳам овардани имкониятҳои бештар дар соҳаҳои зикршуда ба шумор меравад. Бо ин восита имкониятҳои рушди саёҳӣ дар ҷумҳурӣ бештар шуда, сатҳу сифати зиндагии мардум баланд мегардад.

Бо мақсади боз ҳам сайқал бахшидани соҳаи сайёҳӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда дар ин самт, инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳии дохиливу хориҷӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя дар ин самт ва омода кардани кадрҳои болаёқат соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳамчунин, Ҳукумати мамлакат якҷоя бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади боз ҳам рушд додани соҳа ва истифодаи васеи имкониятҳои мавҷуда, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, густариши раванди танзими давлатӣ ва дастгирии сайёҳӣ, ҷалби ҳарчи бештари сармоя, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи сохтору мақомоти дахлдор ва омода намудани кадрҳои болаёқатро дар ин самт таъмин карда истодаанд. Ҷиҳати босуръат тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ дар кишвар воридоти таҷҳизоту маводи сохтмони иншооти сайёҳӣ аз пардохтҳои андозию гумрукӣ, инчунин, ширкатҳои сайёҳӣ дар панҷ соли аввали фаъолияташон аз пардохти андоз аз фоида озод карда шудаанд.

Метавон қайд намуд, ки соҳаи сайёҳӣ дарояндаи наздик дар ҷумҳурӣ рушду нумӯ карда, марҳила ба марҳила ба яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти мамлакат табдил меёбад.

### АДАБИЁТ


1. Ашуралиев М.И. Асосҳои меҳмоннавозӣ. Дастури таълимию методӣ / М.И. Ашуралиев, М.И. Қодирова. – Душанбе: Ирфон, 2013.
2. Дурович А.П. Маркетинг в туризме. Учебное пособие / А.П. Дурович. -М.: Инфра-М, 2012.
3. Здоров А.Б. Экономика туризма / А.Б. Здоров. -М.: Финансы и статистика, 2004. - 272 с.
4. Менеджмент туризма. Туризм как вид деятельности / [Н.И. Гаранин, И.В. Зорин, Е.Н. Ильина и др.]. -М., 2001.
5. Организация туризма / под.ред. Н.И. Кабушкина. -М., 2005.
6. Паёми Президенти ҶТ «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 26 декабри соли 2018. -53 с.
7. Сфера услуг: проблемы и перспективы развития. Т. 4. Туризм: методология, проблемы, перспективы / под ред. акад. Ю.П. Свириденко. -М.: Кандид, 2001. - 360 с.
8. Туризм: амалия ва тамоюлҳои рушд. Монография. –Душанбе, 2018. -Қисми 2. -128 с.
9. Усмонов С. Аҳамияти география дар ташаккули тафаккури иқтисодӣ ва рушди туризм / С. Усмонов. - Душанбе: Балоғат, 2014. –С. 64-94.
10. Шарапов Д.С. Технологияи иттилоотӣ дар туризм / Д.С. Шарапов, А.Н. Қодиров, А.Ф. Гадоев. - Душанбе, 2014.
11. Сомонаи Интернетӣ www/ahd.tj


## САЙЁҲӢ ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ СОҲАИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР


Дар мақола муҳаққиқ масъалаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳатҳои илмии онро таҳлил намудааст. Сайёҳӣ ин, пеш аз ҳама, ҳузуру ҳаловат ва қонеъ намудани шавқу ҳавас мебошад. Он метавонад ба рушди иқтисодиёт, фарҳанг, санъат, маориф ва ғ. таъсири мусбат расонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои табиати зебо ва мероси ғании таърихӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки теъдоди зиёди сайёҳони хориҷӣ ба кишварамон сафар намоянд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун кишвари дорои чаҳор пайраҳаи Шоҳроҳи абрешим эътироф гардидааст. Айни замон сайёҳиро ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат шуморидан мумкин аст, зеро мамлакати мо дорои табиати зебо, минтақаҳои истироҳатӣ, табобатӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки сайёҳӣ дар кишвари мо ҳамчун соҳаи муҳим ва афзалиятнок буда, дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳми арзанда дорад. Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдат - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои 2019-2021 «Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»иқдоми саривақтӣ мебошад, чунки сайёҳӣ аз сердаромадтарин соҳаи иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар

мавқеи ҷуғрофиаш барои рушди соҳаи сайёҳӣ имкониятҳои хуб фароҳам меорад. Солҳои охир эътибори соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ назар ба солҳои қаблӣ дар ҷаҳон рӯ ба инкишоф мебошад, ки дар феҳристҳои гуногуни сайёҳӣ мавқеи муайянро ишғол кардани он далели гуфтаҳои мост. Инчунин, дар мақола оиди як қатор тадбирҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи сайёҳӣ, баланд гардидани сатҳи иҷтимоии аҳолӣ андешидааст, гирд оварда шудаанд.
**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, иқтисодиёт, Пешвои миллат, истиқлолият, фарҳанг, инкишофёбӣ, консепсия, инфрасохтор, давлат, хизматрасонӣ.

**ТУРИЗМ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР В СФЕРЕ ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ**

Путешествия имеют древнюю историю. Древние путешественники открыли путь в Азию, Европу, Британские острова, Египет и придумали разные сказки об этих местах. Географическое местоположение, рельеф, климат, растения, мир животных, море, океан, материковые ледники являются географическим элементом в сфере туризма. Туризм, прежде всего, это удовлетворение желания. Туризм может иметь положительное влияние на развитии экономики, культуры, искусств, образования и др. Республика Таджикистан имеет красивую природу и богатое историческое и культурное наследие. Сегодня Республика Таджикистан является страной имеющей Великий шелковый путь. Наша страна стала популярной благодаря своей красивой природе. Её природа притягивает к себе иностранных туристов. Сегодня туризм является преобладающей сферой экономики в нашей стране. Следует отметить, что в течение двадцати восьми лет независимости, туризм в Республики Таджикистан развивается очень быстро. В нашей стране туризм является самой прибыльной сферой. Наша страна иммет красивую природу, лечебные, исторические и культурные зоны. В этой статье автор отметил слова Лидера нации, Основоположника мира и единства Э.Рахмона о развитии туризма в нашем государстве. Кроме того, в статье упоминается о развитии внутреннего туризма. Автор отмечает роль врачей в туристических и лечебных учреждениях. В статье в основном затронуты вопросы туризма в современном Таджикистане. Автор отмечает, что туризм в нашей стране является важной преобладающей сферой и играет болшую роль в развитии экономики нашей страны. В статье также приведены некоторые законы Правительства Республики Таджикистан, которые предусмотрены для развития туризма в Республике Таджикистан.
**Ключевые слова:** туризм, экономика, Лидер нации, концепция, независимость, культура, развитие, инфраструктура, страна, природа, отдых, капитал, обслуживание.

**TOURISM AS THE IMPORTANT FACTOR OF ECONOMIC SPHERE IN MODERN TIME**

Traveling has ancient story. Ancient travelers gradually discovered way to Asia, Europe, Britain's islands, Egypt and invented various stories about these places. Geographic location, relief, climate, plant, animals life, sea, ocean, materic glaciers are geographic element in sphere of tourism. Tourism is satisfaction of desire. Tourism can develop economy, culture, art, education etc. Republic of Tajikistan has beautiful nature and rich historical and cultural legacy. This gives us opportunity so that tourists visit our country. Today Republic of Tajikistan is the country which has 4 tract of Great silk way. Our country became popular due to beautiful nature. Its beautiful nature attracts foreign tourists. Today tourism is the prevail sphere of economy of our country. In 28 years of independence tourism develops very quickly. Tourism is the profitless sphere in our country. Republic of Tajikistan has beautiful nature, medical, historical and cultural zones. In this article author notes the words of Lieder of nation about development of tourism in Republic of Tajikistan.
**Keywords:** tourism, economy, Lieder of nation, conception, independence, culture, development, infrastructure, country, nature, craft, service, tradition, capital, employment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тайгуншоева Ҷаҳонгул*** **–** Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сайёҳӣ. **Адрес:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 73А. Телефон: **939-18-92-61**

**Сведения об авторе:** ***Тайгуншоева Джахонгул*** **-** Таджикский государственный институт культуры и искусств имени М. Турсунзаде, кандидат педагогических наук, доцент, заведуюая кафедрой социально-культурных технологии и туризма. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбада 73А

**Information about the author:** ***Taigunshoeva Jahongul*** - Tajik State Institute of Culture and Arts named after M. Tursunzade, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Social and Cultural Technology and Tourism. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 73A. Phone: **939-18-92-61**

**УДК 336 (575.3)**

# РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР МИНТАҚА

***Самадзода Ф.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Соҳибкории хурду миёна яке аз зерсистемаҳои муҳимми иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад, ки ин масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва иҷтимоиро ҳаллу фасл менамояд. Корхонаҳои хурду миёна дар он соҳаҳое, ки барои тағйирпазирю рушд ва самаранокӣ

эҳтиёҷ доранд, мақоми назаррасро ишғол мекунанд. Дар рушди иқтисодиёт, инчунин, тиҷорати васеъ ва доманадор низ нақши муҳимро мебозад, ки он дар амри баланд шудани самаранокии корхонаҳои калон мусоидат мекунад. Аҳамияти иҷтимоии соҳибкории хурд ба қадри кофӣ баланд аст, зеро он мушкилии бекорӣ ва ташаннуҷи иҷтимоиро сабук мекунад. Дар шароити муосир нақши соҳибкории хурди инноватсиониро, ки технологияҳо, коркардҳо ва ғояҳои навро тавлид мекунад, баҳои баланд додан душвор аст.

Аз ин рӯ, дар кишварҳое, ки иқтисоди бозаргонӣ рушд ёфтааст, аксарияти ҷойҳои кориро корхонаҳои хурд ва миёна, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва даромади буҷет ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, соҳибкории хурд ва миёна камбудиҳо ва маҳдудиятҳои назаррас дорад.

Аз сабаби андозаи хурд, вобастагии калон аз тағйирот дар муҳити беруна корхонаҳои хурд ба хавфҳои ҷиддӣ дучор мешаванд, чунки онҳо захираҳои назарраси молиявӣ, ташкилӣ ва инсонӣ надоранд, аз ин лиҳоз ба барҳамдиҳӣ ва муфлисшавӣ оварда мерасанд. Мушкилотҳои назаррас барои соҳибкорон аз ҷониби тиҷорат ҳамчунон идома дорад, зеро он захира ва салоҳиятҳои муайянро талаб мекунад. Ин муқаррарот эҳтиёҷоти объективии дастгирии давлатии тиҷорати хурдро муайян мекунад, ки он дар сатҳи минтақавӣ ва шаҳрӣ амалӣ карда мешавад.

Ба ақидаи муаллиф, дастгирии оғози соҳибкорӣ на танҳо мушкилоти иқтисодӣ, балки мушкилиҳои иҷтимоӣ (сабуксозии проблемаи бекорӣ)-ро ҳаллу фасл мекунад, зеро корхонаҳои хурде, ки таъсис дода мешаванд, ба фаъолияти одӣ машғуланд ва наметавонанд ба рушди иқтисодӣ таъсири назаррас расонанд. Аксарияти онҳо давраи хеле кӯтоҳ доранд, аз ин рӯ, агар мо бо нишондиҳандаҳои миқдори рушди соҳибкории хурдро роҳнамоӣ кунем, зарур аст, ки кӯшишҳои ибтидоии соҳибкоронро ҳамеша дастгирӣ намоем. Ба ибораи дигар, маблағҳои дастгирии давлатӣ асосан барои нигоҳ доштани шумораи корхонаҳои хурд сарф карда мешаванд. Танзими рушди техникии корхонаҳои хурди мавҷуда дар шакли субсидияи қисми фоизҳо, кафолатҳои қарз ва ғайра аз ҳама самарабахш мебошад, зеро ин ба рушди соҳибкорӣ нисбатан муътадили дорои иқтидори муайян мусоидат мекунад.

Бояд ёдовар шуд, ки инчунин имтиёзҳои андозӣ аксарияти муассисахои рушд, усулҳои институтсионалӣ ва шаклҳои ҳамкориҳои ташкилӣ-маъмурӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ низ ба дастгирию ҳавасмандсозӣ ва интихобии соҳибкории истеҳсолӣ равона карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми истифодаи ин механизмҳои дастгирӣ хавфҳо то андозае бештар бо давомнокии маҳдуди мавҷудияти корхонаҳои хурду миёна, эҳтимоли баланди муфлисшавӣ ва барҳамдиҳӣ, ки ба нобудшавии беасоси захираҳои субъекти идоракунӣ оварда мерасонанд, боқӣ мемонанд. Дар баробари ин, хавфҳо ва маҳдудиятҳои дастгирии интихобии соҳибкории истеҳсолӣ бо ҳиссаи баланди гардиши пинҳонӣ, сатҳи нокифояи касбии идоракунӣ, уфуқи маҳдуди қабули қарорҳо ва вобастагии аксарияти корхонаҳои хурду миёна аз соҳибмулк (роҳбар) вобастаанд.

Аз ин рӯ, дастгирии инфиродӣ ё интихобии соҳибкории хурду миёна объективи хатарҳои зиёди истифодаи ғайрисамараноки маблағҳои буҷетиро дорад.

Аз нуктаи назари рушди минтақавӣ ва муназзам, қайд кардани мушкилоти ҳамоҳангсозии мақсадҳо, нишондиҳандаҳо, афзалиятҳои дастгирии соҳибкории хурд бо ҳадафҳои стратегӣ ва биниши қаламрави оянда имконнопазир аст. Банақшагирии стратегӣ дар минтақаҳо ва шаҳрҳо таҳияи сенарияҳо ва ғояҳои муайянро дар бораи пайдоиши ояндаи ҳудуд дарбар мегирад [10,с.30].

Чунин номутобиқатии ниҳодӣ дар давраи бухрон таъсири манфӣ дорад. Вазъияти мавҷуда зарурати ҷустуҷӯи илмии усулҳои нави рушди соҳибкории хурду миёнаро якҷоя бо стратегияи рушди ҳудуд тақозо менамояд.

Ба ақидаи муаллиф, истифодаи усули кластер ба баланд бардоштани самаранокии дастгирии корхонаҳои хурду миёна ва ҳамоҳангсозии он бо биниши стратегии ҳудуд мусоидат хоҳад кард. То имрӯз як қатор таҳқиқотҳо мавҷудияти потенсиал ва бартариҳои кластерҳо, ки аз корхонаҳои хурду миёна иборатанд, асоснок карда шудаанд [10,2,4,3,7,5].

Дар байни афзалиятҳои асосии кластери корхонаҳои хурду миёна, баланд бардоштани самаранокии кори иштирокчиёнро дар заминаи шароити беҳтарини таъминоти моддию техникӣ, бозори мутараққии меҳнати ватанӣ, густариши

инноватсияҳо, мубодилаи иттилоот, имкони ҳалли муштараки мушкилоти миқёсан калони функсионалӣ ва истеҳсолӣ ва кам кардани хароҷоти муомилотро метавон қайд кард [2,с.88].

Дар доираи кластер устувории иқтисодии корхонаҳои хурду миёна ба таври назаррас афзоиш ёфта, қобилияти онҳо барои ҳалли вазифаҳои логистикӣ, инноватсионӣ, кадрӣ ва дигар масъалаҳо дар заминаи саъю кӯшишҳои муштарак васеъ карда мешавад. Бо назардошти афзалиятҳои муносибати кластерӣ дар системаи дастгирии корхонаҳои хурду миёна ва ҳадафҳои стратегии ҳудуд бартариҳои зеринро метавон фарқ кард:

1. Кластери корхонаҳои хурду миёна ба таъсири манфии муҳити зист бештар тобовар буда, умри дарозтар дорад ва аз хатарҳо беҳтар муҳофизат карда мешавад. Аз ин рӯ, дастгирии кластер дар муқоиса бо дастгирии корхонаҳои инфиродӣ хурду миёна хатари сарфакорона харҷ кардани захираҳои маҳдудро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Корхонаҳои хурди инфиродӣ метавонанд зуд ба вуҷуд оянд ва нопадид шаванд, аммо кластер, чӣ тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ташаккули устувортар дорад.

2. Аз сабаби маҳдудияти захираҳо, салоҳиятҳо ва уфуқи тасмимгирӣ, корхонаҳои хурди инфиродӣ ба тағйирёбии симои иқтисодии минтақа ва ё ташаккули мунисипалии калон кам аҳамият доранд. Муттаҳидсозии онҳо ба кластерҳо ба мо имкон медиҳад, ки тақсимоти самараноки меҳнат ва ҳамкориҳои минбаъдаро ба даст оварда, маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир ва талабшударо истеҳсол кунем. Корхонаҳои хурд, дар навбати худ, ба истеҳсоли маҳсулоти одӣ машғуланд ва одатан сатҳи нисбатан пасти технологӣ доранд. Аз ин рӯ, ташаккули кластерҳои истеҳсолкунандагон роҳи реалии диверсификатсияи иқтисодиёт мебошанд (Италия, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо, ки кластерҳои корхонаҳои хурду миёна ҳаҷми калони маҳсулоти коркардро таъмин мекунанд, таҷрибаи мувофиқ доранд).

3. Дастгирии кластер маҳдудиятҳои тиҷорати хурдро марбут ба маҳдудияти молиявӣ, кадрҳо, захираҳои ташкилӣ ва салоҳияти кормандон кам ва ё аз байн мебарад. Дар доираи равиши анъанавӣ бояд ба корхонаҳои инфиродӣ маблағгузорӣ, машварат ва дастгирии ташкилӣ таъмин карда шавад. Ғайр аз ин, интихоби оқилонаи гирандагони чунин дастгирӣ дар алоҳидагӣ проблемаи методологӣ ва идоракуниро дар бар мегирад. Таъмини захираҳо барои муассисаҳои рушди кластер ва фароҳам овардани шароит барои истифодаи дастаҷамъона оқилона аст.

**Ҷадвали 1. Ҳадаф ва нишондиҳандаҳои намунавӣ оид ба рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳо дар асоси усули кластерӣ**

**Table 1. Model goals and indicators for small and medium business development in the regions based on the cluster method**

| Ҳадафҳо | Нишондиҳандаҳо |
|---|---|
| 1.Ташаккул ва рушди кластерҳои баркамолшудаи корхонаҳои хурду миёна | 1.1. Шумораи кластерҳои соҳибкории хурду миёна дар минтақа<br>1.2. . Шумораи кластерҳои корхонаҳои хурду миёна, ки дар онҳо занҷири пурраи арзиш ташаккул ёфтааст |
| 2. Ташкили маҳсулоти тайёр дар истеҳсолот | 2.1. Ҳаҷми умумии истеҳсоли кластер<br>2.2. Ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кластер<br>2.3. Ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна дар ҳаҷми умумии истеҳсол аз рӯи намуди фаъолиятҳои иқтисодӣ «Истеҳсолот»<br>2.4. Ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳо, хизматрасониҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ «Истеҳсолот » |
| 3. Баланд бардоштани самаранокӣ ва самарабахшии фаъолияти соҳибкорӣ дар заминаи нави техникӣ ва технологӣ | 3.1. Ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои хурду миёна<br>3.2.Сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои хурду миёна<br>3.3. Маблағи миёнаи корхонаҳои хурду миёна<br>3.4.Шумораи ҷойҳои кории сермаҳсул дар корхонаҳои хурду миёна |
| 4. Диверсификатсияи иқтисодиёти ҳудуд (вилоят, шаҳр) | 4.1.Таносуби истеҳсолот дар истеҳсолоти саноатӣ, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, сармоягузорӣ, шуғл |
| 5. Ҳадафҳои мушаххаси стратегии ҳудудҳои алоҳида (дастрасӣ ба бозори ҷаҳонӣ, татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ташаккули тиҷорати даврӣ ва ғайра) | 5.1.Ҳаҷми маҳсулоти содиротии корхонаҳои хурду миёна<br>5.2. Ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои хурду миёна, ки барои татбиқи лоиҳаҳои мушаххас ба истеъмолкунандагони мушаххас ва ғайра дода мешаванд |

Муносибати кластерӣ ба рушди корхонаҳои хурду миёнаи минтақа ислоҳоти мушаххаси ҳадаф ва нишондиҳандаҳои анъанавиро тақозо мекунад [1,с.3]. Ба ақидаи муаллиф, барои аксарияти минтақаҳо нақши стратегии кластерҳои корхонаҳои хурд ва миёна метавонад дар ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои зерин инъикос карда шавад.

Сиёсати рушди корхонаҳои хурду миёна дар асоси муносибати кластерӣ тағйироти муайянро дар шаклу воситаҳои анъанавии дастгирӣ дар назар дорад. Аз нуқтаи назари муаллиф, воситаҳои асосии дастгирии корхонаҳои хурду миёна дар доираи равиши пешниҳодшуда бояд баррасӣ карда шаванд:

1. Ташаккули заминаи институтсионалӣ ва ташкилӣ барои кластери соҳибкории хурду миёна. Барои рушди самараноки кластерҳои корхонаҳои хурду миёна механизми дастаҷамъонаи ҳамкорӣ зарур аст, ва ин имкон медиҳад, ки муттаҳидсозии саъйю кӯшишҳои мақомоти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, институтҳои рушд ва худи корхонаҳои хурду миёна таъмин карда шавад.

2. Танзими эъмор ва ташкили объекту захираҳои истифодаи умум, аз ҷумла сохтмони объектҳои тиҷоратӣ - намоишгоҳӣ, нақлиётӣ ва логистикӣ, объектҳои инфрасохторӣ (масалан, дар доираи рақобати давлатӣ-хусусӣ); ҳамчунин, марказҳои рушди соҳибхтиёрии инноватсионӣ, таҳияи кадрҳо, ташаккули ширкатҳои аутсоринг, ки метавонанд корҳоро барои аксарияти аъзоёни кластер дар сатҳи баланди касбӣ иҷро кунанд.

3. Танзими ҳамкориҳои корхонаҳои хурду миёна, равандҳои интегратсионӣ, ба низом даровардани гардиши кластерҳои дохилибонкӣ. Тадриҷан болоравии мубодилаи дохилибонкӣ яке аз хусусиятҳои фарққунандаи кластер мебошад, аз ин рӯ, онро дар заминаи пахш намудани иттилоот, ҷорӣ кардани шаклҳои ҳозиразамони савдо ва логистика таъмин кардан лозим аст. Бидуни шак, аз ин лиҳоз робита ва ҳамкориҳои устувори корхонаҳои хурду миёнаро бо муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва хизматрасонӣ низ ба роҳ мондан лозим аст.

4. Дастгирии молиявии кластерҳои корхонаҳои хурду миёна дар шароити захираҳои ниҳоят маҳдуди минтақаҳо ва, алалхусус, шаҳрҳо.

Бо вуҷуди ин, тағйир додани қисме аз маблағҳо, ки ҳоло барои рушди соҳибкории хурду миёна равона шудаанд, ба монанди дастгирии кластер, имконпазир аст. Масалан, барномаи "Рушди иқтисодӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ" ва ғайра. Ташаккули кластерҳои корхонаҳои хурду миёна самараи дастгирии соҳибкории хурду миёнаро ба таври назаррас баланд бардоштан лозим аст, ки ин маҳдудият ва хатарҳои ин намуди фаъолиятро коҳиш дода, рушди онро мувофиқи биниш ва мақсадҳои худуд ба танзим медарорад.

**АДАБИЁТ**


1. Антипин И.А. Кластерный подход в развитии малого и среднего предпринимательства региона / И.А. Антипин // Universum: Эконоика и юриспруденция. Научн. журн. - 2017. -№2(35).
2. Березева А.Т. Региональные основы формирования и развития экономических кластеров малых предприятий: автореф. дис….канд. экон. наук / А.Т. Березева.- Владикавказ, 2012. -27 с.
3. Бувальцева В.И. Идентификация факторов кластеризации малых предприятий в промышленно развитых регионах / В.И. Бувальцева, И.В. Корчагина // European Social Science Journal. – 2011. -№3. -С.312-320.
4. Корчагина И.В. Вопросы методологии формирования кластеров в регионе ресурсного типа / И.В. Корчагина // Общественные науки. - 2011. -№6. -С.398.
5. Корчагина И.В. Процессы кластеризации в регионе: формирование протокластера малоэтажного строительства / И.В. Корчагина // Казанская наука. - 2012. -№2. -С.99.
6. Логинова, А.Г. Актуальные проблемы малого и среднего предпринимательства современной России / А.Г. Логинова, Е.Ю. Юричева // Вестник Марийского государственного университета. Серия: Сельскохозяйственные науки. Экономические науки. - 2018. -Т.3. -№7. -С. 71-75.
7. Малков М.В. Создание кластеров малых предприятий как один из способов стимулирования регионального развития / М.В. Малков // Известия Иркутской государственной экономической академии. - 2007. -№2. -С.98-100.
8. Мамедова Н. А. Малый бизнес в рыночной среде / Н.А. Мамедова, Е.А. Девяткин. -М.:НИЦ ИНФРА-М, 2019.
9. Морозко, Н.И. Механизм формирования финансового потенциала малого бизнеса / Н.И. Морозко. -М.:НИЦ ИНФРА-М, 2019. -314 с.
10. Прогноз развития крупнейшего города: конструирование инновационного будущего / Ю.Г. Лаврикова, И.А. Антипин, А.А. Прядеин, А.В. Суварова // Экономические и социальные перамены. - 2016. -№6. -С.214-235.

**РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР МИНТАҚА**

Дар мақола муҳиммияти дастгирии соҳибкории хурду миёна, ки бар танзими таъсиси корхонаҳои нав асос ёфтааст, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маҳдудиятҳо ва ҷиҳатҳои хавфноки он муайян карда шудаанд. Масъалаҳои асосии рушди соҳибкории хурду миёна муайян карда шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки самаранокии соҳибкорӣ дар иқтисоди бозаргонӣ яке аз занҷираҳои бозор маҳсуб меёбад, зеро он як навъ катализатор барои рушди иқтисод мебошад. Соҳаи соҳибкорӣ дар рушди иқтисоди минтақа нақши муҳим дорад. Бинобар ин, дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ механизми муҳимми рушди соҳибкории хурду миёна татбиқи муносибати кластерӣ мебошад. Ҷорӣ намудани муносибати кластерӣ ба муттаҳидсозии кори корхонаҳо мусоидат менамояд. Фикру мулоҳизаҳо оиди мувофиқи мақсад будани дастгирии на танҳо корхонҳои хурд ва миёнаи алоҳида, балки кластерҳои онҳо асоснок карда шудаанд. Дар кор инчунин ҳадафҳо, нишондодҳо, методу усулҳои сиёсати рушди соҳибкории хурду миёна бар асоси муносибати кластерӣ мухтасаран ифода ёфтаанд. Сиёсати рушди корхонаҳои хурду миёна дар асоси муносибати кластерӣ тағйироти муайянро дар шаклу воситаҳои анъанавии дастгирӣ дар назар дорад. Аз нуқтаи назари муаллиф, воситаҳои асосии дастгирии корхонаҳои хурду миёна дар доираи равиши пешниҳодшуда бояд баррасӣ карда шаванд:

**Калидвожаҳо:** минтақа, корхонаҳои хурд ва миёна, соҳибкорӣ, кластер, рушди иқтисодӣ.

**РАЗВИТИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕГИОНЕ**

В статье рассматривается актуальность поддержки малого и среднего предпринимательства, основанной на стимулирования создания новых предприятий. Определены ограничения и риски данного подхода. Уточнена содержательная сущность, основные вопросы развития малого и среднего предпринимательства. Автор исходит из того, что эффективность предпринимательства в системе развитой рыночной экономики является одним из основных сегментов рынка, так как она является ключевым способом и катализатором экономического роста. В развитии регионального экономического сектора особую роль играет предпринимательский сектор. В связи с этим, в условиях инновационной экономики важным механизмом развития малого и среднего предпринимательства является применение кластерного подхода. Внедрение кластерного подхода в экономике предприятий способствует росту деловой активности субъектов предпринимательства. Доказан тезис целесообразности поддержки не отдельных малых и средних предприятий, а их кластеров. В работе анализированы показатели, цели, формы и методы политики по развитию малого и среднего предпринимательства на основе кластерного подхода. Политика развития средних и малых предприятий на основе кластерных отношений подразумевает определенные изменения в традиционных формах и методах поддержки. С точки зрения автора, основные методы поддержки малого и среднего предпринимательства должны быть рассмотрены в представленных методах.

**Ключевые слова:** регион, малые и средние предприятия, предпринимательство, кластер, экономическое развитие.

**DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM ENTREPRENEURSHIP IN THE REGION**

The article discusses the relevance of supporting small and medium-sized enterprises, based on stimulating the creation of new enterprises. The limitations and risks of this approach are identified. The substantive essence, the main issues of the development of small and medium-sized enterprises have been clarified. The author proceeds from the fact that the effectiveness of entrepreneurship in the system of a developed market economy is one of the main market segments, as it is the key way to catalyze economic growth. The author proceeds from the fact that the effectiveness of entrepreneurship in the system of a developed market economy is one of the main market segments, as it is the key way to catalyze economic growth. The entrepreneurial sector plays a special role in the development of the regional economic sector. In this regard, in the conditions of innovative economies, an important mechanism for the development of small and medium. The introduction of a cluster approach in the economy of enterprises contributes to the growth of business activity of business entities. It has been proved that the thesis of the advisability of supporting not individual small and medium enterprises, but their clusters. The paper analyzes indicators, goals, forms and methods of policies for the development of usmall and medium-sized enterprises based on a cluster approach. The policy of developing medium and small enterprises on the basis of cluster relations implies certain changes in traditional forms and methods of support. From the point of view of the author, the main methods of supporting small and medium-sized enterprises should be considered in the presented methods.

**Keywords:** region, small and medium enterprises, entrepreneurship, cluster, economic development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Самадзода Фардиса Ҳомиддухт*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **935-30-38-59.** E-mail: **SamadzodaF@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Самадзода Фардиса Хомиддухт*** **–** Таджикский национальный университет, аспирант кафедры информационных систем в экономике. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **935-30-38-59.** E-mail: **SamadzodaF@mail.ru**

**Information about the author:** ***Samadzoda Fardisa Khomidduht*** **-** Tajik National University, graduate student of the Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **935-30-38-59.** E-mail: **SamadzodaF@mail.ru**

УДК: 330.322

# ИННОВАТСИЯ ҲАМЧУН ЯК ҶУЗЪИ УНСУРИ СТРАТЕГИЯИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ

*Одинаев Ш.Т., Тураев Н.А.*
**Институти иқтисодиёти кишоварзии АИ КТ**

Шароити объективии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ синергетикӣ буда, ҳамкориву вобастагии захираҳои зарурӣ (замин, воситаҳои истеҳсолот, объектҳои меҳнат, молиявӣ ва захираҳои зеҳнӣ) ва раванди истеҳсолот дар он ин захираҳо ва маҳсулоти тайёр (тақсимот ва фурӯши он) истифода мешаванд.

Қисмати муҳимтарини фаъолияти иқтисодӣ ин инноватсия ва сармоягузорӣ мебошанд. Истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ бо таҷдиди фондҳои асосӣ алоқаманд аст, ки ҷамъоварии миқдори зиёди захираҳои сармоягузориро талаб мекунад. Фосилаи байни лаҳзаи вақти сармоягузорӣ ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионии гирифташуда дар шакли даромад ва фоида ҳалли мушкили идоракунии рушди мутавозини фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории субъектҳои соҳибкориро тақозо мекунад.

Дар марҳилаи кунунӣ болоравии соҳаи кишоварзӣ бидуни гузариш ба роҳи инноватсионии рушд ғайриимкон аст, ки омили асосии баланд бардоштани самаранокӣ дар иқтисоди бозоргонӣ мебошад.

Мафҳуми "инноватсия" (аз калимаи лотинӣ. Innovattio- "навсозӣ", "тағйирот") дар аксари луғатҳои иқтисодӣ ҳамчун навоварӣ шарҳ дода мешавад ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодиёти оиди ҷорӣ кардани таҷҳизоти нав, технологияҳо ва ғайра дида мешавад [1].

Мафҳуми навоварӣ дар адабиёти илмӣ истифода гардида, шаклҳои нави технологӣ ва техникиро, ки аз асри XX сар мешаванд, тавсиф мекунад.

Муайян кардани моҳияти навовариҳо гуногунанд. Ҳамин тавр Й. Шумпетер навовариро ҳамчун "... комбинатсияи нави илмии муташаккили омилҳои истеҳсолӣ, ки бо рӯҳияи соҳибкорӣ асос ёфтааст", мешуморад [2]. Рушди иқтисодиро Й. Шумпетер ҳамчун гузариш аз бӯҳрон ба бозсозӣ, яъне сифати нави истеҳсолот, ки ба инноватсия асос ёфтааст, шарҳ медиҳад.

А.С. Кулагин навовариро ҳамчун маҳсулоти нав (такмилёфта), роҳи (технологияи) истеҳсолот, навоварӣ ё такмили системаи ташкили истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мешуморад [3].

Тибқи «Дастури Фраскати» олимони хориҷӣ инноватсияро натиҷаи ниҳоии навоварӣ муайян мекунанд, ки дар шакли раванди нави такмилёфтаи технологӣ ҷорӣ шудааст [4].

Айни замон шарҳи категорияи иқтисодии "инноватсия" аз ҷониби иқтисоддонҳои хориҷӣ ва ватанӣ муайян карда мешавад.

Дар баробари истилоҳи "инноватсия" дар адабиёти ватанӣ, истилоҳи "навоварӣ" истифода мешаванд.

Ба назари мо, ин мафҳумҳо бояд фарқ кунанд. Навоварӣ як самти нави амал, усул, натиҷаи расмии таҳқиқот ва таҳия дар ҳама гуна соҳаи фаъолият мебошад.

Истилоҳи "инноватсия" бошад, маънои онро дорад, ки навоварӣ танҳо аз лаҳзаи қабул барои тақсимот истифода шуда, навоварӣ сифати нав пайдо мекунад.

Тавсия дода мешавад, ки инноватсияҳоро ҳамчун натиҷаи ниҳоии таҳқиқоти илмӣ ё кашфиёт, ки аз аналоги қаблӣ сифатан фарқ ва ба истеҳсол ворид карда шуда, барои корхона самараи муайян медиҳанд ва аз нуктаи назари иқтисодӣ, техникӣ ё иҷтимоӣ манфиати истеъмолкунанда баҳодиҳӣ мешавад, дониста шаванд.

Аксарияти тадқиқотҳои илмии навовариҳо аз усули шумпетерӣ бартарӣ доранд, ки диққати асосиро на ба тағйири бозор ё таҷдиди маҳсулот, балки ба сифат ва технологияи онҳо равона месозанд [5]. Дар таърифи навовариҳо, ки ба кори Й. Шумпетер асос ёфтааст, муаллифон ба истифодаи тиҷоратӣ, рушди бозор ва таъмини рақобатпазири дарозмуддат тамаркуз мекунанд.

Ҳамзамон, аз нигоҳи эволютсионӣ тамоми ҷараёни инноватсиониро дар маҷмӯъ баррасӣ кардан мувофиқи мақсад аст, зеро маънои иқтисодии навовариҳои алоҳида танҳо дар доираи «бахши инноватсионӣ»-и иқтисодиёт зоҳир мешавад. Аммо маҷмӯи нави илмӣ ва ташкилии омилҳои истеҳсолӣ, ки ба тағйироти сифатии сохтори бозори молҳо ва

хизматрасонӣ ва инчунин, дар шаклҳои ташкилии соҳибкорӣ натиҷа медиҳанд, танҳо зуҳуроти равшани инноватсия мебошанд.

Ба андешаи М.К. Файзуллоев навоварӣ амали анҷомёфтаи таҷдиди сифатии заминаи технологии истеҳсолоте мебошад, ки аз як тараф, хусусияти номуайян ва кӯтоҳмуддати ин пайванди истеҳсолотро тавсиф мешавад ва аз тарафи дигар, самараи дарозмуддати ба даст омадаи маҷмӯи санадҳои инноватсионӣ ба раванди муттасили инноватсионӣ ҳамроҳ карда шудааст[6]. Мо ин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ мекунем, зеро ягонагии диалектикии фарқият ва муттасилӣ дар навоварӣ зоҳир мешавад.

Ба назари мо, мафҳуми инноватсия дар шароити Тоҷикистон бояд бо истеъмолкунандагон ва талаботи онҳо, бозор ва талаботи он, тағйир додани ин талабот ва талаботҳои органикӣ робита дошта бошад. Навоварӣ бояд ба рақобат дар бозорҳо оварда расонад ва донишҳои илмӣ бошанд, рақобатпазирии дарозмуддатро таъмин кунанд. Ба андешаи мо, категорияи "инноватсия" бояд аз категорияи "навоварӣ" ҷудо карда шавад, зеро метавонад охирин натиҷаҳои таҳаввулоти бунёдии ба таври қонунӣ баровардашударо дарбар гирад. Дар татбиқи амалӣ бошад, навоварӣ метавонад инноватсия шавад.

Ба андешаи мо, навоварӣ ҳамчун натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқоти илмӣ, технологияҳо, тарзи идоракунӣ, ки аз аналогҳои пешинаи худ сифатан фарқ мекунад, дар истеҳсолоти кишоварзӣ татбиқ гардида, ба даст овардани бартаридори рақобатӣ ё гирифтани ҳама гуна шаклҳои манфиат (иқтисодӣ, техникӣ, иҷтимоӣ), самарабахш ва ба таври органикӣ вобаста ба талаботи истеъмолкунандагон, бозор ва талаботи он тағйир дода мешаванд, тавсия дода мешавад.

Ҷузъи инноватсионии сармоягузорӣ ва инноватсия фаъолият аз мукаммалсозӣ ва модернизатсияи раванди такрористеҳсолкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ иборат аст, ки ин имкон медиҳад, самаранокии он баланд бардошта шуда, миқёси сармоягузорӣ барои рушди инноватсионии соҳа ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Дар назарияи муосири инноватсия таснифоти мухталиф пешниҳод карда мешаванд [7]. Ҳамин тавр, вобаста аз объекти татбиқ чор гурӯҳи навовариҳо ҷудо карда мешаванд:

- гурӯҳи якум бо тағйирот дар маҳсулот ё хидмати ниҳоӣ алоқаманд аст;
- дуюм, ба эҷоди нав ва такмили ҷараёни технологии мавҷуда;
- савум маҷмӯи навовариҳои ташкилӣ ва сохториро дар бар мегирад;
- гурӯҳи чорум навовариҳо дар соҳаи менеҷментро дар бар мегирад.

Як гурӯҳ муаллифон навовариро аз рӯйи потенсиал, дараҷаи навоварӣ, ҷой дар раванди инноватсия, миқёси татбиқ, мундариҷа, соҳаҳои татбиқ, марҳилаҳои давраи зиндагии маҳсулот ва ғайра ҷудо мекунанд [8,9].

Байни мафҳумҳои "инноватсия" ва "раванди инноватсионӣ" пайванди ҷудонашаванда мавҷуд аст.

Раванди инноватсия бо эҷод, рушд ва паҳнкунии инноватсия алоқаманд аст. Аз ин рӯ, таъсири навовариҳои ҷудогона танҳо тавассути баррасии зерсистемаи маҳаллии навовариҳои репродуктивӣ таҳлил карда мешавад.

Раванди инноватсионӣ маҷмӯи дигаргуниҳои илмӣ, техникӣ, технологӣ ва ташкилие мебошад, ки дар таҳия ва татбиқи инноватсия рух медиҳанд [10,11]. Хусусияти асосии он ҳатмӣ анҷом додани навовариҳост, яъне ба даст овардани натиҷае, ки барои татбиқи тиҷоратӣ мувофиқ бошад.

Ба андешаи мо, моҳияти равандҳои инноватсионӣ бештар дар хусусияти сикли инноватсионӣ инъикос мешавад, ки дар он навоварӣ бо унсури ҷудогонаи раванди умумии инноватсия ифода ёфтааст. Ғайр аз он инноватсия дар натиҷаи бартарияти истеъмолкунандагон дар бозори навини молу хизматрасониҳо ба даст меояд (расми 1).

Ошкор кардани ҷанбаи бозори инноватсияро ҳамчун шакли иқтисодии даромад аз фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ муайян кардан мумкин аст. Ба ибораи дигар, потенсиали иқтисодии як навовари инфиродӣ аз нуқтаи назари татбиқи раванди инноватсионӣ дар якҷоягӣ бо сармоягузорӣ дар асоси тамоюлоти бозор омӯхта мешавад.

Таҳқиқотҳо нишон доданд, ки раванди инноватсионӣ омили стратегии рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ буда, дар раванди сармоягузорӣ татбиқ карда мешавад ва ба гирифтани самараи иқтисодӣ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, раванди инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҷмӯи равандҳои пайдарпайи системаи иқтисодӣ мебошад. Вобастагии онҳо (равандҳои инфиродии инноватсионӣ) аз тағйирёбии шароити беруна, талаботи

бозор ва афзалиятҳои истеъмолкунандагон бо пешниҳодҳои инноватсионӣ дар ба даст овардани натиҷаҳо, ки ба дигаргуниҳо мувофиқат мекунанд, ташаккул ёфтааст.

**Расми 1. Марҳилаҳои асосии давраи инноватсионӣ**
**Figure 1. The main stages of the innovation cycle**




Арзёбии равандҳои инноватсионӣ, ки дар ташкилотҳои алоҳида дар соҳаи истеҳсолот ва илм ба амал меоянд. Баҳодиҳии маҷмӯи потенсиалӣ нишон дод, ки дар аксари ҳолатҳо рушди инноватсия истифодаи донишҳои дахлдори илмиро талаб намекунад, вале хеле муҳимтар қонеъ кардани талаботи муштариён мебошад.

Ҷузъҳои асосии механизми идоракунии стратегии фаъолияти инноватсионӣ ин муносибатҳо, усулҳо, воситаҳо ва нишондиҳандаҳое мебошанд, ки моҳияти мундариҷаи идоракуниро дар доираи татбиқи стратегияҳо тавсиф мекунанд. Инчунин, дар доираи ин механизм ба системаи идоракунии стратегӣ таъсир расонида, фаъолияти инноватсиониро таъмин менамояд. Ин омилҳо ба таъсири манфӣ ва мусбии инноватсионии корхона мусоидат менамояд. Ба андешаи мо, баррасии потенсиали инноватсионӣ ҳамчун тавсифи сифатӣ, қобилиятӣ, барои таъмини татбиқи равандҳоион дар ҳадафҳои стратегии ташкилот мебошад. Дар ин маврид, потенсиали инноватсионӣ чунин намудҳои зеринро дарбар мегирад: технологӣ, зеҳнӣ, иттилоотӣ, иқтидори эҳтимолии бозори инноватсионӣ ва ғайра.

Дар асоси ин, барои таъмини фаъолияти пурсамари соҳаи кишоварзӣ таҳияи стратегияи ҳамаҷонибаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ зарур мебошад[12].

Хусусияти раванди инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар он аст, ки тавсеаи такрористеҳсолӣ он омилҳои таъсиррасон ҳангоми рушд, фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ ба назар гирифта шаванд. Сарфи назар аз гуногуншаклӣ будани омилҳо, ки ба рушди фаъолияти сармоягузорӣ, инноватсионии соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд, онҳоро ба гурӯҳҳои якхела муттаҳид намоянд: беруна ва дохилӣ. Ин имкон медиҳад, дар муддати муайян инкишоф ёфта, манбаи мушкилот нагарданд ва фаъолияти оптималии худро таъмин намоянд.

Хусусияти сармоягузорӣ ва навоварӣ дар кишоварзӣ шакли механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Муаллиф зери мафҳуми механизми ташкилию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ системаи шаклҳои итисодӣ, усулҳои он, пешбинӣ, банақшагирӣ, назорат ва ҷараёни сармояро мефаҳмад. Ин равандҳо дар шароити тағйирёбандаи дохилӣ ва хориҷии бозори сармояҳо идора карда мешаванд.

Ташаккули механизми ҳавасмандсозии модернизатсияи инноватсионии соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ҳалли чунин вазифаҳои сиёсати давлатии илмию техникӣ ва инноватсиониро ба монанди:

- ташкили рақобати илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷдиди захираҳои он;
- бунёди низоми самараноки модернизатсияи инноватсионии соҳаи кишоварзӣ дар минтақа;
- рушди институтҳои институтсионалӣ, ҳифзи натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳия;
- ташаккули системаи идоракунии модернизатсияи инноватсиониро дарбар мегирад.

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, навовариҳо дар соҳаи кишоварзӣ ин татбиқи лоиҳаҳои мушаххас, ба даст овардани дониш, татбиқи тиҷорат ва бозгардонидани сармояҳо мебошанд. Татбиқи пайдарпайи ин марҳилаҳои сикли инноватсиониро ташкил медиҳад.

Такмили ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд дар ду самт амалӣ карда шавад: навсозӣ ва ташаккули робитаҳои кооперативии корхонаҳои соҳа. Бо

назардошти навсозии соҳа, рушди робитаҳои кооперативӣ ва такмил додани шаклҳои ташкилии фаъолияти инноватсионии кишоварзӣ тавассути татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ муайян карда мешаванд [13].

Ба ибораи дигар, самаранокии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ на танҳо аз фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, балки аз ҳамкорӣ бо унсурҳои системаи коллективӣ, ташкил ва истифодаи дониш вобастагӣ дорад.

Раванди инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҷараёни доимии истифодаи технологияҳои нав дар истеҳсолот бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти босифат мебошад. Хусусияти асосии раванди инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ ин истеҳсоли маҳсулоти нав набуда, балки рушди технологияҳои нав дар амалия ва дастовардҳои илмӣ дар соҳа мебошад.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, инноватсия як ҷузъи стратегии субъекти соҳибкорӣ, ки барои нигоҳ доштани афзалиятҳои рақобатии фаъолияти сармоягузорӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ зарур мебошад ва дар шакли лоиҳаҳои инноватсионии сармоягузорӣ татбиқ карда мешаванд.

## АДАБИЁТ


1. Баутин В.М. Инновационная деятельность в АПК / В.М. Баутин // АПК: экономика, управление. - 2005. -№8. - С.17-22.
2. Белякова Е.В. Управленческие технологии инновационного развития региона: теория и методология: автореф. дисс. докт. Зоидов К.Х. Иқтисоди инноватсионӣ: таҷриба, мушкилот, роҳҳои ташаккул / К.Х. Зоидов. - М.: АИР, ИМ АИ ҶТ, 2006. - 168 с.
3. экон. наук: 08.00.05 / Е.В. Белякова. - Красноярск, 2009. - 36 с.
4. Кулагин А.С. Инновационная деятельность в условиях рынка / А.С. Кулагин, П.Н. Завлин, А.А. Ипатов. - СПб., 1994.
5. Монастырный Е.А. Методологическое обеспечение развития региональной инновационной системы в условиях современной экономики России: автореф. дисс. докт. экон. наук: 08.00.05 / Е.А. Монастырный. -Томск: Изд-во Института экономики и организации промышленного производства Сибирского отделения РАН, 2009. - 46 с.
6. Нечаев В.И. Организация инновационной деятельности в АПК. учебник / В.И. Нечаева. -М.: Колос, 2010. - 327 с.
7. Одинаев Ш.Т. Рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.Т. Одинаев // Паёми Донишгоҳи Руссия-Тоҷикистон (Славянӣ) университет. –Душанбе, 2013. -№4(43).
8. Одинаев Ш.Т. Таъсири сармоягузорӣ ва равандҳои инноватсионӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ / Ш.Т. Одинаев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, 2012. -№5(48). -С. 274-278.
9. Одинаев Ш.Т. Ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо: хусусиятҳо ва роҳҳои ноил шудан / Ш.Т. Одинаев, Б.С. Музаффаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе: Сино, 2013. -№2/5(117). -С.256-258.
10. Современный толковый словарь русского языка / Под ред. А.С. Кузнецова. - М., 2004. - 245 с.
11. Файзуллоев М.К. Развитие инновационных процессов Республики Таджикистан / М.К. Файзуллоев // Логистика – евразийский мост: матер.VI Междунар. науч. практ. конф. Краснояр. гос. аграр. ун-т.- Красноярск, 2011.-Ч.2 - С.402-412.
12. Файзуллоев М.К. Ташаккул ва рушди намуди инноватсионии саноати миллӣ / М.К. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе: Сино, 2012. – №2/8(100). -С. 21.
13. Фомина А.В. Методология инновационного стратегического управления в энергетических компаниях: автореф. дисс. докт. экон. наук: 08.00.05 / А.В Фомина.. - СПб.: ГОУВПО «Санкт - Петербурский государственный университет аэрокосмического приборостроения», 2009. - 44 с.


## ИННОВАТСИЯ ҲАМЧУН ЯК ҶУЗЪИ СТРАТЕГИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ


Дар мақола аҳамияти муҳимми инноватсияе, ки бо истеъмолкунандагон талаботи бозор ва алоқамандии он қайд гардидааст, таҳлил оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти инноватсионии марбут ба навсозии фондҳои асосӣ, ки ҷамъоварии миқдори зиёди захираҳои сармоягузориро талаб мекунад, роҳи инноватсионии рушди соҳаи кишоварзӣ дар марҳилаи кунунӣ, ки омили асосии баланд бардоштани самаранокӣ дар иқтисоди бозорӣ мебошад, муайян карда шуд.Дониши илмӣ оид ба таъмини рақобатпазирии дарозмуддати инноватсия дар бозорҳо, инчунин татбиқи он дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади ба даст овардани афзалият ё фоида баҳо дода мешавад.Қайд кардан муҳим аст, ки сармоягузорӣ ва инноватсия ин такмил ва модернизатсияи раванди такрористеҳсолкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки самаранокиро баланд бардошта, миқёси сармоягузориро дар рушди инноватсионии соҳа ба таври назаррас зиёд намояд.



**Калидвожаҳо:** инноватсия, сармоягузорӣ, маҳсулот, корхонаҳои кишоварзӣ, раванди истеҳсолот, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ, рушд, омилҳо, афзоиш, самаранокӣ, иқтисоди бозорӣ, фаъолият, захираҳо, таҷҳизот, технологияҳо, рақобатпазирӣ.

**ИННОВАЦИИ КАК СОСТАВЛЯЮЩИЙ СТРАТЕГИЧЕСКИЙ ЭЛЕМЕНТ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

В статье отмечается важность понятия инновации, связанного с потребителями и их потребностями, с рынком и его требованиями, анализированы производство и реализация инновационной продукции, сопряженные с обновлением основных средств, что требует аккумулирования большого объема инвестиционных ресурсов, уточнен инновационный путь развития аграрного сектора на современном этапе, который является главным фактором повышения эффективности в условиях рыночной экономики.Оценены научные знания об обеспечении долгосрочной конкурентоспособности инноваций на рынках, а также внедрение их в сельскохозяйственное производство, с целью получения конкурентных преимуществ или выгод.Важно отметить, что инновационная составляющая инвестиционно-инновационной деятельности заключается в совершенствовании и модернизации воспроизводственного процесса в сельском хозяйстве, что позволяет повысить его эффективность и существенно увеличить масштабы инвестирования в инновационное развитие отрасли.

**Ключевые слова:** инновация, инвестиция, продукция, сельскохозяйственные предприятия, производственный процесс, производство и реализация инновационной продукции, развитие, факторы, повышение, эффективность, рыночная экономика, деятельность, ресурсы, техника, технологии, конкурентоспособность.

**INNOVATION AS A COMPONENT OF THE STRATEGIC ELEMENT OF INVESTMENT ACTIVITY**

The article notes the importance of the concept of innovation associated with consumers and their needs, with the market and its requirements, analyzes the production and sale of innovative products associated with updating fixed assets, which requires the accumulation of a large amount of investment resources, clarifies the innovative way of developing the agricultural sector at the present stage, which is the main factor in increasing efficiency in a market economy.The scientific knowledge on ensuring the long-term competitiveness of innovation in the markets, as well as its implementation in agricultural production in order to obtain competitive advantages or benefits, is evaluated.It is important to note that the innovative component of investment and innovation is to improve and modernize the reproduction process in agriculture, which allows to increase its efficiency and significantly increase the scale of investment in the innovative development of the industry.

**Keywords:** innovation, investment, production, agricultural enterprises, production process, production and sale of innovative products, development, factors, increase, efficiency, market economy, activity, resources, equipment, technologies, competitiveness.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Одинаев Шоҳин Талбакович*** **-** Институти иқтисодиёти кишоварзӣ АИ КТ. **Суроға:** 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти Нав 306. Телефон: **918-42-57-57**
***Тураев Неъматулло Асадуллоевич*** **-** Институти иқтисодиёти кишоварзӣ АИ КТ, унвонҷӯ. **Суроға:** 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти Нав 306. E-mail: **nenatullo@bk.ru.** Телефон: **989-01-03-94**

**Сведения об авторах:** ***Одинаев Шохин Талбакович*** **-** Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, заместитель директора по науке и образованию. **Адрес:** 734049, Республики Таджикистан, г Душанбе, улица Хаёти – Нав, 306. E-mail: **economic64@mail.ru.** Телефон: **918-42-57-57**
***Тураев Неъматулло Асадуллоевич***- Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, соискатель. **Адрес:** 734049, Республики Таджикистан, г Душанбе, улица Хаёти – Нав, 306. E-mail: **nenatullo@bk.ru.** Телефон: **989-01-03-94**

**Information about the authors:** ***Odinaev Shokhin Talbakovich*** - Institute of Agricultural Economics, TASKhN, Deputy Director for Science and Education. **Address:** 734049, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayoti-Nav street, 306. E-mail: **economic64@mail.ru.** Phone: **918-42-57-57**
***Turaev Nematullo Asadulloevich*** - Institute of Agricultural Economics of the Tashkent Agricultural Academy, applicant. **Address:** 734049, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayoti-Nav street, 306. E-mail: **nenatullo@bk.ru.** Phone: **989-01-03-94**

**УДК 336.7**

## ВЛИЯНИЕ ДЕНЕЖНЫХ ПЕРЕВОДОВ НА ТРАНСФОРМАЦИЮ МОНЕТАРНЫХ ПРОПОРЦИЙ НА ЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Обидова М.Р.***
**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

В условиях трансформаций монетарных пропорций национальной экономики Таджикистана денежные переводы играют весомую роль при сопоставлении их объёма с ВВП. Таджикистан остаётся зависимой страной от поступления средств за счет дохода трудовых мигрантов. Известно, что денежные переводы являются важным локомотивом социально-экономического развития страны. Сегодня динамика роста денежных переводов, их масштабы, факторы его формирования, а также проблемы обеспечения макроэкономической стабильности находятся в центре внимания большинства экономистов. Экономическая ситуация в стране

относительно стабильна, но в большинстве случаев она зависит от внешних факторов, что в первую очередь негативно влияет на паритет покупательной стоимости национальной валюты.

На сегодняшний день одной из важнейших причин снижения курса национальной валюты считаются денежные переводы.

По совместным аналитическим исследованиям Всемирного банка и МВФ в области миграции и интенсивности денежных переводов также становится заметно, что основными получателями денежных ресурсов являются Республика Киргизия, Республика Таджикистан, Молдавия, Косово и другие страны. В Республике Киргизии сумма денежных переводов относительно к ВВП составляет 33,6%, в Республике Таджикистан – 31,0%, в Молдавии – 16,1%, в Косово – 15,8%, и в других странах также идет в убывающем порядке (диаграмма 1).

**Диаграмма 1. Динамика интенсивного притока денежных переводов в Европу и Центральную Азию в 2018 году**

**Diagrams 1. Dynamics of the intensive inflow of remittances to Europe and Central Asia in 2018**




Источник: Данные Всемирного банка и МВФ// Migration and Development brief 31, April 2019. Migration and Remittances [электронный ресурс] статистических данных платежного баланса

Следует отметить, что финансирование системы образования, особенно общего среднего образования в большей степени осуществляется из средств местного бюджета, однако в последнее время наблюдается рост доли республиканского бюджета в общем государственном бюджетном финансировании сектора.

В табл. 1 нами показана структура распределения финансовых средств в образовательной сфере Республики Таджикистан из государственного бюджета на образование, где они достаточно неравномерны. Более половины государственного бюджета на 58% уходит на финансирование общего среднего образования, а на дошкольное воспитание и образование всего 6%, начальное профессиональное образование 1,55% на среднее профессиональное образование 4,0%, высшее профессиональное образование 16,2% и другие расходы 13,1%. За период 2014-2018 гг. в структуре государственных затрат сектора по уровням образования не произошли значительные изменения. Общее образование сохранило преобладающее положение в структуре затрат.

**Таблица 1. Общие расходы, расходы государственного бюджета в сфере образовании Республики Таджикистан**

**Table 1. General expenses, expenditures of the state budget in the field of education of the Republic of Tajikistan**

| Годы | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019 к 2010, в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Расходы сферы образования | 1068300 | 1363359 | 1607800 | 2130836 | 2516965 | 2918639 | 3146229 | 3581109 | 3863064 | 4404877 | 412,32 |
| %, к ВВП | 4,4 | 4,5 | 4,5 | 5,1 | 5,2 | 5,5 | 5,5 | 6,1 | 5,8 | 5,6 | 127,2 |
| %, к госбюджету | 15,8 | 15,9 | 15,5 | 17,3 | 17,8 | 18,8 | 16,9 | 18,0 | 18,1 | 18,2 | 115,5 |
| *В том числе:* | | | | | | | | | | | |
| Дошкольные учреждения | 21951 | 23977 | 29176 | 42538 | 66743 | 125927 | 129708 | 201822 | 241234 | 267197 | 1217,2 |
| Общее образование | 756488 | 919432 | 1041138 | 1311575 | 1740326 | 1783652 | 1951922 | 2101263 | 2338015 | 2596193 | 343,2 |
| Начальное профессиональное образование | 18140 | 23239 | 28169 | 41085 | 43389 | 43959 | 58632 | 59596 | 63146 | 68491 | 377,5 |
| Среднее профессиональное образование | 26025 | 32517 | 35336 | 55489 | 73388 | 83054 | 100162 | 140208 | 146811 | 176903 | 679,7 |
| Высшее профессиональное образование | 177982 | 219626 | 281071 | 337808 | 397694 | 477111 | 556167 | 632751 | 606108 | 716535 | 402,5 |
| Другие | 67714 | 144568 | 192910 | 342341 | 195425 | 404936 | 349638 | 445469 | 467750 | 579558 | 855,8 |

Как видно из табл. 1, государственное финансирование в сфере образования возросло в годы независимости нашей страны. За анализируемый период, как показывают данные, что расходы бюджета сферы образования в 2019 году составляют 4404877 сомони, и соответственно, к ВВП 5,6%, к государственному бюджету 18,2 процентного пункта. Сравнительно с 2010 годом, наблюдается рост государственного финансирования в образовательной сфере на 412,32 и к ВВП 127,2 к расходам госбюджета 115,5 процентного пункта. Также по всем ступеням образования наблюдается динамичный рост, в том числе дошкольные учреждения 267197, общее образование 2596193, начальное профессиональное образование 68491, среднее профессиональное образование 176903, высшее профессиональное образование 716535 и другие 579558, сравнительно с 2010 годом, по ступеням образования произошли некоторые изменения 1217,2; 343,2; 377,5; 679,7; 402,5; 855,8.

Проведённый анализ исследования показал, что затраты госбюджета страны были перераспределены между уровнями образования достаточно равномерно, тем не менее затраты на одного учащегося по уровням образования выросли неравномерно, в основном за счёт неравномерного изменения количества учащихся.

За последние годы анализ статистических данных Республики Таджикистан показывает, что по уровням образования наиболее высокий темп роста затрат наблюдается в начальном и среднем профессиональном образовании, а в учреждениях дошкольного образования в расчете на одного ребенка он был минимальным. Мы считаем, что Правительству Республики Таджикистан необходимо продолжить проведение реформ с целью достижения более равномерного и эффективного распределения государственных финансовых ресурсов. Для решения поставленной задачи Правительством Республики Таджикистан с 01.11.2010 года была внедрена система душевого финансирования в сфере образования, что позволило существенно увеличить эффективность государственных затрат государственного бюджета, и обеспечить равномерность затрат, увеличить прогнозируемость бюджетного процесса и укрепить бюджетную дисциплину на всех уровнях управления [9].

В табл.2 представлена минимальная ставка душевого финансирования в общеобразовательных учреждениях на одного ученика в Республики Таджикистан.

**Таблица 2. Минимальная ставка душевого финансирования в общеобразовательных учреждениях на одного ученика Республики Таджикистан**

**Table 2. Minimum rate of per capita financing in educational institutions per student of the Republic of Tajikistan**

| № | Типы школы | На одного ученика | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018 к 2014 в % |
| 1 | Учреждения среднего общего образования (1-11) | 646 | 665 | 778 | 809 | 825 | 127,7 |
| 2 | Учреждения общего основного образования (1-9) | 804 | 828 | 969 | 1008 | 1028 | 127,8 |
| 3 | Учреждения начального образования (1-4) | 1007 | 1037 | 1213 | 1262 | 1287 | 127,8 |

Как видно из табл. 2, минимальная ставка душевого финансирования в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан за рассматриваемый период составляют в учреждениях среднего общего образования 825 сомони, учреждениях общего основного образования 1028 сомони, учреждениях начального образования 1287 сомони на одного ученика, сравнительно с 2014 года, этот показатель увеличился на 127,7 процентного пункта.

**Рисунок 2. Минимальная ставка душевого финансирования в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан**

**Figure 2. The minimum rate of per capita financing in educational institutions of the Republic of Tajikistan**



Как показывает практика, распределения государственных финансовых средств из государственного бюджета расходы на одного учащегося варьируются по регионам страны. Наибольшие расходы в региональном уровне приходится в ГБАО, а наименьшие расходы приходятся на Хатлонскую область.

**Таблица 3. Минимальная ставка душевого финансирования в одном общеобразовательном учреждении Республики Таджикистан**
**Table 3. Minimum rate of per capita financing in one educational institution of the Republic of Tajikistan**

| № | Тип школы | На одного ученика | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2018 к 2014, в % |
| 1 | Учреждение среднего общего образования (1-11) | 119753 | 123346 | 144315 | 150088 | 153090 | 127,8 |
| 2 | Учреждения общего основного образования (1-9) | 48217 | 49664 | 58107 | 60341 | 611640 | 127,8 |
| 3 | Учреждение начального образования (1-4) | 17359 | 17879 | 20918 | 21755 | 22190 | 127,8 |

Согласно данным табл. 3, минимальная ставка душевого финансирования в одном общеобразовательном учреждении Республики Таджикистан за рассматриваемый период составляют: учреждение среднего общего образования 153090 сомони, учреждение общего основного образования 611640 сомони, учреждения начального образования 22190 сомони, а на одного ученика, сравнительно с 2014 года, этот показатель увеличился на 127,8 процентного пункта.

**Рисунок 3.Минимальная ставка душевого финансирования в одном общеобразовательном учреждении Республики Таджикистан**
**Figure 3. The minimum rate of per capita financing in one educational institution of the Republic of Tajikistan**




Мы считаем, что на национальном уровне необходимо рассмотреть систему душевого финансирования, чтобы обеспечить минимальную вариацию в системе душевого финансирования между регионами республики.

Анализ современной литературы показывает, что из всех видов инвестиций в человеческий капитал одной из главных категорий затрат, имеющих наибольшее значение для повышения уровня и качества человеческого капитала, являются вложения в образование, особенно на общее среднее образование. Кроме того, существуют отличительные особенности вложения инвестиций в общее среднее образование от вложений в физический капитал. Во-первых, существует значительный временный шаг между моментом приобретения инвестиций и получением от них экономической и социальной отдачи. Во-вторых, в реальной

образовательной практике инвестиционный и потребительский аспекты образования тесно взаимосвязаны.

За последнее годы согласно приросту населения республики численность учащихся в общеобразовательных учреждениях увеличивается год за годом. В табл. 4 показана динамика количества учреждений общего образования и численность учащихся в Республике Таджикистан за 2014-2018 гг.

**Таблица 4. Динамика количества учреждений общего образования и численность учащихся в Республике Таджикистан за 2014-2018 гг.**
**Table 4. Dynamics of the number of general education institutions and the number of students in the Republic of Tajikistan for 2014-2018**

| № | | 2014/15 | 2015/16 | 2016/17 | 2017/18 | 2018/19 | 2018/19 к 2014/15, в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Учреждения общего образования | 3845 | 3855 | 3874 | 3879 | 3877 | 100,83225 |
| 1.1 | Дневное обучение | 3836 | 3846 | 3865 | 3870 | 3869 | 100,860271 |
| 1.2 | Вечернее обучение | 9 | 9 | 9 | 9 | 8 | 88,8888889 |
| 2. | Численность учащихся | 1742,8 | 1785,8 | 1838,8 | 1907,7 | 1970,9 | 113,088134 |
| 2.1 | Дневное обучение | 1741,6 | 1784,4 | 1837,8 | 1906,3 | 1970,0 | 113,114378 |
| 2.2 | Вечернее обучение | 1,2 | 1,4 | 1,0 | 1,4 | 0,9 | 75 |
| 3. | Численность мальчиков | 912,2 | 934,2 | 960,5 | 933,2 | 1022,0 | 112,036834 |
| 3.1 | Дневное обучение | 911,2 | 933,2 | 959,8 | 991,8 | 1021,3 | 112,082968 |
| 3.2 | Вечернее обучение | 1,0 | 1,0 | 0,7 | 1,4 | 0,7 | 70 |
| 4 | Численность девочек | 830,6 | 851,6 | 878,3 | 914,54 | 948,9 | 114,242716 |
| 4.1 | Дневное обучение | 830,4 | 851,2 | 878,0 | 914,5 | 948,7 | 114,246146 |
| 4.2 | Вечернее обучение | 0,2 | 0,4 | 0,3 | 0,04 | 0,2 | 100 |

Согласно данным табл. 4, за рассматриваемый период количество учреждений общего образования составляет 3877, в том числе дневное обучение 3869, вечернее обучение 8, сравнительно с 2014-2015 учебным годом, увеличилось на 100,83 процентного пункта, в том числе дневное обучение 100,86, при этом вечернее обучение учреждения уменьшилось на 88,89 процентного пункта. Численность учащихся за рассматриваемый период составляет 1970,9, в том числе дневное обучение 1970 учащихся, вечернее обучение 0,9 учащихся, сравнительно с 2014-2015 учебным годом, численность учащихся увеличилась на 113,08, в том числе дневное обучение 113,11 учащихся, а на вечернем обучении численность уменьшилось на 75 процентного пункта. За рассматриваемый период численность мальчиков составляет 1022,0, в том числе на дневном обучении 1021,3, а на вечернем обучении 0,7, сравнительно с 2014-2015 учебным годом, численность мальчиков увеличилась на 112,03, в том числе на дневном обучении 112,08, а на вечернем обучении уменьшилась на 70 процентного пункта. Численность девочек за анализируемый период составляет 948,9, в том числе на дневном обучении 948,7, а на вечернем обучении 0,2, сравнительно с 2014-2015 учебным годом, численность девочек возросла на 114,24, в том числе на дневном обучении114,25, а на вечернем обучении без изменений.

Таким образом, можно сделать вывод о том, что формирование и развитие человеческого капитала без развития уровня и качества образования в общеобразовательных учреждениях Республики Таджикистан невозможно, потому что именно в общеобразовательных учреждениях формируется первое знание человека. Следовательно, общее образование становится более ценным и динамично развивающимся.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Вайнштейн С. Человеческий потенциал: новые измерители и новые ориентиры / С. Вайнштейн, С. Нестеров // Вопросы экономики. - 1999. -№2. - С. 97.
2. Добрынин А.И. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования / А.И. Добрынин, С.А. Дятлов, Е.Д. Цыренова. - СПб.: Наука, 1999. -С. 6.
3. Дубровская Т.А. Социальная адаптация молодого поколения в условиях общества с рыночной экономикой / Т.А. Дубровская, А.А. Гузилова // Человеческий капитал. - 2010. -№7. –С.539.
4. Дятлов С.А. Теория человеческого капитала / С.А. Дятлов. - Спб.: Изд-во СпбУЭФ, 1996. - С. 25.
5. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 22 июля 2013г. (№1004).

6. Исаенко А.Н. Человеческий капитал в современной экономике / А.Н. Исаенко // США, Канада - ЭПИ. - 2002. - №2. - С.110-127.
7. Капелюшников Р.И. Современные буржуазные концепции формирования рабочей силы: критический анализ / Р.И. Капелюшников. -М.: Наука, 1981. -С. 16.
8. Критский М.М. Человеческий капитал / М.М. Критский. -Л.: Изд-во Ленингр. Ун-та, 1991.- С.4,5.
9. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. –Душанбе, 2016.
10. Шаталова Н.И. Трудовой потенциал работника: проблемы функционирования и развития / Н.И. Шаталова. - Екатеринбург: Изд-во Урал. гос. экон. ун-та, 1998. - С. 17.


## ТАҲЛИЛ ВА БАҲОГУЗОРИИ ВАЗЪИ КУНУНИИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ДАР РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур таҳлил ва баҳогузории вазъи кунунии маълумоти миёна дар рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Имрӯз қайди махсуси омили сармояи инсонӣ имконият медиҳад, ки чунин сарчашмаи муҳимми рушди иқтисодӣ – маълумотнокии одамон ошкор карда шавад. Аз ин рӯ, метавон қайд намуд, ки ба ивази ақоидҳо доир ба маълумотнокӣ, махсусан оиди маълумоти миёна, ҳамчун соҳаи на истеъмолкунанда ва на истеҳсолкунанда чунин консепсия ба миён меояд, ки дар он қайд мегардад, ки таҳсилоти муосир ба худ нақши махсуси иқтисодиро дар ҳаёти инсон ва ҷомеаи муосир касб менамояд. Муаллифони мақола чунин хулосабарорӣ менамоянд, ки дар сатҳи миллӣ бояд низоми маблағгузориро ба ҳар як сари аҳолӣ дида баромад, то ки вариатсияи минималиро дар низоми маблағгузорӣ ба ҳар як сари аҳолӣ байни минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин карда тавонист. Инчунин муаллифони мақола қайд менамоянд, ки аз ҳамаи намудҳои инвеститсияҳо ба сармояи инсонӣ яке аз категорияҳои асосии хароҷот, барои баландбардории сатҳ ва сифати сармояи инсонӣ аҳамияти калон доранд, маблағгузориҳо ба соҳаи маориф мебошанд, махсусан ба таҳсилоти миёна. Ғайр аз ин махсусиятҳои фарқкунандаи маблағгузориҳо ба сохаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз сармоягузориҳо ба сармояи физикӣ мавҷуданд, чунки қадами муваққатиии назаррас байни лаҳзаи бадастории сармояҳо ва гирифтани боздеҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз онҳо вуҷуд дорад ва дар таҷрибаи воқеии таҳсилотӣ ҷанбаҳои инвеститсионӣ ва истеъмолии таҳсилот бо ҳам алоқаи мутақобила доранд.



**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, рушди сармояи инсонӣ, инвеститсияҳо ба сармояи инсонӣ, баландбардории сатҳ ва сифати сармояи инсонӣ, таҳсилот.


## АНАЛИЗ И ОЦЕНКА СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ В РАЗВИТИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье проведены анализ и оценка современного состояния среднего образования в развитии человеческого капитала Республики Таджикистан. В настоящее время выделение фактора человеческого капитала позволяет выявить такой принципиально важный источник экономического роста, как образование людей. Следовательно, можно сказать, что на смену взглядов на образование, особенно на общее среднее образование, как не потребляющую и непроизводительную сферу приходит концепция, в которой подчеркивается, что современное образование приобретает особую экономическую роль в жизни человека и общества. Авторы статьи приходят к выводу о том, что на национальном уровне необходимо рассмотреть систему душевого финансирования, чтобы обеспечить минимальную вариацию в системе душевого финансирования между регионами республики. Также авторы статьи отмечают ,что из всех видов инвестиций в человеческий капитал одной из главных категорий затрат, имеющих наибольшее значение для повышения уровня и качества человеческого капитала, являются вложения в образование, особенно на общее среднее образование. Кроме того, существуют отличительные особенности вложения инвестиций в общее среднее образование от вложений в физический капитал, так как существует значительный временный шаг между моментом приобретения инвестиций и получением от них экономической и социальной отдачи и в реальной образовательной практике инвестиционный и потребительский аспекты образования тесно взаимосвязаны.



**Ключевые слова:** человеческий капитал, развитие человеческого капитала, инвестиции в человеческий капитал, повышение уровня и качества человеческого капитала,образование.


## ANALYSIS AND EVALUATION OF THE MODERN STATE OF SECONDARY EDUCATION IN THE DEVELOPMENT OF HUMAN CAPITAL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


At present, the allocation of the human capital factor makes it possible to identify such a fundamentally important sourc This article analyzes and evaluates the current state of secondary education in the development of human capital of the Republic of Tajikistan. e of economic growth as people's education. Consequently, we can say that the concept of education, which emphasizes that modern education acquires a special economic role in the life of a person and society, is replacing the views on education, especially on general secondary education, as a non-consuming and unproductive sphere. The authors of the article conclude that at the national level it is necessary to consider the per capita financing system in order to ensure minimal variation in the per capita financing system between the regions of the republic. Also, the authors of the article note that of all types of investments in human capital, one of the main cost categories that are most important for increasing the level and quality of human capital is investment in education, especially in general secondary education. In addition, there are distinctive features of investing in general secondary education from investing in physical capital, since there is a significant time step between the moment of acquiring investments and receiving economic and social returns from them and in real educational practice the investment and consumer aspects of education are closely interconnected.



**Keywords:** human capital, the development of human capital, investment in human capital, improving the level and quality of human capital, education.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидова Мунавар Ҳамидовна*** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2. Телефон: (**+992) 934-44-41-08.** E-mail: **Saidova-60@mail.ru**
***Ойматов Бахтиёр Шораҳматович*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: (**+992) 918-78-63-64**
***Гурезов Сироджиддин Изатуллоевич*** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, унвонҷӯ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **918-20-74-74**

**Сведения об авторах:** ***Саидова Мунавар Хамидовна*** – Таджикский государственный университет коммерции, доктор экономических наук, профессор. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А. Дехоти 1/2. Телефон: (**+992) 934-44-41-08.** E-mail: **Saidova-60@mail.ru**
***Ойматов Бахтиёр Шорахматович*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, кандидат экономических наук, кафедры бухгалтерского учета, анализа и аудита. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: (**+992) 918-78-63-64**
***Гурезов Сироджиддин Изатуллоевич*** - Таджикский государственный педагогический университет им. С.Айни, соискатель. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **918-20-74-74**

**Information about the authors:** ***Saidova Munavar Khamidovna*** - Tajik State University of Commerce, Doctor of Economics, Professor. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Dekhoti Street 1/2. Phone: **(+992) 934-44-41-08.** E-mail: **Saidova-60@mail.ru**
***Oimatov Bakhtiyor Shorakhmatovich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, candidate of economic sciences, department of accounting, analysis and audit. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **(+992) 918-78-63-64**
***Gurezov Sirojiddin Izatulloevich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, applicant. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **(+992) 918-20-74-74**

**УДК 938.911.330.15(575.3)**

## НАҚШИ САНОАТ ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД

***Ҷӯраев М.Б.***
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Соҳаи саноат дар иқтисодиёти тамоми давлатҳо, қисми таркибӣ ва пешбарандаи он ба ҳисоб меравад. Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 то соли 1996 соҳаи саноат аз ҳисоби набудани инфрасохтори иқтисодӣ ба як қатор мушкилоти ҳалталаб рӯбарӯ гардид, ки ба маҳдудияти имконоти содиротӣ оварда расонид.

Имрӯз саноати Тоҷикистон ба симои хоси миллии давлати мустақил соҳиб гардидааст. Акнун он бояд ба тамоми хусусиятҳои мақоми нав мутобиқ шуда, дар доираи чорабиниҳои ташкилию техникии илман асоснокшуда, самаранокии истеҳсолотро дар асоси баланд бардоштани дараҷаи коркарди маҳсулоти ниҳоӣ таъмин карда, фаъолият намояд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26-уми декабри соли 2018 ироа гардид, ки "...нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ бояд таъмин кард" [6]. Зеро устувории мавқеи саноат дар таъмини истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистон ва ҳалли масоили муҳимтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла афзун намудани ҷойҳои корӣ ва ба маротиб баланд бардоштани некуаҳволӣ, таъмини бехатарӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо шароити мусоид фароҳам меоварад.

Таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ [5,8,2,3] аз он шаҳодат медиҳанд, ки саноат соҳаи муҳимми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, зеро тараққиёти саноат, махсусан, электроэнергетика, мошинсозӣ ва химия, асоси тараққиёти пешравии илмӣ-техникии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Ба ақидаи Низомова Т., саноати вазнин пояи асосии тамоми иқтисодиёт буда, ҳамчун асос барои такрористеҳсолоти васеъ ва инкишофи иқтисодии ҳамаи субъектони давлат баромад мекунад [5]. Мо низ ин ақидаро тарафдори менамоем, зеро рушди такрористеҳсоли маҳсулот аз рушди саноати вазнин вобастагӣ дорад.

Рауфи А. чунин аҷида дорад, ки тараққиёти саноати сабук ва хӯрокворӣ аҳолии мамлакатро бо молҳои ниёзи мардум таъмини менамояд [8]. Мо низ ақидаи мазкурро

тарафдорӣ менамоем, зеро таъминоти бозори истеъмолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо молҳои ниёзи рӯзона ва бо назардошти нархҳои дастрас аз истеҳсоли маҳсулоти саноатии ватанӣ вобастагӣ дорад.

Дар тадбиқи саноатикунонии иқтисодиёт минтақаҳои алоҳида нақши муҳимро иҷро мекунанд, ки минтақаи Суғд дар ин ҷо истисно нест. Ҳоло барои муайян намудани ҳиссаи афзоиши субъектони хоҷагидори вилояти Суғдро ба пешрафти иқтисодиёт таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои умуми иқтисодии саноати вилояти Суғд дар солҳои 2013-2018**

**Table 1. Dynamics of general economic indicators of industry of Sughd region in 2013-2018**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳ. чен. | Солҳо | | | | | | 2018 бо (маротиба) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2013 | 2017 |
| Маҳсулоти умумии минтақавӣ | млн. сом. | 10439,9 | 11530,5 | 12036,9 | 14654,8 | 17510,7 | 18343,8 | 1,8 | 1,0 |
| Шумораи корхонаҳо | адад | 324 | 566 | 698 | 604 | 597 | 633 | 2,0 | 1,1 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн. сом. | 4734,1 | 5141,2 | 6102,6 | 8256,9 | 10857,8 | 11498,2 | 2,4 | 1,1 |
| Ҳаҷми содирот | млн. сом. | 360,5 | 449,4 | 468,0 | 446,3 | 505,0 | 559,7 | 1,6 | 1,1 |
| Шумораи миёнаи кормандон | нафар | 16109 | 17836 | 22983 | 25477 | 27228 | 23525 | 1,5 | 0,9 |
| Музди миёнаи меҳнат | сом. | 624,56 | 890,60 | 1127,82 | 1381,39 | 1527,85 | 1640,86 | 2,6 | 1,1 |

Сарчашма: [10]

Чи тавре ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур ба мо маълум мешавад, ҳамаи нишондиҳандаҳои иқтисодии саноати вилояти Суғд дар давраи 2013-2018 рушд намудаанд, ки ин шаҳодати бо суръат амалӣ гардидани ҳадафи чоруми стратегияи интихобгардидаи Ҳукумати мамлакат мебошад, чи тавре ки аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвал ба мо маълум гардид ҳаҷми маҳсулоти саноати дар вилояти Суғд сол то сол зиёд гардида, ҳаҷми содироти маҳсулоти саноати низ сол то сол зиёд шуда истодааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2018 нисбат ба соли 2013 1.6 маротиба зиёд шудааст. Лекин ин нишондиҳандаҳо то ҳол қонеъкунанда нест, чунки вилояти Суғд аз лиҳози захираҳои табиӣ хеле бой буда ва инфрасохтори вилоят барои пешравии соҳаи саноат хеле мувофиқ аст.

**Ҷадвали 2. Динамикаи шумораи миёнаи кормандон дар иқтисодиёти вилояти Суғд**

**Table 2. Dynamics of the average number of employees in the economy of Sughd region**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳ. Чен. | Солҳо | | | | | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2013 | 2017 |
| Шумораи миёнаи кормандони корхонаҳо дар в.Суғд | нафар | 81000 | 88000 | 67000 | 57000 | 51000 | 50390 | 62,2 | 98,8 |
| Шумораи миёнаи кормандони корхонаҳои саноатӣ дар в. Суғд | нафар | 16109 | 17836 | 22983 | 25477 | 27228 | 26540 | 164,8 | 97,5 |
| Ҳиссаи миёнаи кормандони корхонаҳои саноатӣ дар шумораи миёнаи кормандони корхонаҳо дар в. Суғд | % | 19,8 | 20,2 | 34,3 | 44,6 | 53,3 | 52,7 | - | - |

Сарчашма: [10]

Барои баҳодиҳии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақа сохтори онро таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 3. Сохтори соҳаи саноат дар вилояти Суғд (бо %)**
**Table 3. Structure of industry in Sughd region (in%)**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | 2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2013 | 2017 |
| Ҳамагӣ саноат | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 1,4 | 1,2 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 29,1 | 25,8 | 30,6 | 26,3 | 35,4 | 40,9 | 1,7 | 1,0 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Маводҳои энергетикӣ | 1,5 | 2,3 | 3,5 | 3,0 | 2,4 | 2,5 | 1,4 | 1,2 |
| Маводҳои ғайриэнергетикӣ | 27,6 | 26,2 | 27,1 | 23,3 | 33,0 | 38,5 | 0,8 | 0,9 |
| Саноати коркард | 66,7 | 66,8 | 64,0 | 69,0 | 61,3 | 55,6 | 0,5 | 1,0 |
| Аз ҷумла, истеҳсоли: | | | | | | | | |
| нӯшокиҳо ва тамоку | 46,1 | 49,0 | 33,6 | 33,3 | 25,9 | 25,2 | 0,5 | 0,9 |
| нассоҷи ва дӯзандагӣ | 16,1 | 13,1 | 12,5 | 10,2 | 8,9 | 8,3 | 2,0 | 0,7 |
| чарм ва пойафзол | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,4 | 0,3 | 0,2 | - | 0,7 |
| кимиёвӣ | - | - | - | 1,4 | 1,1 | 0,8 | 156,0 | 0,9 |
| металлургия | 0,1 | 0,1 | 11,8 | 16,7 | 17,0 | 15,6 | 0,7 | 1,0 |
| мошинсозӣ | 0,3 | 0,3 | 0,5 | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 1,3 | 0,7 |
| Дигар намуди истеҳсолот | 4 | 4,2 | 5,5 | 6,5 | 7,9 | 5,3 | 1,4 | 1,2 |

Сарчашма: Коркарди муалиф дар асоси маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд 2019- С.166-177

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвал бар меояд, ҳама соҳаҳои саноат аз соли 2016 дар минтақаи вилояти Суғд мунтазам рушд карда истода, ҳамчун фишанги асосии самаранок истифода бурдани захираҳои иқтисодиро дар минтақаи мазкур ифода мекунад.

Ҳамин тавр, саноатикунонии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон фишанги асосии самаранок истифода бурдани захираҳои минтақавӣ ба ҳисоб рафта, мувозинати иқтисодиро дар минтақа таъмин менамояд. Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки вилояти Суғд минтақаи асосии дорои захираҳо ва потенсиали иқтисодии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи ҳафтоду панҷ дар сади истифодаи захираҳои ба минтақаи содиркунандаи маҳсулоти саноатӣ ва дорои потенсиали сармояи молиявӣ мубаддал мегардад.

Барои боз ҳам беҳтар намудан ва татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, чунин пешниҳодҳо дода мешавад:

а) истифодабарии таҷрибаи давлатҳои хориҷа, монанди Чин, Ҷопон, Қазоқистон;

б) ташкили ҷойҳои корӣ барои кормандони баландихтисос ва тайёр намудани мутахассисони соҳаи саноат ;

в) пурра истифода намудани захираҳои табиӣ ва коркарди пурраи он дар миқёси вилоят;

г) мутобиқгардонии усулҳои нави менеҷмент ва ташкили рушди босуботи базаи содиротӣ;

д) ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ бо мақсади наздиккунии истеҳсолкунандагон бо харидорон.

**АДАБИЁТ**


1. Выборова Е.Н. Анализ и прогнозирование экономического состояния организации предприятия легкой промышленности: автореф. дисс. на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Е.Н. Выборова. -Новосибирск: Сиб УПК, 1999. – 22 с.
2. Жебелев И.А. Повышение конкурентоспособности предприятий легкой промышленности: автореферат дис. ... кандидата экономических наук: спец. 08.00.05 Экономика и управление народным хозяйством: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами (сфера услуг) / И.А Жебелев. - М., 2008. - 26 с.
3. Иванов: Особые экономические зоны позволят РФ слезть с «нефтяной иглы» // РИАН.ru, 25.01.2008.
4. Мадаминов А.А. Стратегия устойчивого развития АПК Таджикистана на ближайшую перспективу / А.А. Мадаминов. -Душанбе: ТАУ, 2003. - 32 с.
5. Низомова Т.Д. Таҷдиди сохторӣ ва хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ / Т.Д. Низомова. –Душанбе: Диловар, 2007. – 92 с.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 26 декабри соли 2018. – 26 с.
7. Пириев Д.С. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства Таджикистана в рыночных условиях / Д.С. Пириев. -Душанбе, 2003. – 216 с.
8. Рауфи А. Конкурентная экономика: Монография / А. Рауфи; под общей редакцией д.э.н., профессора Бобоева О.Б. – Душанбе: Дониш, 2014. – 208 с.
9. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. Статистический сборник. -Душанбе, 2009. - С.23-37.
10. Статистический ежегодник Согдийской области. – Худжанд, 2019. – 340 с.

**НАҚШИ САНОАТ ДАР ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

Дар иқтисодиёти тамоми соҳаи саноат қисми таркибӣ ва пешбарандаи он ба ҳисоб меравад. Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1992 то соли 1996 соҳаи саноат аз ҳисоби набудани инфрасохтори иқтисодӣ ба як қатор мушкилоти ҳалталаб рӯбарӯ гардид, ки ба маҳдудияти имконоти содиротӣ оварда расонид. Имрӯз саноати Тоҷикистон ба симои хоси миллии давлати мустақил соҳиб гардидааст. Акнун он бояд ба тамоми хусусиятҳои мақоми нав мутобиқ шуда, дар доираи чорабиниҳои ташкилию техникии илман асоснокшуда самаранокии истеҳсолотро дар асоси баланд бардоштани дараҷаи коркарди маҳсулоти ниҳоӣ таъмин карда, фаъолият намояд. Дар мақола нақши саноат дар пешрафти иқтисодиёти вилояти Суғд мавриди омӯзиш қарор гирифта, таҳлили рушди соҳаҳои алоҳидаи саноат низ мавқеъи муҳимро ишғол намудаанд. Инчунин, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар маҳсулоти умумии минтақавӣ баҳогузорӣ гардида, оиди самтҳои афзалиятноки пешравии соҳаи саноат дар оянда пешниҳодҳо дода шудааст. Саноатикунонии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон фишанги асосии самаранок истифода бурдани захираҳои минтақавӣ ба ҳисоб рафта, мувозинати иқтисодиро дар минтақа таъмин менамояд. Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки вилояти Суғд минтақаи асосии дорои захираҳо ва потенсиали иқтисодии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи ҳафтоду панҷ дар сади истифодаи захираҳои ба минтақаи содиркунандаи маҳсулоти саноатӣ ва дорои потенсиали сармояи молиявӣ мубаддал мегардад.

**Калидвожаҳо:** саноатикунонӣ, инфрасохтор, маҳсулоти ниҳоӣ, рақобатпазирии соҳаи саноат, сохтори соҳаи саноат, модели регрессионӣ

**РОЛЬ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ**

В экономике всех стран промышленная сфера является ее составной и прогрессирующей частью. В экономике Республики Таджикистан с 1992 по 1996 годы сфера промышленности из-за отсутствия экономической инфраструктуры оставалась лицом к лицу с рядом проблем, которые привели к ограничению экспортных возможностей. Сегодня промышленность Таджикистана приобрела свойственный ей облик национального независимого государства. Теперь нужно соответствовать всем свойствам своего нового статуса и вести свою деятельность в рамках научно обоснованных организационных и технических мероприятий и обеспечить эффективность производства на основе увеличения степени разработки конечной продукции В статье автором рассмотрена роль промышленности в развитии экономики Согдийской области. Анализ развития отдельных сфер промышленности занимает важное место. Оценивается объем промышленной продукции в общем объеме продуции региона и предложены приоритетные направления развития промышленной отрасли. Индустрализация национальной экономики Таджикистана является основным инструментом эффективного использования региональных ресурсов и обеспечивает экономическое равновесие в регионе. Проведенный анализ свидетельствует о том, что Согдийская область является основным поставщиком ресурсов и экономического потенциала Таджикистана.

**Ключевые слова:** промышленность, инфраструктура, конечный продукт, конкурентоспособность сферы промышленности, структура сферы промышленности, регрессионная модель

**ROLE OF INDUSTRY IN THE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF THE SOGDIAN REGION**

In the economies of all countries, the industrial sector is its integral and progressive part. In the economy of the Republic of Tajikistan from 1992 to 1996, the industrial sector, due to the lack of economic infrastructure, remained face to face with a number of problems that led to limited export opportunities. Today, Tajikistan's industry has acquired the characteristic appearance of a national independent state. Now you need to meet all the properties of your new status and conduct your activities in the framework of scientifically sound organizational and technical measures and ensure production efficiency based on increasing the degree of development of the final product. The author considers the role of industry in the development of the economy of Sughd region. Analysis of the development of individual industries occupies an important place. The volume of industrial production in the total production of the region is estimated and priority areas for the development of the industrial sector are proposed. The industrialization of the national economy of Tajikistan is the main instrument for the efficient use of regional resources and ensures economic balance in the region. The analysis shows that the Sughd region is the main supplier of resources and economic potential of Tajikistan.

**Keywords**: industry,, infrastructure, end product, competitiveness of industry, structure of the industry, regression model

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷӯраев Меҳроҷ Бобоқулович*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктаранти PHD. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Микрарайони 17, хонаи 1. Телефон: **929-80-09-24**

**Сведения об авторе:** ***Джураев Мехродж Бобокулович*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, докторант PHD. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **929-80-09-24**

**Information about the author:** ***Juraev Mehrodzh Bobokulovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, PhD student. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, Building 1. Phone: **929-80-09-24**

УДК 336.2:65.01(575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА АМАЛИИ ТАЪСИРИ НИЗОМИ АНДОЗ БА РУШДИ ИҚТИСОДӢ

*Бегматов А.А., Одинаев Э.С.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар адабиёти иқтисодӣ ба таъсири низоми андоз ва унсурҳои он ба рушди иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешавад. Назарияҳои зиёде мавҷуданд, ки аз пурра рад кардани таъсири низоми андоз то эътироф намудани он ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ бахшида шудааст.

Аз ин лиҳоз, арзёбии таъсири низоми андоз ба рушди иқтисодӣ яке аз масъалаи мубрами назарияи андоз ва андозбандӣ мебошад, зеро дар шароити иқтисоди бозорӣ андозҳо ҳамчун фишанги асоси танзими давлатии иқтисодиёт баромад мекунанд.

Бори аввал масъалаи таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ аз ҷониби иқтисодшиноси англис Д.Маккол гузошта шуда буд. Вай менависад, ки «Смит фаромӯш кардааст, ки болоравии андоз ба миллат, монанди ба хароҷоти зарурии шахси алоҳида афзоиши оилаи ӯ, таъсир мерасонад. Фишори афзояндаи андоз дар давраи ҷанг, шуруъ аз соли 1793, ки онро ҳамаи синфҳо эҳсос карданд, ба меҳнатдӯстӣ, кордонӣ ва ихтироъ водор намуд ва рӯҳияи иқтисодиётро баланд бардошт, ки мо онро бо воситаи фишангҳои дигаре сусттаъсиррасон ба даст оварда наметавонистем. Агар андозҳо бори гаронтар намебуданд, онҳо чунин натиҷа дода наметавонистанд» [8].

Дар асарҳои марҷиналистҳо (Г. Госсен, В. Ҷевон, Л. Валрас ва дигарон) таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ боз ҳам асосноктар карда мешавад. Аз нуқтаи назари онҳо, дар натиҷаи маҳрум кардани пардохткунанда аз миқдори муайяни маҳсулоти истеҳсолкардаи ӯ ва лаззате, ки аз неъмати ниҳоӣ ба даст оварда мешавад, аз ранҷу талошҳои меҳнатӣ ҳангоми тавлид кардани он зиёдтар хоҳад буд, аз ин рӯ, истеҳсол то баробар шудани лаҳзаи ҳаловат ва ранҷу азоб идома меёбад, яъне таъсири маҷбуран супорандаи миқдори муайяни молҳо бидуни эквиваленти махсус барои афзоиши истеҳсолот мусоидат мекунад [8].

Таъсири танзимкунандаи андоз ба равандҳои макроиқтисодӣ аз ҷониби Ҷ. Кейнс дар асари машҳури вай «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» ҳамаҷониба омӯхта шудааст. Тибқи назарияи кейнсионӣ, низоми андоз бояд табиати прогрессивӣ дошта, ҳамчун воситаи ба даст овардани пасандозҳои нолозим барои сармоягузории минбаъдаи онҳо ба иқтисодиёт ва маблағгузории хароҷоти ҷории давлате, ки ба афзоиши маҷмӯаи талабот дар натиҷаи афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) оварда мерасонад, баромад мекунад. Дар ин ҷо таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ метавонад ҳавасмандкунанда ё маҳдудкунанда бошад, ки ба тариқи зайл сурат мегирад:

1. Афзоиш (ё коҳиш)-и хароҷоти давлатӣ дар ҳолати бетағйироти таъсири дигар омилҳо, бо назардошти таъсири мултипликатсионӣ, афзоиш (коҳиш)-и ҳаҷми ММД меорад.

2. Андозбандӣ боиси коҳиши ҳаҷми даромад баъди пардохти андозҳо мегардад. Ин коҳиш, дар навбати худ, ба кам шудани истеъмол ва пасандозҳо ва дар ниҳоят ҳаҷми ММД оварда мерасонад. Аз ин рӯ, зиёд кардан ва ё кам кардани воридотҳои андозӣ ба буҷет боиси коҳиш (ё зиёд) шудани ҳаҷми ММД мегардад.

3. Афзоиши баробари хароҷоти давлатӣ ва андозҳо аз сабаби таъсири нобаробари мултипликатсияи онҳо боиси зиёд шудани ҳаҷми ММД аз ҳисоби хароҷоти давлатӣ ва андозҳо мегардад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ бояд афзоиши хароҷоти давлатӣ ё кам кардани андозҳо, ҳамзамон, хароҷоти давлатиро афзоиш дода, андозҳо ба самти касри буҷет кам карда мешаванд. Барои паст кардани суръати рушди иқтисодӣ амалиёти баръакс ба ҷо оварда шавад: кам шудани хароҷоти давлатӣ ё баланд бардоштани меъёрҳои андоз ва ҳамзамон кам кардани хароҷоти давлатӣ ва баланд бардоштани меъёрҳои андозҳо дар самти ташаккули изофаи буҷа бо мақсади маҳдуд ё боз доштани афзоиши маҷмӯаи пешниҳод.

Таъсири андозбандӣ ба рушди иқтисодӣ дар ҳар ду ҳолат аз оқибатҳои каср ё профисити буҷет вобаста аст. Ҳангоми касри буҷети давлатӣ ҳавасмандгардонии он ба

иқтисодиёт аз усулҳои маблағгузории каср вобаста аст (гирифтани маблағ бо фурӯши коғазҳои қиматнок ё гирифтани қарз аз Бонки марказӣ). Барои маблағи муайяни барзиёдии буҷет таъсири дефлятсионии он аз чӣ гуна барҳам додани барзиёдии буҷет вобаста аст (баргардонидан ё бозхонд аз муомилот [5].

Намояндагони назарияи иқтисодиёти пешниҳод (Ҷ. Мид, М. Вейденбаум, М. Бернс, Ҷ. Штайн, А. Лаффер ва дигарон) баръакси дастурҳои кейнсионӣ бо баробарии коҳиш додани андозҳо, васеъ кардани имтиёзҳои андозӣ барои корпоратсияҳо ва коҳиши назарраси хароҷоти давлатро пешниҳод мекунанд. Андозҳои камтар, ба фикри онҳо, пасандозҳои хонаводаҳо ва даромаднокии сармоягузориро афзоиш дода, ба афзоиши меъёри андӯхт оварда мерасонад. Ба ибораи дигар, ҳангоми пасти меъёрҳои андоз иқтидори истеҳсолӣ нисбат ба пештара бо суръати баландтар афзоиш хоҳад ёфт ва боиси афзоиши маҷмӯаи пешниҳод ва афзоиши ММД тавассути фаъолияти пуршиддати соҳибкории субъектҳои иқтисодӣ мегардад. Ҳамин тавр, кам кардани меъёрҳои андоз метавонад тавассути зиёд кардани манбаи андоз афзоиши воридоти андозро ба буҷет таъмин менамояд.

Бояд қайд кард, ки аксари иқтисодшиносони муосир (П. Самуэлсон, С. Умбелл, Р. Маконелл, Л. Брю ва дигарон) дар тафсири коҳиши андоз аз нуқтаи назари иқтисодиёти пешниҳод эҳтиёт ҳастанд. Аввалан, таъсири мусбати коҳиши андоз ба ҳавасмандкунӣ ба меҳнат, пасандозҳо ва сармоягузорӣ ва, инчунин, ҳавасмандкунӣ ба таваккалӣ то он дараҷае, ки намояндагони назарияи иқтисодиёти пешниҳод умедбахш мебошанд, шуда наметавонад. Дуюм, зиёд шудани маҷмӯаи пешниҳод аз ҳисоби васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ давраи нисбатан дарозро талаб мекунад, вале таъсири афзоиши маҷмӯаи талабот ба иқтисодиёт зудтар эҳсос хоҳад шуд.

Консепсияҳои мухталифи илмиро оид ба таъсири макроиқтисодии андозҳо ба рушди иқтисодӣ таҳлил ва муқоиса намуда истода, бояд қайд кард, ки дастурҳои кейнсионӣ хусусияти дарозмуҳлати стратегӣ доранд, вале назарияи иқтисоди пешниҳод, аз ҷумла монетаризм, чораҳои тактикӣ мебошанд. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки онҳоро якҷоя (синтез) кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Синтези назарияи кейнсионӣ бо назарияи классикиро иқтисодчии маъруфи амрикоӣ П.Самуэлсон дар асари машҳури худ «Иқтисодиёт» анҷом додааст [7].

Дар баробари андозҳо бояд дар назар дошт, ки омилҳои зиёде, монанди сармояи инсонӣ, сатҳи нархҳо, вазъи базавии иқтисодӣ ва раванди технологӣ низ пайдо мешаванд, ки ба рушди дарозмуддати иқтисодӣ таъсир мерасонанд.

Дар модели намояндаи неокейнсионии Ҳаррод-Дотор сармоягузорӣ омили асосии рушди иқтисодӣ ҳисобида мешавад. Ин модел барои тавозун байни шуғл, даромад, сармоягузорӣ ва истеҳсол дар кишварҳои пешрафта бештар мусоид ҳисобида мешавад. Мувофиқи ин модел ба пешрафти иқтисодӣ бо афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ вобаста мебошад [1].

Яке аз назарияҳои умумии таъсири сиёсати андозӣ ба рушди иқтисодӣ модели неоклассикии Роберт Солоу мебошад. Дар модел омилҳои калидии рушди иқтисодӣ инҳоянд: тағйироти технологии экзогенӣ ва даромади миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ. Тибқи ин назария, вақте рушди иқтисодӣ экзогенист, пас нақши давлат дар раванди рушди иқтисодӣ камтар хоҳад буд. Дар назарияи рушди экзогении Солоу, сиёсати андоз ва тағйироти меъёрҳои андоз ба рушди иқтисодии кӯтоҳмуддат таъсир мерасонад [9].

Инчунин, андозҳо омили муҳимми рушд ва танзим дар сатҳи микроқтисодӣ низ мебошанд. Бо кумаки имтиёзҳои андозӣ метавон ҳавасмандгардонии истеҳсоли маҳсулот барои содирот, сармоягузорӣ аз фоида дар маблағгузорӣ азнавсозӣ ва таҷдиди техникии корхонаҳо, истифодаи самараноки дороиҳои истеҳсолӣ, рушди тиҷорати хурд, ташкили ҷойҳои корӣ барои нафақахӯрон ва маъюбон, фаъолияти экологӣ ва хайрия таъмин карда шаванд. Андоз ҳамчун фишанги сиёсати микроқтисодӣ ба сарфа намудани захираҳои истеҳсолӣ мусоидат намуда, ба рушди иқтисодиёт таъсири мусбӣ мерасонад.

Андозҳо дар сатҳи микроиқтисодӣ метавонанд ба истифодаи самараноки дороиҳои корхона низ таъсир расонанд. Масалан, андоз аз амволи ғайриманқул корхонаҳоро маҷбур месозад, ки таркибу сохтори дороиҳои истеҳсолиро муносиб кунанд ва онҳоро самаранок истифода баранд. Бояд қайд кард, ки андоз аз амволи ғайриманқул аз корхонаҳои зараровар низ ситонида мешавад ва, аз ин рӯ, онҳо нисбати истифодаи амволи истеҳсолии худ ғамхорӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, андозҳо ҳангоми идоракунии моҳиронаи онҳо омили таъсирбахши таъмини рушди иқтисодӣ дар сатҳи макро ва микро иқтисодиёт мегарданд. Бо кумаки андозҳо давлат метавонад ба истеҳсолоти иҷтимоӣ, сохтор, динамика ва тақсимоти он таъсир расонда, ба пешрафти илмӣ ва техникӣ суръат бахшад, рушди иқтисодиётро ба манфиати ҷомеа тобеъ кунад, оқибатҳои манфи механизми бозорро бартараф намуда, барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ шароит фароҳам орад.

Таъсири андозҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ, тавре таҳқиқот нишон медиҳад, аз мукаммалӣ ва мутобиқати низоми андоз ба низоми умумии иқтисодӣ, самаранокии сиёсати фискалии давлат ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷетӣ, инчунин, аз дараҷаи иҷрои вазифаи ҳавасмандкунии андозҳо вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки таъсири андозҳо ба рушди иқтисодиёти миллӣ дар болоравии ММД ва буҷаи кишвар инъикос меёбад. Барои пайгирӣ кардани зуҳуроти ин тамоюл мо динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди ҷумҳуриро дар солҳои 2007-2018 баррасӣ менамоем (ҷадвали 1).

Тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 дида мешавад, дар давраи баррасишаванда (солҳои 2007-2018) ММД-и кишвар 5,4 маротиба, даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ мутаносибан 6,4 ва 6,9 маротиба, даромади пулии аҳолӣ 5,9 маротиб, ҳангоми афзоиши аҳолӣ 1,3 маротиб афзудааст. Ҳаҷми воридоти андозӣ ба буҷет дар ин давра 6,4 маротиб афзудааст. Ба ибораи дигар, ҳамаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди иқтисодиёти миллӣ тамоюли болоравӣ доштанд.

Инчунин, дар солҳои 2007-2018 хароҷоти буҷет барои маблағгузории бахши воқеӣ 50,0 маротиб афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети давлатӣ дар ин давра аз 7,3% то 47,7% расидааст. Ин аз таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат ба рушди бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад. Истифодабарии воридотҳои андозӣ бештар ба рушди соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, бешубҳа, ба афзудани таъсири андозҳо ба рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2018 (млн. сомонӣ)**

**Table 1. Dynamics of macroeconomic indicators of the Republic of Tajikistan for 2007-2018 (million somoni)**

| | 2007 | 2009 | 2010 | 2012 | 2015 | 2018 | 2018/ 2007 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ (ҳазор нафар) | 7215,7 | 7529,6 | 7616,4 | 7987,4 | 8551,2 | 9126,6 | 1,3 |
| ММД бо нархҳои ҷорӣ | 12804,4 | 20628,5 | 24707,1 | 36163,1 | 48408,7 | 68844,0 | 5,4 |
| Даромадҳои буҷети давлатӣ | 3765,7 | 5951,8 | 7024,3 | 9673,5 | 16586,5 | 23925,5 | 6,4 |
| Аз он даромадҳои андозӣ | 2288,6 | 3659,1 | 4443,9 | 7102,2 | 10613,4 | 14564,9 | 6,4 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ | 3494,8 | 5687,3 | 6712,6 | 9107,9 | 16277,4 | 24187,4 | 6,9 |
| Аз инҳо, ба рушди бахши воқеӣ | 256,3 | 749,5 | 988,3 | 1940,8 | 4718,0 | 11530,9 | 50,0 |
| Даромади пулии аҳолӣ | 7016,9 | 10932,0 | 13256,0 | 20161,2 | 25569,8 | 41083,9 | 5,9 |

Манбаъ: Тоҷикистон: 20 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2011. –С.11-14, 767-785; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. -С. 10-12, 432-448.

Бояд қайд кард, ки дар тӯли тамоми солҳои давраи таҳлилшаванда суръати афзоиши хароҷоти буҷет аз даромади он баланд буд ва бинобар ин, буҷети ин давра ҳамеша каср дошт. Дар ин ҷода касри буҷет ҳамчун омили ҳавасмандкунандаи рушди иқтисодӣ баррасӣ карда шавад, зеро он на бо кам шудани воридотҳои андозӣ, балки бо суръати баланди афзоиши хароҷоти давлатӣ вобаста мебошад. Чунин ҳолат дуруст будани ақидаи неокейнсиониро нисбат ба касри буҷет нишон медиҳад: зиёд кардани хароҷоти давлатӣ бо баробарии паст кардани меъёрҳои андоз, яъне истифодаи касри ҳавасмандкунандаи буҷет барои зиёд кардани маҷмӯи талабот оварда мерасонад.

Аз таҳлили иҷрои Буҷети давлатӣ дар солҳои охир бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани касри буҷет аз усулҳои самаранок истифода мебарад: баровардани маблағҳои иловагӣ, ки аз ҳисоби қарзҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ дастгирӣ мешаванд, хусусигардонии моликияти давлатӣ, барориш ва ҷойгиркунии векселҳои хазинавӣ, ки қурби пули миллӣ ва таваррумро нигоҳ медоранд. Чунин тарзи пӯшонидани касри буҷет, бешубҳа, ба таъмини рушди иқтисодӣ тавассути такмили низоми андозро имконпазир менамояд.

Таъсири низоми андозро ба рушди иқтисодӣ таҳқиқ карда истода, қайд кардан ба маврид аст, ки таъсири низоми андоз, пеш аз ҳама, аз тағйирёбии гарони андоз ва сатҳи татбиқи вазифаи ҳавасмандгардонии андозҳо вобаста мебошад.

Гаронии андоз нишон медиҳад, ки кадом қисми даромади андозсупорандагон ба буҷети давлат дар шакли андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ворид мегардад ва кадом қисми даромад дар ихтиёри андозсупорандагон ҳамчун даромади холис боқӣ мемонад. Гаронии андоз, бешубҳа, ба манфиатҳои иқтисодии андозсупорандагон ва давлат таъсир мерасонад.

Аз ҷадвали 2 маълум мегардад, ки гаронии андоз барои аҳолии мамлакат дар солҳои 1998-2017 аз 15,9 то 45,3% афзуда, аз соли 2006 тамоюли баландшавӣ дорад. Ба фикри мо, ки паст будани сатҳи гаронии андоз дар солҳои 1998-2004, сабабҳои дигар дорад, яъне дар ин давра ҳоло низоми миллии андоз пурра ташаккул наёфта, сатҳи ҷамъоварии андозҳо хело паст буд ва аз рӯи бисёр андозҳо нақшаи воридот иҷро намегардид. Аз ин лиҳоз, дар ин давра гаронии андоз барои иқтисодиёти миллӣ ҳамагӣ 8-15%-ро ташкил медод. Ғайр аз ин, мақомоти андоз аз сабаби бетаҷрибагӣ андозбандиро дар сатҳи кофӣ ташкил карда наметавонистанд, инчунин, аҳолии мамлакат дараҷаи пасти фарҳанг ва интизоми андозӣ доштанд. Баъди қабул ва амали кодексҳои аввал, дуюм ва сеюми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар гардидани фаъолияти мақомоти андоз ва пойдоршавии интизоми андозӣ вазъият ба таври куллӣ тағйир ёфт ва дар натиҷа сатҳи ҷамъоварии андозҳо боло рафта, бақияи қарзҳои андозӣ то ҳадди имкон кам карда шуда, воридоти андоз ба буҷети давлат афзуд.

**Ҷадвали 2. Гаронии андоз ва динамикаи он дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1998-2018**

**Table 2. Tax burden and its dynamics in the economy of the Republic of Tajikistan for 1998-2018**

| | 1998 | 2004 | 2007 | 2009 | 2010 | 2012 | 2014 | 2015 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромади андоз (ДА) ба ММД (фишори андоз ба иқтисодиёт),% | 8,0 | 15,1 | 17,9 | 17,7 | 18,0 | 19,6 | 22,7 | 21,9 | 23,0 | 21,2 |
Рассмотренные уровни экологической инфраструктуры являются необходимыми, и автором обосновано понятие инфраструктуры именно в сфере услуг. В условиях формирования рынка экологически чистой продукции его сфера будет охватывать более широкие диапазоны, поэтому нами были внесены некоторые добавления на уровни инфраструктуры рынка экологически чистой продукции, которая, кроме общей экологической инфраструктуры, включает в себя производственную и рыночную инфраструктуры экологически чистой продукции.

**Рисунок 2. Элементы региональной производственной инфраструктуры**
**Figure 2. Elements of regional production infrastructure**




Из вышеприведённого следует, что инфраструктура рынка экологически чистой продукции охватывает более широкий диапазон. Каждый приведённый элемент имеет тесную взаимосвязь в формировании рынка экологически чистой продукции. Далее дадим оценку степени развития этих институтов и элементов в Республике Таджикистан.

Если начать с производственной инфраструктуры, сегодня в республике в направлении экологического производства практически отсутствуют элементы инфраструктуры. Но имеются предпосылки к её формированию. Например, в направлении сельскохозяйственного производства пока сохраняется нормальная экосистема. Согласно исследованиям, проведённым отечественными учёными – Азизовым Ф.Х и Умаровым Х.У., в настоящее время ситуация с экосистемами выглядит следующим образом: около 70% территории Таджикистана относится к не подвергшимся хозяйственным воздействиям и сохранившим природные экосистемы. Около 20% территории испытали значительные антропогенные воздействия на экосистему, вместе с тем сохранили потенциал для восстановления [6,с.95]. Из этого следует, что экологические условия производства экологически чистой продукции в республике имеются в наличии, и это является важнейшей предпосылкой.

**Промышленные условия.** Если проанализировать структуру промышленности Республики Таджикистан, то увидим, что основная доля приходится на обрабатывающую промышленность, хотя в последние годы эта доля имеет тенденцию к снижению. Снижающая

тенденция обрабатывающей промышленности произошла за счёт снижения доли двух главных подотраслей: производство пищевой продукции и текстиля в республике.

**Таблица 1. Структура отраслей промышленности Республики Таджикистан**
**Table 1. The structure of industries of the Republic of Tajikistan**

| № | Отрасли промышленности | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2017 в % к 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | **Добывающая промышленность,** в том числе: | **11,2** | **13,3** | **13,5** | **19,9** | **22,6** | **+2 раза** |
| 2 | Добыча энергетических материалов | 3,1 | 2,1 | 1,7 | 1,5 | 1,5 | 48,4 |
| 3 | Добыча неэнергетических материалов | 8,1 | 11,2 | 11,8 | 18,4 | 21,1 | +2,6 раза |
| **4** | **Обрабатывающая промышленность,** в том числе: | **69,5** | **66,1** | **65,6** | **62,1** | **58,8** | **84,6** |
| 5 | Производство пищевых продуктов, включая напитки и табак | 36,1 | 31,0 | 28,5 | 24,4 | 21,5 | 59,5 |
| 6 | Текстиль | 13,7 | 12,5 | 10,6 | 10,1 | 11,8 | 85,5 |
| 7 | Химическое производство | 0,5 | 0,6 | 0,7 | 0,6 | 5,3 | +10,6 раза |
| 8 | Производство резиновых и пластмассовых изделий | 0,5 | 0,6 | 0,5 | 0,6 | 7,8 | +15,6 раза |
| **9.** | **Производство и распределение электроэнергии** | **19,3** | **20,6** | **20,9** | **18,0** | **18,6** | **96,4** |

Источник: Статистический ежегодник Республики Таджикистан / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе. – 2018. – С.266-267.

Данные таблицы показывают, что продукция добывающей промышленности в течение пяти лет с 2013 до 2017 годы увеличилась более чем в два раза. В основном такая тенденция увеличения в добывающей промышленности достигнута за счёт увеличения доли добычи неэнергетических материалов, размер которой составляет 2,6 раза в рассматриваемом периоде.

В рассматриваемом периоде в республике наблюдается увеличение продукции химического производства, что является отрицательным фактором экологического рынка. Но, согласно данным таблицы, такая тенденция произошла за счёт расширения производства резиновых и пластмассовых изделий. Поэтому можно сказать, что его влияние на рынок экологически чистой продукции, являясь косвенным, не занимает высокой доли в общем объёме промышленности.

Одним из важных фактором развития рынка экологически чистой продукции является производство пищевых продуктов, которое в структуре промышленности в республике занимает 21,5%. На наш взгляд, именно это является важной предпосылкой в направлении промышленных условий инфраструктуры рынка экологически чистой продукции.

В направлении национальной и региональной экономической политики также имеются определённые сдвиги по республике. Правительством республики ещё в 2001 году была принята концепция к переходу к устойчивому развитию. Кроме того, в институциональном плане в целях успешного внедрения концепции устойчивого развития Правительством Республики Таджикистан и Парламентом страны принят ряд законодательных актов. Среди них Закон “Об охране природы”, Закон “Об охране животного мира”, Закон “Об охране особо охраняемых природных территориях”, Закон “Об охране атмосферного воздуха” и другие. Успешно выполняется Государственная экологическая программа на период 1998-2008 гг. и Государственная программа по экологическому образованию и воспитанию населения Республики Таджикистан на период до 2010 года.

Региональная специализация в Республике Таджикистан исходит из общих условий производства, прежде всего, из природно-климатических условий. Но, к сожалению, уровень развития реального сектора экономики на сегодняшний день оценивается как недостаточный. Здесь мы согласны с мнением отечественного учёного Каюмова Н.К. В одном из выступлений он отмечал: «Главным фактором устойчивого экономического развития являются инвестиции и, прежде всего, той их части, которая направляется на обновление и расширение производства» [8,с.18]. Действительно, решение этой задачи является первостепенным, и они могут быть результатом углубления специализации и кооперации в определённых регионах, которые находятся на этапе развития в современных условиях.

Среди элементов инфраструктуры рынка экологически чистой продукции особую роль играет рыночная инфраструктура. В современных условиях в аграрном секторе Республики Таджикистан ещё до конца не сформированы рыночные отношения. Об этом свидетельствует отсутствие аграрного рынка в стране. Не функционируют элементы рынка, практически нет

аукционов, бирж в этом направлении. Это, в свою очередь, может оказать отрицательное влияние на развитие рынка экологически чистой продукции в республике.

В условиях формирования рынка экологически чистой продукции обязательным условием выступает существование институтов рынка. В противном случае, просто невозможно сформировать такой рынок в регионе. Поэтому ныне государству следует обратить особое внимание в этом направлении.

Одним из элементов инфраструктуры в сфере экологического производства выступает логистика. Хотя на сегодняшний день в стране сфера логистики развивается достаточными темпами, но на пути специфических объектов логистики в сфере экологического производства пока не видно никаких сдвигов. Причиной этого выступает отсутствие должного механизма рынка экологически чистой продукции в республике. Поэтому в дальнейшем на первый план выдвигаются разработка механизма рынка экологически чистой продукции и его внедрение в отдельных регионах страны.

Анализы в этой области показали, что в течение последних пяти лет произошёл значительный рост инвестиций в отрасли экономики, в том числе, и в инфраструктурные объекты. Об этом свидетельствуют данные таблицы 2.

**Таблица 2. Некоторые показатели стабилизации экономического развития Республики Таджикистан**
**Table 2. Some indicators of stabilization of the economic development of the Republic of Tajikistan**

| № | Показатели | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | Изменение в 2017 по отношению к 2013 г. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Капитальные вложения, млн. сом. | 5796,8 | 7492,7 | 9750,0 | 11179,7 | 11279,7 | 194,6 |
| 2. | Ввод в действие основных фондов по регионам республики, млн. сомони | 4019,0 | 7615,9 | 4129,5 | 5406,6 | 6678,5 | 166,1 |
| 3. | Продукция промышленности, млн. сомони в ценах 2017 г. | 12181 | 12789 | 14235 | 16513 | 20029 | 164,9 |
| 4. | Перевозка грузов, млн. тонн | 72,2 | 74,4 | 74,4 | 84,1 | 84,1 | 116,5 |
| 5. | Доля железнодорожного транспорта в перевозке грузов (в %) | 6,0 | 6,3 | 5,3 | 4,1 | 2,7 | 45,0 |
| 6. | Количество объектов по оказанию почтовой связи, единиц | 634 | 634 | 490 | 490 | 490 | 77,3 |

Источник: Статистический ежегодник Республики Таджикистан / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Душанбе. – 2018. – С.13,233.

Данные таблицы показывают, что в последние годы наблюдаются положительные тенденции в развитии промышленности республики. Объём продукции промышленности за период от 2013 до 2017 годы увеличился на 64,9%, в среднем это составляет почти 13% в год. Но, на наш взгляд, такая тенденция является весьма непригодной, так как для активно развивающейся промышленности этот показатель является недостаточным.

Развитие инфраструктуры во многом зависит от капитальных вложений. Согласно данным вышеприведённой таблицы, капитальные вложения имеют положительные тенденции и в течение рассматриваемого периода увеличились почти в два раза. Это свидетельствует о том, что наблюдается рост вложений и в объектах производственной инфраструктуры.

Кроме этого, в последние годы на развитие производственной инфраструктуры были привлечены значительные иностранные инвестиции. Примером этого является поступившие на строительство автомобильных дорог средства в размере 113 663,1 [10] тыс. долларов США, с помощью которых были реализованы проекты строительства многокилометровых дорог в различных регионах страны. В течение последних пяти лет размер иностранных инвестиций в экономику республики увеличился на 37,8%, что свидетельствует о стабилизации инвестиционного климата в стране.

Таким образом, проведённые анализы показали, что в Республике Таджикистан имеются необходимые условия формирования и развития рынка экологически чистой продукции. Но, к

сожалению, пока в рамках отдельных регионов страны не наблюдается особых сдвигов в формировании этого сегмента рынка и причинами являются разные факторы, которыми могут быть:

- нехватка финансовых ресурсов в формировании инфраструктуры рынка экологически чистой продукции;
- отсутствие рыночного механизма экологически чистого производства в регионах;
- отсутствие чётко разработанной государственной и региональной программы развития рынка экологически чистой продукции;
- слабая институциональная освещённость экологического производства в республике;
- нехватка опыта организации производства экологически чистой продукции и др.

Предотвращение вышеуказанных факторов является первоочередной задачей, и, самое главное, они выступают решаемыми проблемами, так как на сегодняшний день вопрос производства экологически чистой продукции и переход к устойчивому развитию является актуальным во всех странах мира, в том числе в Таджикистане. В этом вопросе заинтересованы международные организации и элита мирового сообщества, что может выступать источником инвестиций в этот сектор экономики.

В этом плане следует изучить опыт зарубежных стран, прогресс которых в организации экологически чистого производства довольно значителен.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Абдуллоева Ш.Б. Формирование и развитие рынка экологических услуг (на материалах Республики Таджикистан): дисс. на соис. уч. степ. к.э.н., 08 00 05 / Ш.Б. Абдуллоева. -Душанбе, 2017. – 202 с.
2. Азизов Ф.Х. Устойчивое развитие аграрного сектора экономики / Ф.Х. Азизов, Х.У. Умаров. – М: Экономическое образование, 2018. – 212 с.
3. Бабаджанов, Д.Д. Необходимость формирования органического сектора сельского хозяйства для обеспечения занятости населения / Д.Д. Бабаджанов // Миграционный мост между Центральной Азией и Россией. Материалы Третьего международного симпозиума. -Москва – Худжанд, 2011. –С.103-105.
4. Баландин Евгений Валерьевич. Развитие рынка экологически чистых товаров и услуг в современной России: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.01 / Баландин Евгений Валерьевич. - Казань, 2015. [Электронный ресурс]. http://www.dslib.net/econom-teoria/razvitie-rynka-jekologicheski-chistyh-tovarov-i-uslug--v-sovremennoj-rossii.html. Дата обращения: 09.12.2018.
5. Благодарная Г.И. Энергосбережение при биологической очистке сточных вод / Г.И. Благодарная // Ресурсосбережение и энергоэффективность инженерной инфраструктуры урбанизированных территорий: материалы международной конференции (Харьков, 1-28 февраля 2013). -Харьков: Харьковская национальная академия городского хозяйства, 2013. -С. 111-114.
6. Каюмов Н.К. Приоритеты и экономические механизмы устойчивого развития экономики Таджикистана / Н.К. Каюмов // Таджикистан на пути к устойчивому развитию (материалы республиканской конференции). – Душанбе, 2001. -102 с.
7. Кожинов В.Ф. Очистка питьевой и технической воды / В.Ф. Кожинов. -М.: ООО «БАСТЕТ», 2008. -304 с.
8. Кузнецова А.И. Инфраструктура. Вопросы теории, методологии и прикладные аспекты современного инфраструктурного обустройства / А.И. Кузнецова // Геоэкономический подход. -М.: КомКнига, 2006. -456 с.
9. Лукашевич О.Д. Автоматическое управление процессом очистки воды по озонной технологии с фильтрованием / О.Д. Лукашевич, Е.И. Патрушев // Энергосбережение и водоподготовка. - 2004. -№1. -С. 18-20.
10. Статистический ежегодник Республики Таджикистан / Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. –Душанбе, 2018. – С.242.


## БАҲОДИҲИИ ИМКОНИЯТИ ТАШКИЛИ ИНФРАСОХТОРИ БОЗОРИ МАҲСУЛОТИ ТОЗАИ ЭКОЛОГӢ ДАР МИНТАҚА


Шарти муҳимми ташкили истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақа мавҷудияти заминаҳо ва инфрасохтори ташкили чунин фаъолият мебошад. Дар шароити муосир инфрасохтори ташкили маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф имконияти ташкили чунин инфрасохтор дар вилояти Суғд арзёбӣ мегардад. Дар заминаи тадқиқу баррасӣ хулоса мешавад, ки ташкили чунин инфрасохтор дар минтақа бо ҷалби сармоягузории назаррас имконпазир мегардад, аммо заминаҳо барои ташкили бозори маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза дар минтақа кофӣ мебошанд. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки пешгирии омилҳои дар мақола дарҷгардида, вазифаи аввалиндараҷа буда, асосан онҳо ҳамчун проблемаҳои ҳалшаванда баромад менамоянд, чунки имрӯз масъалаи истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва гузариш ба рушди босубот дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, мубрам арзёбӣ мегардад. Нисбати масъалаи мазкур ташкилотҳои байналмилалӣ ва элитаи иттиҳоди ҷаҳонӣ манфиатдор мебошанд, ки ин ҳамчун сарчашмаи сармоягузхориҳо ба ин сектори иқьтисод баромад карда метавонад. Дар ин ҷода метавон таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро омӯхт, ки пешрафти онҳо дар ташкили истеҳсолоти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза назаррас аст.



**Калидвожаҳо**: бозор, инфрасохтор, маҳсулоти тозаи экологӣ, иқтисодиёти минтақавӣ.

**ОЦЕНКА ВОЗМОЖНОСТЕЙ СОЗДАНИЯ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЫНКА ЭКОЛОГИЧЕСКИ ЧИСТОЙ ПРОДУКЦИИ В РЕГИОНЕ**

Важным условием организации производства экологически чистой продукции в регионе выступает существование предпосылок и инфраструктура организации подобной деятельности. В современных условиях инфраструктура организации экологически чистой продукции в регионах Республики Таджикистан практически отсутствует. Поэтому в статье автором оцениваются возможности создания подобной инфраструктуры в Согдийской области. На основе проведенного исследования делается вывод, что создание подобной инфраструктуры в регионе возможно с привлечением значительных инвестиций, но предпосылки создания рынка экологически чистой продукции в регионе являются достаточными. Автор приходит к выводу о том, что предотвращение факторов указанных в статье, является первоочередной задачей, и, самое главное, они выступают решаемыми проблемами, так как на сегодняшний день вопрос производства экологически чистой продукции и переход к устойчивому развитию является актуальным во всех странах мира, в том числе в Таджикистане. В этом вопросе заинтересованы международные организации и элита мирового сообщества, что может выступать источником инвестиций в этот сектор экономики. В этом плане следует изучить опыт зарубежных стран, прогресс которых в организации экологически чистого производства довольно значителен.

**Ключевые слова:** рынок, инфраструктура, экологическая чистая продукция, региональная экономика.

**THE EVALUATION OF OPTIONS OF CREATING ECOLOGICALLY PURE PRODUCTS MARKET INFRASTRUCTURE IN THE REGION**

The paper reveals that the necessary condition for production of ecologically pure product in the region is providing a basis and infrastructure to start this production. As of present condition, there is actually no infrastructure for producing ecologically pure product in the regions of the Republic of Tajikistan. Therefore, the author studies the options of creating such infrastructure in Sughd region in this paper. Based on the results of study, it is revealed that creating such infrastructure will require huge investments, while there are enough necessary conditions for creating ecologically pure products market. The author comes to the conclusion that preventing the factors mentioned in the article is a priority, and, most importantly, they are solvable problems, since today the issue of production of environmentally friendly products and the transition to sustainable development is relevant in all countries of the world, including in Tajikistan. International organizations and the elite of the world community are interested in this issue, which may be a source of investment in this sector of the economy. In this regard, one should study the experience of foreign countries, the progress of which in the organization of environmentally friendly production is quite significant.

**Keywords:** market, infrastructure, ecologically pure product, regional economics.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмудов Маъруфҷон Қаюмҷонович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: (**+992) 927-35-00-73.** E-mail: **mr.mf@inbox.ru**

**Сведения об авторе:** ***Махмудов Маруфджон Каюмджонович*** **–** Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: (**+992) 927-35-00-73.** E-mail: **mr.mf@inbox.ru**

**Information about the author:** ***Makhmudov Marufdzhon Kayumdzhonovich*** **-** Khujand State University named after B. Gafurov, Senior Lecturer, Department of Accounting and Auditing. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. Phone: **(+992) 927-35-00-73.** E-mail: **mr.mf@inbox.ru**

**УДК 334.72 (575.3)**

# РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ ОМИЛИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР ВА ТАЪМИНИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛИИ МАРДУМ

***Қаюмова Ш.Т.***
**Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Боиси қаноатмандист, ки солҳои соҳибистиқлолии кишвар дар ҷумҳурӣ бобати рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва ислоҳоти соҳа, ки маҳз бо мақсади афзоиши мунтазами ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, тавлиди молу маҳсулоти ватанӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона гардидааст, аз ҷониби Ҳукумату давлат пайваста тадбирҳои судманд андешида мешавад.

Равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва пайдо гардидани рақобат дар муносибатҳои шадиди бозоргонӣ ҳар яки моро водор месозад, ки соҳаҳои таркибӣ ва калидии иқтисодиётро мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор диҳем. Тавре ки маълум аст, яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти кишвар соҳаи соҳибкории саноатӣ буда, ҳамчун субъекти фаъоли иқтисодиёт арзёбӣ мегардад.

Дар шароити ҳассоси муносибатҳои геополитикӣ ва муносибатҳои сиёсии кишварҳо, авҷ гирифтани бархӯрдҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳо байни кишварҳои абарқудрати ҷаҳон, гузоштани заминаҳои мусоид барои рушди истеҳсолоти саноатӣ, истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифат, афзоиш додани содирот, коҳиш додани молу маҳсулоти воридотӣ ва пайдо кардани мавқеи сазовор дар бозори ҷаҳонии молу хизматрасонӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Бо мақсади таъмини рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар асоси такмили заминаҳои ҳуқуқии дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ давоми солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида шуда, аз ҷумла қабул, такмил ва таҳкими қонунгузорӣ дар самти татбиқи як қатор стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии соҳавӣ барои мутобиқгардонии иқтисодиёти кишвар ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ ва барои рушду дастгирии соҳа мусоидат намуданд.

Нуқтаҳои мазкур зимни Паёмҳои ироагардидаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии кишвар таъкид гардид: “Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 21 дарсад расонида шавад” [14]. “Мо саноатикунонии босуръатро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул кардем, зеро рушди саноат барои таъмин намудани устувории иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он замина мегузорад”[15].

Барои расидан ба ин мақсад, нақш ва ҷойгоҳи фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории саноатӣ, инчунин, амалишавии стратегияҳо ва барномаҳои соҳавии солҳои охир қабулгардида, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [16], «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [17], «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» [2], «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022» [3], «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» [1], «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва ивазкунандаи воридот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» [4] ниҳоят муҳим арзёбӣ ва таъмин гардида истодаанд.

Дар доираи нишондиҳандаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҳамасола на камтар аз 100 ҳазор ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст[16].

Аз ин рӯ, масъалаҳои таъмини рушди бемайлони фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои ташкил намудани ҷойҳои кории нав ба таври ҳамешагӣ зери диққати давлат ва Ҳукумати кишвар қарор дошта, дар ин самт пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.

Ҳарчанд, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар ин самт корҳои зиёд амалӣ гардида бошанд ҳам, вале то ҳол як қатор масъала ва мушкилот ҷой доранд, ки ҳаллу фасли онҳо ба рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкории саноатӣ метавонад таъсири мусбӣ расонад.

Раванди дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ вобаста ба вазъ ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар кишвар талаб мекунад, ки ислоҳот дар ин самт минбаъд низ идома дода шавад.

Дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулнамудаи Ҳукумати кишвар афзалият ва индикаторҳои зерин муайян шудаанд, ки онҳо дар давраи пешбинишуда татбиқ мегарданд [19]:

- афзоиши миқдори субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории саноатӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазири ватанӣ;
- афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти ватанӣ аз ҷониби соҳибкорони саноатӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии соҳибкорони саноатӣ дар бобати сари вақт пардохт намудани андозҳо ва дигар уҳдадориҳо дар назди давлат;
- ташкил ва ба роҳ мондани тиҷорати молу маҳсулот аз ҷониби соҳибкорони саноатӣ;
- бартараф намудани монеаҳои маъмурии сунъӣ, ки ҳангоми таъсис ва пешбурди истеҳсолот ба вуҷуд меоянд;

- такмили тартиби иҷозатномадиҳӣ ва санҷишҳо;
- ташкил ва мақсаднок истифода намудани бизнес - инкубаторҳо ва марказҳои дастгирии соҳибкории саноатӣ;
- зиёд намудани шумораи ҷойҳои нави корӣ бо ҷалби соҳибкорони саноатӣ;
- ҷалби ҳарчи бештари сармоягузорони хориҷӣ дар истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ;
- фароҳам намудани имкониятҳо барои сармоягузорони ватанӣ дар истеҳсоли маҳсулотҳо;
- баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ;
- васеъ намудани имконияти содиротии молу маҳсулоти ватанӣ;
- зиёд намудани роҳҳои дарёфти қарзҳои имтиёзнок бобати дастрасии соҳибкорони саноатии хурду миёна;
- афзоиши умумии маҳсулоти дохилӣ, даромади буҷети давлатӣ ва ҷойҳои нави корӣ;
- таҷдиду азнавсозии паркҳои технологӣ ва коргоҳҳои истеҳсолӣ;
- ташкили инфрасохтори зарурӣ бобати дастгирии соҳибкории саноатӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ;
- баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои ватанӣ;

Ташаккулёбии механизми самаранокии танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ бо дарназардошти хусусият ва имкониятҳои рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси баландбардории истифодабарии захираҳои табиӣ-иқтисодӣ, боиси расидан ба ҳадафҳои иҷтимоии сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ мегардад.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҳар давру замон соҳаи саноат ё соҳибкории саноатӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт ба шумор рафта, ба рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ таъсири калон мерасонад. Дар соҳаҳои саноат имкониятҳои зиёди таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ ва баландбардории некуаҳволии мардум мавҷуд мебошад. Омили асосии пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафтани соҳибкории саноатӣ бо шароитҳои зерин асоснок карда мешавад [19]:

1. Рушди соҳибкории саноатӣ асоси ташаккули босуръати прогресси илмӣ-техникӣ дар тамоми иқтисодиёти миллӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум афзалият дорад;
2. Соҳибкории саноатӣ барои такрористеҳсолоти васеъ ва рушди иқтисодии ҳар як субъекти иқтисоди миллӣ (энергетика, маориф, тандурустӣ ва дигар) замина мегузорад;
3. Аз рушди соҳибкории саноатӣ аксар соҳаҳои саноат, махсусан тақвияти истеҳсолоти соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, коркарди маъдан, масолеҳи сохтмон, мошинсозӣ ва химия бобати дастрасӣ ба молҳои ниёзи мардум, ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ ва таъмини зиндагии шоиста вобастагӣ дорад.

Ҳамин тавр, истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ омили ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ маҳсуб меёбад [13].

Бо дарназардошти ин, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳибкории саноатӣ дар доираи ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи имтиёзҳои басо муҳимми андозию гумрукӣ муайян гардидаанд. Аз 100 намуд имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва сабукиҳои ҷоригардида зиёда аз 60 намуди онҳо барои дастгирии соҳибкорони саноатӣ пешбинӣ шудааст: аз ҷумла, воридоти техника ва таҷҳизотҳои истеҳсоливу технологӣ ва маснуоти такмили онҳо, воридоти ашёи хоми барои истеҳсолот муҳим, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол карда намешаванд, воридоти молу маҳсулотҳои бевосита барои эҳтиёҷоти худ ва боз даҳҳо имтиёзҳои дигар, ки аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳо ва боҷҳои гумрукӣ озод карда шудаанд.

Аз ин рӯ, ҳамасола шумораи коргоҳу корхонаҳо аз ҷониби соҳибкорон зиёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ ба маротиб афзоиш меёбад. Дар ин замина, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҳисоби фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва соҳибкорони саноатӣ дар соли 2019 27587 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2014 2,7 баробар зиёд гардидааст.

**Расми 1. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҶТ барои солҳои 2014-2019** [6,с.8]
**Figure 1. Volume of industrial production in the Republic of Tajikistan for 2014-2019**




Дар афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар баробари коргоҳҳои хурди аз ҷониби соҳибкорони саноатӣ таъсис гардида, саҳми корхонаҳои саноатӣ низ хеле калон аст. Аз ин рӯ, дар соли 2019 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ 2164 адад ва суръати афзоиш 113,6%-ро ташкил намуд. Дар баробари зиёд шудани шумораи корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ тамоюли афзоиш дорад.

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои соҳибкории саноатӣ дар солҳои 2013-2019 [9]**
**Table 1. Indicators of industrial entrepreneurship in 2013-2019**

| Номгӯ | Воҳиди ченак | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ | адад | 1804 | 2006 | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн. сомонӣ | 13138 | 13795 | 15354 | 17811 | 21604 | 23894 | 27587 |
| Суръати афзоиш маҳс. саноат | % | 103,8 | 105,0 | 111,3 | 116,0 | 121,2 | 110,6 | 113,6 |

Манбаъ: Маводҳои таҳлилии МТС- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили маълумотҳои омории ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки шумораи корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2013 то соли 2017 тамоюли афзоишро дар сатҳи аз 104 то 121% ташкил медод, вале солҳои 2017-2019 шумораи корхонаҳои саноатӣ нисбат ба соли 2015 146 адад кам гардид.

Тибқи маълумотҳои оморӣ аз шумораи умумии соҳибкорони инфиродии ба қайд гирифташуда дар моҳҳои январ-декабри соли 2019 ба истиснои хоҷагиҳои деҳқонӣ 22,4 ҳазор нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолиятро қатъ кардаанд, ки аз инҳо 3 ҳазор нафар тибқи шаҳодатнома ва 19,4 ҳазор нафар тариқи иҷозатнома кор менамуданд.

Сабаби асосии кам гардидани шумораи корхонаҳо ва соҳибкорони саноатӣ ба чунин омилҳо вобастагӣ дорад [19]:

- аз фаъолият бозмондани корхонаҳо ва коргоҳҳои саноатӣ;
- тағйири самт ва шакли фаъолияти истеҳсолот;
-

**Ҷадвали 2. Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноат [6,с.8]**
**Table 2. Number of industrial enterprises by main types of economic activity of industries**

| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 1804 | 2160 | 2310 | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 |
| Саноати истихроҷ | 136 | 154 | 214 | 232 | 229 | 249 | 252 |
| Саноати коркард | 1640 | 1980 | 2071 | 1772 | 1732 | 1806 | 1744 |
| Истеҳсоли неруи барқ | 28 | 30 | 25 | 39 | 38 | 106 | 168 |

надоштани маблағҳои гардон;

- набудани фармоишҳо;
- надоштани бозори фурӯш;
- норасоии ашёи хом дар истеҳсолот;
- норасоии мутахассисони баландихтисос.

Таҳлили ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар соли 2019 аз шумораи умумии 2164 адад корхонаҳои саноатӣ 252 адад корхона дар саноати истихроҷ, 1744 адад дар соҳаи саноати коркард ва 168 адад дар соҳаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об фаъолият мекунанд. Мувофиқи маълумотҳои ҷадвал дида мешавад, ки дар соли 2019 аз рӯи соҳаи саноати истихроҷ ва истеҳсоли неруи барқ, газ ва об шумораи корхонаҳои саноатӣ назар ба соли 2018 зиёд ва шумораи корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар сатҳи 62 адад кам гардидаанд.

Яке аз омилҳои асосии рушди соҳибкории саноатӣ дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, ҷалби сармоя ва сармоягузорони дохилию хориҷӣ, маблағгузориҳои муассисаҳои давлатӣ бобати тақвияти истеҳсолот мебошад. Давоми солҳои охир ҷиҳати беҳтар намудани фазои соҳибкории саноатӣ бо ҷалби сармоягузорон дар кишвар тадбирҳои зиёде амалӣ гардидаанд. Ҳоло дар самти ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мушкилоту монеаҳо вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, ки ҳамасола ҳаҷми ҷалби сармояи хориҷӣ мунтазам тамоюли зиёдшавӣ дошта, соли 2018 дар маҷмӯъ 644,5 миллион долларро ташкил додааст. Воридоти ҳаҷми сармоя ба кишварро дар солҳои 2007-2018 намудҳои он дар ин ҷадвал чунин инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 3. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2007-2018 [10]**

**Table 3. Volume of investments in the economy of the Republic of Tajikistan for 2007-2018**

| Солҳо | Ҷалби сармоя | | | Ҳамагӣ млн.дол. ИМА |
|---|---|---|---|---|
| | Сармояи мустақим | Дигар намуди сармоя | Сармоягузории портфелӣ | |
| 2007 | 388,4 | 472,2 | - | **860,6** |
| 2008 | 425,7 | 563,6 | - | **989,3** |
| 2009 | 89,4 | 293,8 | - | **383,2** |
| 2010 | 238,9 | 228,2 | - | **467,1** |
| 2011 | 161,4 | 164,0 | 0,1 | **325,5** |
| 2012 | 391,4 | 354,9 | 0,1 | **746,3** |
| 2013 | 341,1 | 670,6 | 0,2 | **1011,9** |
| 2014 | 377,4 | 530,4 | 1,4 | **907,8** |
| 2015 | 470,9 | 506,9 | - | **977,8** |
| 2016 | 434,2 | 408,4 | 0,1 | **842,5** |
| 2017 | 354,5 | 245,9 | 500,0 | **1100,4** |
| 2018 | 326,8 | 317,7 | - | **644,5** |
| **Ҳамагӣ** | **4000,0** | **4756,7** | **501,9** | **9258,6** |

Тавре ки аз ҷадвал мушоҳида мегардад, давоми солҳои 2007-2018 ҷамъоҷам ба иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми 9258,6 миллион доллари амрикоӣ сормоя ворид гардидааст. Аз ҳаҷми умумии сармояи воридгардида 4000,0 млн. доллари ИМА сармоягузории мустақим, 4756,7 дигар намуди сармоягузорӣ ва 501,9 милионашро сармояи портфелӣ ташкил медиҳад. Мувофиқи афзалияти муайянгардида то соли 2020 ҳаҷми ҷалби сармоягузории хориҷӣ то ба 30 фоиз бояд зиёд гардад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва қарзи имтиёзнок ҷиҳати инкишофи фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар кулли бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ягона имконият барои зиёд намудани маблағҳои гардон ва дар заминаи он ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ, харидории ашёи хоми зарурӣ ва пешбурди истеҳсолот маҳсуб меёбад. Аз ин бармеояд, ки дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ-молиявӣ аз ҷумлаи омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории саноатӣ ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи хизматрасонӣ, мусоид гардидани шароити пешниҳоди гарав ба бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, инчунин, такмил ёфтани қонунгузории кишвар бо мақсади васеъ намудани дастрасии соҳибкорон ба воситаҳои қарзии низоми бонкӣ, аз байн бурдани мухолифати байни санадҳои қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои гарав, муфлисшавӣ ва ҳаҷми қарзгузориҳои хурду миёна, аз ҷумла талабот ба қарзҳои имтиёзнок дар фаъолияти

соҳибкории саноатӣ новобаста аз фоизҳои баланд тамоюл ба афзоиш дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар нуҳ соли охир ҳаҷми бақияи қарздиҳии хурд аз рӯи соҳаҳои дар ҷадвали зерин овардашуда беш аз 2,8 маротиба зиёд гардидааст [5,с.64].

**Ҷадвали 4. Ҳаҷми қарзҳои хурд аз рӯи соҳаҳо дар солҳои 2010-2019, млн. сомонӣ**
**Table 4. Volume of micro-loans by sectors in 2010-2019, mln. somoni**

| | **СОЛҲО** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2010** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
| Кишоварзӣ | 304,2 | 484,1 | 676,8 | 983,2 | 985,1 | 751,8 | 676,6 | 803,7 | 939,9 |
| Саноат | 234,2 | 276,9 | 386,6 | 581,5 | 493,1 | 396,6 | 347,5 | 311,4 | 351,2 |
| Сохтмон | 84,4 | 109,5 | 169,9 | 316,2 | 298,5 | 224,8 | 176,7 | 181,9 | 154 |
| Нақлиёт | 15,7 | 13,9 | 29,8 | 59,4 | 39,9 | 28,1 | 16,9 | 17,6 | 48,3 |
| Хӯроки ҷамъиятӣ | 20,2 | 30,9 | 23,2 | 30,2 | 32,2 | 22,7 | 21,4 | 21,8 | 21 |
| Хизматрасонӣ | 55,1 | 145,9 | 299,7 | 408,6 | 438,9 | 333,9 | 320,3 | 369,7 | 529 |
| Савдои хориҷа | 306,9 | 482,4 | 577,1 | 747,9 | 672,9 | 569,1 | 500,1 | 539,1 | 614,8 |
| Миёнаравии молиявӣ | 1,6 | 0,2 | 15,1 | 0,2 | 4,5 | 0,19 | 0,8 | 0,4 | 1,1 |
| Истеъмолот | 184,7 | 425,7 | 830,1 | 1194,4 | 1227,9 | 1125,9 | 1019,4 | 1249,7 | 2011,6 |
| Дигар соҳаҳо | 62,3 | 212,1 | 150,7 | 166,9 | 174,5 | 157,1 | 144,4 | 128,2 | 167,9 |
| **Ҳамагӣ** | **1269,1** | **2181,7** | **3159,1** | **4488,1** | **4367,6** | **3601,3** | **3224,1** | **3617,9** | **4838,7** |

Таҳлили ҳаҷми қарзҳои хурд бо назардошти 10 моҳаи соли 2019 пешбинӣ гардидааст.

Чуноне ки аз ҷадвали 4 ба назар мерасад, давоми солҳои 2010-2019 ҳаҷми бақияи қарздиҳии хурд 4 838 7 млн. сомонӣ буда, дар соҳаҳои истеъмолот беш аз 10,8 маротиба, хизматрасонӣ 9,6 маротиба, нақлиёт 3,1 маротиба, кишоварзӣ ба андозаи беш аз 3 маротиба, савдои хориҷа 2 маротиба, сохтмон 1,8 маротиба, саноат 1,5 маротиба ва хӯроки ҷамъиятӣ 1 маротиба зиёд гардидааст.

Афзалият ба соҳаҳои истеъмолот, хизматрасонӣ, нақлиёт ва кишоварзӣ аз лиҳози бақияи қарзҳо нисбат ба дигар соҳаҳо нуфузи бештар доранд. Дар айни замон 32,3 дарсади бақияи қарзҳои хурд ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд.

Аз ин ҷо хулоса намудан мумкин аст, ки ҳоло аксарияти қарзҳои пешниҳодгардида, хусусияти истеъмолӣ дошта, ташкилоту муассисаҳои қарздиҳанда, ба қарзгузориҳои характери дарозмуддатдоштаи истеҳсолӣ ва ҳамкорӣ бо соҳибкорони саноатӣ чандон ҳавасманд нестанд. Ин ҳолат метавонад ба рушди бахши муҳимми иқтисодиёт соҳибкории саноатӣ таъсири манфӣ расонад.

**Расми 2. Ҳаҷми қарзҳои додашуда аз ҷониби МД “ФДС ҲҶТ” ба минтақаҳои кишвар дар солҳои 2015-2018 (%) [8]**
**Figure 2. The volume of loans issued by the State Unitary Enterprise “FDS RT” to the regions of the country in 2015-2018 (%)**




Дар раванди тағйирёбии вазъияти молиявӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва торафт шиддат гирифтани муносибатҳои миёни кишварҳои ҷаҳон, ки ба фаъолияти соҳибкории саноатии Тоҷикистон низ бетаъсир намонд, муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2015, №62 бо мақсади дастгирии соҳибкорони ватанӣ таъсис дода шуд [18].

Фонди мазкур яке аз омилҳои асосии зиддибуҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, қарзҳои имтиёзнок ва маблағҳои пешбинигардида маҳз ба хотири аз байн бурдан ва бартараф намудани мушкилотҳои моливию соҳавӣ нигаронида шудааст.

Фонди мазкур аз ибтидои фаъолияти худ то имрӯз дар асоси қарорҳои Шӯрои нозирон, ки ба он роҳбарони вазорату идораҳо тахти роҳбарии намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд, давоми фаъолият ба беш аз 170 субъекти соҳибкорӣ ба маблағи 248,6 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо намудааст.

Тавре ки аз расми 2 ба назар мерасад, дар давраи солҳои 2015-2018 аз ҷониби Фонди мазкур ба субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳаҷми 248,6 млн. сомонӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо гардидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2013 зиёда аз 7,4 маротиба зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии онҳо 41% ба ш. Душанбе, 29% ба вилояти Хатлон, 14% ба НТҶ, 11% ба в. Суғд ва 5,1% ба ВМКБ рост меояд [9].

Зикр намудан ба маврид аст, ки ҳаҷми маблағгузориҳои Фонди мазкур маҳз ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар қаламрави кишвар равона гардида, дар ҳамин замина мушкилоти соҳаро то андозае бартараф намудааст, новобаста ба ин, баъзе масъалаҳои ҳалталаби дигаре низ ҷой доранд, ки ба фаъолгардонии соҳибкорон монеа эҷод менамояд [19]:

- иттилоотикунонии соҳибкорон оид ба вазифа ва имкониятҳои Фонди мазкур;
- зиёд будани ҳаҷми гарав ва шумораи ҳуҷҷатҳои лозима барои гирифтани қарз;
- ба сифати гарав қабул нагардидани таҷҳизоту иншоотҳои бунёдшаванда;
- талаб намудани амволи гарав тақрибан 2 маротиба зиёд аз ҳаҷми қарзи дархостгардида;
- муддати тӯлонӣ баррасӣ гардидани лоиҳаи пешниҳодгардида;
- сари вақт доир накардани семинарҳои омӯзишӣ ва тарғибу ташвиқи имкониятҳои Фонд ба соҳибкорони саноатии минтақаҳои дурдасти кишвар, бобати дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок;
- пешниҳоди муайяни муҳлат ва имтиёзҳо барои пардохти фоизи қарзҳо;

Ҳарчанд ҳаҷми маблағгузориҳои фонд бобати рушди фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории саноатӣ мунтазам тамоюли афзоиш дошта бошад ҳам, аммо масъалаҳои ҳалталаби дигаре низ ҷой доранд, ки барои дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ҳангоми монеа фаъолият эҷод мекунанд.

Аз ин рӯ, дар Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии мамлакат (26.12.2019) таъкид гардид, ки дар заминаи муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” бонк бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ таъсис дода шавад [15].

Таъсиси бонки мазкур агар аз як тараф дастрасии соҳибкорони саноатиро ба қарзҳои имтиёзноки давлатӣ осон гардонад, аз ҷониби дигар бобати бартараф намудани монеаҳои ҷойдоштаи болозикр, аз байн бурдани омилҳои бюрократӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ мусоидат мекунад.

Раванди таҳлили вазъи кунунии фаъолияти соҳибкории саноатӣ муайян менамояд, ки бо вуҷуди фароҳам гардидани имкониятҳои хубу мусоид ва дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумату давлат дар ин самт боз як қатор таҳдиду хатарҳо ва масъалаҳои ҳалталабе низ ҷой доранд, ки бартараф ва ҳаллу фасл намудани онҳоро аз масъулини сохторҳо тақозо менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, бо қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декбри соли 2016, № 678 тасдиқ гардидааст. - С. 253.
2. Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №201 тасдиқ гардидааст.
3. Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019 тасдиқ гардидааст.
4. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва ивазкунандаи воридот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №503 тасдиқ гардидааст/
5. Бюллетени омори бонкӣ. -Душанбе, 2018. -№12. –с/ҳ64 с/у145.
6. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои январ-декабри соли 2019. –С.309.

7. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2019. [Манбаи электронӣ]. URL www.gki.tj; (санаи истифодабарӣ: 08.01.2020)
8. Маводҳои таҳлилии Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон". [Манбаи электронӣ]. URL www.Fdsjt.tj; (санаи истифодабар: 03.01.2020)
9. Маводҳои таҳлилии Маркази татқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
10. Маълумотҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL www.gki.tj; (санаи истифодабарӣ: 14.01.2020)
11. Маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL www.stat.tj; (санаи истифодабарӣ: 13.01.2020)
12. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. -С.256.12.
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL www.president.tj; (санаи истифодабарӣ: 17.01.2020)
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 декабри соли 2018. [Манбаи электронӣ]. URL www.president.tj ; (санаи истифодабарӣ: 17.01.2020)
15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 26 декабри соли 2019. [Манбаи электронӣ]. URL www.president.tj; (санаи истифодабарӣ: 17.01.2020)
16. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, С. 89.
17. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030».
18. Сомонаи расмии Фонди дастгирии соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, [Манбаи электронӣ] URL www.Fdsjt.tj; (санаи истифодабарӣ: 14.01.2020)

## РУШДИ СОҲИБКОРИИ САНОАТӢ ОМИЛИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР ВА ТАЪМИНИ САТҲИ НЕКӮАҲВОЛИИ МАРДУМ

Рушди истеҳсоли маҳсулоти саноитӣ, яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодиёти кишвар ва асоси беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии мардум ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар санаи 26 декабри соли 2018 ҳадафи чоруми стратегии миллӣ саноатикунонии босуръати кишварро эълон намуд. Барои расидан ба ҳадафи мазкур, аз ҷониби ҳукумату давлат пайваста тадбирҳои судманд андешида мешавад. То имрӯз соҳаи саноат дар кишвар рушд ёфта, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, шумораи корхонаҳо ва коргоҳои саноатӣ зиёд гардидаистодаанд, ки асоси пешрафти иқтисодиёти кишвар маҳсуб меёбад. Муаллиф дар мақолаи мазкур татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар самти соҳаи саноат, соҳибкории саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, шумораи корхонаҳои саноатӣ, имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва сармоягузориҳо таҳлил намуда, муаммоҳои соҳибкории саноатиро дар раванди истеҳсолот мушаххас кардааст. Бо мақсади фароҳам овардани заминаҳои мусоид дар мавриди эълон намудани ҳадафи форум ҳануз дар Паёмҳои қаблии Роҳбари олии мамлакат аз кишвари аграрӣ – саноатӣ ба саноатӣ – аграрӣ гузаштани Тоҷикистон ва истеҳсолоти саноатиро ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёти кишвар ҳисобида таъкид намуда буданд.

**Калидвожаҳо:** Паём, саноатикунонии босуръат, маҳсулоти саноатӣ, стратегияҳо ва барномаҳо, соҳибкории саноатӣ, истеҳсоли саноатӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, сармоя, хизматрасонӣ, имтиёзҳо.

## РАЗВИТИЕ ПРОМЫШЛЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ЯВЛЯЕТСЯ КЛЮЧЕВЫМ ФАКТОРОМ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ СТРАНЫ И ПОВЫШЕНИЯ УРОВНЯ ЖИЗНИ НАСЕЛЕНИЯ

Развитие промышленного производства является одним из важных факторов экономического развития страны и основой повышения благосостояния населения. В связи с этим в своем Послании Основателем мира и национального единства - Лидером нации Президентом Республики Таджикистан Его превосходительством Эмомали Рахмоном от 26 декабря 2018 года была объявлена четвертая национальная стратегическая цель - быстрая индустриализации страны. Правительство и государство принимают эффективные меры для достижения этой цели. На сегодняшний день промышленный сектор страны развивается и объем промышленного производства увеличился, количество промышленных предприятий и фабрик является основой экономического развития страны. В данной статье автор анализирует реализацию нормативных правовых актов в сфере промышленности, промышленного предпринимательства, производство промышленной продукции, численность промышленных предприятий и инвестиций, конкретизирует проблемы промышленного предпринимательства в производственном процессе. В целях создания благоприятных условий с целью объявления цели форума в предыдущих посланиях главы страны подчеркивался переход Таджикистана из аграрно-индустриальной в индустриально-аграрную страну и промышленное производство в качестве основного фактора экономического развития страны.

**Ключевые слова:** Послание, быстрая индустриализация, промышленные товары, стратегии и программы, промышленное предпринимательство, промышленное производство, производственные предприятия, инвестиции, услуги, льготы.

## THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTREPRENEURSHIP IS A KEY FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY'S ECONOMY AND IMPROVING THE QUALITY OF LIFE

The development of industrial production is one of the important factors in the economic development of the country and the basis for improving the welfare of the population. In this regard, in his Address to the Founder of Peace and National Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, His Excellencies Emomali Rahmon, dated December 26, 2018, the fourth national strategic goal for the rapid industrialization of the country was announced. The government and the state are taking effective measures to achieve this goal. Today, the country's industrial sector is developing and industrial production has increased, the number of industrial enterprises and factories is the basis of the

country's economic development. In this article, the author analyzes the implementation of regulatory acts in the field of industry, industrial entrepreneurship, industrial production, the number of industrial enterprises and investments, specifies the problems of industrial entrepreneurship in the production process. In order to create favorable conditions for the purpose of declaring the purpose of the forum, in the previous messages of the head of the country, Tajikistan's transition from an agro-industrial to an industrial-agrarian country and industrial production was emphasized as the main factor in the country's economic development.

**Keywords:** message, fast industrialization, industrial goods, strategies and programs, industrial entrepreneurship, industrial production, manufacturing enterprises, investments, services, benefits.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қаюмова Шаҳзода Тагоевна*** – Маркази тадқиқоти стратеги назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардори Раёсати таҳлили таҳқиқотҳои макроиқтисодӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони. Рӯдакӣ, 40. Телефон: **(+992 37) 2211571.** E-mail: **Shahi-76@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Каюмова Шахзода Тагоевна*** – Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, начальник Управления анализа макроэкономических исследований. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 40. Телефон: **(+992 37) 2211571.** E-mail: **Shahi-76@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kayumova Shahzoda Tagoevna*** - Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan, head of the Office for the Analysis of Macroeconomic Research. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 40 Rudaki Ave. Tel: **(+992 37) 2211571.** E-mail: **Shahi-76@mail.ru**

**УДК 33:351/354(575.31)**

# ОЦЕНКА ФИНАНСОВОГО ПОТЕНЦИАЛА РЕГИОНА В СИСТЕМЕ МЕР АНТИКРИЗИСНОГО УПРАВЛЕНИЯ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

***Тухтаев Т.М., Турдиматова П.М.***

**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

Антикризисное управление на уровне регионов страны при наличии результатов оценки потенциала такого управления. Здесь нами формулируется задача мониторинга основных социально-экономических показателей региона с целью своевременного предупреждения кризисных факторов и явлений, что, в свою очередь, считается ключевой задачей антикризисного управления на мезоуровне. Такой подход к оценке антикризисных возможностей экономики региона подтверждается рядом авторов (среди национальных авторов не представилось возможным прослеживать данный подход), что в должной мере импонирует нашим целям [4;5;7;11;2].

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми интихоби муассисаи таълимӣ ва шакли таҳсил новобаста аз синну соли кӯдак фикри ӯ ҳатман ба инобат гирифта мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми зиддияти хоҳиши кӯдак бо манфиатҳои ӯ, ё ин ки ғайриимкон будани иҷрои онҳо вобаста ба ҳолатҳои объективӣ, қонунгузор ҳалли ин масъаларо ба салоҳдиди падару модар мегузорад.

Фаҳмидан лозим аст, ки ҳуқуқҳои падару модар ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои дар қонунгузории оила муқарраршудаи кӯдак бо ҳуқуқи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо аз ҷониби кӯдак робита дорад. Илова бар ин, падару модар на танҳо ҳуқуқҳои кӯдакро дар соҳаи ҳуқуқи оила, балки ҳуқуқҳои дар дигар соҳаҳои ҳуқуқ муқарраргардида (ҳуқуқҳои манзилии кӯдак, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои мерос) ва манфиатҳои дар танзими ҳуқуқӣ набударо низ ҳимоя менамоянд.

Падару модар намояндаи қонунии фарзандони худ буда, ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро дар муносибатҳо бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, дар мақомоти маъмурӣ ва судӣ ҳимоя менамоянд. Барои анҷом додани ин амал ваколатҳои махсус лозим намебошад, танҳо манзур намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи аслу насаби кӯдак ва шиносномаи намоянда зарур аст.

Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон гуногун буда метавонанд: падару модар метавонанд чораҳои пешгирии вайрон кардани ҳуқуқҳои фарзандро андешанд, метавонанд барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронгардидаи кӯдакро талаб намоянд, аз номи ноболиғон дар суд баромад намоянд ва ғайра.

Аз қоидаи пешбининамудаи қ. 1 м. 64 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои ҷой доштани бархӯрди манфиатҳои падару модар ва фарзандон ҳамчун истисно баромад мекунад. Дар чунин ҳолатҳо падару модар тибқи муқаррароти Кодекси оила манфиатҳои кӯдакро муаррифӣ карда наметавонанд. Ҳангоми ҷой доштани ихтилоф байни падару модар ва фарзандон мақомоти васоят ва парасторӣ уҳдадор мешавад, ки намояндаро барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон таъйин намояд.

Ҳуқуқ ба тарбия як қатор ваколатҳоро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама, тарбия бидуни мулоқоти шахсӣ бо падару модар қариб ки ғайриимкон буда, бинобар ин даст кашидани падару модар (яке аз онҳо) аз мулоқоти шахсӣ вайрон кардани масъулияти тарбияи фарзанд эътироф мешавад. Барои ба амал баровардани ҳуқуқ ба тарбияи фарзандон ба падару модар имконияти якҷоя зиндагӣ намудан бо фарзандони худ пешниҳод гаштааст, ки ҳамзамон ин уҳдадории онҳо мебошад. Мувофиқи м. 68 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модар ҳуқуқ доранд баргардонидани фарзандонашонро аз ҳар шахсе, ки бе асоси қонунӣ ё ҳалномаи суд онҳоро дар наздаш нигоҳ медорад, талаб намоянд. Дар сурати ба миён омадани баҳс падару модар метавонанд барои ҳимояи ҳуқуқашон ба суд муроҷиат намоянд. Ҳангоми баррасии ин талабот суд бо назардошти фикру хоҳиши кӯдак метавонад даъвои падару модарро қонеъ нагардонад, агар ба хулоса ояд, ки ба падару модар баргардонидани кӯдак ба манфиати кӯдак нест. Яъне, суд метавонад даъвои падару модарро ҷиҳати баргардонидани кӯдак рад намояд, агар кӯдак хоҳиши баргаштан ба назди падару модарро надошта бошад ва агар баргаштан ба назди падару модар барои истиқомати минбаъда хилофи манфиатҳои кӯдак гардад.

Падару модар то ба синни 14-солагӣ расидани фарзандонашон уҳдадоранд, ки якҷоя бо онҳо зиндагӣ намоянд. Аммо онҳо ҳуқуқ доранд фарзандонашонро дар муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ҷойгир намоянд, ё ин ки дар баъзе ҳолатҳо барои тарбия ба шахсони дигар гузоранд, чун қоида дар назди хешовандони наздик, масалан, ба бобою бибӣ (модаркалон). Қарор дар бораи гузоштани фарзандон ба тарбия дар муассисаҳо ва ё ба шахсони номбурда яке аз тарзҳои амалигардонии ҳуқуқи падару модар ба тарбия мебошад. Онҳо, дар навбати аввал, барои интихоб масъулият доранд. Аз тарафи дигар, ҷобаҷогузории кӯдак дар шакли қарор додани ӯ дар назди хешовандон ва ё муассисаҳои кӯдакон падару модарро аз уҳдадории шахсан тарбия кардани кӯдак озод намекунад.

Ҳуқуқ ба тарбия инчунин ваколати тарбияи динии кӯдакро низ дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», ҳуқуқ ба озодии виҷдонро эътироф ва кафолат додаанд. Мувофиқан ҳар як кӯдак ба озодии виҷдон, ба гирифтан ва интишор кардани иттилооти ба синни ӯ мувофиқ, иштироки ихтиёрӣ дар ташкилотҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад.

Озодии эътиқоди фарзанд бо розигии якҷояи падару модар ба амал баровварда мешавад. Тибқи муқарраротиқисми 14 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ҳуқуқ доранд, ки фарзандонашонро тибқи муносибати шахсии худ ба дин бо риояи ҳуқуқи кӯдак ба озодии виҷдон таълиму тарбия диҳанд. Ин талабот нисбат ба таълими динӣ низ дахл дошта, тибқи Қонуни номбурда таълими динии кӯдакон аз синни 7 то 18-солагӣ бо ризоияти хаттии падару модар ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда дар вақтҳои берун аз дарс ва берун аз барномаи таълимии таҳсилоти давлатӣ иҷозат дода мешавад.

Ҳангоми ҷой надоштани розигӣ дар ин масъала падару модар ҳуқуқ доранд ба мақомоти васоят ва парасторӣ ҷиҳати ҳалли ин баҳс муроҷиат намоянд. Мақомоти васоят ва парасторӣ имкон надоранд, ки барои кӯдак пайравӣ ба ин ё он динро таҳмил намоянд. Ягона қарори дурусти мақомоти васоят ва парасторӣ ин пешниҳод намудан ба падару модаре, ки динҳои гуногунро эътироф мекунанд, ҳарчи зиёд маълумот оид ба онҳо ба кӯдак пешниҳод намудан мебошад, то ки кӯдак ба синну соли муайян расида, фикри шахсии худро оид ба ин масъала ифода намуда, мансубияти динии худро муайян намояд. Чунин рафтор, ҳангоме ки яке аз волидайн ба тарбияи атеистии кӯдак майл дорад, низ зарур аст. Тибқи муқаррароти қонунгузории Тоҷикистон, мутобиқи принсипи ҷудо будани таҳсилоти давлатӣ аз иттиҳодияҳои динӣ, таълим дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти умумӣ хусусияти дунявӣ дошта, дастрас будани намудҳо ва зинаҳои гуногуни таҳсилот, новобаста аз муносибат ба дин, таъмин карда мешавад ва мувофиқан давлат дар низоми таҳсилоти давлатӣ вазифаи таълим ва тарбияи кӯдаконро аз рӯйи интихоби динӣ ё атеистии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ба ухда намегирад.

Ҷузъи муҳимми ҳуқуқ ба тарбия ҳуқуқ ба таҳсилот ба шумор меравад. Падару модар ухдадоранд, ки фарзандонро бо таҳсилоти асосӣ таъмин намоянд. Онҳо дар интихоби шакли таҳсил ва муассисаи таълимӣ барои кӯдак озоданд. Минбаъд бо ба воя расидани кӯдак падару модар ухдадоранд, ки давра ба давра фикри худи кӯдакро ба инобат гиранд. Падару модар ягон воситае надоранд, то ки кӯдакро барои пайравӣ ба интихоби худ маҷбур созанд, бинобар ин, дар аксари ҳолат сухани охиронро дар ин масъала худи кӯдак дорад. Агар ӯ аз ҳозир шудан ба муассисаи таълимии интихобнамудаи падару модар саркашӣ намояд, онҳо маҷбур мешаванд, ки бо фикри кӯдак розӣ шаванд. Ухдадории падару модар оид ба таъмин намудани фарзандон бо таълими асосӣ ин масъулияти онҳо дар назди ҷамъият (маҳз дар ҳамин хусусияти оммавӣ-ҳуқуқии он зоҳир мегардад) ва ҳамзамон назди фарзанд ба ҳисоб меравад. Падару модар ухдадоранд, ки ба фарзанд барои гирифтани маълумот ҳамаи шароитҳоро таъмин намуда, ҳуқуқи онро надоранд, ки барои ҳозиршавӣ ба муассисаи таълимӣ монеъ шаванд. Агар падару модар аз рӯйи назари динӣ ё дигар мулоҳизаҳо барои гирифтани таҳсилоти кӯдак монеъ шаванд, ин амал метавонад барои маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модар асос шавад.

Ҳангоми ҷавоб додан ба савол оид ба таносуби ҳуқуқ (ухдадорӣ)-и тарбия бо дигар ҳуқуқ (ухдадорӣ)-ҳои падару модар нисбати фарзандони ноболиғ, бояд дар назар дошт, ки «тарбия», «таълим», «таҳсилот» ва «инкишоф», чун анъана ба категорияҳои асосии педагогика тааллуқ дошта, ҳамзамон ҳар яке аз онҳо маънои мустақил дошта, иртиботи мутақобилаи онҳо инкор намегардад. Дар маҷмӯъ, тарбия тавре ба муносибатҳои фарзандону падару модар татбиқ карда мешавад, ки ба ду маъно фаҳмидан мумкин аст: якум, тарбия ҳамчун мақсаднок фароҳам овардани шароитҳои моддӣ ва маънавӣ аз тарафи падару модар барои аз ҷониби кӯдак аз худ кардани таҷрибаи ҷамъиятиву таърихӣ бо мақсади омода намудани кӯдак ба ҳаёт дар ҷомеа ва меҳнати истеҳсолӣ. Дуюм, тарбия ҳамчун робитаи мунтазам ва мутақобилаи падару модар ва кӯдак бо мақсади ташаккулёбии муносибати хуби кӯдак ба атрофиён ва падидаи ҷаҳонӣ, ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва рафтор [5,с.17].

Таълим (омӯзиш) дар илми педагогика ҳамчун раванди мақсадноке, ки аз ҷиҳати иҷтимоиву шахсӣ вобаста ва аз ҷиҳати педагогӣ ташкилии инкишофи шахсият фаҳмида мешавад, ки дар асоси азхудкунии дониши илмии мураттаб ва тарзҳои фаъолият, тамоми боигарии маънавӣ ва моддии фарҳанги инсоният сурат мегирад [5].

Дар мазмуни таълим ташаккулёбии назари илмӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳо, донишҳову маҳоратҳои махсус ва умумитаълимӣ бартарӣ дорад [5,с.194-200].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки сарҳадҳои таълиму тарбия печида мебошанд. Ин, дар навбати аввал, аз он вобаста аст, ки таълиму тарбия мафҳумҳои якдигарро инкоркунанда набуда, балки баръакс ҳамдигарро пуркунанда мебошанд. Ба фикри Г.Б. Корнетов, алоқамадии мутақобилаи онҳо дар се ҷанба зоҳир мегардад. Якум, таълиму тарбия зернизоми як раванд мебошанд, ки дар адабиёти ватанӣ ҳамчун маориф тафсир дода шудааст. Дуюм, ҳам таълим ва ҳам тарбия раванди мақсадноки инкишофи одам мебошанд. Сеюм, таълиму тарбия равандҳои на ҳамдигарро инкоркунанда, балки ҳамдигарро таъминкунанда мебошанд [3,с.49].

Ҳангоми тарбия на танҳо ҷаҳонбинӣ ва асосҳои ахлоқӣ ташаккул меёбанд, балки азхудкунии низоми донишҳо дар бораи ҷаҳон, меъёрҳои иҷтимоӣ ва тавоноии истифодабарии ин донишҳо дар назар дошта мешавад. Дар навбати худ, таълим ҳамчун хислатҳои шахсиятро ташаккул медиҳад. Азхудкунии донишу тарзҳои фаъолият (ҳангоми зарур будани онҳо ба шахс) эҳсосоти маънавӣ, иродавӣ ва эстетикиро инкишоф медиҳад. Аз ин рӯ, таълим ҳамзамон тарбия аст; раванди таълим функсияи тарбияро иҷро карда, раванди тарбия бидуни азхудкунии таълимгирандагон меъёрҳои муайян, қоидаҳои рафтор, фаъолият, муошират ва ғ. имконнопазир мегардад [6,с.196]. Алоқамандии мазкур маънои набудани фарқияту хусусиятҳои хос байни таълиму тарбияро надорад. Фарқият, пеш аз ҳама, дар он аст, ки тарбия ин ташаккулёбии сифат ва хусусиятҳои шахсият, бунёди сохтори дохилии арзишҳои иҷтимоӣ, ташаккулёбии муносибати хоссаи шахсӣ ба онҳо мебошад. Таълим интиқоли донишу тарзҳои фаъолият аст. Аз ин лиҳоз, таълим ба инкишофи зеҳнию ақлии инсон нигаронида шуда, тарбия бошад, ба паҳлуи ангезаю арзишӣ ва иродавӣ бахшида шудааст [4].

Чи тавре қайд карда будем, таълиму тарбия зернизоми раванди ягона буда, дар бисёр ҳолатҳо ҳамчун маориф маънидод мегардад (Г.Б. Корнетов). Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки ҳуқуқ (уҳдадорӣ)-и падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд моҳиятан ҳуқуқу уҳдадории падару модар ба дониш додан ба онҳо мебошад. Аммо сарфи назар аз он ки мафҳуми «маориф» таълиму тарбияро дар бар мегирад, вобаста ба хусусиятҳои ҳуқуқу уҳдадории падару модар ин ибораҳоро фарқ кардан лозим аст. Дар давраҳои таърихии гузашта ҳуқуқу уҳдадории падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон бо ҳуқуқу уҳдадории таълиму тарбияи фарзандон алоқаманд буд. Бо ҳамин сабаб онҳо аз таркибаш берун набуданд. Ҷудошавии ҳуқуқу уҳдадории падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон аз ҳуқуқу уҳдадории умумии падару модар дар асри XIX ба миён омад [1]. Аз ҳамон замон ҳуқуқу уҳдадории падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон ҳамчун маҷмӯи мустақили ҳуқуқу уҳдадории шахсии падару модар пайдо шуд.

Оила низоми мураккаби муносибатҳо ба ҳисоб меравад, зеро на танҳо зану шавҳарро дар бар мегирад, балки фарзандони онҳо, инчунин дигар хешовандонро низ фаро мегирад. Бинобар ин, оиларо на гурӯҳи ақди никоҳи одӣ, балки падидаи ҷамъиятӣ, яъне низоми робитаҳо, ҳамкориҳои мутақобила ва муносибати нафарон, ки функсияҳои давоми насли инсонро иҷро мекунад ва тамоми робитаҳо, ҳамкории мутақобила ва муносибатро дар асоси арзишу меъёрҳои муайян, ки ба назорати кушоди иҷтимоӣ тавассути чораҳои мусбат ва манфӣ танзим мекунад, фаҳмидан мумкин аст.

Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ якчанд марҳиларо мегузарад, ки пайдарҳамии онҳо ба даврони оилавӣ, ё ин ки даври ҳаёти оила мубаддал мегардад. Муҳаққиқон шумораи гуногуни марҳилаҳои ин даврро муайян мекунанд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: 1) бори аввал бастани ақди никоҳ – ташкили оила; 2) оғози фарзанддорӣ – таваллуди фарзанди якум; 3) анҷоми фарзанддорӣ – таваллуди фарзанди охирин; 4) «лонаи холӣ» - бастани ақди никоҳ ва аз оила баромадан (ҷудо шудан)-и фарзанди охирин; қатъи мвҷуд будани оила – фавтидани яке аз ҳамсарон. Дар ҳар кадоме аз марҳилаҳо оила дорои хусусиятҳои хосси иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад [2].

Оила ҳамчун падидаи иҷтимоӣ бо ташаккули ҷамъият ба вуҷуд омадааст. Ҷараёни ташаккул ва фаъолияти оила аз танзими арзишию меъёрӣ вобастагӣ дорад. Ба сифати онҳо интихоби ҳамсар, талаботи рафтори ҷинсӣ, меъёрҳое, ки тавассути онҳо зану шавҳар, падару модар ва фарзандон роҳнамоӣ мекунанд ва ғайра, инчунин ҷазо барои иҷро накардани онҳо фаҳмида мешавад. Ин арзишҳо, меъёрҳо ва чораҳо шакли дар ҷамъияти мазкур эътирофшудаю тағйирёбандаи муносибатҳои байни мард ва занро ифода менамоянд, ки тавассути он мард ва зан ҳаёти ҷинсии худро танзим карда, ҳуқуқу уҳдадориҳои зану шавҳарӣ, падару модарӣ ва дигар хешовандонро муқаррар менамоянд.

Дар асоси муқаррароти зикргардида ба хулосе омадан мумкин аст, ки якум, бо дарназардошти алоқаи зичи мутақобилаи таълиму тарбия ҳуқуқҳои дахлдори падару модарро дуруст мебуд, ки «ҳуқуқ (уҳдадорӣ)-и падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон» номгузорӣ намоем (аз ҷумла дар қонунгузорӣ)*. Дуюм, ҳуқуқ (уҳдадорӣ)-и падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон маънои ҳуқуқ (уҳдадорӣ)-и падару модарро ҷиҳати ташаккули сифатҳои шахсии кӯдак, арзишу присипҳо, ҷаҳонбинӣ (тарафҳои ангезаю арзишӣ ва иродавӣ)-и ӯро дорад, инчунин маҳорату тавоноии махсуси аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимбуда (тарафи зеҳнию ақлӣ)-ро дар назар дорад.

Мақсади таълиму тарбия инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак мебошад. Инкишоф ҳамчун «раванди мунтазаму пайвастаи тағйироти миқдорию сифатии инсон, ҷараёни ташаккулёбии шахсияти ӯ зери таъсири омилҳои дохилию берунӣ, иродавию ғайрииродавӣ, иҷтимоиву табиӣ мебошад» [5,с.18]. Инкишоф паҳлуҳои гуногунро дар бар мегирад, аз ҷумла: ҷисмонӣ, зеҳнӣ, рӯҳӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ва ғайра. Метавон гуфт, ки таълиму тарбия нисбати инкишофи шахсияти кӯдак ҳамчун воситаи расидан ба мақсад баромад мекунад. Яъне, падару модар фарзандро таълиму тарбия намуда, ӯро дар самтҳои зарурӣ инкишоф медиҳанд (маънавӣ, ҷисмонӣ ва ғайра). Бинобар ин, таъкиди қонунгузор, алалхусус дар м. 63 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (падару модар барои тарбияи фарзандони худ дорои ҳуқуқу уҳдадорӣ мебошанд; онҳо барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд), усули техникаи қонунгузорӣ асту халос. Усули мазкур имкон медиҳад, ки ба донишҳои махсус муроҷиат накарда, иродаи қонунгузорро муайян кунем.

## АДАБИЁТ


1. Бурданова Н. А. Родительские правомочия: проблема определения их сущности в праве Российской империи // Патриотизм и гражданственность в повседневной жизни российского общества (XVIII-XXI вв.) / Н. А. Бурданова //Материалы Международной научной конференции / под общ.ред. В. Н. Скворцова. -СПб., 2013. -С. 20-21.
2. Институционализация и социальный институт. [Электронный ресурс]. http: // www.km.ru/referats/8676C7656597460A821B9C340BB4F749
3. Корнетов Г. Б. Общая педагогика: учебное пособие. 2-е изд., перераб. и доп. М.: АСОУ, 2009. -С.49.
4. Корнетов Г. Б. Общая педагогика: учебное пособие. 2-е изд., перераб. и доп./ Г. Б.Корнетов. -М.: АСОУ, 2009. -С.49: Старикова Л. Д. О соотношении понятий «воспитание» и «обучение» / Л. Д. Старикова // Вестник Челябинского государственного педагогического университета. -2010. -№ 1. -С. 200, 202.
5. Пащина С. М. Психология и педагогика: учебное пособие / С. М. Пащина. - Омск: Изд-во СибАДИ, 2008. -С.17.
6. Старикова Л. Д. О соотношении понятий «воспитание» и «обучение» / Л. Д. Старикова // Вестник Челябинского государственного педагогического университета. -2010. -№ 1. -С. 194-200.
7. Савельева Н.М. Правовое положение ребенка в Российской Федерации: гражданско-правовой и семейно-правовой аспекты: дис. ... канд. юрид. наук / Н.М. Савельева. -М., 2005. -С.96.
8. Савченко Е.С. Обязанности и права родителей по семейному законодательству и гарантии их осуществления / Е.С. Савченко // Известия ЮФУ. Технические науки. -2006. -№ 10 (65). -С. 194-195.
9. Тадевосян В.С. Охрана прав несовершеннолетних / В.С. Тадевосян. -М., «Юрид. лит», 1974. -С. 5.
10. Тотенборг З. Задачи опекунских учреждений по новому праву / З. Тотенборг //Пролетарская революция и право. -1919. -№ 2-4. -С. 66.


## БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ МУБОҲИСАВИИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ КӮДАК ДАР ИРТИБОТ БО ҲУҚУҚИ ПАДАРУ МОДАР БА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНДОН


Мақолаи мазкур ба баррасии баъзе ҷанбаҳои мубоҳисавии вазъи ҳуқуқии кӯдак дар иртибот бо ҳуқуқи падару модар ба таълиму тарбияи фарзандон бахшида шудааст. Барои муайян намудани вазъи ҳуқуқии дақиқи кӯдак баррасии он дар иртибот бо ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар нисбат ба фарзандон зарур мебошад. Дар акси ҳол вазъи ҳуқуқии кӯдак нопурра муайян гардида, паҳлуҳои мубрами он нокушода боқӣ мемонанд. Муаллиф қайд менамояд, ки таърихан вазъи ҳуқуқии кӯдак дар оила аз нигоҳи муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модар ва муайян намудани сарҳади ин «ҳокимият» муайян шудааст. Омӯзиши масъала нишон медиҳад, ки сарфи назар аз дастовардҳои зиёд дар ин ҷода то ҳол мушкилоти мазкур ҳалли худро наёфта, ин ду паҳлуи масъалаи ба ҳам алоқаманд «сарҳадбандӣ» нашудааст. Бо ҳамин сабаб баррасии ҷудогонаи онҳо самаранок набуда, таҳлилу тадқиқи комплексии онҳо бо мақсади дақиқ намудани вазъи ҳуқуқии кӯдак мувофиқи мақсад мебошад. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки тибқи қонунгузории оилаи амалкунанда падару модар на танҳо уҳдадор, балки ҳуқуқ низ доранд, ки фарзандонашонро тарбия намоянд.Падару модар дар тарбияи шахсии фарзандони худ нисбат ба ҳамаи шахсони дигар ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Онҳо дар интихоби тарзу усули тарбия озод буда, ҳамзамон


* Дар иртибот бо ин охирин тағйироти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 34 қобили дастгирӣ мебошад.

бояд манфиати фарзанд, ҷамъият ва давлатро дар назар дошта бошанд.

**Калидвожаҳо:** падару модар, тарбияи фарзанд, вазъи ҳуқуқии кӯдак, кумак ба падару модар ва шахсони дигари кӯдакро тарбиякунанда, мақсади таълиму тарбия, инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдак.

**НЕКОТОРЫЕ СПОРНЫЕ АСПЕКТЫ ПРАВОВОГО ПОЛОЖЕНИЯ РЕБЁНКА ОТНОСИТЕЛЬНО ПРАВ РОДИТЕЛЕЙ НА ВОСПИТАНИЕ И ОБУЧЕНИЕ РЕБЁНКА**

Данная статья посвящена рассмотрению и изучению некоторых спорных аспектов правового положения ребёнка относительно прав родителей на воспитание и обучение ребёнка. Для точного определения правового положения ребёнка нужно рассмотреть его в связи с правами и обязанностями родителей по отношению к ребёнку. В противном случае, правовое положение ребёнка будет определено неполно и его важные стороны будут раскрыты не полностью. Автор статьи также отмечает, что исторически определено правовое положение ребёнка в семье с точки зрения установления прав и обязанностей родителей и определения границ данной «власти». Изучение данной проблемы показывает, что несмотря на большие достижения в данном направлении данная проблема до сегодняшнего дня не нашла своего решения, и две стороны данной проблемы, связанные друг с другом, не имеют четких границ. Поэтому, отдельное их рассмотрение неэффективно, целесообразны их комплексный анализ и исследование с целью уточнения правового положения ребёнка. Автор также отмечает, что в соответствии с действующим семейным законодательствомродители не только обязаны, но и имеют право воспитывать своих детей. Родители в личном воспитании своих детей имеют преимущественные права относительно других лиц. Они свободны в выборе способов и методов воспитания, но также одновременно должны принять во внимание интересы ребёнка, общества и государства.

**Ключевые слова:** родители, воспитание ребёнка, правовое положение ребёнка, помощь родителям и другим лицам воспитывающим ребёнка, цель воспитания и обучения, всестороннее развитие личности ребёнка.

**SOME DISPUTED ASPECTS OF THE LEGAL PROVISION OF THE CHILD REGARDING THE PARENTS 'RIGHTS TO RAISE AND TEACH THE CHILD**

This article is devoted to the consideration and study of some controversial aspects of the legal status of the child regarding the rights of parents to raise and educate the child. To accurately determine the legal status of the child, it is necessary to consider it in connection with the rights and obligations of parents in relation to the child. Otherwise, the legal status of the child will be determined incompletely and its important aspects will not be fully disclosed. The author of the article also notes that the legal status of the child in the family is historically determined in terms of establishing the rights and obligations of parents and defining the boundaries of this “power”. The study of this problem shows that despite the great achievements in this direction, this problem has not yet been resolved, and the two sides of this problem related to each other do not have clear boundaries. Therefore, their separate consideration is ineffective, their comprehensive analysis and research is advisable in order to clarify the legal status of the child. The author also notes that in accordance with the current family law, parents are not only obliged, but also have the right to raise their children. Parents in the personal education of their children have preferential rights over other persons. They are free to choose ways and methods of education, but also at the same time must take into account the interests of the child, society and the state.

**Keywords:** parents, raising a child, the legal status of the child, assistance to parents and other persons raising a child, the purpose of education and training, the comprehensive development of the personality of the child.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғаффорзода Илёс Ғаффор*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987-78-88-88**

**Сведения об авторе:** ***Гаффорзода Илёс Гаффор*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры гражданского права. **Адрес:** 734025, Республика Таджикситан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17

**Information about the author:** ***Gaforzoda Iles Hoes Gaffor*** - Tajik National University, PhD in Law, Associate Professor of the Department of Civil Law. **Address:** 734025, Republic of Tadzhiksitan, Dushanbe, Rudaki Av. 17. Ph: **987-78-88-88**

**УДК.343.34**

# ОИД БА ДЕКРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ТАШКИЛИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ФИРИСТОНИДАН ВА БО КОР ТАЪМИН КАРДАНИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ХОРИҶА

***Ширинҷонов Ф.И.***

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Бояд қайд намуд, ки раванди криминализатсиякунонӣ хеле муҳим ва масъулиятнок мебошад, чунки аз натиҷаи он дар ниҳоят дараҷаи муҳофизати манфиатҳои ҳифзшаванда ва сатҳи озодии ҷомеа вобастагӣ доранд [8,с.9]. Зери мафҳуми криминализатсия дар адабиёт ҷараён ва натиҷаи муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятии кирдор фаҳмида мешавад [9,с.233]. Криминализатсия ҳамчун ошкор намудани намудҳои рафтори инсонии

ба ҷамъият хавфнок, дар сатҳи давлатӣ эътироф намудани зарурият, имконият ва мувофиқи мақсад будани муборизаи ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ бо онҳо ва дар қонуни ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят мустаҳкам кардани онҳо фаҳмида мешавад. Қонунгузор ҳангоми қабул намудани чунин қарор бояд қоидаҳои илман асосноки криминализатсиякунонии кирдор, бо дарназардошти омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, иҷтимоиву психологӣ ва ҳуқуқӣ дошта ва оқибатҳои иҷтимоӣ-криминологӣ, иқтисодӣ ва ҷиноятӣ-сиёсии кирдорро ба инобат гирад.

Дар луғати истилоҳоти Созмони байналмилалӣ оид ба муҳоҷират зери мафҳуми «муҳоҷири ғайриқонунӣ» шахси хориҷие фаҳмида мешавад, ки ба давлат берун аз нуқтаи назорати сарҳадӣ ворид мегардад, аз тафтишоти шахсони расмӣ пинҳон мешавад, иҷозатро бо роҳи фиреб ба даст меорад, ё тавассути бастани никоҳи қалбакӣ аз таъсири қонунҳои муҳоҷират берун мемонад [11]. Дар Барномаи ҷаҳонӣ оид ба мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ истилоҳи «муҳоҷирати ғайриқонунӣ» ҳамчун «воридоти ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ба мамлакат бо мақсади гирифтани фоида» таъриф дода шудааст [5]. Ҳамзамон, ба ақидаи аксари муҳаққиқон, муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, чунин ба назар мерасад, ки моддаи 335[2], ки дар қисмати 1 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ташкили ғайриқонунӣ, фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа пешбинӣ кардааст, бояд тибқи қонунгузории пешрафтаи мамлакатҳои хориҷӣ ва талаботи санадҳои байналмилалӣ таҳрир карда шавад.

Сохтори моддаи 335[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро профессор Ҷ.С. Муртазоқулов хато шуморида, якчанд норасоиҳои онро қайд менамояд. Ба ақидаи муаллиф, дар доираи моддаи мазкур равшан нест, ки чӣ гуна бояд «ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони ҶТ дар хориҷа» фаҳмида шавад, чунки дар моддаи мазкур ин истилоҳ шарҳ дода нашудааст. Ғайр аз ин, ба ақидаи муҳаққиқ, диспозитсияҳои қисматҳои 1 ва 2 моддаи мазкур мувофиқ карда нашудаанд ва моҳиятан дар онҳо мафҳуми якхела оварда шудааст «ғайриқонунӣ бо кор таъмин кардан» ва «бо кор таъмин намудани муҳоҷирон аз ҷониби шахсе, ки барои амалӣ намудани чунин намуди фаъолият иҷозатнома надорад». Инчунин, ба ақидаи муҳаққиқ, дар диспозитсияи моддаи мазкур моҳияти кирдорҳои ба сифати «ғайриқонунӣ фиристодан» ё «бо кор таъмин намудан» низ шарҳ дода нашудааст. Масалан, ҳолатҳое метавонанд ба вуҷуд оянд, ки чунин кумак аз тарафи хешовандон расонида мешавад. Бинобар ин, қонунгузор робитаҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои бо кор таъмин намуданро, ки айни замон ба таври васеъ дар ҶТ паҳн гардидааст, ба инобат нагирифтааст [4,с.51].

Хулосаҳои муҳаққиқро дастгирӣ намуда, дар тақвияти гуфтаҳои ӯ якчанд ҳолатҳои дигарро қайд намудан бамаврид мешуморем. Аз ҷумла, мавриди зикр аст, ки таркиби ҷинояти ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ расмӣ мебошад, яъне аломати фарққунандаи онҳо, ҷойи содир гардидани кирдор мебошад – сарҳади давлатии ҶТ. Масъалаи дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ пешбинӣ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ фаҳмо мебошад. Ин давлатҳо, пеш аз ҳама, ҷойҳои кории худро ҳифз менамоянд. Аммо вазъи кунунии бозори меҳнати Тоҷикистонро ба инобат гирифта, масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандони ҶТ, ки ба дигар шаҳрвандони ҶТ дар масъалаҳои фиристонидан ва бо кор таъмин кардани онҳо дар хориҷа машғуланд (гарчанде, ки ғайриқонунӣ бошад), чораи аз ҳад барзиёд мебошад, ғайр аз ин чунин таҷриба дар ягон қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дида намешавад. Масалан, дар қонунгузории Федератсияи Русия, Ӯзбекистон, Озарбойҷон барои чунин кирдор танҳо ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст.

Ба ақидаи мо, масъалаи ҷиноят эътироф гардидани ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа баҳснок мебошад. Кирдори мазкур аллакай дар моддаи 138-и КҲМ ҶТ «ғайриқонунӣ ба кор ҷалб намудан, бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва ё шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ гардида, он чораи кофӣ мебошад. Илова бар ин, ин ҷо саволе ба миён меояд, ки дар ҳолате ки ба манфиатҳои ҳифзшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон зарар расонида намешавад, чӣ гуна объекти ҷинояти мазкур бояд муайян карда шавад. Амалигардии ин ҷиноят одатан розигии ҷабрдида (муҳоҷири ғайриқонунӣ)-ро дар назар дорад, дар ҳолати розӣ набудани ҷабрдида таркиби дигар ҷиноят ба вуҷуд меояд. Ғайр аз ин, зарари

ҷамъиятии кирдори дар диспозитсияи қисми 1-и моддаи $335^2$ пешбинигарида аҳамиятнок набуда, танзими он дар доираи қонунгузории маъмурӣ, чи тавре ки айни замон амалӣ мегардад, кофӣ аст. Дар ҳолатҳои ғаразнок, яъне ҳангоми бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ ба даст овардани маблағҳо барои ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ҷавобгарӣ бояд тибқи моддаи 247 КҶҶТ ба вуҷуд ояд.

Масъалаи дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ пешбинӣ гардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ фаҳмо мебошад. Ин давлатҳо, пеш аз ҳама, ҷойҳои кории худро ҳифз менамоянд. Аммо вазъи кунунии бозори меҳнати Тоҷикистонро ба инобат гирифта, масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба дигар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои (ғайриқонунӣ) фиристонидан ва бо кор таъмин кардани онҳо дар хориҷа машғуланд, чораи аз ҳад барзиёд мебошад, ғайр аз ин чунин таҷриба дар ягон қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дида намешавад. Танзими масъалаи мазкур, чи тавре ки айни замон дар доираи моддаи **38-и КҲМ ҶТ «Ғайриқонунӣ ба кор ҷалб намудан, ба кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва ё шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудааст, чораи** кофӣ ва ҳатто дар қисмати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барзиёд мебошад.

Ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ҳамчун кирдори ҷиноятии маҳз ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ вобаста буда эътироф намегардад. Масалан, дар қонунгузории Федератсияи Русия, Ӯзбекистон, Озарбойҷон барои чунин кирдор танҳо ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардидааст.

Ғайр аз ин, мутобиқи таҷрибаи қонунгузории қариб тамоми давлатҳои дунё, инчунин санадҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба сифати муҳоҷирони ғайриқонунӣ танҳо шахсони хориҷӣ ва ё шахсони бешаҳрвандӣ фаҳмида мешаванд. Ҳамин тавр, тибқи луғати истилоҳоти Созмони байналмилалӣ оид ба муҳоҷират, «муҳоҷири ғайриқонунӣ» ҳамчун шахси хориҷие муайян шудааст, ки ба давлат берун аз нуқтаи назорати сарҳадӣ ворид мегардад, аз тафтишоти шахсони расмӣ пинҳон мешавад, иҷозатро бо роҳи фиреб ба даст меорад, ё тавассути бастани никоҳи қалбакӣ аз таъсири қонунҳои муҳоҷират берун мемонад [3,с.49], ё ин ки масалан, тибқи моддаи $322^1$ зери мафҳуми «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ» ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Федератсияи Русия, ташкили будубоши онҳо дар Русия ва ё ташкили гузариши транзитии ғайриқонунии чунин шахсон ба воситаи ҳудуди Федератсияи Русия фаҳмида мешавад [6].

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд, метавонанд озодона қаламрави ҷумҳуриро тарк кунанд ва ба ҳудуди Тоҷикистон баргарданд. Мутобиқи моддаи 24-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ доранд [1]. Бояд қайд намуд, ки асоси криминализатсияи кирдор дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ин кирдор мебошад. Албатта, дар ин кирдор дараҷаи хавфнокии баланд барои давлати хориҷӣ мавҷуд аст, аммо на ба манфиатҳои ҳифзшавандаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонунгузории ҷиноятии миллӣ, пеш аз ҳама, бояд манфиатҳои шаҳрвандони худро ҳифз намояд, на манфиатҳои давлатҳои хориҷиро.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, мазмуни диспозитсияи банди 1-и моддаи $335^2$. ба номи он мувофиқат намекунад, чунки, чи тавре дар боло қайд намудем, аломати асосии ин ҷиноятҳо ҷойи содир гардидани он – сарҳади давлатӣ ва вазъи ҳуқуқии ҷабрдида (муҳоҷир) – шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ташкил менамоянд. Муҳоҷирати ғайриқонунӣ бошад, танҳо бо роҳи ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ таъмин намудани шароит барои ворид гардидан ба ҳудудҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили гузариши транзитии ғайриқонунии чунин шахсон ба воситаи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кор таъмин намудани онҳо амалӣ мегардад.

Қисми 2-и моддаи $335^2$ ҷавобгарии ҷиноятиро барои бо кор таъмин намудани муҳоҷирон аз ҷониби шахсе, ки барои амалӣ намудани чунин намуди фаъолият иҷозатнома надорад, пешбинӣ намудааст. Бояд қайд кард, ки дар ин қисм, дар фарқ бо қисми 1-и моддаи мазкур ба ҷойи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи муҳоҷир

истифода гардидааст, ки зери он шахсе фаҳмида мешавад, ки аз як давлат ба дигар кишвар ворид гашта истодааст ва ба хизматрасониҳои байналмилалии муҳоҷиратӣ, ки аз тарафи созмонҳои байналмилалӣ пешниҳод мегарданд, ниёз дорад [10,с.12–14]. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо шиносномаҳои хориҷӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари ивазкунандаи онҳо, дар сурати мавҷуд будани раводиди амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона ворид шаванд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд [2].

Ғайр аз ин, чунин ба назар мерасад, ки моддаи $335^2$ мутобиқ бо қонунгузории мамлакатҳои пешрафтаи хориҷӣ ва талаботи санадҳои байналмилалӣ бояд таҳрир карда шавад. Меъёрҳои ба қ. 2-и моддаи $335^2$ монанд, масалан дар қонунгузории ҷиноятии Голландия мавҷуд аст («Санад дар бораи деликтҳои иқтисодӣ» (Wet Econmische Delicten). Дар ҳудудҳои Олмон аз соли 2004 "Қонун дар бораи мубориза бар зидди фаъолияти ғайриқонунии меҳнатӣ» (SchwarzArbG) амал мекунад, ки тибқи он барои ба кор ҷалб намудани панҷ ва ё зиёда шахси хориҷӣ, ки ҳуқуқи дар Олмон будубош ё ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шуданро надоранд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст [18,с.38]. Ба фикри мо, муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон ҷолиби диққат мебошад. Мутобиқи моддаи 395-и КҶ ҶҚ корфармо барои такроран ба кор ҷалб намудани шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки иҷозати мақомоти дахлдори давлатиро надоранд, яъне барои такроран ҷалб намудан ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон истифода намудани қувваи кории хориҷӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад [7]. Дар ин росто вобаста ба моддаи $335^2$-и КҶ ҶТ ҳаминро бояд қайд кард, ки моддаи мазкур баъзе норасоиҳо дорад.

Ҳангоми амалӣ намудани тарафи объективии бо кор таъмин намудани муҳоҷироне, ки ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, чунин амалҳо содир мегарданд: кумак расонидан дар тартиб додани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо бо нишон додани маълумоти нодуруст, мусоидат намудан ва ба расмият даровардани даъватномаҳои қалбакӣ барои гирифтани раводид ва дигар намуди ҳуҷҷатҳо ва иҷозатномаҳо.

Бо кор таъмин намудани муҳоҷироне, ки ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, ҳангоми воқеан ба кор шурӯъ намудан, ё бастани ягон шартномаи меҳнатӣ хотимаёфта эътироф мегардад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, диспозитсияи қисми 1-и моддаи $335^2$ бояд декриминализатсия карда шавад. Мазмуни ташкили муҳоҷирати ғайриқонуниро моддаи $335^1$ ташкил медиҳад, аз ин рӯ ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ номгузорӣ намудани моддаи $335^1$ зарур мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016. -135 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 2 январи соли 2018. [Манбаи электронӣ]. http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 16.09.2019).
3. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳаи муҳоҷират. – Женева, 2005. -С. 49.
4. Муртазакулов Д.С. Принудительный труд как компонент противодействия торговле людьми / Д.С. Муртазакулов //Труды Академии МВД Республики Таджикистан. -2017. -№ 4(36). -С. 51.
5. Мировая программа по борьбе с незаконной миграцией / Центр по борьбе с международной преступностью отдела ООН по борьбе с наркотиками и предупреждению преступлений, Межрегиональный исследовательский институт ООН по уголовному праву, февраль 1999.
6. Уголовный кодекс Российской Федерации [Электронный ресурс]. http://continent online. com. (Дата обращения : 04.04.2018).
7. Уголовный кодекс Республики Казахстан. [Электронный ресурс]. https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=31575252. (дата обращения 01.06.19).
8. Пудовочкин Ю. Е. Учение о преступлении: избранные лекции / Ю.Е. Пудовочкин. -М.: Издательство «Юрлитинформ», 2008. – С. 9.
9. Фарњанги истилоњоти њуќуќ/ Зери тањрири профессор, Мањмудов М.А. – Душанбе, 2012. – С. 233.
10. Continued effectiveness of the Organization in view of the new challenges: Doc. MC/1631 / IntergovernmentalCommitteeforMigration. Geneva, 1989. P. 12–14.
11. Who is a migrant? [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.iom.int/who-is-a-migrant (Санаи муроҷиат: 16.09.2019).

## ОИД БА ДЕКРИМИНАЛИЗАТСИЯИ ТАШКИЛИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ФИРИСТОНИДАН ВА БО КОР ТАЪМИН КАРДАНИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ХОРИҶА

Дар мақолаи мазкур масъалаи декриминализатсияи ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, ки бо моддаи $335^2$ КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба ақидаи муаллиф, масъалаи ҷиноят эътироф гардидани ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа баҳснок боқӣ мемонад. Муаллиф қайд менамояд, ки муайян намудани объекти ҷинояти мазкур мушкил мебошад, чунки дар натиҷаи содир гардидани он, зараре, ки бояд ба манфиатҳои ҳифзшавандаи КҶ ҶТ расонида шавад, дида намешавад. Чунин фиристодан ва бо кор таъмин намудани шаҳрвандони Тоҷикистон танҳо бо розигии ҷабрдида (муҳоҷири ғайриқонунӣ) амалӣ мегардад, дар ҳолати розӣ набудани ҷабрдида таркиби дигар ҷиноят ба вуҷуд меояд. Дар мақола қайд мегардад, ки танзими кирдори мазкур дар доираи қонунгузории маъмурӣ чораи кофӣ буда, вобаста аз вазъи кунунии бозори меҳнати Тоҷикистон, масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандони ҶТ, ки ба дигар шаҳрвандони ҶТ (асосан хешу таборашон) дар масъалаҳои фиристонидан ва бо кор таъмин кардани онҳо дар хориҷа мусоидат мекунанд (гарчанде ки ғайриқонунӣ бошад), чораи аз ҳад барзиёд мебошад. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф илман асоснок намудааст, ки дар ин кирдор дараҷаи хавфнокии баланд барои давлати хориҷӣ мавҷуд аст, аммо на ба манфиатҳои ҳифзшавандаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонунгузории ҷиноятии миллӣ пеш аз ҳама, бояд манфиатҳои шаҳрвандони худро ҳифз намояд, на манфиатҳои давлатҳои хориҷиро, ғайр аз ин муҳоҷир дар фаҳмиши қонуни ҷиноятӣ, шахси хориҷӣ ва ё шахси бешаҳрвандӣ мебошад, бинобар ин диспозитсияи қисми 1 моддаи $335^2$ КҶ ҶТ бояд декриминализатсия карда шавад ва моддаи $335^2$ КҶ ҶТ тибқи қонунгузории мамлакатҳои пешрафтаи хориҷӣ ва талаботи санадҳои байналмилалӣ таҳрир карда шавад.

**Калидвожаҳо:** муҳоҷир, криминализатсия, декриминализатсия, муҳоҷири ғайриқонунӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, шаҳрванди Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрвандӣ, фиристодани ғайриқонунӣ, сарҳади давлатӣ.

## О ДЕКРИМИНАЛИЗАЦИИ ОРГАНИЗАЦИИ НЕЗАКОННОЙ ОТПРАВКИ И ТРУДОУСТРОЙСТВА ГРАЖДАН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЗА ГРАНИЦЕЙ

В данной статье исследуется вопрос о декриминализации организации незаконной отправки и трудоустройства граждан Республики Таджикистан за границей, предусмотренной ст. $335^2$ УК РТ. По мнению автора, вопрос о криминализации организации незаконной отправки и трудоустройства граждан Республики Таджикистан за границей является спорным, поскольку в результате охраняемым УК РТ интересам не наносится ущерб и не создается такая угроза, в связи с чем сложно установить объект данного преступления. Подобная отправка и трудоустройство граждан Таджикистана может осуществляться только с согласия потерпевшего (нелегала), а при отсутствии его согласия возникает другой состав преступления. В статье отмечается, что уголовная ответственность граждан Таджикистана, занимающихся отправкой и трудоустройством других граждан Таджикистана (в основном родственников) за рубежом, даже если это незаконно, является чрезмерной мерой, учитывая текущую ситуацию на рынке труда Таджикистана, регламентация ответственности за организацию незаконной отправки и трудоустройство граждан Республики Таджикистан за границей в рамках административного законодательства является достаточной мерой. На основании проведенных исследованный автор отмечает, что в данном деянии большая степень опасности для иностранного государства, но не для охраняемых УК РТ интересов. Национальное уголовное законодательство, прежде всего, должно защищать интересы своих граждан, а не интересы иностранных государств, кроме того, мигрант в понимании уголовного кодекса –это иностранный гражданин или лицо без гражданства. Автор приходит к выводу, что следует декриминализировать ч. 1 ст. 3352 УК РТ и редактировать данную статью в соответствии законодательством передовых стран и требований международных актов.

**Ключевые слова:** мигрант, криминализация, декриминализация, незаконная миграция, незаконный мигрант, уголовная ответственность, административная ответственность, гражданин Республики Таджикистана, иностранный гражданин, лицо без гражданства, незаконная отправка, государственная граница.

## ABOUT DECRIMINALIZATION OF THE ORGANIZATION OF ILLEGAL SENDING AND EMPLOYMENT OF CITIZENS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ABROAD

This article examines the issue of decriminalization of the organization of illegal sending and employment of citizens of the Republic of Tajikistan abroad provided for in Art. $335^2$ of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. According to the author, the issue of criminalizing the organization of illegal sending and employment of citizens of the Republic of Tajikistan abroad is controversial, since the interests protected by the Criminal Code of the Republic of Tajikistan do not cause harm and do not create such a threat, which makes it difficult to establish the object of this crime. Such sending and employment of Tajik citizens can be carried out only with the consent of the victim (illegal), and in the absence of his consent, another offense arises. The article notes that the criminal liability of Tajik citizens involved in the dispatch and employment of other Tajik citizens (mainly relatives) abroad, even if this is unlawfully an excessive measure, given the current situation on the Tajik labor market, the regulation of liability for organizing the illegal sending and employment of citizens of the Republic Tajikistan abroad under the administrative law is a sufficient measure. Based on the research, the author notes that in this act there is a high degree of danger to a foreign state, but not to the interests protected by the Criminal Code of the Republic of Tajikistan. National criminal law, first of all, should protect the interests of its citizens, and not the interests of foreign states, in addition, in the understanding of the criminal code, a migrant is a foreign citizen or stateless person. The author comes to the conclusion that should decriminalize part 1 of article $335^2$ of the

Criminal Code of the Republic of Tajikistan and edit this article in accordance with the laws of advanced countries and the requirements of international acts.

**Keywords:** migrant, criminalization, decriminalization, illegal migration, illegal migration, criminal responsibility, administrative liability, citizen of Tajikistan, foreign citizen, stateless person, illegal sending, state border.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич*** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½. Телефон: **936-66-37-13**. E-mail: **firdavsshr@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шириниджонов Фирдавс Изатуллоевич*** – Таджикский государственный университет коммерции, старший преподаватель кафедры экономического права **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½. Телефон: **936-66-37-13**. E-mail: **firdavsshr@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shirinjonov Firdavs Izatulloevic***h - Tajik State University of Commerce, senior lecturer in the department of economic law. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe / st. Dehoti ½. E-mail: **firdavsshr@mail.ru.** Phone: **936-66-37-1**3

**УДК:(575.3)**

# ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ДОҒИ СУДӢ

***Юсуфзода Ф.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ ҶТ) муқаррар шудааст, ки аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъйин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ шахс доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад (қ.1 м.84 КҶ ҶТ).

Ҳамин тавр, доғи судӣ – вазъи махсуси ҳуқуқии шахсе мебошад, ки аз ҷониби суд дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф гашта, ба ҷазои ҷиноятӣ маҳкум шудааст. Оқибатҳои ҳуқуқи ҷиноятии доғи судӣ барои маҳкумшуда танҳо ҳангоми аз тарафи ӯ содир гаштани ҷинояти нав пайдо мешаванд [4,с.359]. Ҷой доштани доғи судии барҳамнахӯрда ё бардоштанашуда дар шахс - оқибатҳои махсусеро ба бор меорад, ки дар асоси танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии муносибатҳои ҳуқуқӣ-оммавии он бо давлат ба вуҷуд омада, ҳангоми аз тарафи ҳамин шахс содир шудани ҷиноятҳои нав ба сифати асос барои баҳодиҳии шахсияти ӯ ва ҷиноятҳои содирнамудаи ӯ ҳамчун хавфи баланди ҷамъиятӣ дошта хизмат менамояд ва барои ҳамин ҳам татбиқ намудани чораҳои вазнинтари ҷавобгарии ҷиноятиро нисбати чунин шахс талаб менамояд.

Конститутсияи ҶТ имконияти дар қонун мустаҳкам намудани маҳдудиятҳои иловагии муайянро нисбати шахсоне, ки доғи судӣ доранд, дар давоми муҳлати муайян баъди адои ҷазо аз тарафи онҳо, ки пеш аз ҳама, ба хавфнокии ҷамъиятии чунин ашхос ва бо уҳдадории ҷавобгарӣ барои кирдори гунаҳгорона алоқаманд мебошанд, иҷозат дода, ҳамзамон, риояи бечуну чарои кафолатҳои барои шахсият пешбининамудаи онро талаб менамояд ва зарурати таъмини одилона будани маҳдудиятҳои дахлдор, таносуби онҳоро бо арзишҳои конститутсионии ҳифзшаванда ба асос мегирад. Чунин талаботи Конститутсия муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ-оммавиро танҳо барои кирдори гунаҳгорона ва тафриқагузории онро вобаста ба вазнинии кирдор, андоза ва хусусияти зарари расонидашуда, дараҷаи гуноҳи ҳуқуқвайронкунанда ва дигар ҳолатҳои муҳим, ки шарти фардикунонии ҷазо мебошанд, талаб менамояд.

Қонунгузор, ҳангоми риояи кафолатҳои конститутсионии шахсият дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-оммавии ӯ бо давлат – оқибатҳои ҳуқуқи ҷиноятии доғи судии барҳамнахӯрда ё бардоштанашударо муайян намуда, онҳоро вобаста ба он ки чӣ тавр доғи судӣ дар хавфнокии ҷамъиятии ин ва ё он категорияҳои ҷиноятҳо инъикос меёбад, тафриқабандӣ менамояд. Агар худ аз худ содир шудани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки аллакай доғи судӣ дорад, хавфнокии ҷамъиятии ӯро нововбаста аз намуди ҷиноят зиёд намояд, пас ин дар меъёрҳои Қисми умумии Кодекси ҷиноятии ҶТ ба сифати ҳолате, ки ҷазоро вазнин менамояд, баррасӣ карда мешавад.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мавҷудияти шаклҳои мухталифи баҳисобгирии доғи судии қаблӣ ҳангоми муайян намудани ҷавобгарии шахс барои ҷинояти такроран содиршуда, аз ҷумла ҳангоми ретсидиви ҷиноят, маънои баҳисобгирии дукаратаи ҳамон

як ҳолатҳоро дар як вақт, чи ҳангоми бандубасти ҷиноят ва чи ҳангоми таъйини ҷазо надорад, чунки ин ба принсипи конститутсионии баробарии ҳама дар назди қонун ва суд дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мухолифат менамояд.

Оқибатҳои ҳуқуқи ҷиноятии доғи судии пештара, ки КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ҳангоми маҳкум намудани шахси гунаҳгор барои содир кардани ҷинояти нав аз доираи воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятие, ки қонунгузор ҳуқуқ дорад барои расидан ба мақсадҳои конститутсионӣ истифода барад, намебароянд: тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо; пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав ва ба ин васила ҳимояи шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҷовузи ҷиноятӣ.

Ҳамин тавр, қонунгузории ҷиноятии амалкунанда оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии зерини доғи судиро пешбинӣ менамояд:

1. Мутобиқи м. 21 КҶ ҶТ доғи судӣ ба сифати аломати ҳатмии редсидиви ҷиноят баромад мекунад ва ҳангоми таъйини ҷазо ба инобат гирифта мешавад. Истисноро ҳолатҳои доғи судие ташкил медиҳанд, ки дар б. «а-б» қ.4 м. 21 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Онҳо ҳангоми эътирофи ретсидив ба инобат гирифта намешаванд ва оқибатҳои ба он алоқамандро ба вуҷуд намеоранд.

Самаранокии мубориза бо ҷинояткорӣ тавассути воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бештар бо барорнокии мубориза бо ҷинояткории ретсидивӣ муайян карда мешавад. Қонунгузор аз мафҳуми тӯли солҳои зиёд дар таҷрибаи судӣ истифодашавандаи «ретсидивисти махсусан хавфнок» даст кашида, ба ҷойи он мафҳуми ретсидиви ҷиноятро ворид намуда, яқинан он ҳолатро ба роҳбарӣ гирифтааст, ки вазнинии ҷавобгарии ҷиноятиро ба хосиятҳои шахсияти ҷинояткор гузаронидан ноҷоиз мебошад [7,с.91].

Дар луғати энсиклопедияи ҳуқуқӣ калимаи «ретсидив» дар тарҷума аз забони лотинӣ «reacnuиз» маънои таҷдидшуда, баргаштаро ифода менамояд [2,с.50].

Дар хусуси доғи судӣ ҳамчун аломати ҳатмии ретсидив сухан ронда, бояд на танҳо ҳукми айбдоркунии муқаррарӣ, ки ба қувваи қонунӣ даромадааст, балки ҳукме дар назар дошта шавад, ки бо он нисбати шахси гунаҳгор ҷазо новобаста аз намуд ва андозаи он таъйин гардидааст. Оё дар он ҳолатҳое, ки қонун нисбати шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, имконияти татбиқи на ҷазои ҷиноятӣ, балки дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро пешбинӣ менамояд, ретсидиви ҷиноят ҷой дорад? Маъмулан, татбиқи чораҳои маҷбуркунии хусусияти тарбиявӣ дошта ва ё чораҳои маҷбуркунии хусусияти тиббӣ дошта доғи судиро истисно менамоянд.

Мутобиқи қ. 3 м. 84 КҶ доғи судӣ дар муҳлати зерин барҳам мехӯрад:

а) ба маҳкумшудае, ки нисбати ӯ шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқ карда шудааст, баъди тамом шудани муҳлати санҷиш;

б) нисбати шахсоне, ки аз маҳдуд кардани озодӣ дида ба ҷазои сабуктар маҳкум шудаанд- бо гузаштани як сол пас аз тамом кардани муҳлати таъйиншудаи ҷазо;

в) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба маҳдуд кардани озодӣ ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд - бо гузаштани се сол пас аз адои ҷазо;

г) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд - бо гузаштани панҷ сол пас аз адои ҷазо;

д) нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд – бо гузаштани ҳашт сол пас аз адои ҷазо.

Мутобиқи муқаррароти бевоситаи қонун (б. «а» қ. 3 м. 84 КҶ ҶТ) шахсе, ки нисбати ӯ шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқ карда шудааст, то тамом шудани муҳлати санҷиш судшуда ё доғи судӣ дошта ҳисобида мешавад. Ҳамзамон бо ин, б. «б» қ. 4 м. 21 КҶ ҶТ барои эътироф кардани ретсидиви ҷиноят доғи судӣ барои ҷиноятеро, ки нисбати он шартан татбиқ накардани ҷазо, ё ин ки аз рӯйи он мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм татбиқ гардидааст, агар шартан татбиқ накардани ҷазо ё мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм бекор карда нашуда бошад ва шахс барои адо намудани ҷазо ба ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ фиристода нашудааст, ба назар намегирад.

Ба андешаи мо, чунин муқаррароти қонунгузор нуқсондор ба назар мерасад.

Шартан татбиқ накардани ҷазо ҳангоми аз тарафи маҳкумшуда дар давоми муҳлати санҷиш содир шудани ҷинояти нав ҳатман бекор карда мешавад (қ.8 м. 71 КҶ ҶТ).

Ҳамин тавр, агар шахси шартан маҳкумшуда ҷинояти нави қасдона содир намояд ва нисбати ӯ ҷазое таъйин карда шавад, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошад, пас чунин кирдорҳо ретсидиви ҷиноятро ташкил намедиҳанд.

Азбаски доғи судӣ ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо танҳо нисбати муҳлати санҷиш паҳн мегардад, агар шахс дар давоми ин муҳлат ҷинояти нав содир накарда бошад, пас доғи судӣ барҳам мехӯрад ва агар содир карда бошад, пас новобаста аз он ки барои ҷинояти нав содиршуда чӣ гуна ҷазо таъйин шудааст, бояд он ҳамчун ретсидиви ҷиноят ба инобат гирифта шавад. Чунки нақши асосии институти доғи судӣ дар пешгирӣ намудани ҷинояткории ретсидивӣ ифода меёбад, худи доғи судӣ бошад, нишондиҳандаи муҳимми дараҷаи хавфнокии ҷинояткор мебошад. Ин ҳолатро сарфи назар карда наметавонем, махсусан дар ҳолате, ки шартан татбиқ накардани ҷазо метавонад ҳам нисбати ашхосе, ки ҷиноятҳои вазнин содир кардаанд ва ҳам нисбати баъзе аз ашхосе, ки ҷиноятҳои махсусан вазнин содир кардаанд, татбиқ карда шавад.

Дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ масъалаи он ки дар кадом лаҳза бояд ретсидиви ҷиноят муқаррар карда шавад – дар лаҳзаи содири ҷиноят ё дар лаҳзаи қабули ҳукм, ба таври гуногун ҳал карда мешавад.

Мубрамияти махсусро ин масъала дар ҳолатҳое касб менамояд, ки ҷинояти нав ҳангоми барҳам нахӯрдани доғи судӣ барои ҷинояти қаблӣ содир шудааст, лекин муҳлатҳои барҳамхӯрии доғи судӣ то лаҳзаи баровардани ҳукм гузаштаанд. Оё ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳои зикршуда таъйин намудани ҷазо мутобиқи қоидаҳое, ки барои ретсидиви ҷиноят пешбинӣ шудаанд, мумкин аст (м. 66 КҶ ҶТ)? Масъалаи мазкур аз лаҳзаи пайдоишаш дар таҷрибаи судӣ ба таври гуногун ҳал карда мешуд.

Баъзе судяҳо ҳангоми ҳал намудани масъалаи мазкур он ҳолатро ба асос мегирифтанд, ки шахси гунаҳгор ҷиноятро ҳангоми доштани доғи судии барҳамнахӯрда содир кардааст ва дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят тамоми аломатҳои ретсидив мавҷуд буданд, бинобар ин, ҷазо бояд бо назардошти ретсидиви ҷиноят таъйин карда шавад. Гурӯҳи дигари судяҳо ба он диққат медоданд, ки то лаҳзаи қабули ҳукм доғи судӣ барҳам хӯрдааст ва мутобиқи қ. 7 м. 84 КҶ ҶТ барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ оқибатҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятиро беэътибор мегардонад ва аз ин лиҳоз барои татбиқи қоидаҳои м. 66 КҶ ҶТ ҳеҷ гуна асос мавҷуд намебошад.

Пленуми Суди Олии ҶТ дар қарори №40 аз 11 июни соли 2005 «Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо таъйин кардани ҷазои ҷиноятӣ» тавзеҳот дод, ки мутобиқи он «ҳангоми таъйин намудани ҷазо нисбати шахсе, ки ҳангоми ретсидив, ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок якчанд ҷиноят содир кардааст, доғи судие ба инобат гирифта мешавад, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят барҳам нахӯрда ё бардошта нашудааст» [1].

Ба андешаи мо, эътирофи ретсидив набояд бо адо кардани ҷазо барои ҷинояти қаблӣ алоқаманд карда шавад, балки он бояд ҳамчун аз тарафи шахсе содиршуда баррасӣ карда шавад, ки доғи судии ҷинояти навро дорад.

Тавре маълум аст, шахс аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунӣ, ки бо он ҷазо таъйин карда шудааст ва то рӯзи барҳам хӯрдан ё бардоштани доғи судӣ - доғи судӣ дошта эътироф карда мешавад. Агар ҳукми айбдоркунӣ бе таъйини ҷазо ё бо озод намудани маҳкумшуда аз ҷазо аз рӯйи санадҳои авф ё бахшиши ҷазо, ё ин ки дар робита ба гузаштани муҳлати доғи судӣ бароварда шавад, пас шахси гунаҳгор новобаста аз давомнокии ҳабси пешакӣ доғи судӣ надошта эътироф карда мешавад.

Агар ҳукми айбдоркунӣ ба қувваи қонунӣ даромада бошад, вале иҷрои ҷазо бинобар ягон сабабҳо оғоз нашуда бошад, шахс ба ҳар ҳол доғи судӣ дошта эътироф мегардад, чунки суд ӯро дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф кард ва бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда нисбати ӯ ҷазо таъйин намуд.

2. Аҳамияти дигари ҳуқуқӣ-ҷиноятии доғи судӣ дар монеа гардидан ба татбиқи он моддаҳои Қисми умумии КҶ ҶТ ифода меёбад, ки шарти онҳо бори аввал содир намудани ҷиноят мебошад.

Мазмуни мафҳуми «бори аввал содир намудани ҷиноят» дар назарияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ба андозаи кофӣ асоснок шудааст. Тамоми нуқтаҳои назарро дар робита ба мафҳуми баррасишаванда ба таври мушаххас чунин ифода намудан мумкин аст: а) содир намудани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки қаблан ягон ҷиноят содир накардааст; б) содир шудани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки қаблан ҷиноят содир кардааст, вале оқибатҳои

ҳуқуқии он бинобар сабаби озод гардидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бекор карда шуданд; в) содир гардидани ҷиноят на танҳо аз тарафи шахсоне, ки дар бандҳои болоӣ зикр шудаанд, балки инчунин шахсе, ки доғи судии ӯ барҳам хӯрдааст ё бардошта шудааст [3,с.340].

Тавре Г.Х. Шаутаева одилона қайд менамояд: «шахсе, ки доғи судии ӯ барҳам хӯрдааст ё бардошта шудааст, набояд ҳамчун бори аввал ҷиноят содиркарда эътироф карда шавад. Мазмуни ин ҳолат ҳамчун яке аз шартҳои озод гардидан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ (инчунин татбиқи чораҳои маҷбуркунии хусусияти тарбиявидошта – барои ноболиғон) на ба ҷалби таваҷҷуҳ нисбати хосиятҳои расмии ҳуқуқии ҷиноят, балки ба шахсияти гунаҳгор, тавсифи иҷтимоии ӯ равона гардидааст. Аз тарафи шахс содир шудани ҷинояти нав (ҳатто пас аз бекор кардани оқибатҳои ҳуқуқии ҷинояти якум ё бекор кардани оқибатҳои маҳкумнамоӣ барои он) дар маънои иҷтимоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки мақсадҳои пешгирии махсус амалан ноил нагаштаанд ва ба даст кашидан аз ин хулоса ягон ҳолатҳои ҳуқуқӣ водор намекунанд. Дар ин ҳолат мо нуқтаи назари Г.Х. Шаутаеваро комилан ҷонибдорӣ менамоем, ки ба андешаи ӯ, «таҳти мафҳуми бори аввал содир намудани ҷиноят бояд шахсе фаҳмида шавад, ки амалан ягон ҷиноят пештар содир накардааст» [6,с.44].

Бинобар ин, ба назари мо, бо мақсади истисно намудани тафсири ҳархела мазмуни мафҳуми «бори аввал содир намудани ҷиноят» дар таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ, бояд дар қонуни ҷиноятӣ мазмуни он ба таври мушаххас ва дақиқ пешбинӣ карда шавад.

3. Доғи судӣ аломати таркиби ҷиноятҳои алоҳида мебошад.

а) м. 365 КҶ ҶТ. Гурехтан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё аз ҳабси пешакӣ. Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки яке аз субъектони ҷинояти мазкур, дар қисми гурехтан аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ метавонад шахсе бошад, ки ба синни 16-солагӣ расидааст ва тибқи ҳукми суд ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум гардида, ин ҷазоро адо намуда истодааст. Бинобар ин, муқаррароти мазкур нисбати ашхосе, ки гунаҳгор эътироф нашудаанд ва нисбати онҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ таъйин нагардидааст, татбиқ шуда наметавонад. Дар ин ҷо, ба сифати далели муайянкунанда ҳукми айбдоркунии суд баромад менамояд, ки нисбати шахси кирдори зиддиҳуқуқӣ-ҷиноятиро содиркарда бароварда шудааст ва бо он нисбати чунин шахс намуди муайяни ҷазо таъйин гардидааст;

б) м. 364 КҶ ҶТ. Саркашӣ аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ. Дар ин ҷо, ба сифати далели муайянкунанда доғи судӣ баромад мекунад, яъне субъекти ҷинояти мазкур маҳкумшудае мебошад, ки ба ӯ барои аз ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муддати кӯтоҳ сафар кардан тибқи асосҳои пешбининамудаи моддаи 98 КИҶҶ ҶТ иҷозат дода шудааст ё иҷрои ҳукм дар мавриди татбиқи ҷазо бо тартиби муқарраркардаи м. 390 КМҶ ҶТ мавқуф гузошта шудааст, ё ин ки зане, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, вале нисбати ӯ мутобиқи м. 78 КҶ ҶТ мавқуф гузоштани адои ҷазо бинобар сабаби ҳомиладорӣ ё доштани кӯдакони то синни ҳаштсола татбиқ гардидааст.

4. Доғи судӣ маҳаке ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми аз тарафи шахс содир шудани ҷинояти нави қасдона ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ба инобат гирифта мешавад.

Кодекси ҷиноятӣ муқаррар менамояд, ки ҷиноят будани кирдор, таҳти ҷазо қарор гирифтани он ва дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ танҳо бо қонун муқаррар карда мешаванд. Баҳодиҳии ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят, пеш аз ҳама, бо ҳолатҳои содиршавии худи кирдор ва танҳо баъд бо тавсифи субъекти содирнамудаи он муайян карда мешавад. Чунин муносибат ба муқаррароти қонун оид ба категорияҳои ҷиноятҳо ва маҳакҳои ба ҷамъият хавфнокии онҳо (м. 18 КҶ ҶТ), ихтисори фарқият миёни ҳудудҳои болоӣ ва поёнии санксияҳо дар бештари таркибҳо, тағйироти институти сершумории ҷиноятҳо, алалхусус, иваз шудани симои (шакли) ретсидивисти махсусан хавфнок ба мафҳумҳои ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок, пур шудани диспозитсияи аксарияти таркибҳо бо аломатҳои вазнинкунандаи тарафи объективии ҷиноят, ки доираи кирдорҳои ҷиноятиро васеъ менамоянд ва ҷавобгариро барои содир кардани онҳо пурзӯр мегардонанд, алоқаманд мебошад.

Бинобар ин, хусусияти хосси КҶ ҶТ тафриқагузории муттасили (пайдарпайи) ҷавобгарӣ вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳои ҷиноятӣ мебошад. Мазмунан ин, аз як тараф, дар нигоҳдории ҷавобгарии баланд барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, барои ретсидив, барои ҷинояткории муташаккил ва касбӣ ифода мeёбад

ва аз тарафи дигар, дар татбиқи чораҳои дигар, чораҳои ҷазои начандон вазнин нисбати ашхосе, ки ҷиноятҳои дараҷаи миёна ва начандон вазнинро бори аввал, инчунин аз беэҳтиётӣ содир намудаанд.

Ба инобат гирифтани ҳолатҳои вазнинкунанда на ҳуқуқ, балки уҳдадории суд мебошад. Ҳалли дурусти масъалаҳои доғи судӣ, мавҷудияти ретсидиви ҷиноят дар ҳаракатҳои маҳкумшуда, аз тарафи суд ба инобат гирифтани ҳолати мазкур ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо шарти асосии таъйини ҷазои қонунӣ, адолатнок ва асоснок ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ретсидиви ҷиноят аз ҳама ҳолати бештар паҳншудаи вазнинкунандаи ҷазо мебошад.

Қабули қарор дар хусуси эътирофи ин ва ё он намуди ретсидив дар ҳаракатҳои маҳкумшуда, таъйини ҷазо ҳангоми ретсидиви ҷиноят танҳо ба салоҳияти суд дохил шуда, ба номгӯйи масъалаҳое, ки аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ ҳал карда мешаванд ва ҳадди муҳокимаи судиро муайян менамоянд, дохил намешавад.

Нақши институти ретсидив дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун таъсир расонидан ба таъйини ҷазо бо роҳи вазнин кардани он арзёбӣ карда мешавад. Маҳз тавассути таҳлили моҳият ва мақсади охирин, метавон дар хусуси қонунӣ ва асоснокии баҳисобгирии доғҳои судии қаблӣ ҳангоми таъйини он ва ҳамзамон бо ин, оид ба зарурат ва манфиатнокии мавҷудияти худи институти ретсидив сухан ронд.

Аммо, баъзан, ҳангоми таъйини ҷазо судяҳо мавҷудияти доғи судии қаблиро ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷазо эътироф карда, дар ҳукмҳои худ чунин ифодаҳоро истифода мебаранд: «қаблан суд шудааст», «ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шудааст», «доғи судӣ дорад». Истифодаи чунин ифодаҳо бо назардошти хусусияти қатъӣ доштани номгӯйи ҳолатҳои вазнинкунанда хилофи қонун мебошад [5,с.54]. Чунончӣ, мутобиқи қ. 4. м. 62 КҶ ҶТ ҳангоми таъйини ҷазо суд ҳолатҳои дар ҳамин модда зикрнагардидаро ҳолатҳои вазнинкунанда эътироф карда наметавонад.

Мутобиқи тафсири айнии б. «а» қ. 1 м. 62 КҶ ҶТ, ҳолати вазнинкунандаи ҷазо на намуди мушаххаси ретсидив, балки умуман ретсидиви ҷиноят эътироф шуда метавонад.

Зарурати пурзӯр намудани нақши ҷазои ҷиноятӣ ҳангоми ретсидиви ҷиноят комилан асоснок мебошад ва ҳеҷ гуна шубҳаро ба миён намеорад, чунки ҷой надоштани баҳисобгирии доғи судии ашхосе, ки якчанд маротиба ҷиноят содир кардаанд, ба ҷинояткорони бештар хавфнок имконият медиҳад, ки бо дигар шахсоне, ки бори аввал ҷиноят содир намудаанд ва шояд начандон хавфнок бошанд, ҷазои якхела гиранд.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло, қайд намудан мумкин аст, ки оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии доғи судии қаблӣ, ки Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, аз доираи воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятие, ки қонунгузор ҳуқуқ дорад барои расидан ба мақсадҳои тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, пурзӯр намудани таъсири ислоҳнамоии он ба маҳкумшуда, пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав ва ба ин васила ҳимояи шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҷовузи ҷиноятӣ истифода барад, берун намебароянд.

## АДАБИЁТ


1. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз тарафи судҳо таъйин кардани ҷазои ҷиноятӣ». Санаи қабул: 11.06.2005, №40.
2. Онгарбаев Е.А. Словарь основных понятий и терминов Общей части уголовного права / Е. А. Онгарбаев. - Караганда, 1996.- 67с.
3. Тарбагаева А.Н. Уголовное право Общая часть. Учебник для бакалавров / А.Н.Тарбагаева. - М., 2016.-488с.
4. Наумова А.В. Уголовное право. Том 1. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата / А.В. Наумова, А.Г. Кибальника. - М., 2019.-410с.
5. Ульянов А.В. Судимость и правовые последствия ее реализации: дисс….канд. наук / А. В. Ульянов. - М., 2006.-159с.
6. Шаутаева Г.Х. Судимость в уголовном праве России и ее правовое значение: дис.... канд. юрид. наук / Г.Х. Шаутаев. - Ижевск, 2000. -213с.
7. Якубов А.Е. Обратная сила уголовного закона / А.Е. Якубов. - СПб., 2003. -206 с.


## ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ДОҒИ СУДӢ


Дар мақола масъалаҳои оқибатҳои ҳуқуқи ҷиноятии доғи судӣ мавриди баҳогузорӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки доғи судӣ ин вазъи ҳуқуқии шахс мебошад, ки дар натиҷаи маҳкумнамоӣ ва таъйини ҷазо бо ҳукми суд барои содир кардани ҷиноят ба миён меояд ва ҳангоми аз тарафи ҳамин шахс такроран содир шудани ҷиноят боиси оқибатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ мегардад. Оқибатҳои ҳуқуқи ҷиноятии доғи судӣ дар ҳолатҳои зерин ифодаи худро пайдо

менамоянд: ба сифати аломати ҳатмии редсидиви ҷиноят баромад мекунад ва ҳангоми таъйини ҷазо ба инобат гирифта мешавад; доғи судӣ аломати таркиби ҷиноятҳои алоҳида ба ҳисоб меравад; доғи судӣ маҳаке ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми аз тарафи шахс содир шудани ҷинояти нави қасдона ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ ба инобат гирифта мешавад. Муаллиф иброз менамояд, ки оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии доғи судӣ аз доираи воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятие, ки қонунгузор ҳуқуқ дорад барои расидан ба мақсадҳои тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, пурзӯр намудани таъсири ислоҳнамоии он ба маҳкумшуда, пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав ва ба ин васила ҳимояи шахсият, ҷамъият ва давлат аз таҷовузи ҷиноятӣ истифода барад, берун намебарояд.

**Калидвожаҳо:** доғи судӣ, Кодекси ҷиноятӣ, такрорӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ретседиви ҷиноят, вазъи ҳуқуқӣ, таъйини ҷазо, шартан татбиқ накардани ҷазо, мақсади ҷазо, пешгирии ҷиноят.

**УГОЛОВНО-ПРАВОВЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ СУДИМОСТИ**

В статье рассматриваются уголовно-правовые последствия судимости. Автор отмечает, что судимость представляет собой правовой статус лица в результате осуждения и приговора, вынесенного судом за совершение преступления, а когда лицо совершает повторное преступление, последствия устанавливаются уголовным законом. Уголовно-правовые последствия судимости появляются в следующих случаях: является обязательным признаком повторного признания преступления и учитывается при определении наказания; судимость является отдельным признаком состава определенных преступлений; судимость - это критерий, который учитывается, когда человек совершает новое умышленное преступление, отягчая ответственность подсудимого. Автор утверждает, что уголовно-правовые последствия судимости выходят за рамки инструментов уголовного права, которые законодательный орган имеет право достигать в целях разграничения уголовной ответственности и наказания, усиления его корректирующего воздействия на осужденного и предотвращения новых преступлений, защиты общество и государства.

**Ключевые слова:** судимость, уголовный кодекс, повторность, уголовная ответственность, рецидив преступления, правовой статус, назначение наказания, условное неприменение наказания, цель наказания, предупреждение преступности.

**CRIMINAL-LEGAL IMPLICATIONS**

The article discusses the implications of criminal criminal law. The author notes that the criminal record is the legal status of the person as a result of the conviction and the sentence imposed by the court for the commission of a crime, and when the person commits the repeated offense, the consequences established by the criminal law. Consequences of criminal criminal record appear in the following cases: acts as an obligatory recidivation mark of the crime and are taken into account when determining punishment; Criminal record stems from imposing articles of the general criminal code of the Republic of Tajikistan, the condition of which is the first offense of a crime; criminal record is an indication of the composition of certain offenses; A criminal record is a criterion that takes into account when a person commits a new intentional crime, aggravating the responsibility of the defendant. The author argues that the criminal-legal implications of criminal justice are beyond the scope of the criminal law instruments that the legislature has the right to achieve in the purposes of differentiation of criminal liability and punishment, reinforcing its corrective effect on the convicted person, and preventing new crimes. , the public and the state do not go beyond the criminal rape.

**Keywords:** criminal record, criminal code, conviction, criminal liability, criminal recidivism, legal status, sentencing, non-application of punishment, purpose of punishment, crime prevention.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юсуфзода Фаридун Асадулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант PhD кафедраи ҳуқуқи ҷиноӣ ва муқовимат бо корупсия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 985-20-20-05.** E-mail: **Yusufzodaf @ bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Юсуфзода Фаридун Асадулло*** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **+992 985-20-20-05.** E-mail: **Yusufzodaf @ bk.ru**

**Information about the author:** ***Ysufzoda Faridun Asadullo*** – Tajik national University, PhD student of the Department of criminal law and anti-corruption. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **+992 985-20-20-05**. E-mail: **Yusufzodaf @ bk.ru**

**УДК 342(575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-ГЕНЕТИКИИ КОРРУПСИЯ

***Ҳасанов Ш.К.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ дорои муносибатҳои хосси иҷтимоию сиёсӣ ва манфиатҳои мувофиқ ба шаклҳои амалисозии онҳо мебошад. Бо баёни дигар, он ҳамчун муносибат баёнгари манфиатҳои муайян мебошад. Бинобар ин, дар ибтидо дар хусуси таърифи «манфиат» мулоҳиза меронем. Дар адабиёти иҷтимоӣ-фалсафӣ миёни донишмандон таърифи маъмул ва мақбули ҳамагон моҳияти манфиатҳои иқтисодӣ вуҷуд

надорад. Мафҳуми «манфиатҳо» маъмулан, ба воситаи «ангезаҳо ё «ҳавасмандиҳо» шарҳу тафсир мегардад. Чунончи, масалан, И.В.Климин манфиатҳоро «…ҳамчун ангеза, ҳавасмандӣ, бедоркунандаи фаъолияти иқтисодӣ» таъриф мекунад [6]. О.В.Ромашов, муаллифи китоби «Сотсиологияи меҳнат», қайд менамояд, ки «манфиатҳои моддӣ (иқтисодӣ) – ин манфиатҳо нисбат ба маблағҳои пулӣ ва воситаҳои моддӣ-ашёии қонеъкунандаи эҳтиёҷот мебошад» [10]. Ба ақидаи муаллифи мазкур, маҳз аз ҳамин ҷо манфиатҳои омилҳои хоҷагидорӣ нисбат ба сатҳи дахлдори пардохти музди меҳнат ва бузургии даромад бармеоянд. Ба андешаи М. Ҷонстон [14], ба қадри кофӣ шумораи бисёри таснифоти гуногуни амалияҳои коррупсия вуҷуд дорад: аввалан, ришваҳои мансабдорон дар соҳаи тиҷорат (барои тиҷорати маҳсулоти ғайриқонунӣ истеҳсолшуда, болобарии сифати молу ашё ва ғайра); сониян, муносибатҳо дар системаҳои давлатӣ, аз ҷумла пуштибонӣ дар асоси ҳамдиёрӣ, хешовандӣ, усули ҳизбӣ (дӯстӣ ва ошнобозӣ); солисан, ба истилоҳ коррупсияи буҳронӣ, вобаста ба он ки соҳибкорон маҷбуранд дар шароити таваккали фавқулода фаъолият намоянд, вақте ки қарори мақомоти ҳокимият метавонанд ба тағйирот дар соҳибкорӣ боис гардад, бинобар ин, ин қарорҳо мавзӯи хариду фурӯш қарор мегиранд.

Дар сатҳи санадҳои алоҳида метавон коррупсияро ба се навъ ҷудо намуд. Ба навъи якум инҳо мансуб дониста мешаванд: вақте барои иҷро кардани он коре музд ситонда мешавад, ки қоидаҳои расмӣ бемузд иҷро шудани онро талаб мекунанд (масалан, пардохт барои раводиди бепулро метавон ҳамчун «тариф» баррасӣ кард). Навъи дувуми амалҳои коррупсионӣ, вақте ки пардохт барои иҷро накардани он амале, ки тибқи қоидаҳо бояд иҷро шавад, таъйин мегардад (ришва ба аудитор барои пинҳон кардани иттилооти муҳим – ин ҳам «тариф» аст). Навъи севуми коррупсия, вақте ки музд барои бевосита вайрон кардани қонунҳо гирифта мешавад (масалан, нозири андоз ба ивази ришва метавонад ҳисоботи нодурустро дар бораи даромадҳои андозсупори ба ӯ ришвадода пешниҳод намояд). Ҳама гуногуншаклиҳои зуҳуроти амалияи коррупсиониро метавон дар асоси меъёри хос ва ғайрихос тасниф намуд. Чун қоида, гунаи якуми амалияҳои коррупсионӣ бо ҳолати босуботи системаҳои иҷтимоӣ мутаносиб аст ва зуҳуроти «классикӣ»-и рафтори коррупсиониро дар назар дорад. Гунаи дувуми амалияҳои коррупсионӣ сиришти ғайриамалкардии коррупсияро дар намуди бештар такмилёфта ифода мекунад ва ба миқёси ҳадди аксари паҳншавандагии падидаи мазкур, амалан, ба раванди оммавии девиатсияи иҷтимоӣ ишора менамояд.

Дар адабиёти илмӣ барои бисёр таърифҳои мавҷудаи моҳияти манфиатҳо тавсифи онҳо ҳамчун ангезаҳои бедоркунандаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар раванди истеҳсолот муштарак мебошад. Ҳамин тавр, тафсири манфиатҳо ба воситаи «эҳтиёҷот», «ангезаҳо», «моликият» ва «такрористеҳсолкунӣ», ба ақидаи мо, комилтар хоҳад буд.

Аз мавқеи таърифҳои овардашуда манфиатҳои коррупсия ҳам, ба ҳайси ҷанбаи вижаи амалисозии манфиатҳои моддӣ ё иқтисодӣ баромад менамояд. Дар ин қарина коррупсия ҳар гуна беэътиноӣ нисбат ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ба хотири манфиатҳои шахсӣ ва истифодаи ҷинояткоронаи ваколатҳои хизматчиёни давлатӣ барои сарватмандшавии шахсӣ мебошад. Тавре ки таърихи рушди давлат гувоҳӣ медиҳад, охирин маънии мафҳуми коррупсия дар асрҳои XV-XVI қатъиян шакл гирифт, ки бо шукуфоии коррупсия дар аксарияти давлатҳои аврупоӣ рост меояд. Аз ҳамон замон ба баъд, таҳти мафҳуми коррупсия ришвахорӣ ва порахӯрии шахсони мансабдори давлатӣ, инчунин арбобони ҷамъиятию давлатӣ идрок мегардад. Коррупсия ҳамеша вуҷуд дошт, аз замоне ки давлат дар ин ё он шакл ба мавҷудияти худ идома медод, бинобар ин ришвахорӣ ҳамчун ҷинояти сазовари ҷазои сахт дар маҷмӯаи қонунҳои Бобулистон дар «Кодекси Хаммурапи» (2200 пеш аз милод) ёдоварӣ мешавад. Аммо дар айни замон қобили қайд аст, ки ҳарчанд дар марҳилаҳои сароғози рушди ҷомеаи башар коррупсия ҳамчун шарри иҷтимоӣ идрок мешуда бошад ҳам, ба ҳар сурат, дар як қатор давлатҳо муносибат ба он нисбатан хайрхоҳона буд ва дар баъзе давлатҳои алоҳида коррупсия умуман қонунӣ гардонида шуда буд. Дар ҷомеаҳои ибтидоӣ ва синфии аввалия пардохт ба коҳин, пешво ё сипаҳсолор ҳангоми муроҷиат барои кумак хостан аз онҳо меъёри умумӣ ба ҳисоб мерафт. Вазъият ҳамзамон бо мураккабшавӣ ва тахассусӣ гардидани дастгоҳи давлатӣ тадриҷан иваз мешуд. Ҳокимони воломақом талаб мекарданд, ки «хизматчиёни» поёнӣ фақат бо «маоши» муқарраршуда қаноат кунанд. Баръакс, мансабдорони рутбаҳои поёнӣ тарҷеҳ медоданд, ки аз муроҷиаткунандагон ба таври пинҳонӣ (ё бо роҳи талаб аз

онҳо) музди иловагӣ барои иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ ба даст оваранд. Дар марҳилаҳои аввали таърихи ҷомеаҳои атиқа, масалан, дар шаҳрдавлатҳои Юнони қадим ва Рими ҷумҳуриявӣ, замоне ки ҳанӯз мансабдорони давлатӣ набуданд, коррупсия тақрибан вуҷуд надошт. Ин падида танҳо дар замони таназзули давраи атиқа ба нашъунамо оғоз намуд, замоне ки чунин мансабдорони давлатие пайдо шуданд, ки дар бораи онҳо мегуфтанд: «Ӯ фақир ба вилояти сарватманд омада, аз вилояти фақир сарватманд шуда рафт». А.Е. Демидчик [3] дар китоби худ масъалаи ришвахории мансабдорони дафтарсолори Мисри қадимро муҳокима намуда, менависад: «Сарфи назар аз сершуморӣ ва ваколатҳои васеи дафтарсолории Мисри қадим, ёдгориҳои Подшоҳии Қадим, амалан аз далелҳои мавҷудияти коррупсия ва ришвахорӣ лаб фурӯ бастаанд. Ҳушдорҳо ба муқобили ришвахӯрӣ ва муроҷиатҳо ба мансабдорон дар қадимтарин «андарзномаҳои адабӣ-дидактикӣ» дучор намешаванд». Сабаби чунин падидаро муаллиф дар амалияи дар Подшоҳии Қадим маъмули ба таври меросӣ интиқол ёфтани мансабҳои давлатӣ ва таъминоти моддии ба он иртиботдоштаро дар доираи як авлод медид. Дар он замонҳо барои мансабдорон ҳифзи мансаб ва болоравӣ аз рӯйи силсиламаротиб аз сарватманд шудан дида муҳимтар тасаввур мешуд. Дар Подшоҳии Миёна қишри нави дафтарсолорӣ аз ҷумлаи омиёни беаслу насаб ба ташаккулёбӣ оғоз намуд, ки саъй доштанд, асоси некуаҳволии худро гузоранд. Ба ақидаи А.Е. Демидчик камбизоатии дафтарсолории нав ва мустаҳкам набудани мавқеи мансабӣ дар шароити бесуботии сиёсӣ, боиси зуҳур намудани ришвахорӣ ҳамчун падидаи муҳимми ҷамъиятӣ гардид [3].

Дар ҳамон замон буд, ки дар ҳуқуқи римӣ истилоҳи махсус *«corrumpire»,* арзи вуҷуд кард, ки муродифи вожаҳои «фосид шудан», «ришва додан» буд ва барои ифода кардани ҳама гуна суиистифодаҳои мансабӣ хизмат мекард. Дар ҳар ҷое, ки ҳокимияти ҳукумати марказӣ заиф буд (масалан, дар Аврупои давраи аввали асримиёнагӣ), истифодаи мавқеи мансабӣ барои ҷамъоварии пул аз аҳолӣ ба мақсади шахсӣ меъёри маъмул гардид. Чунончи, дар кишварҳои асримиёнагии Аврупо ва дар Русия «хӯрондани» сарлашкарон ва аз тарафи онҳо аз худ карда шудани маблағ барои ҳаллу фасли низоъҳо дар қатори маош аз хазина ё гирифтани мулкҳо даромади маъмулӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳар қадар ки давлат мутамарказ бошад, ҳамон қадар мустақилияти шаҳрвандонро маҳдуд намуда, мансабдорони зинаҳои поён ва миёнаро ба қонуншиканиҳои пинҳонӣ ба манфиати шаҳрвандон ва халос шудан аз назорати сахт таҳрик менамуд. Ҳазодиҳиҳои ошкорои мансабдорони фасодзада одатан, натиҷае ҳам намедод, бинобар ин, ба ҷойи тамаъкорони бартарафшуда (бекоршуда ё қатлгардида) тамаъҷӯёни нави ришвахӯр пайдо мешуданд. Азбаски ҳукумати марказӣ, маъмулан, барои назорати саросарии фаъолияти мансабдорон неруи кофӣ надошт, одатан ба нигоҳдории кадом як «меъёри таҳаммулпазир»-и коррупсия муросо мекард ва фақат зуҳуроти хеле хатарноки онро пешгирӣ менамуд.

Қобили қайд аст, ки муросокорӣ нисбат ба коррупсия дар ҷомеаҳои тарзи осиёии истеҳсолот зоҳир мегардид. Масалан, дар кишварҳои томустамликавии Шарқ, аз як тараф, ҳокимон ба «баҳисобгирӣ ва назорат» иддао доштанд, аммо аз сӯйи дигар, эътирозҳои доимӣ ба сабаби ҳарисии мансабдорон, ки аз пайи манфиатҳои иқтисодии худ буданд, вуҷуд дошт. Маҳз дар ҷомеаҳои шарқии ҳамин давра нахустин пажӯҳишҳои коррупсия арзи вуҷуд намуда буданд. Чунончи, як муаллифи Ҳинди қадим 40 воситаи дуздии молу мулки давлатро аз тарафи мансабдорони ҳарис ҷудо карда буд ва бо таассуф иброз дошт, ки «ҳамон гуна, ки асалро наметавон идрок намуд, агар он дар болои забон набошад, ҳамин тавр молу мулки подшоҳ наметавонад, ақаллан камтар ҳам бошад, аз тарафи мудирони ин молу мулк аз худ карда нашавад».

Дар нимаи дувуми асри XX дар натиҷаи ҳаракати озодихоҳӣ ба муқобили мустамликадорӣ, дар харитаи сиёсии ҷаҳон кишварҳои мустақили сиёсии «ҷаҳони севум» арзи вучуд намуданд. Дар ин кишварҳо дастгоҳи нави давлатӣ ташаккул ёфт ва пайдоиши зуҳуроти коррупсионӣ ҷанбаи ихтилофнок дошт. Дар ин кишварҳо-мустамликаҳо, таърихан сохторҳои ниҳодӣ ба манфиати мустамликадорон асос ёфта буданд. Сокинони ин кишварҳо аз ҳамаи неъматҳои мақомоти ҳокимият фақат баъд аз он ки мустамликадорон ба маскун кардани ҳудуди мустамликаҳои худ оғоз намуданд, истифода карданд. Ҳар қадар ки фазо дар мустамликаҳо мусоид мебуд, ҳамон қадар бештар мустамликадорон дар он ҷо маскун мешуданд ва ҳамон қадар шароит барои таъсиси сохторҳои ниҳодӣ беҳтар буд, бинобар ин, эҳтимоли рушди коррупсия дар оянда камтар буд. Дар мустамликаҳои пешин, ки дар онҳо мустамликадорон бо ин ё он сабаб аз сукунат

кардан сарфи назар мекарданд, сатҳи рушди ниҳодӣ поинтар буд ва коррупсия бемонеа дар ҳоли рушд буд. Ҳамин тавр, рушдёфта будан ё набудани ин ё он мустамлика аз худи мустамликадор, балки дақиқан аз сохти давлати мустамликадор вобастагӣ дошт, чунки мустамликадорон нусхаи системаҳои ҳуқуқии худро дар мустамликаҳо муқаррар месохтанд. Мустамликаҳое, ки асоси системаи ҳуқуқии онҳо бар усули системаи ҳокимияти фаронсавӣ бунёд гардида буд, нисбат ба мустамликаҳои Британиёи Кабир бештар фасодзада буданд. Зеро, дар Фаронса сатҳи баланди назорати давлатӣ аз болои ниҳодҳои ҷомеа маъмул буд, ки он заминаи мусоидро барои коррупсия ба вуҷуд меовард. Бинобар ин, дастгоҳи давлатии бисёр мустамликаҳои Фаронса, чун қоида, аз ҳамон ибтидо, шадидан ба гирифтории коррупсияи системавӣ маҳкум буданд.

Ғайр аз ин, дар анъанаҳои «шарқӣ»-и муносибатҳои шахсӣ дар миёни сардор ва муроҷиаткунанда имконоти азими беназоратӣ нисбат ба танзими давлатии бисёр соҳаҳои зиндагиро ба вуҷуд оварданд. Масалан, президенти Индонезия Сухарто бо номи «Мистер 10 фоиз» машҳур буд, зеро ба ҳамаи ширкатҳои дар мамлакат фаъолияткунанда пешниҳод мешуд, ки ришваи дақиқан муайяншударо ба президент ё аъзои хонаводаи ӯ пардохт намоянд. Коррупсияи «аз поин ба боло» маъмул буд, вақте ки сардор метавонист ҳамаи гуноҳро ба сари зердастон бор кунад, аммо коррупсияи «аз боло ба поён» ҳам дучор мешуд, вақте ки мансабдорони фасодзадаи олирутба, комилан бидуни шарму ҳаё, кушоду равшан ришва мегирифтанд ва ҳатто бо зердастони худ бо ҳам медиданд (чунин системаи коррупсия, масалан дар Кореяи Ҷанубӣ бештар маъмул буд). Дар «ҷаҳони севум» низомҳои духдигаро (клептократӣ дар Филиппин, Парагвай, дар Гаити аксарияти кишварҳои Африқо) арзи вуҷуд намуданд, ки дар он ҷо коррупсия ба таври саросарӣ ба ҳамаи навъҳои муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ нуфуз дорад ва бидуни пора ҳеҷ коре иҷро намешавад [2].

Коррупсия дар ИҶШС ҳам ба таври назаррас интишор ёфта буд, дуруст аст, ки он ба сабабҳои дигар вобастагӣ дошт ва имконият медод, ки номенклатураи ҳизбӣ озодона рентаи мансабии дар номенклатураи ҳизбӣ асоснокшударо истифода кунад. Давлати Шӯравӣ барои он ки тамоми соҳаҳои зиндагиро ба таври худ бозсозӣ намояд, шумораи зиёди мансабдорони назораткунандаи чунин навсозиро ба вуҷуд овард. Рафиқони хизматчии давлатӣ, ки дорои ваколатҳои фавқулода буданд, аксаран, аз ваколатҳои худ зиёдаравӣ карда, аз он манфиат ба даст меоварданд. Ҳарчанд ки ба болшевикон ҷазо додани рафиқони ҳизбиашон писанд набуд, моҳи майи соли 1918 ба Шӯрои Комиссарони Халқ лозим омад, ки Декрет дар бораи ришвахориро қабул намояд, дар он барои ришвахӯрӣ ҷазои ҳабс ба муддати панҷ сол, инчунин мусодираи амвол пешбинӣ шуда буд. Соли 1922 бошад, тибқи Кодекси ҷиноятӣ барои ин ҷиноят ҳукми қатл пешбинӣ шуда буд. Чораҳои ҷазодиҳӣ тадриҷан сахттар мешуданд, аммо он ба ҳеҷ ваҷҳ миқёси суиистифодаи мансабдоронро маҳдуд намекард. Дар давраи «коммунизми ҳарбӣ» муомилаи пулӣ амалан вуҷуд надошт ва дар мақомоти идоракунӣ чунон ҳараҷу мараҷе ҳукмрон буд, ки аксаран, маълум набуд, ки пораро ба кӣ диҳӣ [12].

Коррупсия дубора дар давраи НЭП (СНИ) ба нашъунамо оғоз намуд, вақте ки дубора фаъолияти соҳибкорӣ эҳё гардид. Дар он замон ришвахорӣ шакли фаъолияти зиддиинқилобӣ ба ҳисоб мерафт. Тавре ки маълум аст, зиддиинқилобиён ба қатл маҳкум буданд. Комиссари халқии роҳи оҳан Феликс Дзержинский дар бахшномаи худ қайд намуда буд: «Ба ҳамагон маълум аст, ки ришвахорӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти хоҷагии ҷумҳурӣ ба кадом миқёс расидааст ва махсусан интишори густардаи ин фалокат дар ҳамлу нақл ба назар мерасад. Мо бояд дониста бошем, ки ришвахорӣ дорои ҷанбаи амиқи синфӣ аст ва он зуҳуроти падидаи майдабуржуазии сармоядории хусусӣ аст ва бар зидди асосҳои низоми феълан мавҷудбуда нигаронида шудааст». Бо дастури шахсии Феликси Оҳантабор ҳар як мансабдори бо ришвахорӣ дастгиршудаи идораи ӯ бидуни суд ва таҳқиқот парронда мешуд. Фақат бо ҳамин роҳ Дзержинский муваффақ гардид, ки дар муддати як сол тартиброҷорӣ намояд.

Минбаъд, дар охири солҳои 20-ум мубориза бо коррупсия ҷанбаи маъракаҳои оммавии ҷазодиҳиро ба худ мегирад. Чунончи, дар яке бахшномаҳои Комиссариати адлия дар соли 1927 омадааст: « Дар муддати … як моҳ… дар ҳама ҷо, ҳамзамон аз рӯйи имкон, сирфан муҳокимаи парвандаҳо дар бораи ришвахорӣ таъйин карда шуда, дар ин хусус дар рӯзномаҳо хабар дода шавад, то ки дар саросари ҷумҳурӣ тасаввуроти маъракаи ягона, оммавӣ ва муташаккилона ташкилгардидаи судӣ- ҷазодиҳӣ ба вуҷуд оварда шавад».

Ҳама гуна тухфаҳо ба мансабдорони давлатӣ, фаъолияти ҳамкорӣ дар ду ва аз он бештар муассисаҳои бо ҳамдигар вобаста ва мубодилаи ҳамшарикии молидошта ва ғайра ришвахорӣ ҳисоб карда мешуд. Аз оғози маъракаи коллективонии соҳаи кишоварзӣ дар соли 1929 ришвахорӣ дар деҳот ҳам паҳн гардид. Дар ин робита пленуми Суди Олӣ муайян намуд: «Ҳамаи ҳолатҳои аз тарафи шахсони вазифадор гирифтани ширинкома (магарич), яъне ҳар гуна зиёфатҳо, дар кадом шакле ки набошад, ҳамчун гирифтани ришва ҳисоб карда мешавад». Азбаски коррупсия боқимондаи буржуазӣ ҳисоб карда мешуд, дар ИҶШС ибрози назар мешуд, ки ҳамзамон ба сохтмони сотсиализм «дар кишвари ҷавони мо» падидаи мазкур тадриҷан аз байн хоҳад рафт. «Ришвахорӣ, - навишта шуда буд, дар дастурамали соли 1957 ба кумаки ҳуқуқшинос мунташиргардида – дар шароити шӯравӣ зуҳуроти нисбатан нодир гардидааст».

Қобили қайд аст, ки коммунистон тавонистанд бар коррупсияи оммавӣ пирӯз шаванд, аммо на бо роҳи одат додани ҷомеа ба меъёрҳои мубодилаҳои баробарарзиш, балки муқаррар намудани назорати ҷиддии давлатӣ аз болои муносибатҳои хусусии инсонӣ. Низоми шӯравӣ коррупсияро шикаст дод, дақиқан, онро ба пинҳонкорӣ бо тарсу ҳарос дар назди КДБ маҷбур сохт. Ҳамин ки ин тарс бартараф гардид, коррупсия дубора аз пинҳонкорӣ баромад [9].

Баъд аз Инқилоби Октябр дар кишвар ҳама чиз, ба ғайр аз ҷомеаи фасодзада иваз шуд. Аз мукотибаи вопасини В.И.Ленин ва мақолаҳои охирини ӯ равшан мешавад, ки ӯ саъй намуд, ки муборизаро бо ҳаромкории дастгоҳи давлатӣ созмон диҳад, масалан, таъсис намудани назорати коргару деҳқон аз болои он … Ин тадбирҳо бебарор шуданд. Дар замони И.В.Сталин муносибат ба коррупсия ҳолати ҷолиб касб намуд.

Аз як тараф, ҷазодиҳӣ барои суиистифода аз мавқеи хизматӣ то ҳукми қатл сахттар шуда, аз сӯйи дигар, хизматчиёни давлатӣ ба зудӣ синфи вижаи ба истилоҳ партократияи (ҳизбгарoӣ) дахлнопазир ва аз назорат берунбударо ташкил доданд. Намояндагони номенклатура, амалан суднопазир буда, аз ҷазо чандон тарсу ҳарос надоштанд.

Мубориза бо коррупсия бештар ҷанбаи намоишӣ дошт ва беш аз пеш бо мақсадҳои сиёсӣ, барои ҷазо додани шахсони номатлуб татбиқ мешуд. Мисоли чунин намуна парвандаи болшевики гурҷитабор Енукидзе мебошад, ки ӯ дар мансаби котиби Кумитаи Иҷроияи Марказии ИҶШС кор мекард ва аз ин мансаб ба мақсадҳои худ суиистифода мекард. Дар дастгоҳи ҳизб ҳама инро медонистанд, аммо ҳеҷ касро ин қазия ба ташвиш намеовард, то замоне ки рафиқ Енукидзе бо хатти машши ҳизб мувофиқ буд. Енукидзе чунон ба худ боварӣ дошт, ки аз ҳад гузашт, ӯ китоби ёддоштҳои худро ба нашр расонд ва дар он ба таври воқеӣ нақши сиёсии тоинқилобии Сталин инъикос ёфта буд ва маълум шуд, ки он нақш чандон муҳим набудааст. Ба мудири хоҷагии Кремл ҳама чизро хотиррасон карданд. Ҳарчанд ки Енукидзе ба айбдоркунӣ оид ба коррупсия комилан сазовор буд, аммо сабаби асосии ин ҷазодиҳӣ коррупсия набуд. Маҳз дар ҳамин замон системаи «лифофаҳо», ки қаблан вуҷуд надошт (системаи минбаъд дар давраи бозсозӣ ва баъдибозсозӣ бомуваффақият эҳёгардида), арзи вуҷуд намуд. Ба ҳамаи мансабдорони олирутбаи дастгоҳи ҳизбӣ, НКВД(КХКД), прокуратура ва артиш музди кори дар ҳеҷ куҷо эълоннашуда пардохт мешуд. Системаи мазкур эътимод ба пешворо хеле ҳавасманд мекард. Н.С.Хрушев онро бекор кард.

Хрушев ба проблемаи коррупсия муносибати эҷодкорона кард. Солҳои 60-ум барои суиистифодаи мансаби хизматӣ Фрол Козлов дар он замон шахси дувум дар давлат буд, фош карда шуд. Вақте ки натиҷаҳои тафтиш қироат мешуд, Козлов фалаҷ гардид. Хрушев дар ин маврид чунин гуфт: «Агар сиҳат шавад, аз ҳизб хориҷ карда, суд мекунем. Агар вафот кунад- дар Майдони сурх дафн мекунем». Ҳодисаҳо ба гунаи дувум рӯй доданд ва ин суханони Хрушев самти минбаъдаи мубориза бо коррупсияро муайян карданд.

То солҳои 80-ум коррупсия расман дар кишвар вуҷуд надошт, ҳокимият ин мафҳумро эътироф намекард. Ба ҷойи он истилоҳҳои «ришвахӯрӣ», «саҳлангорӣ», «суиистифода» ва ғайра истифода мешуданд. Аммо бисёр мансабдорони дар ин ё он вазифабуда дар ивази ришва фароҳам намудани маводи камёфт, маводу таҷҳизот, таъйин кардан дар вазифаҳои масъул, тасҳеҳ ва коҳиш додани супоришҳои нақшавии истеҳсолӣ, пӯшонидани қаллобиҳоро амри муқаррарӣ медонистанд. Ҳар кас мавқеи хизматии худро истифода мекард. Аз бисёр ҷиҳат сабаби ин худсариҳо камёфт будани тақрибан 90% молҳои истеъмолии халқ буд [1].

Шукуфоии коррупсия дар Давлати Шӯравӣ ба замони ҳукмронии Л.И.Брежнев рост

омад. Баъд аз вафоти Брежнев парвандаҳои Шелоков, «қазияи фурӯшгоҳи Елисейск» арзи вуҷуд намуданд. Ҷамъбасти ҳодисаҳо «парвандаи ӯзбекӣ»- и муфаттишон Гдлян ва Иванов буд, ки дар қатори як силсила ҳодисаҳо пояҳои Давлати Шӯравиро хароб намуданд. Ҳазорон нафар кормандони масъули хоҷагӣ ва ҳизбӣ таҳти тафтиш қарор доштанд. Маҳз дар робита бо ин корҳо буд, ки домоди Брежнев Юрий Чурбанов ба ҳабс маҳкум гардид. Ҳамин гуна парвандаҳо дар дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз низ роҳандозӣ шуданд [8].

Вижагии давраи кунунии рушди коррупсия дар он аст, ки он ҷанбаи зуҳуроти иҷтимоию иқтисодии ҷаҳониро ба худ мегирад. Рушди тиҷорати байналмилалӣ ва афзоиши теъдоди ширкатҳои бузурги фаромиллӣ нуфузи коррупсияро ба доираи муомилаҳои тиҷоратии байналмилалӣ фароҳам оварданд. Амалисозии манфиатҳои иқтисодӣ дар соҳаи рушди робитаҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои Америкои Лотинӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз тоҷирони кишварҳои рушдёфта талаб намуд, ки муомилаҳои коррупсионӣ бананд, ки он бо мурури замон меъёри пешбурди тиҷорат гардид, аммо маҳз бо ташаббуси намояндагони тиҷорат роҳандозӣ мешуд.

Болоравии робитаҳои байнихоҷагӣ рушди коррупсияро ҳавасманд менамуд. Ҳангоми бастани қарордодҳо бо харидорони кишварҳои хориҷӣ ширкатҳои бузурги фаромиллӣ, ҳатто ба таври қонунӣ, кушоду равшан дар бахши хароҷоти ҷории гуфтушунидҳо банди «тухфаҳо»-ро ворид мекарданд. Солҳои 70-ум дар саросари ҷаҳон моҷарои ширкати амрикоии «Локхид» овоза пайдо кард, ки ширкати мазкур барои фурӯхтани ҳавопаймоҳои начандон босифати худ ба сиёсатмадорон ва мансабдорони олирутбаи кишварҳои ҶФО, Япония ва ғайра ришваҳои калон додааст.

Дар ҷомеаи муосири хеле сиёсатзада коррупсияи сиёсӣ (ҳизбӣ) нуфузи чашмрас пайдо намуд, вақте ки субъекти он муомилаи ҳизбҳои сиёсӣ ва роҳбарони ҳизбҳо ва музди ба сари ҳокимият омадани онҳо – амалисозии абарғурури кишварҳои сармоягузор, ки ба зарари кишвари худ ё ормонҳои ҳизб мебошанд. Қобили қайд аст, ки рушди коррупсия бо инкишофи иқтисодиёти ниҳонӣ ҳамроҳ мебошад. Вале муаллифони ҷудогона ҳам, ба таври умумӣ коррупсияро як намуди иқтисодиёти ниҳонӣ меноманд [7]. Ю.В. Латов ва С.Н. Ковалев дар чорчӯбаи шарҳи таърихии амалияи истифодаи мавқеи хизматӣ ба мақсадҳои шахсӣ менависанд: «Дигаргунии қатъӣ дар муносибати ҷомеа ба даромадҳои шахсии хизматчиёни давлатӣ фақат дар Аврупои Ғарбии замони нав ба вуқӯъ омад. Мафкураи қарордоди ҷамъиятӣ эълон дошт, ки шаҳрвандон ба давлат андоз пардохт мекунанд, ба ивази он, ки давлат қонунҳои хирадмандона таҳия намояд ва иҷрои бечунучарои онҳоро пайгирӣ кунад. Робитаҳои шахсӣ ҷойи худро ба муносибатҳои хизматӣ доданд, бинобар ин бадастоварии даромади шахсии мансабдорон, ба ғайр аз маоши муқарраршуда ҳамчун вайронкунии дағалонаи ахлоқи чамъиятӣ ва меъёрҳои қонун шарҳу тафсир мешуд» [7]. «Кашфиёти» иқтисодиёти ниҳонии шӯравӣ дар солҳои 70-ум ба вуқуъ омад, замоне ки шӯравишиносони хориҷӣ ба омӯхтани фаъолияти хоҷагии кишварҳои «урдугоҳи сотсиалистӣ», бо эътирозҳои банақшагирии мутамарказ, баҳисобгирӣ ва назорати саросарӣ, аммо нобудкарданашуда оғоз карданд. «Нахусткашшофон» қайд намуданд, ки амалан, механизмҳои амалкунандаи иқтисодиёти шӯравӣ аз модели (амсилаи) расман эълонгардидаи таблиғшаванда дар матбуоти расмӣ тафовути ҷиддӣ дошт. Консепсияи Арон Касенелинбойген ҷолиб мебошад, ки дар он таснифи бештар муфассали муносибатҳои бозории гӯё саросар нақшавии хоҷагидории шӯравӣ оварда мешавад. Дар доираи равиши пешниҳоднамудаи ӯ робитаҳои ниҳонӣ на ҳамчун падидаи ғайриодӣ, балки ҳамчун яке аз ҷузъиёти системаи робитаҳои бозорӣ арзёбӣ мегардад. «Таҷрибаи шӯравӣ чун мувозинат ба интизориҳои ғояи марксистӣ нишон дод – навиштааст муаллифи мақола - ки системаи нақшавии сотсиалистӣ ба унсурҳои бозор ниёз дорад. Дар воқеъ метавон дар бораи як силсилаи томи (гуногуншакли) бозорҳои дар ИҶШС мавҷудбуда сухан гуфт» [15]. А. Касенелинбойген пешниҳод намуд, ки иқтисодиёти шӯравӣ ҳамчун таркиби ба худ хосси муносибатҳои расмӣ-нақшавӣ бо муносибатҳои бозорӣ-қонунӣ, нимқонунӣ ва комилан ғайриқонунӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Ба ҳамин тартиб, моҳиятан масъалаи бисёрсамтии пӯшидаи низоми хоҷагидории шӯравӣ матраҳ мешуд. Дар солҳои 80-ум шӯравишиносон ба ақидае омаданд, ки дар паси пардаи банақшагирӣ ва фаротанзимии саросарӣ дар ИҶШС амалан системаи иқтисодии навъи омехта ниҳон буда, дар он ҷо истеҳсолоти ғайрирасмӣ ва назоратнашаванда, аз бисёр ҷиҳатҳо на камтар аз истеҳсолоти расмӣ нақш

дошт. Солҳои 60-ум-80-ум дар ИҶШС бозори ниҳонии молҳо ва хизматрасониҳои маъмулӣ «одами одии шӯравӣ»-ро ба тасаввуроти алоҳидаи сода оид ба муносибатҳои бозорӣ одат мекунонид: лозим аст, ки бо одамон робитаҳои мутақобилан судмандро барқарор намуд, аз рӯйи асли (принсипи) «ту ба ман, ман ба ту»; пул - мизонгари бузург аст; хариду фурӯш бояд дар вазъияти интихоб ва мувофиқати тарафайн сурат гирад. Азбаски дар системаи шӯравӣ, тақрибан ҳар як фард иштирокчии муносибатҳои бозории қайриқонунӣ буд, пас чунин робитаҳои саросарии ниҳонии бозорӣ солҳои 90-ум замонависозии иқтисоди бозориро осон намуд – бисёр ниҳодҳои бозорӣ (аз ҷумла, тиҷорат бо миёнаравӣ) дар ҷойи холӣ ба вуҷуд наомада, балки фақат аз ниҳонӣ ба қонунӣ шакли худро иваз карданд. Иқтисодиёти ниҳонии шӯравӣ (аммо на «эътирозҳои» норозиёни камшумор) нақши асосиро дар омодасозии гузариш аз системаи иқтисодии фармонфармоӣ ба хоҷагии бозорӣ иҷро намуданд [4].

Ҳамин тавр, дар фурӯпошии низоми шӯравӣ нақши бузургро маҳз садамаи бавуҷудомада аз суиистифодаҳои ошкоргардида дар охири солҳои 80-ум дар мақомоти болотарини раҳбарӣ ва рушди иқтисодиёти ниҳонӣ ифо намуданд. Аммо либералҳои тундрав бо роҳбарии Б.Н. Елсин, ки ба сари ҳокимият маҳз тахти шиорҳои мубориза бо коррупсия омада буданд, ба қудрат расиданд. Дар солҳои 90-ум дар Ғарб мегуфтанд, ки дар Русия бисёр хизматчиёни давлатӣ умуман пай намебаранд, ки сарватмандшавии шахсӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ ин ҷиноят мебошад. Ин гуна хулосаҳо беҳуда набуданд. Даромадҳои расмии хизматчиёни давлатӣ хеле ночиз буд, аммо дар зимн бе иҷозати онҳо ба соҳибкорӣ машғул шудан, амалан имконнопазир буд. Махсусан, «охур»-и саховатманд баргузории чараёни хусусигардонӣ буд. Созмондиҳандагони он барои суиистифода шароити беназир доштанд.

Дар коррупсияи пасошӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лаҳзаи ногувортарин ҷанбаи ғайримутамарказ доштани он буд. Агар дар кишварҳои дигар «ба дасти» як–ду нафар мансабдорони олирутба ришва додан кофӣ бошад, пас дар Тоҷикистон ба ҳамаи мансабдорон - аз котибаи қабулгоҳ то нозири андоз ришва додан лозим меояд.

Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа коррупсия ҳамчун зуҳуроти худтавлидшавандаи доимӣ зуҳур мекунад, ки асоси онро худи сохти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи аз ҷанбаи умумитамаддунӣ бархӯрдорбуда ташкил мекунад. Ба ақидаи як қатор донишмандон, решаканкунии коррупсия дар шароити он намунаҳо ва шаклҳои давлатдорӣ, ки насли башар тайи ду ҳазор соли ахир бо он шиносоӣ дорад, имконнопазир мебошад.

Як силсилаи сабабҳои вижае мавҷуданд, ки боисиривоҷу равнақи коррупсия дар марҳилаи ислоҳоти иқтисоди бозорӣ мегарданд. Дар замони худ системаи ташаккулёфтаи мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодӣ дар ИҶШС бо воқеиятҳои муайяни иҷтимоию сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ созгор буд.

Ба ин, пеш аз ҳама, инҳо мансуб буданд:

- амалан моликияти инҳисории давлат ба воситаҳои асосии истеҳсолот, анбӯҳи захираҳои моддӣ ва молиявӣ;
- имконияти маҳдудсозии ҷиноятҳои иқтисодӣ дар аксарияти ҳолатҳо бо чорчӯбаҳои аз рӯйи андозаҳои давлатӣ камтар, маблағҳои гардиши захираҳои молиявӣ ва моддӣ, молу мулки дигар;
- бетарафсозии ҷиддии системаи молиявӣ ва бонкӣ, назорати қатъии муомилаи маблағҳо бо рубл ва арзи хориҷӣ;
- ҷобаҷокунии маконӣ-замонии механизмҳо ва сохторҳои асосии ҷинояткории иқтисодӣ.

Ҳеҷ як аз шароити дар боло зикргардида наметавонад дар давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи кушода бо гуногуншаклии моликият ҷой дошта бошад. Дигаргуниҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёндошта ба рушди коррупсия бевосита таъсиррасон мебошанд. Омилҳои наве пайдо мешаванд, ки онҳоро ҳангоми муайянкунии роҳҳои ҳалли проблемаҳои сершумор дар ин соҳа ба инобат гирифтан зарур аст. Ин омилҳоро метавон ба сиёсӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ тақсим намуд.

**АДАБИЁТ**

1. Бег на месте, или история коррупции в государстве Российском. 09.01.2009.

2. Всемирная история коррупции: происхождение, типология и последствия. https://www.temadnya.ru/spravka/16apr2004/3856.html [Электронный ресурс]
3. Демидчик А.Е. Безымянная пирамида: Государственная доктрина древнеегипетской Гераклеопольской монархии / А.Е. Демидчик. - СПб., 2005. С. 121.
4. Заславская Т.И. Социальные механизмы трансформации неправовых практик / Т.И. Заславская // Общественные науки и современность. -2001. -№ 5. - С. 5-24.
5. Заколюжный В. Криминогенность в экономике продолжает нарастать / В. Заколюжный // Экономика и жизнь. - 1996. -№ 5. - С. 12.
6. Климин И.В. Развитие экономических отношений социализма в условиях научно-технической революции / И.В.Климин. -М.: Мысль, 1976.
7. Латов Ю.В., Ковалев *С.*Н. Теневая экономика: Учебное пособие для вузов. М., 2006. С. 61.
8. Механик А. Краткий очерк истории коррупции / А. Механик // Эксперт
9. О коррупции по философски // Эксперт 30.07.2008.
10. Ромашов О.В. Социология труда: учеб. пособие / О.В. Ромашов. -М.: Гардарики, 2003.
11. Теневая экономика / под ред. Н.Д. Эриашвили, Н.В. Артемьева. - М. Закон и право, 2007.
12. Шгейман В.История коррупции в России. 27.02.2009.
13. Яблоков И.П. Расследование организованной преступной деятельности / И.П. Яблоков. -М.: Юристь, 2002. -С. 12-13.
14. Johnston M. Political Corruption and Public Policy in America. - Monterey: Brooks Cole Publishing Co.-1982.-P 14-15.
15. Kertzer, D. Household History and Sociological Theory *I*D. Kertzer *II* Annual Review of Sociology. -1991. -№ 17.

## ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-ГЕНЕТИКИИ КОРРУПСИЯ

Мақолаи мазкур б таҳлили таърихӣ-генеткии коррупсия бахшида шудааст. Коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ дорои муносибатҳои хосси иҷтимоию сиёсӣ ва манфиатҳои мувофиқ ба шаклҳои амалисозии онҳо мебошад. Ба ибораи дигар, он ҳамчун муносибат баёнгари манфиатҳои муайян мебошад. Дар адабиёти илмӣ барои бисёр таърифҳои мавҷудаи моҳияти манфиатҳо тавсифи онҳо ҳамчун ангезаҳои бедоркунандаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар раванди истеҳсолот муштарак мебошад. Ҳамин тавр, тафсири манфиатҳо ба воситаи «эҳтиёҷот», «ангезаҳо», «моликият» ва «такрористеҳсолкунӣ», ба ақидаи мо, комилтар хоҳад буд. Мушкилоти коррупсия дар солҳои охир мубрамияти бештар касб намудааст.Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки ҳеҷ як аз шароити дар мақола зикргардида наметавонад дар давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи кушода бо гуногуншаклии моликият ҷой дошта бошад. Дигаргуниҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёндошта ба рушди коррупсия бевосита таъсиррасон мебошанд. Омилҳои наве пайдо мешаванд, ки онҳоро ҳангоми муайянкунии роҳҳои ҳалли проблемаҳои сершумор дар ин соҳа ба инобат гирифтан зарур аст. Ин омилҳоро метавон ба сиёсӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ тақсим намуд.

**Калидвожаҳо:** қонуният, коррупсия, давлат, иҷтимоиёт, ҳокимият, тиҷорат, иқтисодиёти пинҳонӣ, ришва, коррупсияи сиёсӣ, коррупсияи маишӣ, коррупсияи тиҷоратӣ, коррупсияи ҳокимияти олӣ.

## ИСТОРИКО-ГЕНЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ КОРРУПЦИИ

Данная статья посвящена историко-генетическому анализу коррупции. В статье рассматривается коррупция как социально-политический феномен, который имеет особые социально-политические отношения и соответствующие интересы к формам их осуществления, а также он служит выражением определенных интересов. Ряд авторов при рассмотрении коррупции, как правило, выделяют ее политические и экономические функции. Коррупция в этом случае определяется как степень экономического и политического развития, а не политической культуры. Она отражает «потребности», «мотивации», «собственности» и «воспроизводимости», разлад между старыми и новыми нормами и облегчает приспособляемость к изменениям во всех сферах общества. Коррупционные проблемы экономической деятельности в последние годы приобрели особую серьезность. Автор статьи также отмечает, что ни один из условий, отмеченных в статье, не может иметь местов правовом государстве и открытом обществе с различной формой собственности. Перемены, происходящие в республике таджикистан, влияет на развитие коррупции. Возникают новые факторы, которые нужно принять во внимание при оапределении путей решения многочисленных проблем в данной области. Эти факторы можно разделить на политические, экономические и организационные.

**Ключевые слова**: законодательство, государство, коррупция, социальное положение, бизнесс, политическая коррупция, государственная коррупция, зарубежная коррупция, коррупция права и государственной безопасности, коррупция в сфере государственного управления.

## HISTORICAL AND GENETIC ANALYSIS OF CORRUPTION

This article is devoted to the historical and genetic analysis of corruption.The article considers corruption as a socio-political phenomenon that has special socio-political relations and corresponds interests as forms of their implementation, and it also serves as an expression of certain interests. A number of authors, when considering corruption, usually highlight its political and economic functions. Corruption in this case is determined by the degree of economic and political development, not by the political culture. It reflects the" needs"," motivation"," ownership "and"reproducibility" of the discord between old and new norms and facilitates adaptability to changes in all spheres of society. In recent years corruption problems in economic activity have become particularly serious. The author of the article also notes that not one of the conditions noted in the article can have seats in the rule of law and in an open society with a different form of ownership. The changes taking place in the Republic of Tajikistan affect the development of corruption. There are new

factors that need to be taken into account when determining ways to solve numerous problems in this area. These factors can be divided into political, economic and organizational.

**Keywords:** legislation, state, corruption, social status, business, political corruption, state corruption, foreign corruption, corruption of law and state security, corruption in public administration, parliamentary corruption, corruption in enterprises.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич*** **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои қуқуқ, докторант. **Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дангара, кӯчаи Шарифов, 3. E-mail: **sharifhasanov@mail.ru**. Телефон**: 918-25-89-89; 907-44-29-99**

**Сведения об авторе:** ***Хасанов Шарифхуджа Козиевич*** **–** Дангаринский государственный университет, кандидат юридических наук, докторант. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. E-mail: **sharifhasanov@mail.ru**. Телефон**: 918-25-89-89; 907-44-29-99**

**Information about the author:** ***Khasanov Sharifkhudzha Kozievich*** – Dangara State University, candidate of law, doctoral candidate. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova street, 3. E-mail: **sharifhasanov@mail.ru.** Phone: **918-25-89-89; 907-44-29-99**

**УДК 343.2**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ ХИЗМАТЧИЁНИИ ҲАРБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ, КИ ДАР ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶОЙГИРАНД

***Амиров А.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлат таъмини амнияти инсон, миллат ва давлат мебошад. Ин фаъолият дар таъмини амнияти ҳарбӣ зоҳир мегардад. Асоси амнияти ҳарбиро дар ҶТ Қувваҳои Мусаллаҳи он ташкил медиҳанд. Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҳарбии давлатӣ мебошад, ки барои муҳофизати мусаллаҳонаи истиқлолият ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ аз таҷовуз таъйин гаштааст. Мувофиқи м. 30 Қонуни ҶТ "Дар бораи мудофиа", Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси ҳуқуқи мудофиаи инфиродӣ ва коллективӣ такя намуда, бо дигар кишварҳо дар соҳаи сохтмони ҳарбӣ ба мақсади таъмини мудофиаи якҷоя аз таҷовуз, нигоҳдории амният ва сулҳи байналмилалӣ ҳамкорӣ менамояд [4].

Яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза ин ҷавобгарии ҷиноятии хизматчиёнии ҳарбии Федератсияи Россия мебошанд, ки дар қаламрави ҶТ ҷойгир аст шудаанд.

Қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар бораи ҷавобгарии хизматчиёни ҳарбии хориҷӣ, ки дар ҳудуди ҶТ қарор доранд, меъёре муқаррар наменамояд. Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии хизматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбии ФР, ки дар ҳудуди ҶТ қарор доранд, тибқи КҶ ФР аз рӯйи шаҳрвандии онҳо метавонад баррасӣ ва ҳал карда шавад [3,с.21].

Ҳамин тавр, дар қ.2 м. 12 КҶ ФР пешбинӣ гардидааст, ки ҷавобгарии ҷиноятии хизматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбии ФР, ки берун аз сарҳади ФР қарор доранд, тибқи қонуни ҷиноятии ФР ҳал карда мешавад, агар тартиби дигареро шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар накарда бошанд. Ҷавобгарии ин гуна хизматчиён, инчунин, тибқи принсипе, ки онро принсипи миссияи махсус (специальная миссия) [13,с.32] ё ҳимояшаванда[1, с.100] меноманд, ба амал бароварда мешавад.

Имрӯз шумораи зиёди созишнома ва шартномаҳо дар бораи ҷойгир намудани Қувваҳои Мусаллаҳи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидаанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1.Созишнома байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи ҳуқуқии қӯшунҳои ташаккулёфтаи қувваҳои мусаллаҳи Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд [7].

2. Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ [2].

3. Созишнома байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати ҳарбии шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми онҳо [12].

4. Созишнома байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъалаи салоҳиятнокӣ ва кумаки ҳуқуқии мутақобила оид ба ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд [11].

5. Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи мавқеъ ва шартҳои қарор гирифтани Пойгоҳи Низомии Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон [10].

6. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи объектҳои ғайриманқул, шумора ва сарҳади қитъаҳои замин, ки пойгоҳи низомии Федератсияи Россия ба он кӯчонида шудаанд ва макони ҷойгиршавии онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] ва ғ.

Тибқи Созишнома байни ФР ва ҶТ дар бораи вазъи ҳуқуқии қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР, ки дар ҳудуди ҶТ қарор доранд аз 25-уми майи соли 1993, ба таври дақиқ байни ФР ва ҶТ салоҳиятнокӣ дар муносибат бо хизматчиёни ҳарбӣ, дар ҳолати аз ҷониби онҳо содир гардидани ягон амали зиддиҳуқуқӣ аз ҷониби охирин тақсим карда шудааст. Ҳамин тариқ, тибқи муқаррароти м. 17 Созишномаи мазкур: "Масъалаи салоҳиятнокӣ нисбати қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР дар ҳудуди ҶТ қарордошта бо тартиби зерин танзим карда мешавад:

1.Оид ба масъалаи содир гардидани ҷиноят аз ҷониби шахсоне ба ҳайати қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР ё аъзои оилаи онҳо дохил мешаванд, берун аз макони ҷойгиршавӣ дар доираи ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун қоида қонунгузории ҶТ ва амали мақомоти судӣ, прокуратура ва дигар мақомоти босалоҳияти ҶТ паҳн мегардад.

2. Банди 1 моддаи 17 Созишнома татбиқ намешавад:

А) дар ҳолати зидди манфиатҳои ФР содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсони ба ҳайати қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР ва аъзои оилаи онҳо дохилшаванда, инчунин муқобили шахсоне, ки ба ҳайати қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР дохил мешаванд ва аъзои оилаи онҳо;

Б) дар ҳолати аз ҷониби шахсони ба ҳайати қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР дохилшаванда, содир гардидани ҷиноят дар ҷойи ҷойгиршавӣ ё дар мавриди иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ, ҳамчунин парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ҳарбӣ.

Оид ба парвандаҳои дар бандҳои "а" ва "б" муқарраргардидаи моддаи мазкур мақомоти судӣ, прокуратура ва дигар мақомоти босалоҳияти давлатии ФР дар асоси қонунгузории ФР амал мекунанд.

Муқаррароти монанд дар м. 3 Созишномаи байни ФР ва ҶТ оид ба масъалаҳои салоҳиятнокӣ ва кумаки мутақобилаи ҳуқуқӣ оид ба ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР алоқаманд, ки дар ҶТ қарор доранд, аз 15 январи соли 1997 муқаррар намудааст. Тибқи талаботи моддаи мазкури ин созишнома, "тарафи Россия салоҳияти худро дар ҷойҳои ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбӣ ва берун аз ҷойи ҷойгиршавии онҳо нисбати шахсони ба ҳайати қисмҳои ҳарбӣ дохилшаванда, вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ аз ҷониби онҳо содир гардидани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, ҳамчунин бар зидди Федератсияи Россия ё нисбати шаҳрвандони он татбиқ менамояд. Дар ҳамаи дигар ҳолатҳо салоҳияти тарафи Тоҷикистон паҳн мегардад, қонунгузории он татбиқ мешавад ва мақомоти ваколатдори он амал менамоянд" [11].

Гарчанде болотар оиди амали меъёрҳои қонунгузорӣ аз рӯйи принсипи ҳудудӣ зикр гардида буд, дар ҳолати мазкур сухан дар бораи татбиқ гардидани принсипи экстерриториалӣ меравад, яъне ҳарчанд хизматчиёни ҳарбии мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта бошанд ҳам, нисбати онҳо қонунгузории давлате, ки онҳоро фиристодааст, татбиқ мегардад, танҳо дар доираи ҷойи ҷойгиршавии онҳо. Тибқи муқаррароти ин Созишнома ҷойи ҷойгиршавӣ ҳудуде мебошад, ки барои истифода ва ҷойгир намудани қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР ҷудо гардидааст. Ҷойи ҷойгиршавии пойгоҳи низомии Россия ва минбаъд тағйир додани он дар асоси Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати ФР дар бораи объектҳои ғайриманқул, шумора ва сарҳади қитъаҳои замин, ки пойгоҳи низомии Россия ба он кӯчонида шудаанд ва макони ҷойгиршавии онҳо дар ҳудуди ҶТ муайян карда мешавад [8]. Ҷолиби диққат аст, ки дар КҶ ФР дар фарқият аз КҶ ҶТ тартиби махсуси ҷавобгарии хизматчиёни ҳарбии берун аз ҳудуди ФР қарордошта мустаҳкам гардидааст. Масалан, тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 12 КҶ ФР: "Хизматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбии

Федератсияи Россия, ки берун аз ҳудуди Федератсияи Россия ҷойгиранд, барои ҷиноятӣ дар ҳудуди давлати хориҷӣ содирнамуда бо КҶ ФР ба ҷавобгарии ҷинояти кашида мешаванд, агар тартиби дигареро шартномаҳои байналмилалии Федератсияи Россия муқаррар накарда бошанд".

Тибқи моддаи 13 Созишнома байни ҶТ ва ФР дар бораи мавқеъ ва шартҳои қарор гирифтани пойгоҳи низомии Россия дар ҳудуди ҶТ аз 5 октябри соли 2012 ба таври мушаххас масунияти хизматчиёни ҳарбии Россия дар ҳудуди ҶТ мустаҳкам гардидааст. Тибқи моддаи мазкур моликияти ғайриманқули пойгоҳи низомии Россия дахлнопазир мебошад ва моликияти манқули пойгоҳи низомии Россия аз масунияти кофтуков кардан, реквизитсия намудан ва таҳти ҳабс гирифтан бархӯрдор мебошад. Бе розигии мақомоти ваколатдори Россия аз ҳайати шахсии пойгоҳи низомии Россия шахс ва аъзои оилаи ӯ наметавонанд дастгир карда шаванд, ба истисної ҳолати дастгир гардидани онҳо дар ҷойи содиршавии ҷиноят [10]. Дар баробари ин мақомоти ваколатдори Тоҷикистон дар бораи шахсони зикргардида дарҳол мақомоти ваколатдори Россияро, ки амалҳои дахлдори мурофиавиро ба амал мебароранд, хабардор менамояд.

Аз муқаррароти ин модда бармеояд, ки ҶТ бо бастани ин шартнома салоҳиятнокии худро дар доираи ҳудуди худ маҳдуд гардонидааст. Ҳамчунин, дар Созишнома ҳолатҳои пешниҳод гардидани даъво нисбати хизматчиёни ҳарбӣ муқаррар гардидааст: "Шахсони аз шумораи ҳайати шахсии пойгоҳи низомии Россия ва аъзои оилаи онҳо аз салоҳияти ҷиноятӣ, инчунин граждани ва маъмурии ҶТ озод мегарданд, ба ғайр аз ҳолатҳои пешниҳод гардидани:

-даъвои ашёӣ ба моликияти ғайриманқули дар ҳудуди ҶТ қарордоштаи онҳо;

- даъвои мансуб ба мерос, ки онҳо ба сифати иҷрокунандаи мерос, парастори моликияти меросӣ, меросгиранда ё даст кашидан аз мерос ҳамчун шахси воқеӣ, на аз номи ФР баромад намоянд;

- ҳама гуна даъвое, ки вобаста ба фаъолияти соҳибкории онҳо, ки дар ҳудуди ҶТ амалӣ менамоянд;

- даъво оид ба ҷуброн намудани зарар вобаста ба ҳолати садамаи воситаҳои нақлиёт, ки ба воситаи нақлиёти ба шахсони зикргардида тааллуқдошта ё аз ҷониби ин шахсон идорашаванда расонида шудааст;

- даъво вобаста ба марг ё зарари ҷисмонӣ, ки дар натиҷаи амали шахсони зикргардида ба вуқӯъ пайвастаанд".

Ба ғайр аз масуният нисбат ба хизматчиёни ҳарбӣ як қатор имтиёз ва афзалиятҳо дода шудааст. Масалан, тибқи моддаи 16 Созишнома байни ҶТ ва ФР дар бораи мавқеи қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон: "Тарафҳо нисбат ба шахсони ба ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи ФР дохилшаванда ва аъзои оилаи онҳо имконияти гузаштани сарҳади давлатии байни Тарафҳо, бе маҳдудият гузаронидани моликияти худ ва озод будан аз пардохти боҷ, андоз ва дигар намуди пардохтҳоро фароҳам овардаанд" [7].

Тибқи моддаи 10 Созишнома байни ҶТ ва ФР дар бораи мавқеъ ва шартҳои қарор гирифтани пойгоҳи низомии Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон: "Воситаҳои нақлиёт (техникаҳои ҳарбӣ)-и пойгоҳи низомии Россия, инчунин ҳавопаймоҳои ФР, ки бо мақсади амалӣ гардонидани Созишномаи мазкур истифода мегарданд, аз бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳии давлатӣ ва аз суғуртаи ҳатмӣ дар ҶТ озод мебошанд" [10]. Омили муҳим барои таъмини ин имтиёзҳо дар ин замина ҳадаф аст ва мутобиқи муқаррароти ин модда, барои татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкур пешбинӣ шудааст. Ғайр аз ин, дар сархати 8 моддаи мазкур муқаррар гардидааст, ки воситаҳои нақлиёти шахсии хизматчиёни ҳарбӣ, аъзои оилаи онҳо ва кормандони ғайринизомии пойгоҳи низомии Россия бояд мавриди бақайдгирӣ, сабт ва пешниҳод кардан ба муоинаи техникӣ тибқи қонунгузории ҶТ қарор дода шаванд. Ин бори дигар ифодагари он аст, ки зарурати мавҷудияти масуният ва афзалиятҳо на барои манфиати шахсони алоҳида, балки барои таъмини самараноки уҳдадориҳои функсионалии онҳо ба ҳисоб меравад. Ин гуна тафсия дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ низ мустаҳкам гардидааст. Тибқи дебочаи Конвенсияи Венагӣ дар барои муносибатҳои дипломатӣ аз 18 апрели соли 1961. "ин гуна афзалият ва имтиёзҳо на барои манфиати шахсони алоҳида, балки барои таъмини самаранок ба амал баровардани функсияҳои намояндагии дипломатӣ, ҳамчун мақомоти намояндагикунандаи давлат пешниҳод карда мешаванд".

Мавриди зикр аст, ки дар Созишномаи мазкур муқаррарот дар бораи танзим намудани даъво ва эътирозҳо пешбинӣ гардидааст. Ҷуброни зарари ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҶТ расонидашуда, агар ин зарар дар натиҷаи амалҳои пойгоҳи низомии Россия, ҳайати шахсии пойгоҳи низомии Россия ва аъзои оилаи онҳо расонида шуда бошад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба амал бароварда мешавад. Тарафи Тоҷикистон нисбат ба тарафи Россия оид ба ҷуброни зарари ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, моликияти ғайриманқул, сарватҳои табиӣ, арзишҳои фарҳангию таърихии тарафи Тоҷикистон, аз рӯйи амали ҳайати шахсии пойгоҳи низомии Россия, ки дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои худ оид ба рафъи таҷовузҳои берунии ҳарбӣ, безарар гардонидани гурӯҳҳои мусаллаҳи террористӣ расонида шудаанд, даъво пешниҳод наменамояд.

Муқаррароти мазкур бори дигар хусусияти функсионалӣ доштани масуниятро тасдиқ менамоянд. Мақсади баста шудани созишномаҳои мазкур ва пешниҳод намудани масуният ва имтиёзҳо дастгирии сулҳу субот дар минтақа ва рафъи ҳама гуна таҷовузҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, хизматчиёни ҳарбӣ ҷавобгарии ҷиноятиро тибқи КҶ ФР ва ҶТ дар ҳолатҳои муайяни қатъӣ ба зимма доранд, ки чун қоида, дар шартномаи дутарафаи байни ҶТ ва ФР баимзорасида пешбинӣ гардидаанд. Чи гунае ки таҷрибаи байналмилалии давлатҳо, аз ҷумла таҷрибаи давлати мо нишон медиҳад, хизматчиёни ҳарбӣ ҷавобгарии ҷиноятиро тибқи КҶ ФР дар ҳолате ба зимма доранд, ки агар ба муқобили хизмати ҳарбӣ ҷиноят содир намоянд; ҷиноят дар ҳудуди пойгоҳи низомӣ содир гардида бошад; дар ҳолате, ки ба сифати ҷабрдидаи ҷиноят шаҳрвандон, ташкилотҳо ва худи давлати Россия баромад намояд. Дар ҳолатҳои боқимонда нисбати хизматчиёни ҳарбии Россия салоҳияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҶТ паҳн мегардад, агар тартиби дигаре дар шартномаҳои байналмилалии ҶТ ва ФР муқаррар нагардида бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Бойцов А.И. Действие уголовного закона во времени и пространстве / А.И. Бойцов. - СПб.: Издательство С.-Петербургского университета, 1995. -С. 260.
2. Договор между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией о сотрудничестве в военной области от 25 мая 1993 г. [Электронный ресурс]. URL: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=4118 (дата обращения: 25.09.19).
3. Князев А.Г. Действие уголовного закона в пространстве: дис. ... к.ю.н. / А.Г. Князев. - Ульяновск, 2006. -С. 179.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиа” аз 4.11.1995 № 208 [Манбаи электронӣ] URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=43 (санаи муроҷиат: 26.09.19).
5. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули интерактивӣ (Қисми умуми). Китоби дарсӣ / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов. – Душанбе, 2016. -С.494.
6. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан. дисс. ... д.ю.н./ А.И. Сафарзода. – Душанбе, 2018. -С.396.
7. Соглашения между Российской Федерацией и Республики Таджикистан о правовом статусе воинских формирований вооруженных сил Российской Федерации, находящихся на территории Республики Таджикистан от 25 мая 1993 г. [Манбаи электронї] URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=6228 (дата обращения: 30.09.19).
8. Соглашения между Правительством Республики Таджикистан и Правительством Российской Федерации об объектах недвижимости, количестве и границах земельных участках, отводимых под российскую военную базу, и местах их расположения на территории Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http://docs.cntd.ru/document/901915134 (дата обращения: 30.09.19).
9. Соглашения между Правительством РТ и Правительством РФ об объектах недвижимости, количестве и границах земельных участках, отводимых под РВБ, и местах их расположения на территории РТ от 16 октября 2004 г. [Электронный ресурс] URL: http://docs.cntd.ru/document/901915134 (дата обращения: 04.10.19).
10. Соглашения между Республики Таджикистан и Российской Федерацией о статусе и условиях пребывания российской военной базы на территории Республики Таджикистан от 5 октября 2012г. [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=120205 (дата обращения:04.10.19).
11. Соглашения между Российской Федерации и Республики Таджикистан по вопросам юрисдикции и взаимной правовой помощи по делам, связанными с пребыванием воинских формирований Вооруженных сил Российской Федерации на территории Республики Таджикистан от 15 января 1997 г. [Электронный ресурс]. URL: http://docs.cntd.ru/document/901737951 (дата обращения:30.09.19).
12. Соглашения между Российской Федерации и Республики Таджикистан о военной службе граждан Российской Федерации в вооруженных силах Республики Таджикистан и их статусе от 30 декабря 1994 г. [Электронный ресурс]. URL: http://old.lawru.info/base84/part5/d84ru5451.htm (дата обращения:30.09.19).
13. Шарипов Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). Курси мухтасари лексияҳо. / Т.Ш. Шарипов [ва диг.]/ – Душанбе, 2019. С.248.
14. Энциклопедия уголовного права. Т. 2. Уголовный закон. Издание профессора Малинина В.Б., СПб., 2005. С. 219-221.

**ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТИИ ХИЗМАТЧИЁНИИ ҲАРБИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ, КИ ДАР ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҶОЙГИРАНД**

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир, яъне ҷавобгарии ҷиноятии хизматчиёнии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, бахшида шудааст. Дар назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, хусусан дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баҳсҳои зиёд оиди ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, мавҷуд мебошад. Ҳангоми таҳияи мақолаи мазкур адабиётҳои илмӣ, корҳои олимони муосири ватанӣ ва хориҷӣ, қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва омӯхта шудаанд. Муаллиф дар алоҳидагӣ созишномаҳо ва шартномаҳоеро, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар самти танзими муносибатҳои ҳарбӣ ба имзо расонида шудаанд, мавриди омӯзиш қарор додааст. Мутаассифона, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавобгарии хизматчиёни ҳарбии хориҷӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, меъёре муқаррар накардааст. Бинобар ин, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия якчанд шартномаҳо ва созишномаҳо барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҳарбӣ баста шудаанд. Мақсади баста шудани шартномаҳо ва созишномаҳои мазкур дастгирии сулҳу субот дар минтақа ва рафъи ҳама гуна таҷовузҳо мебошад. Инчунин, муаллиф як қатор таклифҳоро барои такмил додани қонунгузорӣ пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** қонуни ҷиноятӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, имтиёз, хизматчиёни ҳарбӣ, қисми ҳарбӣ, пойгоҳи низомӣ, шартнома, созишнома, юрисдиксия.

**УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ВОЕННОСЛУЖАЩИХ ВООРУЖЁННЫХ СИЛ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ, НАХОДЯЩИЕСЯ НА ТЕРРИТОРИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

В данной статье рассматривается одна из наиболее актуальных проблем современного общества, а именно уголовная ответственность военнослужащих Вооруженных Сил Российской Федерации, находящихся на территории Республики Таджикистан. В теории и правоприменительной практике, особенно в деятельности правоохранительных органов, возникают споры в отношении уголовной ответственности военнослужащих Вооруженных сил России, расположенных в Республике Таджикистан. В процессе исследования данной статьи были изучены научные литературы, труд отечественных и зарубежных ученых, действующее уголовное законодательство Российской Федерации и Республики Таджикистан. Автор в отдельности анализирует и изучает соглашении и договоры, подписанные между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией о регулировании военных отношений.К сожалению уголовное законодательство Республики Таджикистан не предусматривает ответственности иностранных военнослужащих, дислоцированных на территории Республики Таджикистан. Именно поэтому между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией подписан ряд договоров и соглашений, регулирующих военные отношения. Целью этих договоров и соглашений является содействие миру и стабильности в регионе и предотвращение любой агрессии. Автор также вносит ряд предложений по совершенствованию законодательства.

**Ключевые слова:** уголовный закон, уголовная ответственность, превилегия, военнослужащие, воинская часть, военная база, договор, соглашение, юрисдикция.

**CRIMINAL LIABILITY OF SERVICEMEN OF THE ARMED FORCES OF THE RUSSIAN FEDERATION LOCATED ON THE TERRITORY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article discusses one of the most pressing problems of modern society, namely the criminal liability of servicemen of the Armed Forces of the Russian Federation located on the territory of the Republic of Tajikistan. In theory and law enforcement practice, especially in the activities of law enforcement agencies, disputes arise regarding the criminal liability of the Russian Armed Forces located in the Republic of Tajikistan. In the process of researching this article, scientific literature, the work of domestic and foreign scientists, the current criminal law of the Russian Federation and the Republic of Tajikistan were studied. The author separately analyzes and studies the agreement and treaties signed between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation on the regulation of military relations. Unfortunately, the criminal legislation of the Republic of Tajikistan does not provide for liability of foreign military personnel stationed in the Republic of Tajikistan. That is why a number of treaties and agreements governing military relations have been signed between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation. The purpose of these treaties and agreements is to promote peace and stability in the region and to prevent any aggression. The author also makes a number of suggestions for improving legislation.

**Keywords:** criminal law, criminal liability, privilege, military personnel, military unit, military base, contract, agreement, jurisdiction.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амиров Азизҷон Азаматович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти PhD-ии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17. Телефон: **918-83-43-89**. E-mail: **azizjon-amirov@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Амиров Азизджон Азаматович*** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **+992 918-83-43-89**. E-mail: **azizjon-amirov@mail.ru**

**Information about the author:** ***Amirov Azizjon Azamatovich*** – Tajik national University, PhD student of the Department of criminal law and anti-corruption of the faculty of law. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **+992 918-83-43-89**. E-mail: **azizjon-amirov@mail.ru**

УДК: 343.97(575.3)

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ТАҲДИД БА СУЛҲ ВА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

*Қурбонзода Б.Ш.*

Дар Паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суханрониҳои ӯ дар мулоқот бо аҳли зиё ва ҷавонони кишвар дар бораи пешгирӣ намудани шомилшавии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, ба ҳаракатҳои ифротгарою террористӣ ва мазҳабу равияҳои бегона ба хотири ҳифзи суботу амнияти ҷомеа ва рушди давлати миллӣ дар фазои осоишта таъкид гардидааст.

Яке аз чунин ҳаракатҳои ифротгароӣ дар заминаи эътиқодҳои динии амалкунанда, ки имрӯз аз ҷониби аксар давлатҳои хориҷӣ ба кишварҳои тозаистиқлоли Осиёи Марказӣ интиқол ёфта, имконияти дар оянда вайрон кардани мувозинати динию мазҳабӣ, вазъи сиёсию идеологӣ ва суботу амнияти ҷомеаро дорад, ин сепаратизм, радикализм, фундаментализм, экстремизм ва терроризми бо ном «Давлати исломӣ» (ИГИЛ) мебошад, ки дар ҷаҳони муосир ҳамчун равияҳои тундрав шинохта шудаанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо таъкид менамоянд, ки сабақи талхи таърихи навини тоҷикон ҳар шахсро водор менамоянд, ки дигар ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсӣ ва ҳушёрии зеҳниро аз даст додан лозим нест, ватандӯсту ватанпарвар будан зарур аст, аз гузаштаи пурғановати ниёгон ифтихор намуда, баҳри пойдор намудани ваҳдати миллӣ, ягонагии кишвар, марзу буми аҷдодон заҳмат кашидан зарур аст [1].

Тезутунд гаштани муборизаҳои мафкуравӣ байни мазҳабҳои динӣ ва пайдо шудани падидаи сиёсишавии ислом ба ҷаҳонбинии мардум таъсири манфӣ расонид. Акнун намояндагони ҳар мазҳабу равия нигоштаҳои китоби муқаддаси Қуръон ва фарзу суннатҳои шариатро ба таври худ ва мувофиқи матлаби хеш маънидод менамоянд, ки ин боиси духӯрагии фаҳмиши арзишҳои ахлоқӣ гаштааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷомеаи мо низ тадриҷан “фарҳанги бегонапарастӣ” рушд намуда, бар асари он наврасон ва ҷавонон ба равияву ташкилотҳои экстремистии аз хориҷи кишвар дастгириёфта шомил гардида, аз ҳар як имконият фарҳанги динии худро нисбат ба дигарон боло гузошта, баҳри мутеи иродаи худ кардани атрофиён ва ба ин васила пайдо намудани обрӯю нуфуз мубориза мебаранд.

Мақсади ягонаи равияву ташкилотҳои экстремистӣ бо роҳи зӯрӣ ғасб намудани ҳокимият ва аз байн бурдани сохти конститутсионӣ ба ҳисоб равад ҳам, саркардагон ва аъзоёни он ҷавонону наврасонро дар аввал ба гумроҳӣ андохта, мафкураи ҳанӯз ташаккулнаёфтаи онҳоро фосид гардонида, онҳоро мутеи иродаи худ мегардонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини озодиҳои динӣ, баланд бардоштани маърифати динии аҳолӣ ва ташаккули таҳаммулгароӣ дар муҳити динӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Муҳити динӣ бар асари омилҳои гуногун аз лиҳози паҳншавии мафкураи тундгароӣ ва назариёти экстремистӣ аз ҳама бештар осебпазир мебошад. Омилҳои мусоидаткунанда ба тундгаро шудани муҳити динӣ мухолифатҳои назариявии дохилимазҳабӣ, ба қутбҳо ҷудошавии он бар асари ворид шудани исломи ғайрианъанавии сиёсӣ, донишҳои нокифояи динии аҳолӣ шуда метавонанд.

Озодии виҷдон ва эътиқод, ҳуқуқи мустақилона муайян намудани муносибат ба дин, алоҳида ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намудан ва дар маросим ё оинҳои динӣ иштирок намудан дар қатори дигар ҳуқуқу озодиҳои асосӣ, тибқи Конститутсия ҳамчун арзиши олӣ эътироф карда шуда, бо кафолатҳои конститутсионӣ таъмин шудаанд.

Барои ба ҳадафҳои сиёсӣ расидан аксаран ташкилотҳои экстремистӣ ба эътиқоди динии шахсон таъсир расонида, шаҳрвандони гуногуни дунёро бовар кунониданӣ мешаванд, ки сиёсати давлатдорӣ бар зидди ақидаҳои динии онҳост.

Маҳз бо ин роҳу восита мехоҳанд дини мубини исломро барои ба ҳадафҳои нопоки худ ноил шудан истифода баранд.

Қурбонии терроризим дар ин ё он минтақа асосан ҷавонон мебошанд.

Аз ин рӯ, ҷавононро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, сабабу омилҳои гаравидани шахсон ба гурӯҳҳои террористиро биёмӯзанд ва барои рафъи он кӯшиш кунанд, то сулҳ, ваҳдат ва амнияти кишвар ҳифз гардад.

Имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим ва ногуворе, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст, терроризм ва ифротгароӣ мебошад.

Терроризм ва ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза ба шумор меравад, зеро он боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш – таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад.

Чи тавре ки ҷараёни таърихӣ нишон медиҳад, ғояҳо ва идеологияҳои ифротгароӣ, хамчун ҳодисаи сиёсӣ дар ду маврид ба миён меоянд:

Якум, вақте ки дар ҷомеа беадолатӣ вуҷуд дорад ва қисми муайяни ҷомеа дар назди худ мақсад мегузорад, ки бар зидди беадолатӣ мубориза барад.

Дуюм, барои ҳокимият мубориза бурда мешавад. Ифротгароии динӣ аз ҷиҳати динӣ асосноккунии фаъолиятӣ бо дин рӯйпӯшкардашудае аст, ки бо зӯран ғасб намудани ҳокимият, халалдор кардани истиқлолият ва якпорчагии давлат бо ин мақсад барангехтани душманӣ ва бадбинии динӣ равона карда шудааст, ки дар асл дини мубини ислом инро намепазирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нақши фарҳанг, ташвиқоту тарғиботи таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамин раванд дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшиносии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва дар пешгирӣ аз низоъҳои иҷтимоӣ ниҳоят бузург аст.

Беҳуда нест, ки қувваҳои манфиатҷӯӣ дар оғози амалҳои ғаразноки худ аввал арзишҳои фарҳангӣ-маънавӣ (ахлоқию динӣ)-ро коҳиш дода, фалаҷ месозанд, баъдан ҳисси нобоварӣ ва таҳдид намуда, ба амалҳои зишт ва хавфноки худ даст мезананд.

Имрӯз, дар раванди ҷаҳонишавӣ муқобила ба густариши ақидаву афкори гуногуни бегона бидуни мавҷудияти ақидаи устувор ва мантиқан пурзӯр дар кадом соҳае, ки набошад, ғайриимкон аст. Бинобар ин, ягона роҳ барои хунсо намудани зуҳури ҳар гуна гурӯҳу ҳаракатҳои тундгаро ва ифротӣ, махсусан дар заминаи ақидаҳои динӣ, пеш аз ҳама, мусоидат ба боло бурдани сатҳи донишҳои дунявию илмӣ ва ҳамчунин донишҳои динӣ дар чаҳорчӯбаи мазҳаби суннатии мо-ҳанафия мебошад.

Ҷилавгирӣ аз ифроту тафрит яке аз омилҳои муҳимми ҳифзи ваҳдати миллӣ, суботи ҷомеа ва рушди давлати миллӣ мебошад.

Шахсоне, ки аз таҳсил дар баъзе муассисаҳои таълимии динии ғайрирасмӣ ва шубҳаноки кишварҳои хориҷӣ бармегарданд, дар қатори донишҳои касбӣ дар соҳаи илоҳиёт ба муҳити динии Тоҷикистон афкор ва таълимоти тундраву ба ҳам душманонаро ворид месозанд. Чунин шахсон метавонанд ба амнияти давлат, сулҳу суботи мамлакат, зиндагии мардум, ба иқтисодиёти кишварамон таҳдид кунанд ва зарари ҷиддӣ ворид созанд.

Фаъолияти равияву ташкилотҳои экстремистӣ, шомил гардидани шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба ин гуна равияҳои носолим ва таблиғи ғояҳои ин зуҳурот, инчунин сафарбар гардидани шаҳрвандон ба марказҳои террористию экстремистӣ, ҳамчун падидаҳои нигаронкунанда ва халалдоркунандаи амнияти миллии кишвар маҳсуб меёбанд.

Дар ин амали нопоки хеш онҳо аз кӯр-кӯрона тақлид намудан, камсаводии динии баъзе қишрҳои ҷомеа истифода мебаранд. Аз ин рӯ, бояд ҳар як шаҳрванди баору номуси кишвар ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расида, ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва ҳаргиз фирефтаи таблиғоту ақидаҳои бебунёди ифротӣ нашаванд.

Ҳифзи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар як сокини ин сарзамин буда, он кафили сулҳу оромӣ, ҳувияти миллӣ ва суботи кишвар мебошад. Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ватани азизамон мунтазам пеш рафта, суботу амнияти мардуми кишвар таъмин гаштааст.

Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ аз таъсири манфии чунин равандҳои номатлуби поягузори хушунат, таҳкими давлатӣ демокративу ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба қабули қонунгузорӣ дар бораи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгарои)-ро замина гузошт, ки ин қонунҳо асосҳои ҳуқуқию ташкилии мубориза бар зидди терроризму экстремизмро муайян менамоянд.

Бинобар ин, барои пешгирӣ намудани ин вабои аср бояд омилҳои диниро пурзӯр кард, чунки яке аз омилҳои асосии мамониаткунанда ба паҳншавии равияҳои тундгарои исломӣ пайравии зиёда аз 97 фоизи мусулмонони кишвар ба мактаби мазҳаби ҳанафӣ мебошад, ки аз ҳама бештар таҳаммулгаро ва созишпарвар буда, имкони ҳамзистии осоиштаи мазҳабҳои гуногун ва анъанаҳои мардумиро фароҳам меорад.

Бояд гуфт, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2016-ум таҳти №776 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» тасдиқ шуд. Стратегияи мазкур ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифа ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян менамояд.

Дар Стратегияи мазкур муқаррар шудааст, ки бо мақсади пешгирии ҷиноятҳои марбут ба экстремизм бояд сатҳи корҳои иттилоотиву маърифатӣ, таълимӣ ва мафкуравӣ дар самти муқовимат бо мафкураи тундгароӣ ва экстремизм дар кишвар бояд тақвият дода шавад. Чунки дар ин самт якчанд мушкилоти ҷиддии зерин мавҷуд буда, ҳалли сариватқтии онҳо иҷроиши мақсадҳои Стратегияи мазкурро таъмин менамояд. Аз ҷумла:

- фаъолияти ҳамоҳангшуда ва мақсаднок доир ба пешгирии маҷмӯии тундгароӣ ва экстремизм ҳанӯз ба таври дахлдор ташаккул наёфтааст;

- мутахассисон дар соҳаи муқовимати иттилоотӣ бо экстремизм ва терроризм намерасанд;

- донишҳои мафкуравии кормандони сохторҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба моҳияти экстремизм ва чораҳои муқовимат бо он дар сатҳи зарурӣ қарор надоранд;

- норасоии маводи иттилоотӣ ва бар зидди созмонҳои экстремистию террористӣ, инчунин мушоҳидаи воситаҳои аёнии ташвиқу тарғиб созмонҳои экстремистию террористӣ;

- нақши воситаҳои ахбори омма дар пешгирию огоҳонии экстремизм, инчунин инъикоси фаъолияти зиддиэкстремистию зиддитеррористии мақомоти давлатӣ кофӣ нест.

Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ нишон дод, ки сабабу шароитҳои асосии шомилшавии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба ташкилотҳои экстремистӣ аз инҳо иборат мебошанд:

-ба доми ҷинояткорон афтодани шахсоне, ки савияи дониши динии суст доранд;

-аз ҷониби падару модарон фароҳам наовардани шароитҳои зарурии маънавӣ ва динии фарзандон;

- дур мондан аз назорати волидайн;

- фирефтаи ваъдаҳои бардурӯғи ҷалбкунандагон шудан;

- баҳо надодан ба оқибати кирдори худ ва «устодонашон»;

- фаъолияти нокифояи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мавриди сари вақт ошкор ва муайян накардани шахсони моил ба ифротгароӣ;

- ба низом даровarда нашудани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ;

- мавҷуд будани шумораи маҳдуди мутахассисон дар мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз донишҳои динӣ бохабар мебошанд (ин ҳолат боиси он мегардад, ки аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шахсони ба фаъолияти ифротгароӣ майлдошта саривақт муайян ва ошкор карда намешаванд);

- бо мақсади ба даст овардани даромади моддӣ;

- бетарафии аҳли ҷомеа, ки аз фаъолият ва аъзоёни ташкилотҳои экстремистӣ огоҳӣ пайдо карда бошанд ҳам, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ хабар надода, ҳамкорӣ намекунанд.

Дар ин самт бояд корҳои зерин ба сомон расонида шаванд:

-бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани шаҳрвандон;

-фаъолнок кардани мақомотҳои давлатию фаъолони ҷомеа барои тарбияи аҳолӣ дар рӯҳияи миллӣ ва таҳаммулпазирии динӣ, қабул накардани идеологияи экстремистӣ, инчунин фаъолнок кардани корҳои идеологӣ [2].

Қайд кардан зарур аст, ки экстремизм ва терроризм проблемаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравaнд. Экстремизму терроризм дар ҳар навъе, ки зуҳур кунанд, ба амнияти шахсият ва ҷомеа, сохти конститутсионӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва

тамомияти арзии давлат таҳдид мекунанд. Исботи ин андеша ҳодисоту воқеаҳое мебошанд, ки айни замон дар чунин кишварҳо, аз қабили Сурия, Либия, Ироқ, Афғонистон ва ғайра ҷараён доранд [3,с.10].

Терроризм ва экстремизм дар баробари хатари ҷанги ядрой, ҳифзи муҳити зист, таъмини аҳолии сайёра бо оби ошомиданӣ ва озуқа, буҳрони иқтисодӣ, демографӣ ба проблемаи умумибашарӣ табдил ёфта, инкишофи муътадил ва амнияти аҳолиро халалдор месозанд.

Терроризм ва экстремизм аз рӯйи миқёс ва оқибатҳои худ аз ҷиддитарин таҳдидҳои ҷаҳони муосир ҳисоб ёфта, амнияти инсоният, сулҳу субот ва истиқлолияти кишварро зери хатар мегузоранд.

Ташкилотҳои террористию экстремистӣ мехоҳанд харитаи иқтисодию сиёсии сайёраро дигар кунанд ва ба манфиатҳои хеш мувофиқ созанд. Мақсади асосии терроризм ва экстремизми байналмилалӣ –дар ин ё он давлат сарнагун кардани асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, тамомияти арзӣ, заиф намудани таҳкими истиқлолияти давлатӣ, поймол кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Таҳлилхо аз он шаҳодат медиҳанд, ки солҳои охир ба ташкилотҳои террористӣ-экстремистии ҷамоати "Ансоруллоҳ", "Харакати исломии Туркистон", "Ал-Қоида", "Ҳаракати Толибон", "Ҷабҳат-ун-Нусра", "ДИИШ", "Ҷамоати Таблиғ", "Ҳизб-ут-Таҳрир" ва равияи "Салафия" гаравидани шаҳрвандони алоҳида дар зери таъсири таблиғгарони ин созмонҳо бо ангезаи динӣ, ҷалб ва интиқоли ҷавонони тоҷик ба Ҷумҳурии Исломии Покистон, Афғонистон, кишварҳои Сурияву Ироқ барои иштирок дар муноқишаҳои мусаллаҳона, ташвиши аҳли ҷомеаро ба миён оварда, воқеан ба амнияти миллӣ ваояндасозии кишвар таҳдид мекунад.

Зеро, сухан дар бораи ҳифзи халқу миллат, аз даст надодани Истиққолияти давлатӣ, барои насли оянда боқӣ гузоштани кишвари ободу зебо, таъмини сулҳу субот, амнияти кишвар ва ҳифзи якпорчагии Ватан рафта, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд маҳз имрӯз содиқ будани худро ба ин арзишҳо исбот намояд ва ҳиссаи арзандаи худро дар ин ҷода гузорад.

Ҷавонони ноогоҳу ғофил ба доми пешвоёни каззоб, воизони нопок ва мубаллиғони созмон ва ҳаракатҳои иртиҷоӣ афтида, қурбони дасиса ва ақидаи ботили онҳо мегарданд [4].

Бо дарназардошти ин таҳдидҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон як узви комилҳуқуқи СММ буда, ба ин проблемаҳои доғи рӯз бетарафӣ зоҳир намекунад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие қабул карда шудаанд, ки бар зидди терроризм, экстремизм ва дигар ҷиноятҳои муташаккилона равона гардидаанд. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» [5], Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» [6], Қонуни ҶТ «Дар барои мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона» [7], Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) [8], Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 [2] ва Конвенсияи Созмони Ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм [9] ба муқобили ин зуҳуроти номатлуб равона карда шудаанд.

Имрӯз ва дар оянда низ терроризм ва экстремизм яке аз хавфноктарин таҳдидҳо барои инсоният ва ҷомеаи умумибашарӣ боқӣ монда, бо истифода аз технологияи муосир тарзу усули нави истифодабариро касб мекунанд.

Дар як даҳсолаи охир садҳо ҳазор нафар мардуми осоишта қурбони амалҳои террористӣ гардида, ҳазорҳо нафари дигар маъюбу корношоям шуданд. Масалан, ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА, ки наздик ба 3000 кас ҳалок ва садҳо нафари дигарро захмӣ намуд, аз хотирҳо фаромӯш нагардидааст, ё ин ки санаи 27 декабри соли 2007 собиқ Сарвазири Покистон Беназир Бҳутторо бо 26 нафар мардуми бегуноҳ ва пешвои қабилаи шиаҳои маҳаллӣ дар Пешовар ҳоҷӣ Сардор Алиро ба ҳалокат расониданд, инчунин рӯзи 1 сентябри соли 2004, ҳангоми ҷамъомади пагоҳирӯзӣ гурӯҳи террористии Шамил Басаев 1128 нафарро, ки миёни онҳо муаллимон, талабагон ва волидони онҳо буданд, ба гарав гирифтанд. Ҳангоми озодкунӣ 314 нафар ба ҳалокат расиданд, ки миёни онҳо 184 нафар кӯдакон буданд ва беш аз 800 нафар дар ин ҳодисаи мудҳиш ҷароҳат бардоштанд [10].

Дар охир ба ҳамаи ҳамватанон, аз ҷумла ҷавонон, ки неруи тавонои давлату миллат мебошанд, даъват ба амал оварда, изҳор менамоем, ки сулҳу субот, оромии кишвар, пос доштани арзишҳои миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ, инчунин сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ қарор дода, дар фазои тинҷию амонӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият намоем. Ғояҳои сулҳовару сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро пайгирӣ намуда, онро бегазанд ба наслҳои оянда интиқол дода, рисолати инсонии хешро ба ҷо орем.

Ба хотири ҳифзи сулҳу оромӣ ва пойдории суботи сиёсии ҷомеа мо ҳама бояд муттаҳид бошем ва ба фаъолияти сохтору мақомотҳои давлатӣ ҳамаҷониба мусоидат намоем.


## АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016 [Манбаи электронӣ]. URL:http://president.tj/node/10585.(санаи истифодабарӣ: 28.01.2020).
2. Указ Президента Республики Таджикистан от 12.11. 2016 г., № 776 «Об утверждении Национальной стратегии Республики Таджикистан по противодействию экстремизму и терроризму на 2016-2020 годы». - Душанбе, ООО «Контраст», 2016. -С. 88 с.
3. Қурбонзода Б.Ш. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... ном. илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.08 / Б.Ш. Қурбонзода. – Душанбе, 2017. – 23 с.
4. Хатари умумиинсонии терроризм ва экстремизм. [Манбаи электронӣ]. https://mvd.tj/index.php/tj/khatar-oi-zamoni-muosir/26222-khatari-umumiinsonii-terrorizm-va-ekstremizm.(санаи истифодабарӣ: 03.01.2020).
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод. 697; соли 2007, № 3, мод.158, соли 2014,№11,мод.655). [Манбаи электронӣ]. URL:http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=112 (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020).
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1999. -№11. -Мод. 275; -2005. -№ 3. -Мод.116; -2007. -№5. -Мод.355; -2008. -№10. -Мод.802; -2012. -№8. -Мод.816. -2013. -№ 6. -Мод. 407; - 2014. -№ 11. -Мод. 647. -Мод. 648 Қонуни ҶТ аз 25.12.15с., № 1266). [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=63 (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020).
7. Қонуни ҶТ «Дар барои мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, № 12, мод. 882; с. 2014, №11, мод. 650; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., №1286). [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=306 (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020).
8. Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ). [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32233. – (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020).
9. Конвенсияи Созмони Ҳамкории Шанхай бар зидди терроризм, сепаратизм ва экстремизм. [Манбаи электронӣ]. URL: http://kremlin.ru/supplement/3405 – (санаи истифодабарӣ: 03.01.2020).
10. Терроризм-хатар ба инсоният. [Электронный ресурс]. http://mvd.tj/index.php/tj/khatar-oi-zamoni-muosir/13028-terrorizm-khatar-ba-insoniyat. (санаи истифодабарӣ: 16.01.2020).


## ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ–ТАҲДИД БА СУЛҲ ВА АМНИЯТИ МИЛЛӢ


Дар мақола дар бораи яке аз таҳдиду хатарҳои замони муосир -экстремизм ва терроризм сухан меравад. Муаллиф қайд намудааст, ки экстремизму терроризм, дар ҳар навъе ки зуҳур кунад, ба амнияти шахсият ва ҷомеа, сохти конститутсионӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва тамомияти арзии давлат таҳдид мекунанд. Терроризм ва экстремизм дар баробари хатари ҷанги ядроӣ, хифзи муҳити зист, таъмини аҳолии сайёра бо оби ошомиданӣ ва озуқа, буҳрони иқтисодӣ, демографӣ ба проблемаи умумибашарӣ табдил ёфта, инкишофи муътадил ва амнияти аҳолиро халалдор месозанд. Терроризм ва экстремизм аз рӯйи миқёс ва оқибатҳои худ аз ҷиддитарин таҳдидҳои ҷаҳони муосир ҳисоб ёфта, амнияти инсоният, сулҳу субот ва истиқлолияти кишварро зери хатар мегузоранд. Инчунин гуфта шудааст, ки барои боз ҳам тақвият додани муқовимат бо экстремизму терроризм бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2016-ум таҳти №776 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» тасдиқ шудааст. Стратегияи мазкур ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсад, вазифа ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян кардааст.



**Калидвожаҳо:** экстремизм, терроризм, асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти ҷамъиятӣ, ташкилотҳои экстремистию террористӣ, пешгирии экстремизму терроризм, истиқлолияти давлатӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва тамомияти арзии давлат.


## ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ–УГРОЗА МИРУ И НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ


В статье говорится об одной из угроз и вызовов современной эпохи- экстремизме и терроризме.Автор отмечает, что экстремизм и терроризм во всех его проявлениях представляют угрозу безопасности личности и

общества, конституционному порядку, общественной морали, здоровью и территориальной целостности государства. Терроризм и экстремизм, наряду с угрозой ядерной войны, защитой окружающей среды, обеспечением населения планеты питьевой водой и продовольствием, экономическим и демографическим кризисом, стали общей проблемой, которая подрывает нормальное развитие и безопасность. Терроризм и экстремизм по своим масштабам и последствиям являются наиболее серьезными угрозами современному миру и угрожают безопасности человечества, мира и стабильности в стране. Также указывается, что для дальнейшего усиления борьбы с экстремизмом и терроризмом Указом Президента Республики Таджикистан от 12 ноября 2016 года №776 «Национальная стратегия Республики Таджикистан по борьбе с экстремизмом и терроризмом утверждена 2016-2020 годах». Данная стратегия, как программный документ, определяет цели, задачи и основные направления государственной политики Республики Таджикистан в области борьбы с экстремизмом и терроризмом.
**Ключевые слова:** экстремизм, терроризм, основы конституционного строя, общественная безопасность, экстремистско-террористические организации, предотвращение экстремизма и терроризма, государственная независимость, общественная мораль, здоровье населения и территориальная целостность государства.

**TERRORISM AND EXTREMISM - A THREAT TO PEACE AND NATIONAL SECURITY**

The article talks about one of the threats and challenges of the modern era of extremism and terrorism. The author notes that extremism and terrorism in all its manifestations pose a threat to the security of the individual and society, the constitutional order, public morality, health and territorial integrity of the state. Terrorism and extremism, along with the threat of nuclear war, environmental protection, providing the planet’s population with drinking water and food, the economic and demographic crisis, have become a common problem that undermines normal development and security. Terrorism and extremism in their scope and consequences are the most serious threats to the modern world and threaten the security of mankind, peace and stability in the country. It is also indicated that in order to further strengthen the fight against extremism and terrorism, by Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated November 12, 2016 No. 776 “The National Strategy of the Republic of Tajikistan to Combat Extremism and Terrorism was approved 2016-2020”. This strategy, as a program document, defines the goals, objectives and main directions of the state policy of the Republic of Tajikistan in the field of combating extremism and terrorism.
**Keywords:** extremism, terrorism, the foundations of the constitutional order, public security, extremist-terrorist organizations, the prevention of extremism and terrorism, state independence, public morality, public health and the territorial integrity of the state.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Б.Ш. Курбонзода*** – ёрдамчии прокурори шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. Телефон: **(+992 37) 98820550**0. E-mail: **behruz.qurbonzoda@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Курбонзода Б.Ш.*** – помощник прокурора города Худжанда, кандидат юридических наук. Телефон: **(+992 37) 988205500.** E-mail: **behruz.qurbonzoda@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kurbonzoda B. Sh***. - Assistant Attorney for the City of Khujand, Ph.D. Phone: **(+992 37) 988205500**. E-mail: **behruz.qurbonzoda@mail.ru**

**УДК: 34 : 336.7 (575.3)**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НИЗОМИ БОНКӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Мазарифов М.К.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Ба ташаккули низоми бонкӣ ва амалисозии фаъолияти ҳар як муассисаи бонкӣ қонунҳо бевосита ё бавосита таъсир мерасонанд. Дар танзими ҳуқуқии комплексии низоми бонкӣ меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ҳуқуқи молиявӣ, маъмурӣ ва гражданӣ истифода мегардад.

Устувории қонунгузории бонкӣ, ки асоси низоми бонкиро ташкил медиҳад, дар навбати худ, зинаи калидии иқтисоди бозоргонӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, қабули қонунгузории бонкии ба талаботи ҳолати иқтисодӣ ҷавобгӯ ва инъикоскунандаи дурнамои он заминаи рушди фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие бояд қабул карда шаванд, ки низоми бонкиро ҳавасманд гардонанд, эътимодияти он, масъулият ва ҷавобгарии матақобилаи тамоми субъектони фаъолияти қарзӣ-депозитиро баланд намоянд, бонкҳоро аз таъсиррасонии аз ҳад зиёди мақомоти маъмурӣ ва назоратӣ дар давоми фаъолияти онҳо муҳофизат кунанд.

Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи низоми бонкии Тоҷикистонро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунҳои умумӣ, аз қабили Кодекси граждании ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ,

Кодекси гумруки ҶТ, Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор”, Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ”, қонунҳои соҳавӣ, аз қабили Қонунҳои ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд”, санадҳои зерқонунӣ, ки дорои меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ мебошанд, ташкил медиҳанд.

Қонунгузории бонкӣ – соҳаи қонунгузори ҶТ мебошад, ки низоми қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти бонкиро дар бар мегирад.

Қонуни ҶТ “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” вазъи ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, принсипҳои такшили он, вазифа ва функсияҳои асосӣ, ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақсад ва воситаҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ, принсипҳо ва воситаҳои танзим ва назорати бонкӣ, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ, ташкили мубодила ва ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ва дигар функсияҳо ва ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” масъалаҳои зерин муқаррар гардидаанд: мафҳуми бонк ва ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ҳамчунин низоми бонкии ҶТ, номгӯйи амалиётҳои бонкӣ, принсипҳои ҳамкории бонкҳо бо муштариён ва давлат, тартиби таъсиси бонкҳо, бақайдгирӣ ва барҳамдиҳии фаъолияти онҳо (аз он ҷумла, бонкҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ), асосҳои бозхонди иҷозатнома барои машғул шудан ба амалиётҳои бонкӣ, мафҳуми “сирри бонкӣ”, принсипҳои ҳисобот ва ҳисоботдиҳӣ, тартиби тафтиши аудиторӣ. Танзими ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ ҳамчунин тавассути Кодекси граждании ҶТ, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Дар шароити муосир, санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон қабулгардида амал мекунанд, ки масъалаҳои вобаста ба тартиби бақайдгирии бонкҳо ва литсензиякунонии фаъолияти бонкӣ, муқаррарнамоии меъёрҳои ҳатмии фаъолияти онҳо ва тартиби татбиқи чораҳо ба бонкҳо дар ҳолати вайрон намудани талаботи қонунгузории бонкӣ аз ҷониби онҳо, аз он ҷумла тартиби бозхонди иҷозатнома, тартиби баамалбарории ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва танзими дигар масъалаҳои фаъолияти бонкии ҶТ фаро мегирад.

Метавон ба ақидаи Н.С. Малеин розӣ шуд, ки ба назараи ӯ на танҳо Суди конститутсионӣ, ҳамчунин судҳои муқаррарӣ низ метавонанд ҳангоми баррасии парвандаҳо “мазмуни қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии мазкурро муайян намоянд ва дар ҳама ҳолатҳои зарурӣ Конститутсияро ба сифати санади бевосита амалкунанда истифода баранд”[8,с.12-19]. Воситаи мурофиавии ҳалли ин гуна масоил метавонад боздоштани истеҳсолот оид ба парванда ва дархост ба Суди конститутсионии ҶТ дар бораи конститутсионӣ будани ин ё он қонунҳо бошад.

Қонунҳои умумӣ, пеш аз ҳама, инҳоро муқарраркунандаи талаботҳои умумӣ нисбати шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Бо назардошти он ки бонкҳо метавонанд танҳо дар шакли ҷамъиятҳои саҳомӣ таъсис дода мешаванд, ин талаботҳо нисбати бонкҳо низ паҳн мегарданд. Аммо, дар баъзе мавридҳо, масалан тартиби ташкили сармояи оинномавии бонкӣ дар Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидааст, қоидаҳои умумӣ амал намекунанд.

Хусусиятҳои қонунгузории махсуси танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва тартиби баамалбарории фаъолияти бонкӣ дар сурати рӯ наовардан ба он омилҳое, ки онҳоро дар шакли муайян медарорад, пурра намегардад. Чуноне маълум аст, мазмуни ҳама гуна қонунҳо талаботҳои асосии иқтисодӣ, сиёсӣ, идоракунӣ ва ғ.-ро муайян менамояд, ки барои қонеъсозии инҳо ин ё он қонунҳо қабул мегардад. Дар сатҳи санади ҳуқуқӣ муқаррар намудани вобастагиҳои назариявӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ хусусиятҳои махсусро талаб мекунад, ки имкон медиҳад, ки шакл ва паҳлуҳои ифодаёбии ин вобастагиҳо муайян карда шаванд. Ин хусусиятҳо метавонанд тавассути таҳлили он пешниҳодҳо ва иловаҳое равшан шаванд, ки дар ҷараёни муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо зикр карда шавад, чунки маҳз ин пешниҳодҳо ва иловаҳо дар худ талаботҳои гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои гуногуни иҷтимоӣ, мувофиқаи манфиатҳоро инъикос мекунад ва бояд дар қонунҳои қабулшуда таҷассум ёбанд.

Дар миёни пешниҳодҳои гуфташаванда ва муҳокимаёбанда диққати махсус ба гурӯҳи пешниҳодҳои намояндагони низоми бонкӣ дода мешавад, ки шартан онро метавон ҳамчун талаботи мушаххаси аниқ ва қатъии қонун вобаста ба ҳуқуқу уҳдадориҳои бонкҳо ва муштариёни онҳо номид. Дар пешниҳодҳои номбурда тамоюлоти рушди босуботи танзими ҳуқуқии бонкӣ дида мешавад. Бояд қайд кард, ки тасвияти (мушаххасгардонӣ) ноаниқи ҳуқуқӣ озодии васеъро, аз он ҷумла барои ҳилагарӣ (найрангбозиҳо) дар соҳаи бонкӣ фароҳам меорад. Аммо, дар шароити муосир бонкҳо аллакай кӯшиши на ба ин гуна озодӣ, балки ба тарҳи аниқи ҳуқуқии ҳамкорӣ бо муштариёни худ, баробар бо мақомоти давлатро доранд.

Метавон гуфт, ки дар он қонунгузории бонкӣ, ки фаъолияти бонкиро танзим мекунанд, мувофиқаи (созиши) манфиатҳои амалкунандаи иқтидори иқтисодии Тоҷикистон амалӣ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки қонунгузории махсуси бонкии Тоҷикистон бо қабули ду қонун, махсусан Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ташаккул ёфт. Бояд гуфт, ки шакли якуми ин қонунҳо вақте рӯйи кор омаданд, ки иқтисоди бозорӣ қадамҳои аввали худро мегузошт, низоми бонкии кишвар дар давраи таъсисёбӣ қарор дошт, низоми пулию қарзӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии пешина танзим мегардид. Аввалин бор, баъд аз солҳои зиёд, фаъолияти бонкӣ асоси қонунгузориро касб намуд. Бонкҳо ҳамчун шахси ҳуқуқии мустақил эълон гардиданд ва барои уҳдадории давлат масъулиятро ба зимма намегиранд (чуноне ки давлат барои уҳдадории бонк ҷавобгар нест). Тартиби ташкили сармояи оинномавӣ ва фондҳои гуногуни мақсаднок муайян карда шуданд. Бонки миллии Тоҷикистон мақомоти танзими иқтисодии пулию қарзӣ муқаррар гардида, масъули ҳаҷм ва сохтори иқтидори пулӣ дар муомилот мебошад. Қонунҳои ҶТ «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» ва «Бонки марказии Тоҷикистон» ибтидои таъсиси низоми бонкии дузинагӣ ва ё дусатҳа буданд.

Аммо, солҳои минбаъда зарурияти коркарди муфассал ва амиқи қонунгузории бевосита амалкунанда ба миён омад. Рӯйдодҳое, ки дар раванди иқтисодӣ ба миён меомаданд, талаб мекарданд, ки санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ доимо такмил дода шавад.

Новобаста аз ин, дар соҳаи низоми бонкии Тоҷикистон як қатор мушкилиҳо мавҷуданд. Пеш аз ҳама, дар қонуни махсус вазъи ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон аниқ муайян нашудааст. Ба назари мо, вазъи ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мустаҳкам шудааст, бояд ба талаботи меъёрҳои Кодекси граждании ҶТ, ки ҳолати умумиро барои шахсони ҳуқуқӣ муқаррар менамояд, мувофиқат кунад. Аммо, қонуни мазкур муқаррар менамояд, ки Бонки миллии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ аст, вале шакли ташкилӣ-ҳуқуқии онро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва мақоми онро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии ҶТ муайян накардааст.

Ин норасоӣ дар қонунгузории амалкунанда ба амалигардонии низоми пулию қарзии давлат таъсири манфӣ мерасонад, ҳамкориҳои Бонки миллии Тоҷикистон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва дигар ташкилотҳоро мушкил мегардонад.

Бояд тазаккур дод, ки мақсади фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон гирифтани фоида набуда, балки ҳимоя ва таъмини устувории асъори миллӣ ва қурби он дар робита бо асъори хориҷӣ, рушд ва мустаҳкамии низоми бонкии ҶТ, таъмини самаранокӣ ва муттасилии амалигардонии низоми ҳисоббаробаркунӣ мебошад. Мутаассифона, ин функсияҳо ҳоло дар сатҳи зарурӣ иҷро намегарданд. Мо бар он назарем, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар айни замон барои худ имкони зарурӣро барои иҷроиши мунтазами ин мақсадҳо пайдо накардааст.

Акнун ба ин ҳолат диққат дода мешавад. Аз як тараф, на ҳама воситаҳои дар қонун муқарраршудаи сиёсати пулию қарзӣ ба таври фаъол Бонки миллии Тоҷикистонро истифода мебарад. Қонун аз амалия пеш гузашта, барои он аломатҳои зарурӣро муқаррар намудааст. Дар Қонун ба таври муфассал ваколатҳои бонк дар соҳаи танзим ва назорати асъор пешбинӣ гардидаанд.

Як қатор меъёрҳои нави иқтисодӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои бонкҳои тиҷоратӣ муайян гардидаанд, аз ҷумла: ҳаҷми ҳадди ақали воситаҳои молумулкӣ (сармоя); ҳаҷми ҳудудии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ; ҳаҷми ниҳоии таваккал барои як кредитор (амонатгузор); ҳадди ниҳоии ҷалби пасандозҳои пулии (амонатҳо) аҳолӣ; ҳадди ақали захираҳое, ки тибқи активҳои сертаваккал бунёд гардидаанд; ҳадди

ниҳоии қарзҳо, кафолатҳо ва супоришҳо, ки ташкилоти қарзӣ барои саҳмони худ пешниҳод намудаанд.

Дар баробари ин, дар Қонуни ҶТ Дар бораи «Бонки миллии Тоҷикистон» меъёрҳои зиёде мавҷуданд, ки ба таври ғайримустақим амал менамоянд, маҳз дар ин самт, матни аввали он ба назарҳои интиқодии зиёд рӯ ба рӯ гардид. Ин, пеш аз ҳама, ба ҷанбаҳои ҳамкории бонкҳо бо Бонки миллии Тоҷикистон дахл дорад, ки асосан барои бонкҳо муҳим мебошад.

Ба таври воқеӣ, қонунгузорӣ ҷавобгарии Бонки миллии Тоҷикистонро муқаррар накардаад, гарчанде муайян намудааст, ки он «тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҷавобгарӣ ба зимма дорад». Аз муқаррароти қонун мазкур равшан нест, ки сухан дар бораи кадом намуди ҷавобгарӣ меравад: барои иҷро накардани уҳдадориҳои худ оид ба аҳдҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва ё барои оқибати қабули қарори он ва ғ. Ин меъёрро дар ин шакл амалан наметавон татбиқ намуд.

Амалиётҳои ташкилотҳои қарзиро дар бозори қоғазҳои қиматнок бояд махсус қайд намуд. Дар ин ҷо Қонун ду гурӯҳи амалиётро ҷудо намудааст: якум, амалиётҳо бо қоғазҳои қиматнок, ки бевосита ба фаъолияти бонкӣ алоқаманданд. Ин амалиётҳо бо чекҳо, векселҳо ва сертификати пасандози амонатгузорӣ мебошанд.

Ташкилотҳои қарзӣ метавонанд, ки дигар аҳдҳоро амалӣ намоянд, ки барои таъмини фаъолияти худ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ заруранд. Аммо, ҳамзамон барои онҳо ба мисли тарҳи Қонуни пештара ба таври қатъӣ машғул шудан ба фаъолияти тиҷоратӣ, истеҳсолӣ ва суғуртавӣ манъ гардидааст. Дар сатҳи қонунгузорӣ масъалаи бақайдгирӣ ва литсензиякунонии фаъолияти бонкӣ ҳалли худро ёфтааст. Қонуни нав ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистонро оид ба литсензиякунонӣ ва бақайдгирии ташкилотҳои қарзӣ нигоҳ доштааст. Барои бақайдгирӣ ва ё додани литсензия муассисони ташкилоти қарзӣ уҳдадоранд, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳоро ирсол намоянд, ки номгӯйи онҳо дар муқоиса бо қонунгузории пештар амалкунанда тағйир ёфтааст. Махсусан, қонунгузории нави бонкии ҶТ чор нусхаи оинномаро талаб намекунад, пешниҳоди асоснокии иқтисодии таъсиси ташкилоти қарзӣ, маълумотнома оид ба қарздории шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки барои кор ба бонк қабул гардидаанд, лозим намешуморад.

Вале, муассисон – шахсони ҳуқуқӣ бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумотнома аз мақомоти андоз оид ба иҷрои уҳдадориҳои онҳо дар назди буҷет ирсол намоянд. Муассисон – шахсони воқеӣ бошанд, эъломия оид ба даромадро, ки аз ҷониби мақомоти андоз тасдиқ гардидааст ва дар сармояи оинномавии ташкилоти қарзӣ пешниҳод шудааст, равон мекунанд.

Гарчанде, таҷрибаи байналхалқӣ исбот менамояд, ки барои таҳлили амиқ ва босифати пешниҳодҳо вобаста ба таъсиси ташкилоти қарзӣ на камтар аз як солро талаб менамояд, қонун доираи асосҳо барои рад намудани бақайдгирии давлатӣ ва додани иҷозатномаро ба таври мушаххас муайян намудааст. Ба онҳо дахл доранд: қонеъ нагардонидани вазъи молиявии муассисон ва ё иҷро накардани уҳдадориҳои худ дар назди буҷетҳои сатҳи гуногун; номувофиқ будани ҳуҷҷатҳои барои ба бақайдгирии давлатӣ ва гирифтани иҷозатнома пешниҳодшуда, ҳамчунин номувофиқати талаботи тахассусии номзадон барои мансаби роҳбарии мақомоти иҷроия ва сармуҳосиб.

Қонунгузории бонкии Тоҷикистон қоидаҳои танзими фаъолияти бонкҳои хориҷӣ ва бонкҳои бо иштироки хориҷиён таъсис дода шударо муқаррар намудааст. Фаъолияти ташкилотҳои қарзии хориҷӣ, пеш аз ҳама, аз иҷрои талаботҳои муқарраргардида ва пешниҳоди номгӯйи ҳуҷҷатҳои ҳатмӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон вобаста аст.

Нигаҳдории созгори бозори хизматрасонии бонкӣ, дар маҷмӯъ, ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ, тасвият ва бакорандозии мафҳумҳои асосӣ ва категорияҳои фаъолияти молиявӣ, ҳамчунин муқаррарнамоии анъанаҳои устувори корӣ ниёз дорад. Бо назардошти зиёд будани ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт, бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ як қатор моддаҳо ворид карда шавад, ки метавонанд асоси ҳимояи ҷиноятӣ-ҳуқуқии фаъолияти бонкӣ бошанд, аз ҷумла: ҳимоя аз вайрон намудани тартиби баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ, гирифтани қарз бо роҳи фиреб, истифодаи ғайриқонунии иттилооти махфӣ, фиреби қарздиҳандагон ва амалҳои қаллобонаи касбии иштирокчиёни бозори фондҳо.

Ба салоҳияти Бонки миллии Тоҷикистон назорат ба аҳдҳое, ки дар заминаи созиши тиҷоратӣ сурат мегиранд, мансуб нест. Он танҳо ба назорати расмии риояи қонунгузории бонкӣ маҳдуд мегардад. Бинобар ин, аҳдҳои сохта ва хаёлӣ метавонанд бе ягон намуди оқибати ҳуқуқӣ сурат гиранд, ки дар натиҷа зиёни ниҳоят калон ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва миллӣ мерасонанд.

Ба назари мо, бояд санадҳои қонунгузории марбут ба якҷояшавӣ бонкҳо, ки имрӯзҳо раванди ихтисоршавии шумораи бонҳо шурӯъ гардидааст, коркард шаванд. Таъсиси бонкҳои холдингӣ, иштироки бонкҳо дар гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ, бояд танзими ҳуқуқии амиқи худро ёбад. Дар робита бо ин, имрӯзҳо масоили коркард ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки расмиёти бонкии ба монанди, якҷояшавӣ ва барҳамдиҳии бонкҳои тиҷоратиро муайян мекунанд, мавҷуд аст.

Чуноне ки таҳқиқотҳои солҳои охир нишон медиҳанд, барои фаъолгардонии самараноки фаъолияти бонкӣ бояд асосҳои ҳуқуқиро ташкил намуд. Ба мисли, кумаки саривақтии бонкҳое, ки пайваста мушкилӣ эҷод мекунанд, барои ҳимояи боэътимоди воситаҳои пули шаҳрвандон ва корхонаҳо, ки дар бонкҳо гузошта шудааст, истифодаи суғурта бе иштироки буҷет бамаврид аст. Ин чораҳо, эътимоди низоми молиявӣ-қарзӣ ва беҳдошти фазои сармоягузориро баланд мебардоранд.

Зарур аст, ки ислоҳот дар як вақт аз рӯйи якчанд самт гузаронида шавад:

Якум, бояд давраи рушди ҳуқуқиро муайян намуд: пур намудани «фазои холигии ҳуқуқӣ», батартибдарорӣ ва такмили минбаъдаи қонунгузории бонкӣ, пешгӯии баҳодиҳии рушди қонунгузории бонкӣ.

Дуюм, дар доираи ҳар як давра ҷудо намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки барои ҳалли вазифаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муҳиманд.

Сеюм, мунтазам ислоҳ намудани санадҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи татбиқи онҳо бо назардошти тағйирёбии шароит дар мамлакат.


**АДАБИЁТ**

1. Абрамова М.А. Финансы, денежное обращение и кредит: учебное пособие / М.А. Абрамова. - М.,1996 г.; Антонов Н.Г. Денежное обращение, кредит и банки: учебник / Н.Г. Антонов. - М., 1995 г.
2. Банковское дело: управление кредитной организацией: Учеб. пособие /Под ред. А.М. Тавасиева. -2-е изд., перераб. и доп. - М.: Дашков и1. К, 2009. Послание Президента РТ Эмомали Рахмона Маджлиси Оли РТ от 24.04.2010г. [Электронный ресурс]. // http://www.prezident.tj/ru/node/865 (дата обращения: 04.01.2018 г.).
3. Банковские операции: учебное пособие /Под ред. О.И. Лаврушина.-2-е изд., стер. М.: КНОРУС. 2009.
4. Банковский менеджмент: Учебник /Под ред. д-ра экон. наук, проф. О.И. Лаврушина. 2-е изд., перераб. и доп. - М.: КНОРУС, 2009.
5. Послание Президента РТ Эмомали РахмонаМаджлиси Оли РТ от 22.12.2017г. [Электронный ресурс]. // http://www.prezident.tj/ru/node/16772(дата обращения: 04.01.2019 г.).
6. Закон РТ «О банковской деятельности» от 19.05.2009 г. №524// Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0 / М-во юстиции РТ. – Душанбе, 2018. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
7. Закон РТ «О Национальном банке Таджикистана» от 28.06.2001 г. №722 // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Версия 6.0 / М-во юстиции РТ. – Душанбе, 2018. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM).
8. Малеин Н.С. Правовые принципы, нормы и судебная практика // Государство и право. -1996. -№ 9. -С.12-19.
9. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. –Душанбе: УИ МИД РТ, 2001.
10. Родионова В.М. Государственный бюджет и его роль в сбалансированном развитии экономики / В.М. Родионова. - М., 1995.


## ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ НИЗОМИ БОНКӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола масъалаи танзими ҳуқуқии низоми бонкӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти бонкиро танзим менамоянд, ҳамчунин, мушкилоти қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ба ташаккули низоми бонкӣ ва амалисозии фаъолияти ҳар як муассисаи бонкӣ қонунҳо бевосита ё бавосита таъсир мерасонанд. Дар танзими ҳуқуқии комплексии низоми бонкӣ меъёрҳои соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ҳуқуқи молиявӣ, маъмурӣ ва граждани истифода мегардад. Муаллиф қайд менамояд, ки устувории қонунгузории бонкӣ, ки асоси низоми бонкиро ташкил медиҳад, дар навбати худ, зинаи калидии иқтисоди бозоргонӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, қабули қонунгузории бонкии ба талаботи ҳолати иқтисодӣ ҷавобгӯ ва инъикоскунандаи дурнамои он заминаи рушди фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф чунин пешниҳод менамояд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқие бояд қабул карда шаванд, ки низоми бонкиро ҳавасманд гардонанд, эътимодияти он, масъулият ва ҷавобгарии мутақобилаи тамоми субъектони фаъолияти қарзӣ-депозитиро баланд намоянд, бонкҳоро аз таъсиррасонии аз ҳад зиёди мақомоти маъмурӣ ва назоратӣ дар давоми фаъолияти онҳо муҳофизат кунанд.

**Калидвожаҳо:** низоми бонкӣ, муассисаи бонкӣ, қонунгузории бонкӣ, хизматрасонии бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, иқтисодиёт.

**ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В СООТВЕТСТВИИ С ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

В статье анализируется проблема правового регулирования банковской системы в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, и рассматриваются нормативные правовые акты Республики Таджикистан, которые регулируют банковскую деятельность. Также рассматриваются проблемы банковского законодательства. На формирование банковской системы и функционирование банковских учреждений прямо или косвенно ивлияют законы. В правовом комплексном регулировании банковской системы используются нормы различных отраслей права, прежде всего, финансовое, административное и гражданское право. Автор статьи также отмечает, что устойчивость банковского законодательства, которая составляет основу банквсной системы, в свою очередь, считается основной ступенью рыночной экономики. Поэтому, принятие банковского законодательства, отвечающей требованиям экономического состояния государства и отражающая ее перспективы, является основой развития банковской деятельности. Автор предлагает принятие нормативно-правовых, которые могут заинтересовать банковскую систему и поднять уровень ее доверия, взаимную ответственность всех субъектов кредитно-депозитной деятельности и защищать банки от чрезмерного влиянияадминистративных и контрольных органов в период их деятельности.

**Ключевые слова:** банковская система, банковское учреждения, банковское законодательство, банковская служба, кредитные организации, экономика.

**LEGAL REGULATION OF THE BANKING SYSTEM IN ACCORDANCE WITH THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article analyzes the problem of legal regulation of the banking system in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan and considered the regulatory legal acts of the Republic of Tajikistan regulating banking activities. The problems of banking legislation are also considered. The formation of the banking system and the functioning of banking institutions is directly or indirectly influenced by laws. In the complex legal regulation of the banking system, the norms of various branches of law are used, first of all, financial, administrative and civil law. The author of the article also notes that the stability of banking legislation, which forms the basis of the banking system, in turn, is considered the main stage of a market economy. Therefore, the adoption of banking legislation that meets the requirements of the economic condition of the state and reflects its prospects is the basis for the development of banking. The author proposes the adoption of regulatory and legal ones that may interest the banking system and raise its level of trust, the mutual responsibility of all subjects of credit and deposit activities and protect banks from excessive influence of administrative and control bodies during their activities.

**Keywords:** Banking system, banking institution, banking legislation, banking service, credit organizations, economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мазарифов Манучехр Каримҷонович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвонҷуи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**. 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16.Телефон: **985-40-48-48**

**Сведения об авторе:** ***Мазарифов Манучехр Каримджонович*** – Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, соискатель кафедры права и международных отношений. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **985-40-48-48**

**Information about the author:** ***Manuhehr Karimdzhonovich Mazarifov*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of Law and International Relations. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Street 16. Phone: **985-40-48-48**

**УДК: 34.6(1-87) (575-3)**

## МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҚОБИЛИЯТИ СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ БУДАНИ КӮДАК

***Ғафворзода Илёс***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз мафҳумҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ мафҳуми субъекти ҳуқуқ мебошад, яъне шахсоне, ки ба сифати иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ баромад мекунанд. Қонунгузории гражданӣ ба сифати субъект ҳама гуна шахсро новобаста ба синну сол ва ҳолати саломатӣ эътироф менамояд.

Категорияи қобилияти субъекти ҳуқуқ будан дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври гуногун муайян шудааст. Дар ҳар сурат бояд ба инобат гирифт, ки ин мафҳуми фарогир буда, унсурҳои гуногунро дар бар мегирад. Асосан, зимни муайян намудани ин категория чор

унсур нишон дода мешавад – қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ, қобилияти бурдани ҷавобгарӣ ва мукаллафӣ. Баъзан унсурҳои сеюму чорум ва ё танҳо чорум инкор карда мешавад. Дар китобҳои дарсӣ асосан ба ду унсури аввалин такя карда мешавад [20].

Тавре зикр гардид, дар қонунгузории гражданӣ ду вазъи ҳуқуқии кӯдак пешбинӣ шудааст: ноболиғи хурдсол ва ноболиғ, ки ин аз ҳаҷми гуногуни имкониятҳои амалигардонии ҳуқуқу уҳдадориҳои қонунӣ бинобар омодагии равонии кӯдак вобаста мебошад [22].

Бо ҳамин сабаб кӯдак ба ҷумлаи субъектҳои махсуси муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дохил мешавад, ки чораҳои махсуси ҳимоявиро талаб мекунад, зеро бинобар синну сол, хусусияти равонӣ онҳо наметавонанд мустақилона манфиатҳои худро ҳимоя намоянд. Дар иртибот бо ин меъёрҳои қонунгузории гражданӣ бояд ин хусусиятро ба инобат гиранд ва ҳуқуқу озодиҳои ин гурӯҳи субъектҳоро ҳифз кунанд. Дар ин ҳолат мақомоти васояту парасторӣ ба сифати кафили риояи ҳуқуқу озодиҳои ноболиғон баромад мекунанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ пайваста қайд гардидааст, ки ноболиғон ба ҳимояи махсус ва ғамхорӣ ниёз доранд, зеро бинобар синну сол, инчунин паҳлуҳои ҷисмонию равонӣ ба ҷумлаи қишри осебпазири ҷомеа дохил мешаванд [17]. Ба ғайр аз ин қайд мегардад, ки мушкилоти амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ноболиғон ба мушкилоти глобалии муосир табдил ёфта, ба ҳалли он тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ манфиатдор мебошад [17].

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулоса баровард, ки хусусияти иштироки ноболиғон дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ аз хусусияти қобилияти амалкунии онҳо вобаста мебошад. Дар ин асос ҳамчунин хулосае карда мешавад, ки ноболиғ чун дигар шахси воқеӣ дорои қобилияти субъекти ҳуқуқ будан мебошад, яъне субъекти муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ мебошад.

Қобилияти субъекти ҳуқуқи гражданӣ будан аз ду қобилияти мустақил вобаста мебошад – қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ ва қобилияти амалкунии гражданӣ. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ аслан аз ҷониби қонунгузор муқаррар ва пешниҳод карда мешавад. Он «зуҳуроти бо қонун муайянкардаи бегонанашаванда ва маҳдуднашаванда» мебошад [14]. Агар қобилияти амалкунӣ қобилияти ҳуқуқӣ (расмӣ) намебуд, пас қонунгузор наметавонист онро ба субъектҳо пешниҳод намояд ва ё чунин қобилиятро эътироф намояд. Дар акси ҳол, он ҳамчун қобилияти табиӣ ва равонӣ он новобаста аз иродаи қонунгузор ҷой дошта, ба таври объектӣ арзӣ вуҷуд мекард.

Агар қобилияти ҳуқуқдорӣ ба ҳама баробар ва аз лаҳзаи таваллуд ба миён омада, бо марг қатъ гардад (моддаи 18 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон), қобилияти амалкунӣ бо расидан ба синни муайян ба вуҷуд меояд (моддаҳои 22, 27, 29 ва 28 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аз доштани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ эътирофгардии субъект вобаста мебошад, ки ҳаҷм ва мазмуни онро қонун муқаррар менамояд.

Пас, «қобилияти амалкунӣ – имконияти ба шаҳрванд барои бо амалиёти худ амалӣ гардонидани қобилияти ҳуқуқдории додашуда мебошад» [14]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзан ба мазмуну моҳияти ин мафҳумҳо диққати ҷиддӣ надода, онҳоро омехта мекунанд [9,с.59-61].

Дар моддаи 19 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ муайян шудааст. Тибқи он шаҳрванд метавонад ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дорои ҳуқуқи моликият ба молу мулк, аз ҷумла асъори хориҷӣ бошад; молу мулкро мерос гирад ва васият кунад; дар қаламрави ҷумҳурӣ озодона ҳаракат карда, ҷойи зист интихоб намояд; ҳудуди ҷумҳуриро озодона тарк карда, ба қаламрави он баргардад; бо ҳар гуна фаъолияти манънакардаи санади қонунӣ машғул шавад; мустақилона ё якҷоя бо шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқии дигар шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳад; ҳар гуна аҳдҳои бо санади қонунӣ манънашударо анҷом дода, дар уҳдадориҳо иштирок намояд; дорои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ихтироот, асари илмӣ, адабӣ, санъат ва натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ бошад; ҷуброни зиёни моддӣ ва маънавиро талаб намояд; ҳуқуқи дигари молумулкӣ ва шахсӣ дошта бошад. Бо баррасии ин унсурҳо мазмуни қобилияти ҳуқуқдории ноболиғонро низ муайян намудан мумкин аст [2,с.17-33].

Бояд қайд намуд, ки дар моддаи 19 Кодекси граждании Ҷумҳурии Точикистон мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ ба таври пурра наомадааст. Ноболиғон дар баробари

ҳуқуқҳои номбаршуда дорои дигар ҳуқуқҳо мебошанд. Ин номгӯ дар ягон ҷо пешбинӣ нашудааст ва зарур ҳам нест, ки онро қонунгузор дақиқан нишон диҳад. Дар адабиёт дуруст қайд шудааст, ки барои эътирофи онҳо кофӣ аст, ки зуҳуроти мазкур ба принсипҳои ҳуқуқи гражданӣ мувофиқ бошад [2,с.31].

Доштани қобилияти амалкунӣ маънои онро дорад, ки шахс дорои қобилияти шахсан ва ё тавассути дигарон анҷом додани амалҳои гуногуни ҳуқуқиро дорад: бастани шартномаҳо, додани ваколатнома ва ғайра, ҳамчунин барои амалҳои анҷомдодааш қобилияти бурдани ҷавобгариро (кобилияти деликтиро) дорад. Ин ду паҳлуи қобилият – қобилияти бастани аҳдҳо ва қобилияти бурдани ҷавобгариро ба инобат гирифта, қонунгузор ду гурӯҳи ноболиғонро ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ ҷудо намудааст: хурдсолон ва ноболиғони аз 14 то 18-сола. Баъзан дар адабиёти ҳуқуқӣ дар доираи гурӯҳи якум боз як гурӯҳи дигар ҷудо карда мешавад – кӯдакони то 6-сола, ки пурра ғайри қобили амал мебошанд.

О.В. Бутко мафҳуми ноболиғиро дар қонунгузории гражданӣ шарҳ додааст. Ба ақидаи ӯ, факти ноболиғӣ ин сарҳади қонунии аз ҷониби давлат муқарраршудае мебошад, ки дар доираи он кӯдак дар реҷаи ягонаи ҳуқуқӣ зиндагӣ ва ташаккул ёфта, баъд аз он ин реҷа мазмуни дигарро соҳиб мешавад [4,с.87]. Ба ғайр аз ин, муаллиф қайд мекунад, ки хусусияти марҳилаи кӯдакии ҳаёти инсон дар он ифода меёбад, ки иқтидор қувва ва донишҳои кофӣ ташаккул наёфтаанд, раванди андухтани ин имкониятҳо сарҳадҳои дахлдори синнусолиро талаб менамояд [4,с.87].

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор ҳолатҳои гуногуни равонӣ ва синнусолиро ба инобат гирифта, қобилияти амалкунии ноболиғонро маҳдуд намудааст. Ин «нопуррагӣ» тавассути намояндагони қонунӣ пурра карда мешавад. Ба сифати намояндагони қонунӣ падару модар, фарзандхондкунандагон, васиён, парасторон, мақомоти васояту парасторӣ ва дигар шахсони онҳоро ивазкунанда баромад мекунанд. Тибқи муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шахсон барои анҷом додани аҳдҳо розигӣ медиҳанд ва ё бавосита онҳоро анҷом медиҳанд, масъулияти мустақим барои ӯҳдадориҳои ноболиғон доранд ва ё ба ҷавобгарии иловагӣ кашида мешаванд.

Дар қонунгузории гражданӣ ду ҳолати ба даст овардани қобилияти пурраи амалкунӣ аз ҷониби ноболиғон пешбинӣ шудааст – ин бастани ақди никоҳ дар синни 17-солагӣ (қисми 2 моддаи 22 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва эмансипатсия (моддаи 28 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) мебошад.

Вобаста ба синну соли бастани ақди никоҳ дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Баъзан бастани ақди никоҳ ҳамчун ҷузъи имконияти амалигардонии ҳуқуқу озодиҳо тавзеҳ ёфта, маҳдудияти онро нисбат ба ноболиғон монеаи беасос мешуморанд [13]. Мухолифон кам кардани синни никоҳиро чун зуҳуроти манфӣ ва роҳ ба сӯи кӯдакозорию педофилия арзёбӣ мекунанд [21]. Дар ҳар сурат, масъала бояд дар сатҳи қонун ҳалли худро ёбад [15, с.78-79].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчунин таклиф шудааст, ки кӯдакони 16-солае, ки падару модари ноболиғ мебошанд, дорои қобилияти пурраи амалкунӣ эътироф карда шаванд [1]. Ба мушкилоти мазкур Я.Р. Веберс таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст [6]. Ба ақидаи мо, ин масъала бояд аз ҷониби қонунгузор ба инобат гирифта шавад. Чунки дар акси ҳол байни синни зинаи муайяни камолоти зеҳнӣ ва синни қобилияти амалкуние, ки Кодекси гражданӣ муқаррар намудааст, номутобиқатӣ пайдо мешавад [18]. Дар ҳар сурат, ба ақидаи мо, ин синну сол бояд аз 17-солагӣ муқаррар карда шавад. Бо ин мақсад пешниҳод мешавад, ки ба моддаи 22 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Қоидаҳои қисми 2 моддаи мазкур ҳамчунин нисбат ба ноболиғони синни ҳабдаҳе, ки падар ё модар ноболиғ мебошанд, татбиқ карда мешавад».

Қобилияти амалкунии кӯдакони аз 14 то 18-соларо дар китобҳои дарсӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ қобилияти амалкунии нопурра меноманд. Вале ин мафҳум дар қонунгузории гражданӣ расман истифода намешавад. М.В.Кротов онро «қобилияти амалкунии ҷузъӣ» номидааст, зеро дар ин ҳолат ҷавобгарии молумулкии мустақил ҷой дорад [10]. Бо мақсади пешгирии омехташавии мафҳумҳо худдорӣ аз чунин тарзи муносибат мувофиқи мақсад мебошад.

Сеюм намуди қобилияти амалкунии ноболиғон ин қобилияти амалкунии ҷузъӣ мебошад, ки мансуб ба кӯдакони то 14-сола мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае ҷой

дорад, ки ҳарчанд қонунгузор ин намуди қобилиятро қобилияти амалкунӣ номидааст, дар асл он қобилияти амалкунӣ маҳсуб намеёбад, бинобар ин, истилоҳи «қобилияти амалкунии ҷузъӣ» ғалат мебошад. Сабаб дар он аст, ки имконияти анҷоми аҳдҳо барои ин гурӯҳи кӯдакон маҳдуд буда, истисно аз қоидаи умумӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, асосе оварда мешавад, ки агар шахс ҷавобгарии мустақилро барои амалҳои худ надошта бошад, пас ӯ қобилияти амалкунӣ низ надорад [10]. Дар маҷмӯъ, бо дарназардошти муқаррароти назариявию таҳлили дақиқи масъала бо ақидаи мазкур розӣ шудан мумкин аст. Вале, ба андешаи мо, қабул намудани ақидаи мазкур мувофиқи мақсад намебошад, зеро: 1) таърихан ин намуди қобилият аз даврони ҳуқуқи римӣ қобилияти амалкунӣ эътироф шудааст; 2) қонунгузор, чун қоида ин намуди қобилиятро қобилияти амалкунӣ эътироф намудааст; 3) аз ду сар зарурати «номгузорӣ»-и ин намудани қобилият пеш омада, ҷустуҷӯи институти нав ягон навгониро ба бор намеорад, баръакс он боз такрори нишонаҳои қобилияти амалкунӣ шуда, масъаларо мураккабтар менамояд.

Дар қонунгузории граждании ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони то 6-сола норавшан буда, унсурҳои таркибии он ҷой надоранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ баъзе олимон чунин мулоҳиза мекунанд, ки мувофиқи он хурдсолон то синни 6-солагӣмутлақо ғайри қобили амал эътироф гарданд[4]. Ҳамзамон бояд қайд кунем, ки қонунгузории баъзе давлатҳо ноболиғони то синни ҳафтсоларо ғайри қобили амал эътироф мекунад[23].

Пас, шахсони то 6-сола бошад, пурра ғайри қобили амал буда, мустақилона ягон гурӯҳи аҳдҳоро баста наметавонанд. Ин муқаррарот бевосита дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст. Аз тарафи дигар, истифодаи истилоҳи «қобилияти амалкунӣ» нисбат ба ин гурӯҳи кӯдакон ҷой дорад. Аз ин нуқтаи назар метавон тахмин кард, ки ин гурӯҳ қобилияти амалкуниро дар ин ё он ҳаҷм дошта метавонанд. Вале дар саросари қонунгузории гражданӣ ишораи дигаре барои асоснок кардани ин тасдиқот ҷой надорад.

Ба ҳар ҳол, ба андешаи мо, чунин ҳолат асосноккунии иловагиро тақозо дорад. Дар амал бисёр ҳолатҳое мешаванд, ки барои тарафи дигари аҳд муайянкунии синну сол душвор ва имконнопазир низ мебошад. Барои тарафи аҳд 6 ё 7-сола будани кӯдак қариб тафовут надорад. Ё худ дар таҷриба ҳолатҳое буданд, ки кӯдаки 5-сола мусиқӣ навиштааст ва ё дар 2-солагӣ муаллифи асарҳои тасвирӣ шудааст.

Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки таснифи қобилияти амалкунии таърихан (аз замони ҳуқуқи римӣ) ташаккулёфта таҷдиди назар карда шавад. Пешниҳод мешавад, ки субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ вобаста ба омили қобилияти амалкунӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шаванд:

1. Шахсони дорои қобилияти пурра амалкунӣ, ки аз рӯйи қоидаи умумӣ аз синни 18-солагӣ фаро мерасад. Дар ин доира боз се зергурӯҳро ҷудо намудан мумкин аст:

1) шахсони дорои қобилияти пурраи амалкунӣ, ки ин қобилияти онҳо дар ҳаҷми мукаммал ҷой дорад;

2) шахсони дорои қобилияти пурраи амалкунӣ, ки ин қобилияти онҳо дар ҳаҷми нопурра ҷой дорад (масалан, бинобар мансубияти шаҳрвандӣ);

3) шахсони дорои қобилияти пурраи амалкунӣ, ки ин қобилияти онҳо дар ҳаҷми маҳдуд (ҷузъӣ) ҷой дорад (масалан, дар мавриди эмансипатсия).

2. Шахсони дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ, ки дар навбати худ ба зергурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) шахсоне, ки дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф шудаанд (моддаи 31 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

2) шахсони дорои қобилияти маҳдуди амалкунии марбут ба ноболиғони аз 14 то 18-сола (моддаи 27 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

3) шахсони дорои қобилияти маҳдуди амалкунии марбут ба ноболиғони аз 14 то 18-сола, ки ин қобилияти онҳо нопурра мебошад (қисми 4 моддаи 27 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

4) шахсони дорои қобилияти маҳдуди амалкунии марбут ба ноболиғони то 14-сола (моддаи 29 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимнан ҳадди поёнии синну сол

нишон дода намешавад, зеро дар ҳаёт мумкин аст, ки кӯдаки 5-сола қобилияти бештари бастани аҳдҳоро нисбат ба кӯдаки 7-сола дошта бошад*.

3. Шахсони ғайри қобили амал, ки ба ду зергурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) шахсони ғайри қобили амал (моддаи 30 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон);

2) шахсоне, ки бинобар синну сол ғайри қобили амал мебошанд. Ин ҳолат аз вазъи равонию ҷисмонии хурдсолон вобаста мебошад. Дар сурати дар кӯдак ташаккул наёфтани иродаи мазкур ӯ субъекти муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ буда наметавонад, яъне ғайри қобили амал мебошад.

Кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дорои як қатор ҳуқуқҳои молумулкӣ буда, дар муносибатҳои гражданӣ метавонад фаъолона иштирок намояд. Дар қисми 3 моддаи 38 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудияте ҷой дорад, ки ба манфиати қобилияти амалкунии кӯдак ва эътирофи ӯ чун субъект мебошад. Тибқи он васӣ, парастор, ҳамсарон ва хешовандони наздики онҳо барои бастани аҳдҳо бо шахси таҳти васояташон (парасториаш), ба истисноиҳамчун ҳадя ё истифодаи ройгон ба шахси таҳти васоят (парасторӣ) додани молу мулк, инчунин барои намояндагӣ кардани шахси таҳти васоят (парасторӣ) ҳангоми бастани аҳд ё пешбурди парвандаҳои судӣ байни шахси таҳти васояту (парасторию) ҳамсари васӣ ё парастор ва хешовандони наздики онҳо ҳуқуқ надоранд. Як қатор моддаҳои дигари Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои молумулкии кӯдакон бахшида шудаанд. Масалан, моддаҳои 27, 29, 38 ва ғайраи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтиёрдории молу мулкеро танзим мекунанд, ки ба моликияти кӯдакон тааллуқ доранд. Ин меъёрҳо номгӯйи муайяни ваколатҳои падару модар, васӣ ва парасторро дар иртибот бо механизми амалигардонии қобилияти ҳуқуқдории ноболиғон мустаҳкам мекунанд. Ин меъёрҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои падару модарро ҳамоҳанг сохта, ҳамзамон тартибу шартҳои истифода ва ихтиёрдории молу мулки ноболиғонро вобаста ба ҳаҷми қобилияти амалкунии онҳо пешбинӣ мекунанд. Дар қонунгузории гражданӣ механзими мазкур тавре муайян шудааст, ки ҳар қадаре кӯдак калон шудан гирад, ҳамон қадар ҳаҷми ҳуқуқу уҳдадориҳои ӯ зиёд шуда, ҳамон қадар таъсири падару модар ва ё дигар шахсони ивазкунандаи онҳо кам мешавад. Худи механизм ҳамзамон мураккаб мегардад, зеро кӯдак мустақилона аҳдҳоро анҷом дода, ҳуқуқҳои субъективиро аз номи худ амалӣ менамояд. Чун ҷузъи ин механизм ризоияти ноболиғ баромад мекунад, ки нишонаи иштироки ӯ (иродаи ӯ) баромад мекунад. Қонунгузор анҷомдиҳии як қатор аҳдҳоро аз ҷониби васиён ва ё парасторон бидуни розигии ноболиғ, ки дар шакли ризоияти мақомоти васояту парасторӣ зоҳир мегардад, манъ намудааст. Бо амалишавии ин шарт манфиатҳои кӯдак на танҳо ҳифз мешаванд, балки шаҳодати субъекти ҳуқуқ будани ӯ мебошад. Бо ҳамин сабаб, тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон даромади шаҳрванди таҳти васоят (парасторӣ), аз ҷумла даромади аз ҳисоби идораи молу мулки шахси таҳти васоят (парасторӣ) ба ӯ тааллуқдоштаро, ба истисноимолу мулке, ки шахси таҳти васоят (парасторӣ) мустақилона ихтиёрдорӣ карда метавонад, васӣ ё парастор бо розигии пешакии мақоми васояту парасторӣ танҳо ба манфиати шахси таҳти васоят (парасторӣ) сарф менамояд. Бидуни розигии пешакии мақоми васояту парасторӣ васӣ ё парастор ҳуқуқ дорад аз ҳисоби маблағе, ки бояд ба шахси таҳти васоят (парасторӣ) ҳамчун даромад пардохта шавад, маблағи заруриро ҷиҳати таъминоти шахси таҳти васоят (парасторӣ) харҷ намояд. Дар баробари ин, худи ноболиғ низ ба ҳимоя эҳтиёҷ дорад. Бо мақсади таъмини манфиатҳои беҳтарини ӯ дар мавриди бе парастории падару модар мондан қонунгузор ризоияти дукаратаро барои анҷом додани аҳдҳо пешбинӣ кардааст. Масалан, тибқи қисми 2 моддаи 38 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, васӣ бидуни ризоияти пешакии мақомоти васояту парасторӣ барои анҷом додан ва парастор барои додани розигӣ ҷиҳати анҷоми аҳди фурӯш, аз ҷумла иваз ё ҳадя кардани молу мулки шахси таҳти васоят, киро (иҷора), ба истифодаи ройгон додан ё ба гарав мондани он аҳде, ки боиси аз даст додани ҳуқуқи шахси таҳти васоят, тақсими молу мулки ӯ ё аз он ҷудо

* Дар таҷрибаи қонунгузории Федератсияи Россия боз як гурӯҳи дигар ҷудо мешавад – ин шахсони гирифтори бемории рӯҳие мебошанд, ки дорои қобилияти маҳдуди амал мебошанд. Ҳарчанд айни замон қонунгузории Тоҷикистон онҳоро эътироф наменамояд, вале дар оянда ба назари мо эътирофи ин ҳолат ногузир мебошад, чунки вазъи қобилияти дарки амалҳо ва идоракунии онҳо аз ҷониби шахсони гирифтори бемории рӯҳӣ на ҳамеша яксон аст.

кардани ҳисса мегардад, инчунин ҳар гуна аҳди дигаре, ки боиси кам шудани молу мулки шахси таҳти васоят мегардад, ҳуқуқ надорад.

Дигар масъалаи муҳим ин иштироки кӯдак дар фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Вобаста ба масъалаи мазкур ақидаи се гурӯҳи олимонро ҷудо намудан мумкин аст:

1) гурӯҳи якум чунин мешуморанд, ки шахси то 18-сола ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда наметавонад, зеро ин фаъолият бо мустақилона бастани аҳдҳо ва таваккал вобаста мебошад [7];

2) гурӯҳи дуюми олимон дар асоси таҳлили қобилияти амалкунии нопурраи ноболиғони аз 14 то 18-сола чунин мешуморанд, ки дар маҷмӯъ қонунгузор барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ аз 14-солагӣ иҷозат додааст [16];

3) гурӯҳи сеюми олимон қобилияти машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро аз синни эмансипатсия, яъне 16-солагӣ эътироф менамоянд, ки он бевосита аз мазмуни қонунгузории граждании бармеояд [5].

Мо аслан ба ақидаи гурӯҳи дуюм майл дорем*, вале бо сабаби оне, ки он душворамалишаванда буда, механизми мушаххас надорад, пешниҳод менамоем, ки ақидаи сеюм расман дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад ва поёнтар ин мавқеи худро асоснок мекунем.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд шудааст, ки «соҳибкории ноболиғ яке аз шартҳои эмансипатсия мебошад, пеш аз бақайдгирии кӯдак ҳамчун соҳибкор кӯдак то расидан ба синни балоғат шахрванди дорои қобилияти пурраи амалкунӣ эътироф карда мешавад. Кӯдак қобилияти пурраи амалкуниро надошта, наметавонад тиҷоратро пеш барад ва онро роҳбарӣ намояд» [11].

Ҳарчанд дар моддаи 28 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани кӯдак пешбинӣ шуда бошад ҳам, механизми амалигардонии он норавшан буда, ҳалли он мувофиқи мақсад мебошад. Ба ин масъала олимон Л.В. Кудрявсева ва В.А. Колесникова таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҷумла қайд намудаанд, ки бо эълон намудани қобилияти пурраи амалкунии кӯдак, яъне эмансипатсия шудани ӯ ва ё аз лаҳзаи бастани ақди никоҳ аз ҷониби ноболиғ қобилияти амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ ба миён меояд, вале он дорои мушкилоти ташкилию ҳуқуқӣ буда, қонунгузор ба ин саволҳо ҷавоби мушаххас надодааст [11].

Пеш аз ҳама, ба андешаи мо, тарзи баёни қисми 1 моддаи 28 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳснок мебошад: «Агар ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ расида ..... бо розигии волидайн, фарзандхондагон ё парастор бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ӯ метавонад дорои қобилияти пурраи амал эълон карда шавад». Ин дар ҳолест, ки тибқи қисми 3 моддаи 1 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ фаъолияти мустақили шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирифташуда мебошад*. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» низ ин нишона муҳим буда, бақайдгирии соҳибкорӣ чун ҷузъи низоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар шакли ҳуқуқӣ, ташкилӣ, молумулкӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва дигар шаклҳо эътироф шудааст. Муқаррароти дигари маҳдудкунанда дар қисми 1 моддаи 24 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки тибқи он шаҳрвандон метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Дар ин ҷо номуайянӣ ба миён меояд – чӣ тавр кӯдак метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, агар ӯ дорои қобилияти амалкунии дахлдор набошад? Барои ба даст овардани қобилияти амалкунии дахлдор бошад, машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ талаб карда мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба маҳдудияти машғул шудани

---

* Сабаб дар он аст, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти бастани аҳдҳои ҳуқуқии граждании ва ҷавобгарии мустақилонаи кӯдаконро аз синни 14 –солагӣ эътироф намудааст. Ҳамчунин, бояд ба инобат гирифт, ки маҳз машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ тибқи моддаи 28 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои эмансипатсия мебошад. Гузашта аз ин, ба таври муқоисавӣ бо қонунгузории меҳнатӣ низ асос овардан мумкин аст. Зеро барои эмансипатсия машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ низ асос шуда метавонад, ҳол он ки қобилияти амалкунии меҳнатии шахс тибқи моддаи 21 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи қоидаи умумӣ аз синни 15-солагӣ оғоз мегардад.

* Дар китоби дарсӣ ба «хусусияти озод» доштани бақайдгирии соҳибкорӣ ишора шудааст, ки набояд онро мутлақ фаҳмид, зеро дар акси ҳол фаъолияти соҳибкорӣ ба фаъолияти ғайриқонунӣ табдил меёбад. Ниг.: Қурбонов Қ.Ш., Ғаффорзода И.Ғ. Ҳуқуқи граждании. Қисми 1 (китоби дарсӣ)/ зери таҳрири Ш.Т. Тағойназаров. -Душанбе, 2017. -С.71.

кӯдак ба фаъолияти соҳибкорӣ бинобар баъзе омилҳо – тахассус, таҳсилот, собиқаи корӣ ва ғайра ишора гардида, хулосабарорӣ шудааст, ки қобилияти ҳуқуқдории ноболиғ барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд мебошад. Ҳамчунин, ақидае баён шудааст, ки аввал шахс бояд худро эмансипатсия эълон кунад ва баъдан ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад[5], вале ин ақида бо муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ намебошад. Барои ин асосе оварда шудааст, ки бидуни эмансипатсия машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ мушкил буда, барои анҷом додани аҳдҳо ҳар дафъа зарурати гирифтани розигӣ ҷой дошта, мунтазамӣ аз байн меравад [8].

**Ключевые слова:** радикализм, терроризм, экстремизм, стратегия, молодежь, опасные социальные явления, политическая деятельность, профилактика, пропаганда террористической идеологии, профессионализм, информационные технологии.

## SOME ISSUES OF THE ORGANIZATION OF WORK TO PREVENT THE RADICALIZATION OF YOUNG PEOPLE CONSCIOUSNESS IN TAJIKISTAN IN A VIRTUAL ENVIRONMENT

The article deals with the prevention of radicalism among young people in the Republic of Tajikistan and their level of knowledge about the observance of legal acts in the field of terrorism and extremism.The author notes that in modern conditions of the Republic of Tajikistan one of the most important factors is prevention of radicalism among young people. The author of the article believes that one of the major problems facing young people in our society is the shielding of young people from extremist groups and their inclination towards alienation.The article seeks to create an overarching view based on an analysis of the views and opinions of various field researchers at various times regarding the development of modern information technology and technology of a new type of terrorist-extremist. The author seeks to provide a comprehensive review of the research on the basis of contemporary sources, historical, political, legal, and psychological literature.

**Keywords:** radicalism, terrorism, extremism, strategy, youth, dangerous social phenomena, political activity, prevention, propaganda of terrorist ideology, professionalism, information technology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мирзоев Носирҷон Маҳмадиевич –*** Институти фалафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **901-71-03-45**

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Носирджон Махмадиевич*** - Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан ,город Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **901-71-03-45**

**Information about the author:** ***Mirzoev Nosirdzhon Makhmadievich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinova, RT Academy of Sciences, applicant. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 Rudaki avenue. Phone: **901-71-03-45**

УДК: 66.01+66.2(2)+66.2(4/8)

# НИЗОЪҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ВА ШАКЛҲОИ ҲАМКОРИҲО ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

*Нуриддин П.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пеш аз баррасӣ намудани масъалаи ҷанг ва низоъҳои байнидавлатӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ бояд мафҳумҳои **низои сиёсӣ-хориҷӣ** ва **сиёсӣ-байналхалқиро** аз ҳам ҷудо кард. Низои сиёсӣ-хориҷӣ ҷузъи таркибии низои сиёсӣ-байналхалқӣ мебошад. Субъектҳои низои байналхалқӣ метавонанд на танҳо давлатҳо, балки созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатии байналхалқӣ, ташкилотҳо ва созмонҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ бошанд. Ба ибораи дигар, низои байналхалқӣ аз нигоҳи таркиби иштирокчиёни он мафҳуми васеътар аст [11,с.166].

Низоъ ин амали хасмонаи тарафайни иширокчиёни он мебошад, ки дар натиҷаи зиддияти манфиатҳои онҳо ба вуҷуд меояд. Низоъ метавонад хислати якҷониба дошта бошад. Мисли ҳар гуна низоъ, низои сиёсӣ-хориҷӣ бо хусусиятҳои хосси зерин тавсиф карда мешавад:

— динамика;
— шумораи иштирокчиён;
— миқёси паҳншавӣ;
— шиддат;
— суръати амали низоъ [11,с.166].

Низои сиёсӣ-хориҷӣ аз рӯйи шумораи иштирокчиён чунин гурӯҳбандӣ карда мешавад:

— дуҷониба;
— чандҷониба;
— эътилофӣ [11,с. 66].

Дар **низои эътилофӣ** ҳарду ҷониб дорои иттиҳодҳои бузург мебошанд. Мисоли равшани ин давраи «ҷанги сард» мебошад. Ҳамин давра ҳамчунин, барои миқёси ҷаҳонии низоъ мисол шуда метавонад. Аммо дар аксари ҳолатҳо низоъҳои сиёсӣ-хориҷӣ маҳдуд буда, баъзе ҳолатҳо хислати минтақавӣ доранд.

Дар иртибот ба суръати низоъ ва шиддати он бояд гуфт, ки таҳти мафҳуми суръати низоъ хусусияти миқдорӣ (шумораи амалҳои душманона) ва таҳти мафҳуми шиддати низоъ хусусияти сифатӣ, яъне гузаштан аз таъсири иттилоотӣ ба таъсири зӯроварӣ ба тарафи муқобил фаҳмида мешавад. Мутаносибан, метавон се марҳалаи шиддатро ҷудо кард: поинӣ, миёна ва баланд.

**Поинӣ** - марҳалаи таблиғотӣ мебошад, ки дар ҷараёни он фазои мусоиди сиёсӣ-равонӣ (мо - ҳақ ҳастем, онҳо - ноҳақанд) шакл мегирад.

Дар марҳалаи **миёна** фишор ба идораҳои сиёсати хориҷӣ ва роҳбарони давлат анҷом мегирад. Нақши асосиро дар доираи чунин фишори иттилотӣ ҳар гуна огоҳкунӣ ва таҳдид бозӣ мекунад.

**Марҳалаи севум** - марҳалаи таҳрим, гоҳо ҳамроҳ бо намоиши қувва ва зӯрӣ (тамаркузи артиш, машқҳои ҳарбӣ ва ғайра) мебошад.

Дар марҳалаи севум эҳтимоли расидани низои сиёсӣ-хориҷӣ ба зиддияти ҳарбӣ вуҷуд дорад, ки шакли ниҳоии он ҷанг мебошад. Дар натиҷаи ҷанг дар сохтори низоми ҷаҳонӣ тақсими моликият ва ҳокимият дар он (бо ҳифз намудани тартиби тақсими онҳо, аниқтараш усули бунёдии ин тартибот) тағйироти бунёдӣ ба вуҷуд меоянд.

Асри XX ва махсусан, нимаи дувуми он нуқтаи гардиши куллӣ дар таҳаввулоти назария ва амалияи ҷанг гардид, ки сабаби асосии он ҷаҳиши сифатӣ дар инкишофи технологияи ҳарбӣ буд. Аз як тараф, он имконияти ҷанг карданро, пеш аз ҳама, байни давлатҳои абарқудрат (мушакҳои-ядроӣ нақши боздорандаро ифо мекунанд) маҳдуд мекард, аммо аз ҷониби дигар, ба гуногуннавъии ҷангҳо мусоидат намуд [11,с.167].

Аз нигоҳи хислат ҷангҳоро ба се гурӯҳ тақсим менамоянд: доимӣ, партизанӣ ва харобкорӣ-террористӣ (А. Коэн – танкҳо, мушакҳо ва кордҳо). Гарчанде дар аввали асри XXI асосан ба тадқиқи ҷанбаҳои гуногуни ҷангҳои умумии харобкорӣ (диверсионӣ) -

террористӣ такя мешуд, ки ба ин то андозае ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 мусоидат кард ва он ба тамоми вазъи байналхалқӣ таъсир расонид, аммо набояд навоварӣ дар назария ва амалияи ҷангҳои доимӣ ва партизаниро нодида гирифт.

Дар робита ба ҷангҳои доимӣ метавон ҳамлаи **Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ** ба Югославияро (дар соли 1999) зикр кард, ки дар ҷараёни он неруҳои ҳарбӣ-ҳавоии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико зерсохтор ва таъсисоти мулкиро дар қаламрави Сербия хароб карданд, вале аҳолиро аз зарбаҳои пешбинишудаи ҳавоӣ огоҳ намуданд.

Чунин ҷанг як навъ замонасозии ҷанги умумии ҳавоии иттифоқчиёни Британияи Кабир ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба муқобили Германияи гитлерӣ таҳти шиори «Бо бомбаборонкунӣ Германияро аз ҷанг баровардан» буд. Аммо ба муқобили Югославия зарба ҷанбаи интихобиро дошт, то ин ки ҳамлакунандагон худро аз айбдоркуниашон барои куштани аҳолии осоишта раҳо созанд. Ба ибораи дигар, **Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ** ва хусусан, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кӯшиш мекарданд ин ҷангро чун ҷанги «мутамаддин» ҷилва диҳанд, ки гӯё ҳуқуқи байналхалқиро вайрон накардаанд.

Ҳодисаҳои соли 2006 дар Ҷумҳурии Франсия як навъ варианти «мутамаддини» ҷанги партизанӣ буд, ки гурӯҳи ҷавонони арабу африқоитабор дар даҳҳо шаҳрҳои ин кишвар воситаҳои нақлиёт, таъсисоти мулкиро хароб карда, бо пулис бо истифода аз аслиҳаи оташфишон бархӯрд карданд. Талафоти инсонӣ дар ин ҳодиса набуд. Амали ин гурӯҳҳо хуб танзимшуда ва созмонёфта буд ва фақат вақти шаб сурат гирифта, беш аз як моҳ давом дошт. Ин асос мешавад, ки ин ҳодисаро чун ҷанги партизанӣ, аммо чун ҷанги «мутамаддин» ва бе хунрезӣ ҳисоб намоем. Чунин ҷанг қаблан дар таҷрибаи таърихӣ вуҷуд надошт [11, с. 169].

Ташаббускори ба ҷангҳо хислати умумӣ додан Германияи гитлерӣ буд, аммо нуқтаи авҷи он бомбаборони атомии Хиросима ва Нагасаки дар Япония буд. Аҷиб аст, ки агар А. Гитлер ахлоқи умуминсониро рад мекард, доираҳои ҳукмрони америкоӣ даъвои ифодакунандаи ахлоқи инсонӣ карда, худро ҳомии он метарошанд. Аммо солҳои охир Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бар зидди Сербия, Исроил бар зидди Лубнон ва Фаластин як навъ «ҷанги инсонӣ» — яъне хароб кадани зерсохтор ва таъсисоти мулкиро роҳандозӣ карданд. Мустақиман аҳолии осоишта мавриди ҳадаф қарор намегирад, аммо бавосита мавриди чунин ҳадаф қарор мегирад.

Аммо ихтирои аслии асри XX-ро метавон ҷангҳои харобкорӣ (диверсионӣ) - террористӣ ва хусусан, варианти умумии он шуморид. Бояд таъкид намуд, ки пайдоиши ҷанги харобкорӣ-террористӣ бо рушди терроризми сиёсӣ алоқаманд аст. Террори сиёсӣ падидаи инфиродӣ-интихобӣ буд ва ҳамин тавр мемонад, аммо ҳар гуна ҷанг падидаи оммавӣ мебошад. Амали террори сиёсӣ ва ҳатто як силсила амали террори сиёсӣ ҳанӯз ҷанг нест. Ҷанги харобкорӣ-террористӣ падидаи маргиналӣ мебошад, ки байни терроризми сиёсӣ ва ҷанги партизанӣ «банд шуда» мондааст. Бар хилофи ҷанг онро метавон дар қаламрави рақиб роҳандозӣ кард, агарчи дар миқёси маҳдуд бошад ҳам.

Агар дар ибтидо ҷангҳои харобкорӣ-террористӣ фақат ҷанбаи дохилӣ доштанд, бо гузашти вақт миқёси байналхалқиро гирифтанд. Ҷангҳои харобкорӣ-террористӣ аз тарафи созмонҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ роҳандозӣ мешаванд, аммо маъмулан, бо дастгирӣ ё мусолиҳакории давлат. Имрӯз ҷанги глобалии харобкорӣ-террористиро бар зидди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва иттифоқчиёнаш ба ном «Давлати Исломӣ» мебарад.

Бояд эътироф кард, ки дар бисёр ҳолатҳо ҷангҳои харобкорӣ-террористӣ бо варианти умумии он ба қадри кофӣ самарабахш будааст. Аз он ҷумла, ба туфайли чунин ҷанг Созмони озодибахши Фаластин тавонист сиёсати Иттиҳоди Аврупоро нисбат ба дастгириаш аз Давлати Исроил тағйир диҳад. Дар ин иртибот, махсусан, мисоли Испания қобили зикр аст, ки ҷангиёни исломӣ чанд амали харобкориро анҷом дода, ба хуруҷи қувваҳои испаниёӣ аз ҳайати неруҳои эътилоф аз Ироқ даст ёбанд.

Бо рушди ҷаҳонишавӣ ва инкишофи босуръати технологияи ҳарбӣ имконияти роҳандозии ҷангҳои харобкорӣ-террористӣ усулан меафзояд. Такмили босуръати аслиҳаи куштори умумӣ, аз он ҷумла, осон кардани он барои истифода, хеле хатарнок аст. Яъне, барои харобкор доштани ягон донишу малакаи махсус зарур нест («фақат сари вақт бояд тугмачаро пахш кард»). Тавре ки маълум аст, ба ном «Давлати Исломӣ» занонро ба сифати террорист-худкуш васеъ истифода мебаранд. Ҳамзамон бо ин, аз эътибор соқит

кардани имкони истифодаи аслиҳаи куштори омма дар оянда хотирҷамъии ҷинояткорона мебуд.

Як нуктаи дигари муҳимми натиҷаи ҷаҳонишавӣ - ташаккули гурӯҳҳои ҷинояткори созмонёфтаи ҷаҳониро низ набояд аз ёд бурд. Байни самтҳои асосии фаъолияти он, ҳамзамон бо қочоқи маводи нашъадор ва одамон, қочоқи аслиҳа низ ҷой дорад, ки гарчанде пинҳонӣ вале миқёсан зиёд аст. Феълан, асосе вуҷуд надорад, гумон барем, ки дар ин бозор аслиҳаи куштори омма фурӯхта мешавад, аммо усулан, эҳтимоли он вуҷуд дорад.

Ба ин, аз як тараф, паҳншавии мунтазами аслиҳаи куштори омма дар ҷаҳон ва аз ҷониби дигар, рушди ришваситонӣ мусоидат мекунад. Ташаккули гурӯҳҳои ҷинояткории созмонёфтаи ҷаҳонӣ дар охири асри гузашта суръат пайдо кард. Мубориза бо чунин гурӯҳҳо дар доираи як давлат самарабахш буда наметавонад ва саъю талоши умумро талаб мекунад. Бинобар ин, чунин созмони байналхалқии ҳукуматӣ, монанди Интерпол ба вуҷуд омад, ки маҳсули рушд ва такмили робитаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ҳамкории байнидавлатӣ мебошад.

Ҳамзамон, субъектҳои ҳамкориҳои сиёсати хориҷӣ давлатҳо мебошанд ва он худ чун сохтори босуботи муносибатҳои кооперативии сиёсати хориҷӣ мебошад. Мисли низоъҳои сиёсӣ-хориҷӣ, ҳамкориҳои сиёсати хориҷӣ низ қисми таркибии сиёсати ҷаҳонӣ мебошанд.

Заминаи объективии ҳамкориҳои сиёсӣ-хориҷиро мавҷудияти манфиатҳои умумӣ ташкил медиҳад. Дар акси ҳол, ҳамкориҳои кооперативӣ ҷанбаи ғайримунтазам хоҳанд дошт.

Агар манфиатҳои умумӣ ҳаётан муҳим бошанд, давлатҳо муносибатҳои ихтилофноки қаблии худро ҳимоя мекунанд. Аммо ҳимоя кардани низоъҳо хислати муваққатӣ дошта, дер ё зуд онҳо рӯ зада, боиси сар задани низоъ миёни кишварҳо, аммо дар шакл ва сатҳи дигар мегарданд.

Барои арзёбии раванди ҳамкорӣ метавон ҳамон меъёрҳое истифода бурда шаванд, ки дар ҳолати низоъҳои сиёсӣ-хориҷӣ ба кор бурда мешуданд, аммо дар шакли дигар. Фақат меъёри шумораи иштирокчиён ва миқёси фазоии он бетағйир мемонад. Дар робита ба суръатнокии он, нақши калидиро на он тавсифи миқдорӣ, балки тавсифи сифатии он бозӣ мекунад.

Таҳти мафҳуми тавсифи миқдорӣ шумораи масъалаҳои сиёсати хориҷӣ фаҳмида мешавад, ки нисбат ба онҳо ҳамкории кооперативӣ анҷом мегирад. Ҳар андоза чунин ҳамкорӣ мукаммалтар бошад, ба ҳамон андоза он босубот мебошад ва баръакс.

Алтернативаи душманӣ дӯстӣ аст, ки сатҳи онро дараҷаи рушди ҳамкорӣ муайян мекунад. **Ба таври умумӣ метавон чор марҳалаи чунин рушдро ҷудо кард:** машваратӣ, ҳамоҳангӣ, эътилофӣ ва ҳамгироӣ.

**Марҳалаи аз ҳама паст ҳамкории машваратӣ** - мубодилаи мунтазами иттилоот байни иштирокчиён оид ба доираи васеи масъалаҳои ҷаҳониро пешбинӣ менамояд. Чунин мубодилаи иттилотӣ бояд дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ (муовинони вазир) ва роҳбарони давлатҳо дар ҷараёни муносибатҳои шахсии онҳо, мустақиман ё бо кумаки воситаҳои техникӣ, анҷом гирад. Сарфи назар аз рушди босуръати воситаҳои техникӣ он ҳанӯз иртиботи мустақимро иваз карда наметавонад.

**Дар марҳалаи ҳамоҳангӣ** чунин табодул бо мувофиққунонии мавқеи якдигар барои пешгирӣ кардани ихтилоф ҳамроҳ хоҳад буд. Аммо, агар тарафҳо дар ин ҳолат ягон уҳдадориро ба дӯши худ нагиранд, ё созишномаи ғайрирасмиро набанданд, амалан, як навъ «радкунии хомӯшона»-и тарафҳо аз ҳар гуна амали хасмона нисбат ба якдигар ҷой хоҳад дошт.

**Марҳалаи эътилофӣ** тарҳрезии мавқеи умумӣ ва стратегияи амалисозии он, яъне барномаи муайяни амали якҷояро пешбинӣ менамояд. Он метавонад дар шакли қарордод ё созишномаи дахлдор амалӣ шавад, яъне ҷанбаи муайяни ҳуқуқӣ хоҳад дошт ё не. Дар мавриди аввал, эътилоф ҷанбаи дарозмуддатро дорад ва дар ҳолати дувум, маъмулан, ҷанбаи муваққатӣ, конюктуриро ба хотири мавҷудияти ягон душман ё рақиби умумӣ дорад. Масалан, эътилофи муваққатии Россия, Франсия ва Германия дар бобати ҳамлаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба Ироқ. Ду узви ин эътилоф - Франсия ва Германия иттифоқчиёни ҳарбӣ-сиёсии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошанд, аммо дар мавриди мушаххас бо сиёсати хориҷии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико розӣ набуданд.

Бояд таъкид намуд, ки ҷанбаи ҳуқуқӣ доштани эътилоф ҳаргиз дарозмуддат будани он, хусусан, дар давраи ҷангро кафолат намедиҳад. Масалан, сарфи назар аз ҷанбаи ҳуқуқӣ доштани эътилофи зиддигитлерӣ он ошкоро муваққатӣ буд ва аломатҳои барҳам хӯрданаш ҳанӯз дар марҳалаи поёнии зиддиятҳои ҷаҳонӣ зоҳир шуда буд. Ҳамин ки душмани умумӣ - Германияи гитлерӣ торумор шуд, эътилоф барҳам хӯрд. Ҷанбаи ҳуқуқӣ доштани эътилоф амалан, нақши бөздорандаро бозӣ накард.

Эътилофи ғайрирасмии муваққатӣ бо дараҷаи баланди худ фарқ мекунад, яъне зуд ба вуҷуд меояд ва зуд барҳам мехӯрад. Дар доираи чунин эътилоф ҳамкории ширкаткунандагон бо дастгирии якдигарӣ маҳдуд мешавад. Дар эътилофи дарозмуддат он маъмулан, бо ҳамкории иқтисодӣ ва ҳарбӣ такмил меёбад. Дар аксарият мавридҳо чунин кумак (якҷониба ё дуҷониба) ҷанбаи дахлдори ҳуқуқиро дорад (қарордод дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ).

Чунин тавсия маънои табдили эътилофи сиёсӣ ба иттиҳоди (паймони) низомӣ-сиёсиро дорад. Он ё дар замони ҷанг ва ё дар остонаи хатари воқеии сар задани ҷанг ташаккул меёбад. Аз рӯйи таркиби худ чунин иттиҳод метавонад кам (ду-се иштироккунанда) ё васеъ (масалан, **Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ)** бошад. Иттиҳоди ҳарбӣ-сиёсӣ маъмулан ба ин ё он дараҷа ба васеъшавӣ тамоюл дорад, яъне ворид кардани аъзои нав ба он, гарчи ин на ҳама вақт муяссар мешавад.

Дар бораи эътилоф сухан гуфта, набояд масъалаи пешсафӣ, яъне таносуб ё номутаносибии таркиби онро нодида гирифт. Дар мавриди аввал иштирокчиёни эътилоф тахминан аз рӯйи имкониятҳои худ баробаранд (масалан, Антанта), дар он пешсаф вуҷуд надорад, вале дар мавриди дувум - пешсафӣ аён аст, гарчанде баробарҳуқуқии иштироккунандагон эълом дошта мешавад (усули созиш). Вобаста аз нақши пешсаф **эътилофи номутаносиб метавонад** шарикӣ, тобеӣ ё муваккилӣ бошад.

**Дар эътилофи шарикӣ -** пешсаф шарики бузург мебошад. **Дар эътилофи тобеӣ** он бо уҳдадориҳои дигари мутақобила алоқаманд аст, ки имкониятҳояшро маҳдуд месозад, чунки мавҷудияти «иродаи озод» барои дигаронро дар назар дорад. **Дар эътилофи муваккалӣ** дигарон аз «озодии ирода» маҳруманд, ки дар зоҳир онҳоро соҳибистиқлол мекунад. Эътилофи муваккалӣ на ҳама вақт дар асоси ихтиёрӣ ба вуҷуд меояд.

**Марҳалаи чоруми рушди ҳамкорӣ-ҳамгирой** мебошад, ки дар назария ба муттаҳид шудан дар давлати нави ягона самтгирӣ шудааст ва ифодаи худро дар ташаккули ба истилоҳ «мақомоти фаромиллӣ» меёбад, ки давлатҳои иштироккунанда як қисми соҳибихтиёрии худро дар ихтиёри он мегузоранд. «Мақомоти фаромиллӣ»-ро шартан метавон ба созмонҳои байналхалқии давлатӣ дохил кард.

Ба вуҷуд омадани доираи васеи созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ натиҷаи рушди ҳамкорӣ дар тамоми сохторҳои байналхалқӣ мебошад. Онҳо, яъне созмонҳои ғайридавлатии байналхалқӣ метавонанд дар марҳалаҳои гуногуни ҳамкорӣ ба вуҷуд оянд ва табиист, ки самтгирии вазифавии гуногун доранд. Гузашта аз ин, онҳо метавонанд дар ҷараёни раванди музокирот шакл гиранд. Барои ин табдили Машварат доир ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мисол шуда метавонад, гарчи ин то ҳадди муайян истисно аз қоидаи умумӣ мебошад, чунки дар он ҷо ҷанбаи муайяни ҳамкорӣ ҷой дошт.

**АДАБИЁТ**


1. Beyond Preemption: Force and Legitimacy in a Changing World / Ivo H. Daalder (ed.). Washington, D.C.: Brookings Institution Press, 2007.
2. Fergusson N. Hegemony of Empire? / Ed. by N. Fergusson // Foreign Affairs. 2003. Vol. 82. No 4. 82-94 pp.
3. Fukuyama F. America at the Crossroads, Democracy, Power and the Neoconcervative Legacy / Ed. by F. Fukuyama New Haven: London: Yale University Press, 2006. 400 p.
4. Przeworski A. Minimalist Conception of Democracy: A Defense // Democracy's Values / Ed. by Yan Shapiro and Casiano Hacker-Cordon. Cambrdge: Cambridge University Press, 1999. 192 p.
5. Баталов Э.Я. Мировое развитие и мировой порядок. Учебник / Э.Я. Баталов. -М.: РОССПЭН, 2005. -400 с.
6. Богатуров А.Д. Современная мировая политика. Учебное пособие / А.Д. Богатуров. -М.: Аспект, 2010. -382 с.
7. Войтоловский Ф.Г. Единство и разобщенность Запада: идеологическое отражение в сознании элит США и Западной Европы трансформаций политического миропорядка в 1940-2000-е годы. Монография / Ф.Г. Войтоловский. -М.: ИМЭМО РАН; Крафт +, 2007. -406 с.
8. Давыдов Ю.П. Норма против силы: Проблема мирорегулирования. Монография / Ю.П. Давыдов. -М.: Наука, 2002. -416 с.

9. Лебедева М.М. Мировая политика: Учебник / М.М. Лебедева. -2-е изд., доп. и испр. -М.: Аспект Пресс, 2007. -388 с.
10. Международные отношения и мировая политика. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2016. -392 с.
11. Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: Таъминотчӣ, 2017. -352 с.
12. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. - 340 с.
13. Нуриддинов Р.Ш. Геополитика: Учебное пособие / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР-граф, 2016. -352 с.
14. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР-граф, 2017. -576 с.
15. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ–таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ./ Китоби дарсӣ. / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР–граф, 2018. - 496 с.
16. Современные международные отношения и мировая политика: Учебник / А.В. Торкунов. -М.: Просвещение: МГИМО, 2004. -724 с.
17. Социология современных войн. Материалы научного семинара. МГУ. -М.: Альфа–М., 2004. -192 с.
18. Цыганков А.П. Кризис идеи «демократического мира» / А.П. Цыганков, П.А. Цыганков // Международные процессы. -2005. -Т. 3. -№ 3 (9). Сентябрь-декабрь. -С. 33-44.
19. Шлезингер А. Циклы американской истории / А. Шлезингер. -М.: Издательская группа «Прогресс», «Прогресс-Академия», 1992. -354 с.

## НИЗОЪҲОИ БАЙНИДАВЛАТӢ ВА ШАКЛҲОИ ҲАМКОРИҲО ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаҳои ҷанг ва низоъҳои байнидавлатиро дар сиёсати ҷаҳонӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳамзамон, муаллифи мақола шаклҳои ҳамкориҳои субъектҳои сиёсати ҷаҳониро баррасӣ намудааст. Ба ақидаи муаллиф пеш аз баррасӣ кардани масъалаи ҷанг ва низоъҳои байнидавлатӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ бояд мафҳумҳои низои сиёсӣ-хориҷӣ ва сиёсӣ-байналхалқиро аз ҳам ҷудо кард. Низоъ амали хасмонаи тарафайни иштирокчиёни он мебошад, ки дар натиҷаи зиддияти манфиатҳои онҳо ба вуҷуд меояд. Низоъ метавонад хислати якҷониба дошта бошад. Субъектҳои ҳамкориҳои сиёсати хориҷӣ давлатҳо мебошанд ва он худ чун сохтори босуботи муносибатҳои кооперативии сиёсати хориҷӣ мебошад. Мисли низоъҳои сиёсӣ-хориҷӣ ҳамкориҳои сиёсати хориҷӣ низ қисми таркибии сиёсати ҷаҳонӣ мебошанд. Заминаи объективии ҳамкориҳои сиёсӣ-хориҷиро мавҷудияти манфиатҳои умумӣ ташкил медиҳад. Дар акси ҳол, ҳамкориҳои кооперативӣ ҷанбаи ғайримунтазам хоҳанд дошт. Агар манфиатҳои умумӣ ҳаётан муҳим бошанд, давлатҳо муносибатҳои ихтилофноки қаблии худро ниҳон мекунанд. Аммо ниҳон кардани низоъҳо хислати муваққатӣ дошта, дер ё зуд онҳо рӯ зада, боиси сар задани низоъ миёни кишварҳо, аммо дар шакл ва сатҳи дигар мегарданд.

**Калидвожаҳо:** низоъ, ҷанг, сиёсати ҷаҳонӣ, давлат, манфиатҳо, сиёсати хориҷӣ, субъектҳои сиёсати ҷаҳонӣ.

## КОНФЛИКТЫ МЕЖДУ ГОСУДАРСТВАМИ И ФОРМЫ СОТРУДНИЧЕСТВА В МИРОВОЙ ПОЛИТИКЕ

В данной статье автор анализирует вопросы войны и конфликты между государствами в мировой политике. При этом, автор статьи рассматривает формы сотрудничества субъектов мировой политики. По мнению автора, прежде всего, необходимо развести понятия внешнеполитический и международно-политический конфликт. Конфликт - это обоюдный обмен враждебными действиями со стороны его участников, вызванный противоречием их интересов. Конфронтация может быть и односторонней. Субъектами внешнеполитического сотрудничества являются государства, а само оно как процесс представляет собой стабильную структуру кооперативных внешнеполитических связей. Как и в случае с внешнеполитическим конфликтом, внешнеполитическое сотрудничество является частью мировой политики. Объективной предпосылкой внешнеполитического сотрудничества является наличие некоторого массива общих интересов. В противном случае, кооперативное взаимодействие носит единичный, спорадический характер. Если общие интересы являются жизненноважными, то государства идут на замораживание имевшего места ранее конфронтационного взаимодействия. Однако подобного рода заморозка всегда явление временное, которое рано или поздно кончается, ибо само по себе данное сотрудничество, в сущности, является вынужденным.

**Ключевые слова:** конфликт, война, мировая политика, государство, интересы, внешняя политика, субъекты мировой политики и т.п.

## CONFLICTS BETWEEN STATES AND FORMS OF COOPERATION IN WORLD POLITICS

In this article the author analyzes the issues of war and conflicts between states in world politics. At the same time, the author considers the forms of cooperation of subjects of world politics. According to the author, first of all, it is necessary to separate the concepts of foreign policy and international political conflict. The conflict is a mutual exchange of hostile actions on the part of its participants, caused by the contradiction of their interests. Confrontation can also be one-sided. The subjects of foreign policy cooperation are States, and it as a process is a stable structure of cooperative foreign policy relations. As in the case of foreign policy conflict, foreign policy cooperation is part of world politics. An objective prerequisite for foreign policy cooperation is the existence of a certain array of common interests. Otherwise, cooperative interaction is sporadic and sporadic. If common interests are vital, States are freezing previous confrontational interaction. However, this kind of freezing is always a temporary phenomenon, which sooner or later ends, because in itself this cooperation, in fact, is forced.

**Keywords:** conflict, war, world politics, state, interests, foreign policy, subjects of world politics, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи муноибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E–mail: **panurama@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон*** - Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E–mail: **panurama@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddin Parvin Raimalikhon*** - Tajik national university, candidate of political science, associate professor of the Department of international relations. **Address:** 17, Rudaki ave., Dushanbe city, 734025, Tajikistan. E–mail: **panurama@mail.ru**

**УДК: 327(470-575)**

## АРЗИШҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОЪГАРОИИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ ВА МУШКИЛОТ

***Саидзода Шӯҳрат Шукур***
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар ҳар ҷомеа масъалаи арзиши сиёсӣ аз нуқтаи назари таъмини суботу амният, ягонагӣ ва рушди давлат аҳамияти хосса дорад. Ҳар ҷомеа вобаста ба фарҳанг, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ, низоми сиёсӣ ва режими сиёсӣ соҳиби арзиши муайяни сиёсӣ мебошад. Арзишҳои сиёсӣ бо арзишҳои иҷтимоӣ сахт пайваст мебошанд. Озодӣ, амният, ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва сулҳу оромӣ аз муҳимтарин арзишҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравaнд. Арзишҳои сиёсӣ асосан бо мақсади таъмини адолат дар байни аъзоёни ҷомеа амал менамоянд, ки бе он таъмини баробарӣ имконнопазир аст. Аксарияти мутафаккирони илми сиёсӣ оиди адолат ва баробарӣ пайваста меандешиданд ва ҷонибдори мавҷудияти чунин арзишҳо буданд. Зеро, мардум аз оғози пайдоиши ҷомеа ҳамеша дар нобаробарӣ, зулм, маҳрум аз озодӣ зиндагӣ доштанд. Ҷомеа чизеро талаб менамояд, ки дастрасӣ ба он надорад. Барои ҳифз ва ё соҳиб шудан ба чунин арзишро афроди алоҳида орзу ва мақсади хеш муқаррар менамоянд.

Олимон арзиши сиёсиро ба таври гуногун маънидод намудаанд. Муҳаққиқи рус Селезнева А.В. арзиши сиёсиро чун «боварии сиёсӣ ва мақсади фард ва ё ҷомеа, принсипҳо ва падидаҳои ба олами сиёсат нигаронида шудааст, маънидод намудааст [7,с.56]. Ҳар гуна арзиш дар заминаи боварӣ ва манфиати мардум дар ҷомеа маъмул мегардад ва пазируфта мешавад, ки эътирофи он барои шаҳрвандон хостаҳои эшонро бароварда менамояд.

Олими дигар Шестопал Е.Б. арзиши сиёсиро чунин тавсиф менамояд: «Арзиши сиёсӣ унсури муҳимми менталитети сиёсӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳатҳои идеологӣ ва ҳиссӣ ва мазмуни умумии онро низ дар бар мегирад» [10,с.125]. Мувофиқи андешаи ин пажӯҳигар, бо гузашти замон, вақте ки арзиши сиёсӣ аз тарафи мардум пазируфта мешавад, он ба як ҷузъи таркибии хислату рафтори халқият табдил меёбад. Ва дар рафтори сиёсии мардум ва фаъолияти созмону институтҳои сиёсӣ арзишҳои сиёсии пазируфташуда дар меҳвари муносибатҳо ва равандҳои сиёсӣ қарор мегиранд. Бо гузашти замон он арзиш маъмул мегардад ва ниҳоят ба хислати миллии халқ табдил меёбад. Зотан бештарини арзишҳо хусусияти таърихӣ доранд, яъне аз гузашта барои ҷомеаи имрӯза ба мерос мондаанд. Онҳо то ба андозае таҷрибаи гузаштаи ҷомеаро инъикос менамоянд. Ҳар ҷомеа вобаста ба пайвастагӣ бо муҳити хештан қарор дошта, арзишеро хостор мешавад, ки ҳанӯз ба он дастрасӣ надорад.

Агар ба гурӯҳбандии шаклҳои идораи давлатӣ дар афкори Арасту назар намоем, ӯ дар ҷойи аввал монархия, сониян аристократия ва танҳо дар ҷойи сеюм политияро мегузорад. Аз рӯйи самарнокии давлатдорӣ ва шароити зисти одамон монархияро ӯ афзал медонад. Он вақт, чун дар садаи XX ва XXI, талаби мардум низоми демократии давлатдорӣ набуд.

Арзиши сиёсӣ то андозае ба таҷриба ва дараҷаи рушди ҷомеа вобаста буда, нисбӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ҳар шароити таърихӣ тағйир меёбад. Р.Инглхарт дар тадқиқоти хеш аҳамияти чор индикатори арзишҳоро муқаррар намудааст: ҳифзи тартибот дар ҷумҳурӣ; ба мардум имконияти бештар додан бобати таъсир расонидан ба қарорҳои муҳимми ҳукумат; мубориза нисбат ба баландшавии нарх, ҳимояи озодии сухан [1,с.6]. Баъдан, нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи арзишҳои сиёсӣ то ба дувоздаҳ расонида

шуданд. Аз рӯйи ин мантиқ, арзишҳои сиёсӣ дар ҳаёти одамон вазифаҳои муайянро иҷро менамоянд. Ҳар гуна ҷомеа барои худ ин ё он арзиши сиёсиро мепазирад.

Аз назари Арасту, «инсон ҳамчун мавҷуди сиёсӣ» дар ҷомеа зиндагӣ намуда, барои худ ин ё он арзишро мепазирад. Ва он баробари рушди ҷомеа метавонад тағйир ёбад. Дар кадом сатҳи шуур ва фаҳмиши сиёсӣ қарор доштани мардум ва кадом шакли режими сиёсиро ҷонибдорӣ намудани онҳо ба чигунагии арзиши сиёсӣ алоқаманд мебошад. Дар замони мо бештар арзишҳои сиёсии коммунистӣ, либералӣ, консервативӣ маъмул мебошанд.

Дар ниҳоди ҳар арзиши сиёсӣ ҳадафи худмуҳофизӣ ва манфиат вуҷуд дорад. Худмуҳофизӣ дар ҳар режими сиёсӣ ва арзишҳои сиёсӣ ба таври гуногун баҳо дода мешавад. Маҳз дар заминаи худмуҳофизӣ ва гузоштани идеяҳои муайяни сиёсӣ ҷомеа ин ё он арзишро мепазирад ва ё инкор менамояд. Дар фарқият аз дигар навъҳои идеологияҳои сиёсӣ дар консерватизм ҳифз намудани тартибот ва урфу одатҳои пешинаи ҷомеа мавҷуд аст. Дар консерватизм чунин андеша вуҷуд дорад, ки бе нигоҳ доштан ва ҳифз намудани арзишҳои сиёсӣ, урфу одатҳо ва нишонаҳои ҷомеаи пешина ҳастии ҷомеа маънои худро гум мекунад. Аз ин лиҳоз, консерваторон талош менамоянд, ки рӯҳияи ҷомеаи пешинаро ҳифз намоянд. Аммо, консервароторне ҳастанд, ки ҷонибдори пешравию тараққиётанд, баробари ин, баъзе аз арзишҳои бунёдии ҷомеаро, ки таърихан хосси ҷомеаи инсонӣ будаанд, ба монанди фарҳанги оиладорӣ, эҳтироми калонсолон, аҳлона дар коллективи одамон зиндагӣ намудан ҳифз менамоянд. Номатлубӣ дар консерватизм он аст, ки на ҳамеша пайравони ҷараён рушду таҳаввулоти ҷомеаро мепазиранд. Чунон мекунанд, ки рӯ овардан ба ислоҳоту дигаргунӣ эҳтимол дорад, арзишҳои пешинаи ҷомеаро несту нобуд намояд. Дар чунин ҳолат, ҳатто хоҳиши тараққиёту пешравиро дошта бошанд ҳам, ё хеле дастовардҳои илмиву техникиро бо душворӣ қабул менамоянд ва ё комилан муқобили ислоҳоту дигаргунӣ баромад менамоянд. То ба дараҷаи догма расидани консерватизм барои ҷомеа хатарнок аст. Дар психологияи ҷамъиятӣ унсурҳое ҳастанд, ки ба туфайли устувории худ ба низому анъанаҳои расму оину одат ташаккул меёбанд ва дар бисёр мавридҳо хислати консервативӣ мегиранд. Ба ҳамин сабаб, унсурҳои гуногуни психологияи ҷамъиятӣ ба тарзи гуногун инкишофу дигаргун мешаванд. Имрӯз зарурате ба миён омадааст, ки психологияи ҷамъиятиро аз унсурҳои манфие, ки монеи пешрафт мегарданд, озод намоем ва аз тарафи дигар, сатҳи осебпазирии онро то сатҳи идроку хирад боло барем [12,с.267].

Консерватизм раванди рушди табиии ҷомеа мебошад. Дар мактабҳои миллатшиносии примордиализм яке аз хислатҳои миллатҳо ҳамчун худнигоҳдорӣ муайян карда шудааст. Дар асоси ин мантиқ консерватизм ин як ҳолати табиии ҷомеаи инсонӣ барои худҳифзнамоӣ ва идома додани насл ба ҳисоб меравад. Консерваторон низ бар ин назаранд, аммо онҳо маҳз худнигоҳдорӣ ва идомаи наслро дар ҳизф намудани урфу одат, тартиботу қоидаҳои пешинаи ҷомеа мебинанд.

Дар неоконсерватизм баъзе хусусиятҳо мавҷуданд, ки ба сабаби онҳо нисбат ба консерватизм рушду тараққиёт ва дигаргуниро мепазирад. Аммо, дар баробари ин, ҳифз намудани арзишҳои ҷомеаи пешинаро зарур мешуморад. Бархе олимон ва сиёсатмадорон бар он ҳастанд, ки Президенти Федератсияи Русия В.В. Путин аз рӯйи шеваи роҳбариаш неоконсерватор мебошад.

Дар шуур ва ё идеологияи сотсиалистӣ низ арзишҳои сиёсии барои ҷомеаи инсонӣ муфид мавҷуд аст, ки маҳз онҳо одамонро ба худ ҷалб менамоянд. Арзишҳои адолат, баробарӣ, инсондӯстӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар ибтидои асри XX маҳз ин арзишҳо ҷомеаҳои навро водор намуд, ки ин низоми давлатро қабул намоянд. Дар Осиёи Марказӣ, ки мардумаш чун дигар аҳли ҷаҳон зери зулму ситам ва бенавоию беҳуқуқӣ зиндагонӣ доштанд, бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ, барҳақ, таҳаввулот ва гардиши куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ гардид. Он замон як гурӯҳи сарватманд, элитаи ҳукмрон тарафдори барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ набуданд. Зеро, онҳо адолат, баробарии иҷтимоиву иқтисодии ҳамаи мардумро намеписандиданд. Мисли пештар мардумро ҳамчун ғулом истифода намуда, аз ҳисоби онҳо зиндагӣ кардан мехостанд.

Арзишҳое, ба мисли баробарии иҷтимоӣ ва адолат, мақоми худро ҳамеша ҳифз менамоянд. Ва маҳз ин мақсадҳои сотсиализм ҳамаро ба худ ҷалб менамоянд ва пеши зулму беадолатиро мегиранд. Агар як қисми ками одамон муқобили баробарӣ ва адолат набошанд, аксарият инро қабул доранд.

Яке аз ҷиҳатҳои ҷалби одамон ба сотсиализм ин эътироф ва қабул гардидани одамон новобаста аз баромади иҷтимоӣ мебошад. Маҳз муттаҳид гардидани коргарону деҳқонон, таъмини баробарии иҷтимоии мардум ва идеологияи ягона ҳамаро муттаҳид намуд. Давлати сотсиализм устуворӣ ва ба ниёзҳои мардум ҷавобгӯ буданашро исбот намуд, аммо дар муқобили либерализм ва низоми капиталистӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ то ба охир истодагарӣ карда натавонист. Талаботи сахт нисбати мардум ва иқтисодиёти нақшавӣ оқибат боиси барҳам хӯрдани Давлати Шӯравӣ гардид. Баъзе давлатҳо, ба монанди Ҷумҳурии Халқии Чин низоми сотсиалистиро нигоҳ дошта, баъзе унсурҳои низоми капиталистиро қабул намуданд ва ба натиҷаҳои матлуб ноил гардиданд.

Аз сабаби ҳукмрон будани як идеология ва мавҷудияти маҳдудиятҳои озодиҳои инсон дар низоми давлати сотсиалистӣ он бо мурури замон бо мушкилӣ дучор гардид.

Идеологияи анархизм баръакси сотсиализим пурра муқобили мавҷуд будани ҳокимият ва монеаҳо мебошад. Дар анархизм ба таври пурра ҳокимияти сиёсӣ рад карда мешавад ва озодиву мустақилияти фард аз ҳокимият ва давлат боло гузошта мешавад. Озодии мутлақи инсон аз ҳама арзиши олӣ мебошад. Ҳар гуна маҳдудияте, ки нисбати хаёти шахс пеш гузошта шавад, он рад карда мешавад. Мавҷудияти ҳар гуна давлат ва ҳокимият ҳамчун хатар ба ҳаёти шахс эътироф шуда, муқобили он мубориза бурдан ва нобуд кардани он вазифаи муҳим ҳисобида мешавад. Дар анархизм масъалаи бехатарӣ ва озодии шахс дар ҳаёти иҷтимоӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Давлат бошад, ҳамчун маҳдудкунандаи озодиву мустақилияти шахс пазируфта мешавад. То он дараҷае, ки дар сотсиализм як навъ утопия мавҷуд аст, дар анархизм низ дурнамои ҳаёти ҷомеа маълум нест, ки ҷомеа дар оянда бо кадом роҳ ба куҷо рафта мерасад.

Либерализм низ бо анархия аз нуқтаи назари таъмини озодии мутлақ барои инсон монандӣ дорад. Аммо, дар фарқият бо анархизм дар либерализм эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон мақоми хосаро соҳиб мебошад. Гузашта аз ин, дар либерализм бунёди сохтори иҷтимоии барои зиндагии осудаи одамон мусоид масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Муносибати оқилона дар амалҳои инсон ва соҳиби ҳуқуқу озодиҳо будан аз нишонаҳои либерализм ба шумор меравад. Дар либерализм байни фард ва ҷомеа як навъ алоқамандии органикӣ дида мешавад. Фард дар навбати худ, барои расидан ба ормонҳои шахсиаш дар ҳуқуқу озодиҳо нисбат ба ҷомеа бартарӣ дорад.

Фардгароӣ ҷавҳари либерализмро ташкил медиҳад. Арзишҳое аз қабили баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ ва зиндагии баробари ҳамаи одамон, пазируфта намешавад. Барои либерализм арзишҳои инсондӯстӣ то ба дараҷае пазируфташаванда намебошанд. Дар ҷомеаи либералӣ асосан шахсони кордону тавоно имкони хуб зистан доранд. Шасхони бекор, бесаводу беҳунар ҳаққи зистан доранд, вале онҳо имкони баробари дигарон зистанро аз даст додаанд.

Одамонро дар интихоби зиндагӣ озод аз таъсири давлат дидан мехоҳанд ва дахолати давлатро дар корҳои шахсӣ, ба монанди интихоби дину ақида, рафтору кирдор, рад менамоянд. Либерализм бо равияи протестантӣ зич алоқаманд буда, кӯшишу талоши фардро дар зиндагӣ ва комёбиҳои ӯро ҳамчун нишони наҷот ёфтан дар охират ва ё дӯст доштани Худованд маънидод менамояд. Дар муқоиса бо католикҳову православиҳо дар протестантизм ба фардгароӣ ва комёбии шахс нисбат ба хаёти коллективона бартарӣ дода мешавад. Сабаби нокомӣ ва ноуҳдабароии шахсро на аз дигарон, балки аз танбаливу сустиродагии ӯ арзёбӣ мекунанд. Зеро, ба таври идеалӣ дар ҷомеаи либералӣ ҳамаи шароит барои муваффақ шудани инсон муҳайё карда шудааст.

Фардгароӣ ва дар хештан маҳдуд будан яке аз хусусиятҳои либерализмро ташкил медиҳад. Ва озодиву ҳуқуқи шахс аз арзишҳои умумии ҷомеа боло эътироф карда мешаванд. Дар либерализм ҳукмрон будани қонун ва аз тарафи ҳамагон риоя шудани он масъалаи муҳим ҳисобида мешавад. Рафтори инсон дар ҷамъият аз нуқтаи назари манъ ва ё иҷозат будан баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳатто он чизе ки дар ҷомеа манъ нашудааст, маънои иҷозат буданро дорад. Дар ин радиф эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон вазифаи ҳар шахс ҳисобида мешавад. Ҷомеаи либералиро ҷомеаи ҳуқуқмадор номидан мумкин аст.

Таҷрибаи давлатҳои дорои низоми либералӣ нишон медиҳад, ки гарчанде дар чунин ҷомеа барои хушбахтиву комёбии шахс шароити лозима аз лиҳозу ҳуқуқу озодӣ муҳайё карда шудааст, ин озодии мутлақ ва фардгароӣ мушкилоти наверо ба миён меорад. Аз лиҳози сиёсӣ аз ҳад зиёд серталабии мардум нисбати беҳтар намудани шароити низоми

сиёсӣ, вайрон намудани расму одатҳои садсолаи ҷомеа, махсусан дар самти ҳифзи пойдории насл, тарбияи ахлоқии фарзанд барои давлат мушкилофар мебошанд.

На ҳамеша давлатҳое, ки роҳи демократияро интихоб намудаанд, арзишҳои либералиро риоя менамоянд. «Демократияи ғайрилибералӣ» гарчанде заминаи зарурии қонуниро барои озодии шахс таъмин намояд ҳам, аммо он ҳуқуқу озодиҳое, ки дар давлатҳои либералӣ амал менамояд, таъмин карда мешавад. Гузашта аз ин, масъалаи фарқияти байни давлатҳои либерализми конститутсионӣ ва демократия аз рӯйи андозаи салоҳияти ҳукумат муайян карда мешавад [8,с.103]. Ба таври умум назар намоем, аксарияти мардум, хоссатан ҷавонон ба арзишҳои либералӣ зуд мутобиқ мешаванд ва ин низомро пуштибонӣ менамоянд. Онҳо озодӣ ва мустақилона интихоб намудани роҳи ояндаро меписанданд. Зеро, тараққиёти босуръати илму техника ва зуд-зуд иваз шудани моделҳои техникаву технология мавқеи консервативии шахсро зери суол бурда, водор менамоянд, ки аз дастовардҳои охирин барои рушди хештан фаровон истифода баранд.

Дар шароити муосир ниҳодҳои иҷтимоъгароии сиёсӣ вобаста ба талаботи замон он арзиши сиёсиро дар ниҳоди шахс тарбия мекунанд, ки тавоноии эътирофи низомҳои сиёсии демократӣ ва рушди ҷомеаро таъмин намояд. Дар чунин ҳолат хоҳу нохоҳ арзишҳои либералию демократӣ нисбат ба дигар арзишҳо бештар мақбул ва пазируфтушуданӣ мебошад. Зеро, арзишҳои либералӣ ва демократӣ бо ҳамдигар бисёр наздик буда, асоси онҳоро ҳуқуқу озодии инсон ва афзалият доштани ҳуқуқҳои шахс нисбат ба ҳуқуқҳои ҷамъият ташкил менамояд.

Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолии давлатӣ, чун дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, роҳи бунёди ҷомеаи демократиро пеш гирифт ва дар Конститутсия принсипҳои демократӣ дар тамоми муносибатҳо ҷамъиятиро муқаррар намуд. Ин низом дар ҷомеаи тоҷик низоми ҷадид ҳисоб мешавад, ки барои амалӣ намудани принсипҳои он вақт ва маърифати баланди шаҳрвандон лозим мебошад. Зеро, ҷомеаи тоҷик дар тӯли таърих тибқи низоми ғайридемократӣ амал менамуд. Он меъёрҳои демократие, ки дар давлатҳои Аврупо амал менамоянд, барои ҷомеаи тоҷик нав мебошанд. Барои Тоҷикистон, ки дар чорроҳаи тамаддунҳо ҷойгир аст, қабул кардани принсипҳои демократия таърихан ва аз ҷиҳати геополитикӣ дуруст мебошад. Ташкили давлати ҳуқуқиву дунявӣ мардуми Тоҷикистонро аз рушди муосир истисно намекунад ва имкон медиҳад, ки ҳамчун иштирокчӣ дастовардҳо ва арзишҳои тамаддуни муосирро аз худ намояд [4,с.61].

Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик С.Шарипов, вазифаи муҳимми олимони тоҷик, сиёсатмадорон ҷустуҷӯ намудани чунин модели ҷамъиятиест, ки баробари ҳифзи принсипҳои асосии демократия, ҳамзамон, шаклҳои хоссаи анъанаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тарзи ҳаёти ҷомеаи тоҷик ҳифз карда шавад. Мисол, барои Ғарб, масъалаи ҳуқуқи инсон аз болои ҳуқуқи ҷомеа афзалият дорад. Дар Тоҷикистон амалӣ намудани ин принсипҳо танҳо дар қонунҳо имконпазир аст. Вале, дар ҳаёти воқеӣ, ҳатто бо ҳимоя намудани манфиатҳои шахс мо наметавонем, манфиатҳои ҷомеаро инкор намоем. Аниқтараш, афзалияти манфиатҳои фардӣ шояд дар шароити шаклгирии муносибат бо моликият амалӣ гардад. Мавҷудияти моликияти хусусӣ дар ҷомеа ва рушди муносибатҳои бозорӣ метавонад, то ба андозае муносибатҳои ҷамъиятиро дигаргун намояд. Имрӯз ҷомеаи тоҷик кӯшиш дорад, ки дар муносибатҳои ҷамъиятӣ мувофиқати томро фароҳам намояд. Демократикунонии равандҳои сиёсӣ ба шаклгирии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва модернизатсияи онҳо мусоидат менамояд [9,с.195].

Раванди иҷтимоъгароии сиёсӣ метавонад ба таври назаррас арзишҳои сиёсӣ (демократӣ ва ғайридемократӣ) ва тарзи рафтори шахсро тағйир диҳад. Зеро, ҳангоми иҷтимоъгароии сиёсӣ тарбияи сиёсии шахс сурат гирифта, ба он навъи арзишҳо талқин карда мешавад, ки дар оянда шахс ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеа дар рушди он саҳмгузор гардад. Дар раванди иҷтимоъгароӣ шахс арзишҳо ва меъёрҳоро аз бар менамояд, ки онҳо унсурҳои зарурии сохтори равонӣ мегарданд ва ба талаботҳо, манфиатҳо ва мақсадҳои ӯ мубаддал гардида, шахсро ба амали муайяни иҷтимоӣ водор менамоянд [11,с.44].

Яке аз тамоюлҳои баде, ки ҷомеаи имрӯз ба он мубтало гардида истодааст, паҳн гардидани “фарҳанги истеъмолгароӣ” дар ҷомеа ва торафт ба ҷомеаи истеъмолгаро табдил ёфтани мардум мебошад. Истилоҳи «ҷомеаи истеъмолгаро» ба ҷомеае гуфта мешавад, ки дар он истеъмол ба ҳадде расидааст, ки метавонад назми иҷтимоиро ҳам дар сатҳи муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳам дар сатҳи сохторҳои иҷтимоӣ шакл диҳад ва муайян

созад. Ҷомеаи истеъмолгаро ҷомеаест, ки дар он шиори асосии идеологияи ғайриахлоқии «ба ҳар қимате сарват ҷамъ кардан» ҷойгоҳи устувор пайдо намудааст ва ақаллияти сарватманд аксарияти миёнаҳолу фақирро ба доми таблиғоти фиребову ҷаззобашон афтодаанд [6,с.36]. Имрӯз тавассути васоити ахбори омма фарҳанги истеъмолгароӣ хеле бароҳат ва фаровон таблиғ карда мешавад, ки он торафт дар мафкураи мардум ҷой гирифта истодааст. Ба андешаи пажӯҳишгари тоҷик Саидзода З.Ш., масъалаи ҷомеаи истеъмолгаро бар ин меҳвар мечархад, ки чӣ касе ва чӣ чизеро ба қиблаи парастиш табдил диҳад [6,с.38]. Торафт арзишҳои сиёсии ватандӯстӣ, хизмат ба ватан ва дар хизмати мардум пардохтан коста гардида, ба ҷойи он принсипҳои "ҷоҳталабӣ", "худхоҳӣ", "манфиатталабӣ", "ғоратнамоӣ" арзиш пайдо менамоянд. Дар ҳолати маъмул ва қобили қабули ҳамагон табдил ёфтани ин арзишҳо он дар раванди иҷтимоъгароии сиёсӣ хусусияти систематикӣ мегирад.

Қобили зикр аст, ки тағйироти арзишҳои сиёсии шахс дар ҳолати гузариш аз як низоми сиёсӣ ба низоми дигари ҷомеа ба вуҷуд меояд. Дар ҳолати тағйир ёфтани қоидаҳо ва талаботи ҳаёти сиёсӣ шахсро водор менамояд, ки тарзи рафтори сиёсии худро нисбат ба равандҳои сиёсӣ тағйир диҳад ва он арзишҳоеро пазирад, ки барои мустаҳкам гардидани мавқеъ ва пешравии ӯ мусоидат менамояд. Аммо бо суръати баланд ва зуд тағйир ёфтани низоми сиёсӣ метавонад ба раванди иҷтимоъгароии сиёсӣ таъсири манфӣ расонад. Яъне, дуруст кор накардани арзишҳои сиёсӣ ва мавҷуд набудани талаботи муайян нисбати фарҳанги сиёсии шаҳрванд ба фаъолияти сиёсии субъектони сиёсӣ мушкилӣ пеш меорад ва ба устувории суботи ҷомеа халал мерасонад.

Арзишҳои сиёсӣ ҳам ба воситаи омилҳои иҷтимоӣ (муҳити ҷомеа) ва ҳам ба воситаи омилҳои субъективии шахс ташаккул ёфта, ба чигунагии тарзи муносибати шахс нисбат ба сиёсат таъсир мерасонад. Гузашта аз ин, кадом арзишро пазируфтани шахс аз иҷтимоъгароии сиёсӣ, марҳилаҳои иҷтимоъгароии сиёсӣ, дараҷаи маърифати сиёсӣ ва дарки олами сиёсат ва омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ-фарҳангӣ вобастагӣ дорад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ (1991-1994) роҳи либералӣ ва то андозае идеологияи консервативиро интихоб намуд. Имрӯз аксарияти ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон ҷанбаи идеологии либерализм ва консерватизмро дастур қарор додаанд [3,с.203]. Ҷанбаи либералии идеологияи давлатӣ дар Тоҷикистон дар Конститутсия мустаҳкам гардидааст, ки аз ҷумла омадааст:

1. Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд (моддаи 5).
2. Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад (моддаи 8).
3. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад (моддаи 12) [2,с.6].

Бо гузашти 28 соли соҳибистиқлолии давлатӣ дар асоси сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи сиёсии ҷаҳон ва марҳилаҳои таърихии сипаришудаи давраи истиқлолият, метавон чунин хулоса намуд, ки ҳоло ваҳдати миллӣ, истиқлолияту озодӣ ва рушди устувор муҳимтарин арзишҳои сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Сиёсати имрӯзаи Ҳукумат низ маҳз барои ҳифзи арзишҳои сиёсӣ, аз ҷумла истиқлолият, ваҳдату ягонагӣ ва рушди кишвар нигаронида шудааст. Чуноне ки дар ин робита Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар аз 26 декбари соли 2019 қайд намуданд: «Ман ба қудрати созандаву офарандаи мардуми сарбаланди тоҷик эътимод дорам ва як нуктаро дилпурона изҳор менамоям: мо ҳамаи иқтидору имкониятҳоро дорем, ки раванди ободкориву созандагиро беш аз пеш густариш бахшем, барои расидан ба ҳадафҳои миллиамон кӯшишу ғайрати бештар намоем, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ камбудиҳои мавҷударо бартараф кунем, рушди устувору босуботи кишвари азизамонро таъмин созем ва рӯзгори ҳар як хонадони Тоҷикистонро аз имрӯза беҳтар гардонем» [5].

Хулоса, арзишҳои сиёсӣ ва иҷтимоъгароии сиёсӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, ба ташаккулёбӣ ва рушди маданияти сиёсӣ мусоидат менамоянд. Алоқамандии арзиши сиёсӣ ва иҷтимоъгароии сиёсӣ дорои чунин аломатҳо мебошад:

1. иҷтимоъгароии сиёсӣ дар асоси низоми муайяни сиёсӣ сурат мегирад ва низоми сиёсӣ дорои маҷмӯи арзишҳо мебошад;

2. дар шароити муосир низоми сиёсии демократӣ аз ҳама низоми пазируфташуда ба ҳисоб меравад, ки агентҳои иҷтимоъгароии сиёсӣ дар такя ба арзишҳои демократӣ шахсро ба иҷтимоъгароии сиёсӣ фаро мегиранд;

3. нақши агентҳои иҷтимоъгароии сиёсӣ дар ташаккули арзишҳои сиёсии шахс хеле назаррас мебошад. Шаҳрванд тавассути пазируфтани ин ё он арзиши сиёсӣ вориди ҳаёти сиёсӣ гардида, ба равандҳои сиёсӣ таъсири худро мерасонад;

4. дар раванди иҷтимоъгароии сиёсӣ дар шахс арзиши муайяни сиёсӣ ташаккул ёфта, шакли рафтори сиёсӣ ва муносибати ӯро бо ҳаёти сиёсӣ муайян менамояд;

5. арзишҳои сиёсӣ дар ташаккули ин ё он низоми сиёсӣ мусоидат намуда, шаҳрвандонро барои бунёди шакли муайяни ҷомеа сафарбар менамоянд;

6. ба кадом самт равон гардидани ҷомеа ба арзишҳои сиёсӣ ва арзишҳои ҷомеа алоқаманд буда, он ҳамчун функсияи самтдиҳандаи ояндаи ҷомеа хизмат мекунад;

7. арзишҳои сиёсӣ ба тарзи рафтори шахс, ба инкишофи маданияти сиёсӣ, иштироки сиёсӣ ва ба дараҷаи фаъолнокии сиёсии шахс таъсири назаррас мерасонанд;

8. заминаи арзишҳои сиёсии шахсро талаботи ҷомеа ва манфиатҳои сиёсӣ ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, тағйирёбии талаботи ҷомеа ва манфиатҳои шахс ба тағйирёбии арзишҳои сиёсӣ оварда мерасонад.

## АДАБИЁТ


1. Инглхарт Р. Постмодерн: меняющиеся ценности и изменяющиеся общества / Р.Инглхарт // Полис. -1997. -№ 4. – С. 6-32.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
3. Миралиён К.А. Особенности и технологии развития молодежной политики в Республике Таджикистан: дисс. на соиск.уч.ст. док. наук. – Душанбе, 2017. – 342 с.
4. Махмадов А.Н. Современный Таджикистан: диалектика независимости и интеграции (политико-правовой анализ) / А.Н. Махмадов, Л.Л.Хопёрская //Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова АН РТ. – Душанбе, 2016. – 363 с.
5. Паёми, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. [Манбаи электронӣ]. http://president.tj/node/21975. (Санаи муроҷиат 03.01.2020).
6. Саидзода З.Ш. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ. -Душанбе: ҶДММ Контраст, 2014. – 260 с.
7. Селезнева А.В. Политико-психологический подход к исследованию политических ценностей / А.В. Селезнева // Вестник Томского государственного университета. -2011. -№ 3. – С. 56-60.
8. Фарид Закария. Будущее свободы: нелиберальная демократия в США и за их пределами / Пер. с англ. Под ред. В.Л. Иноземцева. – М.: Ладомир, 2004. – 383 с.
9. Шарипов С.И. Политические процессы в таджикском обществе (сборник статей 1998-2011гг.) / С.И. Шарипов. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2011. – 376 с.
10. Шестопал Е.Б. Политическая психология: учебник для студентов вузов / Е.Б. Шестопал. - Изд-е 3-е, испр. и доп. -М., 2010. – 415 с.
11. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в зеркале преемственности и смены поколений / Ш. Шоисматуллоев. -2-е издание. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 320 с.
12. Ятимов Саймумин. Миллат, илм, амният / С. Ятимов. – Хуљанд: Ношир, 2019. – 384 с.


## АРЗИШҲОИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОИШАВИИ СИЁСӢ: МОҲИЯТ ВА МУШКИЛОТ


Мақола ба масъалаи ташаккули арзиши сиёсӣ дар шахсияти инсон ҳангоми иҷтимоишавии сиёсӣ бахшида шудааст. Дар он мақом ва нақши арзишҳо, аз ҷумла арзиши сиёсӣ дар ҳаёти ҷомеа, афроди алоҳида, ивазшавии як арзиш ба арзиши дигар вобаста ба дигаргуншавии ҳаёти сиёсии ҷомеа, талаботи ҷомеа ва манфиатҳои шахс ва нақши иҷтимоишавии сиёсӣ дар тарбияи ин ё он арзиши сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Арзиши сиёсӣ барои ҳар ҷомеа аз ҷиҳати таъмини суботу амният ва рушди давлат аҳамияти хоса дорад. Ҳар ҷомеа вобаста ба дараҷаи фарҳангу маънавиёт, шароити иҷтимоиву иқтисод ва низоми сиёсӣ соҳиби арзиши муайяни сиёсӣ мебошад. Арзишҳои сиёсӣ бо арзишҳои иҷтимоӣ сахт пайваст мебошанд. Озодӣ, амният, ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва сулҳу оромӣ аз муҳимтарин арзишҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравăнд. Арзишҳои сиёсӣ асосан бо мақсади таъмини баробарӣ, ягонагиву оромӣ дар байни аъзоёни ҷомеа амал менамоянд, ки бе он рушди давлат имконнопазир аст. Дар замони муосир ниҳодҳои иҷтимоишавиии сиёсӣ он арзиши сиёсиро дар ниҳоди шахс тарбия мекунанд, ки ба таҳкими низоми сиёсии демократӣ ва рушди ҷомеа мусоидат намояд. Муаллиф арзишҳои либералиро маъмултарин ва матлубтарин арзишҳои сиёсии замони муосир меҳисобад, ки шаҳрвандон аз рӯи манфиатҳо ва талаботи замон ба зудӣ қабул ва онҳоро эътироф доранд. Марҳилаҳои иҷтимоишавии сиёсӣ дар шахс навъи муайяни арзиши сиёсиро тарбия намуда, ба инкишофи фарҳанги сиёсӣ ва фаъолнокии сиёсии шахс таъсири назаррас мерасонад. Ҳамчунин масъалаи алоқмандии иҷтимоишавии сиёсӣ бо арзишҳои сиёсӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои сиёсии ҷомеа инъикос гардидааст.



**Калидвожаҳо:** арзиши сиёсӣ, иҷтимоишавии сиёсӣ, низоми сиёсии ҷомеа, маданияти сиёсии шаҳрванд, маърифати сиёсӣ, равандҳои сиёсии ҷомеа, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**ПОЛИТИЧЕСКИЕ ЦЕННОСТИ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ СОЦИАЛИЗАЦИЯ: СУЩНОСТЬ И ПРОБЛЕМЫ**

Изучается проблема формирования и восприятия политических ценностей у человека в процессе его политической социализации. Рассматриваются место и роль ценностей, в том числе политических ценностей, в жизни общества, в личности индивида, изменение одной ценности на другую исходя из изменений в политической жизни общества, потребности общества и интересы человека, роль политической социализации в воспитании тех или иных политических ценностей. С точки зрения обеспечения стабильности, безопасности и развития государства политические ценности имеют особое значение. Каждое общества, исходя из уровня культуры, социально-экономического положениея и политической системы, имеют свое определение политических ценностей. Политические ценности связаны с другими ценностями общества. Свобода, безопасность, патриотизм, ответственность и стабильность являются важными политическими ценностями. Политическая ценность в основном нацелена на обеспечение стабильности, равноправия и единства членов общества, без которых невозможно обеспечить развитие государства. В современных условиях институты политической социализации воспитывают политические ценности, сопутсвующие совершенстованию демократической политической системы и развитию общества. Либеральные ценности автор считает самыми распространеными и желательными политическими ценностями современного общества, которые благодаря интересам граждан и потребностям времени быстро признаются и воспринимаются людьми. Периоды политической социализации воспитивают у человека определенные политические ценности, которые влияют на развитие политической культуры и политической активности человека. А также, рассматривается проблема взаимосвязи между политической социализацией и политические ценностями и её влияние на общественно-политические процессы.

**Ключевые слова:** политические ценности, политическая социализация, политическая система общества, политическая культура граждан, политическая грамотность, политические процессы в обществе, Республика Таджикистан.

**POLITICAL VALUES AND POLITICAL SOCIALIZATION: ESSENCE AND CHALLENGES**

The problem of the formation and perception of political values in a person in the process of his political socialization is studied. The place and role of values, including political values, in the life of society, in the personality of an individual, the change of one value to another based on changes in the political life of society, the needs of society and human interests, the role of political socialization in the upbringing of certain political values are examined. From the point of view of ensuring stability, security and development of the state, political values are of particular importance. Each society, based on the level of culture, socio-economic status and political system, has its own definition of political values. Political values are associated with other values of society. Freedom, security, patriotism, responsibility and stability are important political values. Political value is mainly aimed at ensuring stability, equality and unity of members of society, without which it is impossible to ensure the development of the state. In modern conditions, the institutions of political socialization educate political values that are related to the improvement of the democratic political system and the development of society. The author considers liberal values the most widespread and desirable political values of modern society, which, thanks to the interests of citizens and the needs of the time, are quickly recognized and perceived by people. Periods of political socialization educate a person in certain political values that affect the development of political culture and political activity. It also examines the problem of the relationship between political socialization and political values and its impact on political processes in society.

**Keywords:** political values, political socialization, political system of society, political culture of citizens, political literacy, political processes in society, Republic of Tajikistan.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саидзода Шӯҳрат Шукур*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ. **Адрес**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони 17, дом.1. Телефон: **939-38-88-66**. E-mail: **shuhratst@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Саидзода Шухрат Шукур*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат политических наук, дорцент, заведеющий кафедрой политологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **939-38-88-66**. E-mail: **shuhratst@mail.ru**

**Information about the author:** ***Saidzoda Shuhrat Shukur*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Political Sciences, Dorcent, Head of the Department of Political Science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, Building 1. Phone: **939-38-88-66.** E-mail: **shuhratst@mail.ru**

**УДК: 327 (575,3)**

# ХУСУСИЯТҲОИ БЕВОСИТАИ АЛОМАТ ВА РАМЗҲО ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИЮ СИЁСИИ ҶОМЕА

***Муҳаммад С.А.***

**Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рамзҳо, дар маҷмӯъ, маҳсули тафаккури инсон мебошанд, ки инсон аломату нишонаи онҳоро дар тӯли зиндагии худ ҳамчун дастёр ва ё олоти барандаи идея мавриди истифода қарор додааст. Мавзӯи нақшу нигори рамзҳо ҳамчун нишонаи ёдгории инсони

қадима дар кандакориҳои камари кӯҳҳои кишварҳои мухталифи ҷаҳон то ҳанӯз ба назар мерасанд. “Сабаби кандакорӣ шудани ин расмҳо ва муҷассамаҳо, чӣ сирру асроре дар онҳо нуҳуфта аст, то дер замон барои олимон пӯшида буд. Вале аз рӯйи нишондоди имрӯза маълум мегардад, ки дар ин нақшҳои ҳайвонот як сеҳреву афсуне нуҳуфта аст ва инсони он замон ба воситаи сеҳр он нақшро чизи зинда ҳисоб мекард ва дар навбати худ ғалаба ва пирӯзиашро бар ин ё он ҳайвони ваҳшӣ истифода менамуд. Одамони қадим пеш аз он ки ба шикори ҳайвонот бароянд, дар як гӯшае ҷамъ меомаданд ва бар рӯйи ин суратҳо ранг мекашиданд ва сипас ба умеди пирӯзӣ аз мағораҳо берун меомаданд” [1,с.17].

Шояд аз назари муҳаққиқони соҳаи дин, ки ба сеҳру афсун боварӣ доранд, сабаби нақшакашии аломату нишонаҳо дар деворнигора ва бари кӯҳҳо ягон сеҳру афсуне дошта бошад. Аммо сарчашмаҳои илмӣ ва дигар таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар нақшу нигори рамзҳои кӯҳу камар ягон намуд сеҳру афсун вуҷуд надорад, ин тахайюлоти инсон аст, ки барои ба даст овардани ризқу рӯзӣ истифода бурда шудааст. Дар ин раванд рамзҳо (аломату нишонҳо) воситаи муттаҳид намудани инсонҳо барои шикор ва ё кори дигар аст.

Бузуругии инсон боз дар он таҷассум меёбад, ки ба ин ашёву предметҳои беҷон, ки дар онҳо рамзҳои гуногун дарҷ ёфтаанд, қудрату тавоноӣ мебахшад. Дар масири таърих қобилияти беназири инсон ба он оварда расонид, ки истифодаи рамзҳо дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ мақоми худро пайдо намуданд. Замоне онҳоро барои муттаҳид ва сарҷамъ намудани тӯдаи одамон, замоне барои дарёфти ризқу рӯзӣ, замоне барои муоширату муколама, замоне барои идора намудани технологияҳои бузурги иттилоотию коммуникатсионӣ ва замоне барои дифои марзу буми кишварҳо истифода намудаанд.

Аммо ба ҳамаи ин сифатҳои мусбат нигоҳ накарда, дар таърихи башарият нақши рамзҳо дар баъзе ҳолатҳои дигар тарафҳои манфӣ низ доранд. Инсон қодир аст, ки дар мазмуни рамзҳо махуфиятеро эҷод намояд, ки ба зеҳну тафаккури одамон таъсир расонад. Ин сиррест, ки рӯҳу равони инсонро ба худ ҷалб намуда, дар ниҳоди ӯ боварии комил эҷод карда метавонад. Албатта, муносибат ба ин масъала, агар аз нуқтаи назари материалистӣ баҳо дода шавад, маълум аст, ки заминаи илмӣ надорад. Вале намояндагони динҳо оид ба рамзу аломат ва нишонаҳои гуногуни динию мазҳабӣ андешаҳои худро доранд. Онҳо даъвои онро доранд, ки аввалин рамзҳое, ки қудрати сиёсӣ ба худ гирифтаанд, рамзҳои динӣ мебошанд. Дар ин маврид пеши рӯ рамзи “салиб” ва “свастика”-ро меоранд, ки дигар рамзҳо бо мурури замон аз онҳо тавлид ёфтаанд.

Маълум аст, ки рамзи сувастоӣ таърихи хеле қадима дорад ва онро бештар ба ориёитаборон муносибат медиҳанд. Албатта, таърихи сиёсии ин рамз асрорангез аст, вале истифодаи он аз ҷониби фашистони олмонӣ на танҳо ба мазмун, балки ба сурати он низ таъсири худро расонидааст. Масалан, гардиши болҳои ин рамз, ки чун ақрабаки соат чарх мезананд ин сувастоии ориёӣ ҳаст, баръакси он ҳамон рамзи фашистиро таҷассум менамояд (ниг. расми 1).

**Расми 1**



Дар Ғарб рамзи сувастоӣ синоними фашизм гардидааст, сабабаш ин ки миллатгароёни олмонӣ онро дар ҳама парчаму дигар атрибутҳои рамзиашон ҷой дода буданд. Аммо сувастоӣ ҳазорсолаҳо пеш то ҷангҳои хунини асри XX рамзи бобарорӣ шуморида мешуд. Дар забони санскрит (забони қадимаи ҳиндувон) ин рамзи беҳбудӣ ва муваффақият буд. Ин рамзро таърихан ҳиндуҳо,буддоиҳо ва ҷайниҳо мавриди истифода қарор медоданд [2]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аломату рамзҳои сиёсӣ дар баробари кумак расонидан ба рушду нумӯи ҷомеа боз хусусиятҳои номатлубе низ доранд, ки мутаассифона, нисбати онҳо то имрӯз таҳқиқотҳои илмӣ қариб ки мавҷуд нестанд.

Рамзи салиб низ таърихи хеле қадима дошта, дар Мисри қадим онро ҳамчун аломате мешумориданд, ки ҳаётро муайян менамуд. Дар Сурия салиби дар ангуштарин маҳкамшуда, нишонаи худои Офтоб буд. Мардумони Америкаи Ҷанубӣ чунин мепиндоштанд, ки салиб рӯҳи бадро пеш мекунад. Аз аси IV инҷониб салибро насрониҳо ба худ қабул намуданд, ки аҳамияти он тағйир ёфтааст. Дар замони муосир бошад, салиб рамзи марг ва зинда мондан, ҳимоя ва ҳаёти ҷовидона дониста мешавад (ниг. расми 2).

Расми 2.



**Замони пайдоиш:** тахминан 4000 сол то солшумории мо.

Рамзи салиб дар Миср, Вавилон, Ҳиндустон, Сурия, Форс, амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ мавриди истифода қарор дошт. Баъди пайдо шудани дини насронӣ, салиб дар тамоми дунё паҳн гардид [3]. Махсусан дар замоне, ки румиҳо Юнонро зери тасарруф даровардаанд, дини насрониро ба онҳо маҷбуран бор намуданд. Юнониҳо бо қабули ин дин қариб ки тамоми дастовардҳои маданиии худро аз даст доданд. Ягона кореро, ки ба анҷом расонида тавонистанд, дини насрониро бо тамоми расму русум ва рамзҳою дигар атрибутҳои динию сиёсиашон ба кишвари Русия интиқол намуданд. Ҳамин тавр, паҳн гаштани дини насронӣ бо салибашон дар таърихи башарият корҳои неку бади зиёдеро низ ба анҷом расонидаанд. Гувоҳи ин ҷангҳои салибӣ ва инквизитсия дар қисмати Аврупо мебошад.

Рамзи дигаре, ки дар баробари рамзҳои пешин мақому манзалати худро соҳиб аст, ин моҳи нимпора(Ҳилол) мебошад (ниг. расми 3).



Расми 3.

Моҳи нимпора тахминан 3500 сол то солшумории мо пайдо шудааст. Он атрибут ва таҷассумгари тамоми худоёни моҳтоб ба ҳисоб мерафт. Рамзи моҳи нимпора дар Миср, Юнон, Шумер, Ҳиндустон, Рим паҳн гардида буд. Баъди ишғол намудани Константинопол аз ҷониби мусалмонон моҳи нимпора ба рамзи исломӣ табдил ёфт. Дар динҳои зиёди дунё моҳи нимпора аломати тавлид ва бемаргии доимӣ мебошад. Насрониҳо моҳи нимпораро ҳамчун аломати Марям дар ғарби Осиё бошад, бовар мекарданд ки моҳи досшакл низоми қувваи кайҳон мебошад. Дар дини ҳиндувон моҳи нимпораро рамзи назорат аз болои ақл, дар ислом бошад пуштибони Худованд, зиёдшавӣ ва эҳё мебошад. Моҳи нимпора бо ситораҳо маънои биҳиштро дорад [4]. Дар замони муосир низ мо рамзи моҳи нимпораро дар парчаму дигар рамзҳои бисёр кишварҳое, ки дини расмияшон дини ислом аст, мушоҳида карда метавонем.

Дар баробари ин, баъзе хусусиятҳи хосси аломат ва рамзҳои сиёсӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуб то имрӯз қариб ки мавриди таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Корҳои зиёде дар бораи сеҳру ҷодуи яҳудиён, ҳиндувон, лӯлиҳо, халқиятҳои мухталиф ва дигар миллатҳои дунё ба назар мерасанд. Аммо бештар дар бораи таърихи пайдоиши онҳо, истифодаи аломату рамзҳои гуногун ва роҳҳои истифодабарии онҳо ба ҷуз аз чанд китобҳои динӣ дигар маводи таҳлилӣ мавҷуд нест. Сабаби ин падида то ҷое маълум аст: аксарияти мардумоне, ки ба ин кор даст мезананд, ҳадафи махсус доранд ва кореро, ки ба анҷом мерасонанд, таърихан хусусияти махфӣ дорад. Яке барои нишон додани иқтидори миллат, дигаре барои ба даст овардани чизе бо роҳи фиреб, сеюмин боварии мардумро ба сеҳру ҷоду ҷалб кардан аст. Онҳо аксарияти амалиёти худро ба воситаи рамзҳои гуногуне, ки аз устухон , оҳан, ресмонҳои гуногуни рангоранг, сангчаҳои ғайриодӣ ва дигар ашёву предметҳои диққатҷалбкунанда омода карда шудаанд, амалӣ мегардонанд, ки дар маҷмӯъ онҳо “рамзҳои сиёҳ” номбар карда мешаванд.

Таърихи пайдоиши рамзҳо дар шаклу мазмуни гуногун хеле қадим мебошад. Мувофиқи ахбори бадастомада, ҷудо намудани рамзҳо ба гурӯҳҳои мухталиф аз замони нажоди ориёиҳо сарчашма мегирад.

Масалан, донишманди фаронсавӣ Эдуард Шюре дар китоби “Великие Посвящённые” (Бузургони соҳибхирад) менависад, ки ҳар як қабилаи сафедпӯст рамзи махсуси худро дар образи ҳайвонҳое, ки тимсоли сифати қабилаҳои муносиб доштанд, соҳиб буданд. Баъзе аз онҳо ба болои қасрҳои худ сари турнаҳо, уқобҳо ё калхотҳо, баъзе дигарашон каллаи хуки ёбоӣ ё говмешро ҳамчун рамз меовехтанд. Нишони дӯстдоштаи скифҳо барзагов буд, ки онро Тор меномиданд ва он таҷассумгари қувваи ҳайвонӣ ва ваҳшоният аст. Рама дар муқобили барзагов дигар рамзро низ пешниҳод менамояд. Он шартан парчами якҷояшавии ҳамаи тарафдорони Рама гардид ва ин рамзе дар сарзамин буд, ки чун садои зангӯла барои инқилобҳо дар тафаккури мардум таъсир дошт. Баъдан ин нажоди сафедпӯст ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Дар қалби онҳо барои канда шудан аз парастиши ҳайвонҳои ноаҳл ҷудоӣ ба миён омад ва ба ҷойи онҳо инсон дар зинаи аввали маъбади ноаёне қарор гирифт, ки он ба Инсонхудо мебарад [5].

Воқеан, дилбастагии ориёнажодҳо ба рамзҳое, ки нишонаи парандаҳои гуногун, ҳайвонҳои шикорию бузургҷусса буданд, муддати дуру дароз давом дошт ва онҳоро дар аввал чун муқаддасот парастиш менамуданд. Баъдан нақши инсон дар тафаккур ва меҳвари асосии рушду инкишоф мақоми худро пайдо кард, ки онро муъбадону сарварони ориёиҳо ба худомандӣ бурда расониданд.

Дар китобҳои муқаддаси Ведҳо (китобҳои дониш), ки аз панҷ китоб иборат аст: 1. Ригведа (китоби мадҳия ба Худованд) 2. Самаведа (китобҳои расму оини ориёӣ) 3. Яҷурведа (китобҳое, ки ба тартиби баргузории қурбониҳо бахшида шудаанд. 4. Атҳарваведа (китобҳои сеҳру ҷоду). 5. Аюрведа (китобҳои тиббӣ), ки нақши Рама ҳамчун пешвои ориёинажодҳо хеле муҳим арзёбӣ ёфтааст.

Рама, эҳтимолан Ҷама (шояд Ҷамшед бошад, ки ин фарзия ва назарияҳо дар миёни муҳаққиқон боиси баҳсу мунозираҳои илмӣ қарор дорад). Бесабаб нест, мегӯяд Э.Шюре, ки “Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и безаволи худ ӯро Ҷамшеди қонунгузор, ишғолгари сиёҳпӯстон ном гирифтааст” [5].

Эдуард Шюре менависад, ки “Рама бо сабаби қувваи баланди рӯҳӣ ва накукорӣ доштан маъмури Ҳиндустон ва шоҳи маърифати замин гардид. Коҳинон, шоҳон ва халқҳо дар назди он мисли Худованди осмонҳо сар фурӯ меоварданд. Бо **парчами Ҳамал** шогирдони ӯ қонунҳои ориёиро, ки баробарии мазлумону ғолибон, аз байн бурдани қурбонии одамон ва ғуломӣ, эҳтироми занон дар хонаводагӣ, пос доштани хотираи гузаштагон ва таъсиси оташи муқаддасро ҳамчун рамзи намоёни Худои диданашаванда васеъ паҳн мекарданд” [5].

Аз ин бармеояд, ки истифодаи рамзҳо дар замони ориёиҳо низ яке аз масъалаҳои муҳимми замон ба ҳисоб мерафт. Онҳо тавонистанд, ки дар ташкилу баррасии рамзҳои гуногун ба мақсади дарпешгузоштаашон расанд. Масалан рамзе, ки дар Бурҷи “Ҳамал” бо сари ба чап гашта дар шитоб аст, маънии баромадани Рама аз сарзамини ориёиҳоро дорад. Ҳамин тавр, рамзҳо бештар дар замони ориёиҳо сирри хоссае пайдо намудаанд, ки то имрӯз бо маънои гуногун мавриди истифодаи мардум қарор доранд.

Дар солҳои охири умраш Рама ба сохтани тақвими сол барои ориёиҳо машғул буд. “Ӯ 12 нишони бурҷҳоро ба тартиб даровардa, ба онҳо мазмуни сермаъноиро зам кард:

Якум, таъсири Офтоб дар 12 моҳи сол; дуюм, таърихи ҳар яке аз онҳоро бо рамзҳо муайян кардан; сеюм, ба парастиш ва истифодаи воситаҳое, ки ба мақсад ноил гардонад. Барои ҳамин ин нишонаҳоро мо баръакс низ хонда метавонем ва онҳо баъдтар нишонаҳои махфии соҳибхирадон гардидаанд" [5].

Аз ин ҷо хулосабардорӣ намудан мумкин аст, ки хусусиятҳои ташаккули таърихию сиёсии аломат ва рамзҳо ҳамчун падидаи ниҳонӣ, агарчи начандон масъалаи таҳқиқёфта бошанд ҳам, вале таърихи хеле қадима доранд, ки ба моҳият ва мазмуни онҳо дар гузаштаи башарият заминагузорӣ карда шудааст.


**АДАБИЁТ**

1. Таърихи динҳо. –Душанбе: Дониш, 2014.- С.17.
2. [Манбаи электронӣ]. https://bugaga.ru/interesting/1146761493-top-25-samye-rasprostranennye-simvoly-i-ih-znachenie.html# ixzz 6 BpBNn MYO
3. Самые влиятельные символы в истории человечества [Манбаи электронӣ]. https://russian7.ru/post/kultovye-simvoly-v-istorii-cheloveche/ Дата обращение: 23.01.2020.
4. Самые влиятельные символы в истории человечества [Электронный ресурс].© Русская Семеркаrussian7.ru
5. Эдуард Шюре. Великие просвещенные (Очерк эзотеризма) / Э. Шюре. - 2-е изд. – Калуга, 1914. –С.35-36.
6. Саидов А.С. Стабильное развитие как показатель динамики междкнародного имиджа государства / А.С Саидов., И.И Баротов // Вестник таджикского национального Университета, серия социально- экономических и общественных наук. 2018. №8. -С. 261-264..
7. Сафарализода Х.Қ. Имиҷи байналхалқии давлат ва алоқамандии он бо амнияти миллии мамлакат / Х.К Сафарализода., И.И Баротов // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2019. -№ 4. -С. 88-97.
8. Баротов И.И. Моҳият ва хусусиятҳои хосси имиҷи сиёсии давлат дар ҷаҳони бисёрқутба / И.И Баротов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимои-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2019. -№7. -С. 295-301.
9. Баротов И.И. Место и роль дипломатии в формировании международного имиджа государства / И.И Баротов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2019. №2. (79). С. 160-169.



**ХУСУСИЯТҲОИ БЕВОСИТАИ АЛОМАТ ВА РАМЗҲО ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИЮ СИЁСИИ ҶОМЕА**

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба хусусиятҳои бевоситаи аломат ва рамзҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа диққати махсус дода, вобаста ба муносибати инсон ба шаклу мазмуни рамзҳо ва тағйиротҳои гуногуни онҳо изҳори андеша намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар такмилу тағйир ёфтани ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ нақши сарварон ва давлатмардон хеле афзун аст. Пайдо шудани рамзҳои сиёсӣ, нишонаҳои фарққунанда, рамзҳои парандаҳои гуногун, ҳайвоноти даррандаю қудратманд ва дигар аломату нишонаҳо боиси дигаргуниҳои нави ҷамъиятӣ мебошанд. Мардумони дигар давлатҳоро бо парчаму нишон ва дигар аломатҳои фарққунанда мешиносанд, ки онҳо интихоб намудаанд. Ҳамин тавр, рамзҳо ба худ хусусиятҳои хос гирифта, инсон онҳоро ҳамчун зуҳуроти мусбату манфӣ дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа мавриди истифода қарор додааст.Инчунин муаллиф ба моҳият ва хусусиятҳои хосси рамзҳои сиёсӣ дар шароити давлатдории миллӣ таваҷҷуҳи вижа намуда хусусиятҳои хос ва навъҳои фарққунандаи онҳоро дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Калидвожаҳо**: аломат, рамзҳо,ҷомеа ,ҳаёти ичтимоию сиёсӣ, салиб сувастоӣ, ҳилол , Миср, Юнон, Ҳиндустон, Рим, Ҷама, Рама.



**ОСОБЕННОСТИ СИМВОЛОВ И ЗНАКОВ В СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА**

В данной статье анализируются особенности символов и знаков в социально-политической жизни общества. Социально-политические особенности этого феномена как объект исследования имеют глубокосодержателную сущность. Автор, обращая особое внимание особенностям символов и знаков в социально-политической жизни общества, рассматривает их связь и различия. Автор отмечает, что в изменении и совершенствовании социально-политической жизни общества большую роль играют лидеры и государственные деятели. Появление политических символов, отличительных знаков различных птиц, диких животных являются следствием изменения современного общества. Другие народы узнают себя по флагу и гербу и другим отличительным знакам, которые они избрали. Таким образом, символы имеют свои отличительные особенности, и используются человеком как положительное и отрицательное явление в изменениях общества.Также в данной статье автор уделяет особое внимание специфическим особенностям политических символов в условии национальной государственности так как политические символы являются одним из главных критерий суверенного государства.

**Ключевые слова:** знак, символ, общество, социально-политическая жизнь, крест, свастика, Египет, Греция, Индия, Рим, Джама, Рама.



**FEATURES OF SYMBOLS AND SIGNS IN THE SOCIAL AND POLITICAL LIFE OF THE COMPANY**

This article analyzes the features of symbols and signs in the socio-political life of society. The socio-political features of this phenomenon as an object of study have a deep-rooted essence. The author, paying particular attention to the features of symbols and signs in the socio-political life of society, considers their relationship and differences. The author notes that leaders and statesmen play an important role in changing and improving the socio-political life of society. The emergence of political symbols, decals of various birds, wild animals are the result of changes in modern society. Other

nations recognize themselves by the flag and coat of arms and other distinguishing marks they have chosen. Thus, symbols have their own distinctive features, and are used by man as a positive and negative phenomenon in changes in society. Also in this article, the author pays special attention to the specific features of political symbols in the condition of national statehood, since political symbols are one of the main criteria of a sovereign state.
**Keywords:** sign, symbol, society, socio-political life, cross, swastika, Egypt, Greece, India, Rome, Jama, Rama

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мухаммад Саъди Абдурахмон*** - Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ, подполковники милиса. **Адрес**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Мастонгулова 3. E-mail: **mahmadov.2014@mail.ru**. Тел: **(+992) 904-19-69-60**

**Сведения об авторах:** ***Мухаммад Саъди Абдурахмон*** - Академия Министерства внутренних дел Республики Таджикистан, кандидат политических наук, доцент кафедры общественных дисциплин, подполковник милиции. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мастонгулова 3. E-mail: **mahmadov.2014@mail.ru.** Тел: **(+992) 904-19-69-60**

**Information about the author:** ***Muhammad Sadi Abdurahmon*** - Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of political sciences, associate professor of the department of social sciences of the police lieutenant colonel. **Address**: Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Mastongulova 3. E-mail: **mahmadov.2014@mail.ru**. tel: **(+992) 904-19-69-60**

**УДК 32.019.5**

## ТАШАККУЛЁБИИ МУҲИТИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Аҳмадзода Д.Д.***
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ**

Дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда ва махсусан дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ нақш ва мавқеи ҷавонон дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишвар ба куллӣ тағйир ёфта истодаанд. Махсусан таъсири равандҳои интегратсионӣ ва ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ дар самти омода намудани мутахассисони соҳаҳои гуногун ва ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон, бо ҷойи кор таъмин намудани онҳо, тарбияи онҳо дар рӯҳияи илмомӯзию донишандӯзӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумат маҳсуб меёбад. Рушди сиёсати ҷавонон дар Осиёи Марказӣ ва дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ ба амал баровардани он, пеш аз ҳама, вобаста бо равандҳои умумии интегратсионӣ дар минтақа, ки ногузир дар заминаи ҳамкорӣ ва ҳамшарикии стратегии кишварҳои минтақа ба вуҷуд меояд, асос меёбад. Агар ин ҳамкориҳо ба таври умум тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои байналмилалии минтақавии кишварҳои мазкурро фаро гирифта, дар шакли ташкили иттифоқу иттиҳодияҳои гуногунсамту мухталиф дар амал татбиқ гарданд, дар аксари ин ташкилотҳои интегратсионии байналхалқию минтақавӣ масъалаи ҷавонон ба таври мушаххас баррасӣ, самтдиҳӣ ва сохторгирӣ карда мешавад.

Маълум аст, ки бархӯрди назариявии таҳлили сиёсати ҷавонон, ташаккули муҳити ҷавонон ва ташкилоти ҷамъиятии онҳо дар сатҳи байнифаннӣ баррасӣ гардида, мавриди пажӯҳишу омӯзиши чунин самтҳои илм, ба монанди сиёсатшиносӣ, сотсиология, иқтисод, низоъшиносӣ, идоракунии давлатӣ ва ғ. мегардад.

Масоили марбут ба ҷомеа ва хусусиятҳои ташаккули маънавӣ-ахлоқии фардро М.Вебер мавриди баррасӣ қарор дода, исбот кардааст, ки он дар заминаи ду мавқеъ: ахлоқӣ-эътиқодӣ ва ахлоқӣ-масъулнокӣ ташаккул меёбад. Ӯ муътақид аст, ки эътиқодмандӣ ба мавқеъ ва андешаи худ дар асоси арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ сурат мегирад, ки дар ин робита мақоми ташаккул додани афкор дар мафкураи ҷавонон аҳамиятнок аст. М.Вебер афкори хизмат ба ватан, ҳисси шукргузорӣ ва қаноатмандӣ аз хизмати дигаронро ба ин навъи мавқеъ хос дониста, онҳоро ба ашхоси пайгирандаи меъёр ва садҳои додашудаи ахлоқи ҳуқуқӣ-сиёсӣ, инчунин, мавқеи афроди диндорро ба ин ҳарду мансуб медонанд [3,с.634].

Ба андешаи Т.Парсонс бошад, хусусияти ҷавонон он аст, ки ба онҳо падидаи «транзитсия» ва ё гузариш аз як навъи фаъолият ба навъи дигар хос аст, ки дар пайи худ тағйирёбии мақоми иҷтимоӣ ва камолоти иҷтимоиро дорад. Дар давоми раванди транзитсия гузариши шахс аз ҳолати бемасъулиятии кӯдакона ва навҷавонӣ ба масъулияти шахси баркамол ба амал меояд, ки дар ин марҳилаи ҳаёти шахс масъулиятшиносии ӯ

нисбати худ, муҳит ва наздикон, билохира ҷомеа ташаккул ёфта, зоҳир мегардад. Кӯшиши ҷавонон барои соҳиб шудан ба тарзи ҳаёти баркамол бо кӯшиши онҳо ба мустақилӣ ва тасмимгириҳои ихтиёрӣ вобаста буда, дар чунин падидаи иҷтимоӣ, монанди фарҳанги ҷавонон ифода мегардад. Ин падидаро ба илм Т.Парсонс ворид намудааст, ки ба андешаи ӯ, чунин ниҳодҳои муосири иҷтимоишавӣ, монанди мактаб, муассисаи таҳсилоти олӣ ва ғ. ҷиҳати ташаккул ёфтани истиқлолият ва ҳувияти шахсии ҷавонон хизмат карда, барои хориҷ шудани онҳо аз шаклҳои анъанавии назорати оила мусоидат менамоянд. Маҳз дар ин муҳит ҷавонон муҳити фароғат, вақти холии орӣ аз масъулиятҳои хоҷагӣ-иҷтимоӣ ва аксаран зарурати нигоҳубини мустақилонаи худро ба даст меоваранд. Аз ин рӯ, Т. Парсонс ин давраро «бемасъулиятии сохторгирифта» меномад [7,с.124].

Дар таҳлилҳои Ҷ.Спрингхолл таъсири таҳаввулоти индустриалӣ ба фаъолияти ҷавонон ва ташаккули сиёсати байналмилалии ҷавонон омӯхта шудаанд [9,с.158]. Масъалаи масъулиятшиносӣ, камолоти иҷтимоӣ ва мақоми ҷавононро дар ҷомеа боз ҳам вусъат дода, бояд аз мавқеи Э. Гидденс дар ин бора ёдовар гардем. Дар ҷомеаи муосир истиқлолияти шахсӣ бо масъулияти иҷтимоӣ бинобар зарурати ворид гардидан ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва тасмимгирии мустақилона нисбат ба ҳаводиси иҷтимоии берунӣ иваз мешавад. Аз ин рӯ, дар шахс ташаккул додани мавқеи фарҳангӣ-ахлоқӣ аҳамияти бузург пайдо менамояд. Ин давра аз дигарон бо беқарорӣ ва серҳаракатӣ, қобилияти худсозӣ ва худташаккулдиҳӣ дар заминаи мутобиқшавӣ ба воқеияти зудтағйирёбандаи иҷтимоӣ дар ҳоли камбуди самтгирии универсалии ҳаётӣ, намунаҳои бечунучарои тақлидӣ фарқ мекунад [4,с.125].

Аммо мавқеи мазкур аз шахс камолоти фардӣ ва худбаҳодиҳӣ, интихоби дуруст дар ҳолатҳои ташаннуҷӣ, яъне ахлоқи масъулиятдории инкишофёфтаро мехоҳад. Масоили иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи муосир далели онанд, ки омодагии фардӣ барои амал кардан дар шароити мураккабшаванда ва номуайянӣ аз ниёзҳои иҷтимоии чунин омодагӣ қафо мемонад. Махсусан, ин масъала дар муҳити ҷавонон, ки дар онҳо камбуди мавқеъгирии иҷтимоӣ ва таҷрибаи ҳаётӣ ба назар мерасад, аксаран сабаби шонатиҳӣ кардан ва гурехтан аз масъулият, тарсу ҳарос аз қабули қарорҳо ва амалҳои мустақилона мешавад. Ҳамин тавр, масъалаи муҳимми иҷтимоии дорои хусусияти фарогир - ташаккул ва самтдиҳии фарҳанги ҷавонон дар арсаи байналмилалӣ ба вуҷуд меояд, ки он ба ҳошияи марказу мароми ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ ва манфиати миллии кишварҳои абарқудрат ва рӯ ба инкишоф чун «сиёсати байналмилалии ҷавонон» ва яке аз мухимтаринҳо дохил шудааст.

Дар таҳлили ҷомеашиносони дигари ғарбӣ – Р.Ҷ. Браунгарт ва М.М. Браунгарт мушоҳида гардидааст, ки афзудани нақши сиёсии ҷавонон дар арсаи байналмилалӣ дар замони ҳозира пайомади тағйироти демографие мебошад, ки дар асри XX ба вуҷуд омада, сабаби афзудани ҳиссаи аҳолии ҷавони то 30-сола дар кишварҳо гардидааст [2,с.160].

Барои ташкил ва сохторгирии сиёсати интегратсионии марбут ба ҷавонон дар фазои сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ чандин ҳуҷҷатҳои бунёдӣ таҳия ва қабул гардидаанд, ки онҳо иштирок ва тарзу тариқаи фаъолияти ҷавононро дар минтақа муайян менамоянд.

Агар ба Эъломияи рушди минбаъдаи равандҳои интегратсионӣ дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё муроҷиат намоем, мушоҳида мегардад, ки он ба шарафи 25-умин солгарди интегратсияи Иттиҳоди мазкур 29 майи соли 2014 қабул гардидааст. Дар он рушди бобарору бомароми Иттиҳод таъкид гардида, қайд мегардад, ки дар ин муддати фаъолият Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё барои рушди ҳамкориҳои иқтисодии давлатҳои узв такони ҷиддӣ бахшид, пайомадҳои буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ-молиявиро барои кишварҳои узв кам карда, имконияти дастрасӣ ба бозорҳои хориҷиро муҳайё намуд. Дар эъломияи мазкур махсус таъкид мегардад, ки татбиқи пурраву комили шартномаву муоҳидаҳои қабулшуда дар соҳаҳои алоҳида такмили амал ва тақвият бахшидани қарорҳои ҷасуронаи рушди интегратсия, вусъат бахшидани соҳаҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ ва такмилу инкишоф додани ниҳодҳои ЕАЭС-ро талаб мекунад. Дар он инчунин хавфу хатар ва таҳдидҳои ба интегратсияи кишварҳои узви иттиҳод монеъшаванда ба таври таҳдидҳои нави глобалии илмӣ-технологӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва геоиқтисодӣ мушаххас гардидаанд. Тавре маълум мегардад, масоили мазкур ҷанбаи кор бо ҷавононро низ дар бар мегирад, ки қисми синнусолии аз 16 то 35-солаи он дар ҳамаи равандҳои мазкур ширкати фаъолона доранд.

Ба равандҳои сиёсии кор бо ҷавонон дар арсаи байналмилалӣ таъсири ҷаҳонишавӣ ё глобализатсия ҳамчун падидаи фарогир таъсири хеле зиёд дорад. Ин таъсир тамоми соҳаҳои кор бо ҷавононро фаро гирифта, хеле босамар ва тағйирдиҳанда мебошад.

Мавриди зикр аст, ки ҷаҳонишавӣ дар низоми муосири улум мавқеъ ва мартабаи махсусро касб кардааст. Зеро он ба ягон падидаи дигар монанд нест ва дониши муттаҳидгаре мебошад оид ба равандҳои иҷтимоӣ-табиӣ ва масоиле, ки ҳудудашон бо мафҳуми- сайёравӣ муайян мегардад. Пайдоиш ва ташаккули ҷаҳонишавӣ ҳамчун соҳаи байнифаннии илмӣ ба миёнаи асри XX рост меояд, ки бо раванди интегратсионии улуми гуногун ҷиҳати ҳалли масоили аҳамияти ҷаҳонӣ дошта, марбут мебошад. Мафҳуми ҷаҳонишавӣ дар илм аз солҳои 80-90–и асри XX мавриди истифода қарор гирифтааст, ки барои ифодаи ҳодисаҳову равандҳои фарогири ҷаҳон ба кор бурда мешавад. Бо вуҷуди равшан будани маънои мафҳуми мазкур, дар шарҳи паҳлуҳои гуногуни он дар байни олимон гуногунфикрӣ мавҷуд аст. Баъзеҳо дар он агар фанни алоҳидаи илмро бинанд, баъзеи дигар онро соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ дониста, гурӯҳи дигар онро соҳаи фарофаннии дониши илмӣ мепиндоранд [8,с.7]. Худи мафҳуми ҷаҳонишавӣ низ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Агар дар як маврид онро ҳамчун сабаби масоили ҷаҳонӣ шарҳ диҳанд, дар ҳоли дигар он ба ҳайси натиҷа фаҳмида мешавад. Аммо дар як мавқеъ ҳамдилии умум ба назар мерасад, он ҳам ҳамчун раванди объективӣ қабул шудани он ва мавриди баррасии глобалистика ҳамчун раванд ва натоиҷи таъсири ҷаҳонишавӣ будани он мебошад.

Сабаби асосии ба вуҷуд омадани соҳаи мазкури илм пайдоиши орои «хонаи умумии башар» будани сайёраи Замин, беназирии падидаи ҳаёт дар он будааст, ки таърихи тӯлонӣ дошта бошад ҳам, бо пайдоиши силоҳи қатли ом дар асри XX актуалӣ гардид. Баъди Ҷанги якум ва дуюми ҷаҳон, ки таъсири харобиовари фарогир доштанд, дар арсаи байналмилалӣ як қатор ташкилоту созмонҳои муҳимми байналмилалӣ ба вуҷуд омаданд, ки бо раъйи аксарияти кулли кишварҳои ҷаҳон таъсис дода шуда, мақсади асосии онҳо таъмини сулҳу осудагии башар дар ҷаҳон ва масоили фарогири марбут ба он буд.

Агар ба ҳаёти байналмилалии асри XX назар намоем, дар он асосан ташкилотҳое таъсис дода шудаанд, ки барои гузориш ва ҳалли масъалаҳои глобалӣ равона шудаанд: таъсиси Ниҳоди масоили оянда дар Вена (1965) Бунёди байналмилалии «Башар дар соли 2000» дар Нидерланд (1965), Ташкилоти омӯзиши ояндаи ҷаҳон дар Вашингтон (1966), Маҳфили Рим (1968), ки бо коркарди мавзӯъҳои марбут ба башарият машғул аст, «Ниҳояти рушд» (1972), «Башарият дар чаҳорсӯ» (1974), «Бозрасии тартиби байналмилалӣ» (1974), Берун аз қарни исрофкорӣ (1976) ва ғ., ки хеле зуд маъруфияти ҷаҳониро пайдо карда, аз як ҷиҳат вазифаи кашшофӣ ва назариявии соҳаи нави дониши байнифанниро гузошта бошанд, аз ҷиҳати дигар нақши муҳимми маърифатиро бозиданд [5,с.893]. Маҳз дар ҳамин замина ба инсон маълум гардид, ки ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар ҷаҳон бо ҳам пайвастанд ва ин пайванд ҳарчи бештар қувват мегирад ва мустаҳкам мешавад, алалхусус таъсири мутақобилаи кишварҳо ба ҳамдигар меафзояд, ки ҳар яке истиқлол ва манфиатҳои миллии худро ҳифз намуда, дар арсаи байналмилалӣ ҳамкорӣ менамоянд ва ин ҳамкорӣ зиддиятҳои комилан навро ба миён меоварад. Дар асари ҳамин гуна ҳамкориҳо комилан равшан гардид, ки муташанниҷ гардидани як идда масоили ҷаҳонишавӣ дар асри XX на натиҷаи ягон иштибоҳ, балки натиҷаи таҳаввулоту дигаргуниҳои чандинқарнаи сифативу миқдорие дар рушди иҷтимоии тамаддуни инсонӣ мебошад, ки онро низоми «ҷомеа-табиат» меноманд [8,с.13]. Зиддияти мазкур дар заминаи ташаккулу такомули тамаддуни муосири индустриаливу технократӣ ва фарҳанги он ба вуҷуд омадааст.

Глобалистика бо сиёсат ва идеология робитаи зич дошта, аз ин ҷиҳат равияҳои ба ҳам зид: ғарбӣ ва шӯравиро ба вуҷуд овардааст. Зиддияти идеологии солҳои охир заминаи пайдоиши ихтилофҳои нави иқтисодӣ, фарҳангӣ, динӣ ва миллӣ гардида, дар ин асос тақсимбандии нави ҷаҳон ба манотиқи бузург, ки ҳамчун субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ баромад карда метавонанд, зимнан тафовутҳои тамаддунии кишвар ва миллатҳо ошкор шуд, ки ба худ номҳои ғарбӣ, авруосиёӣ, шарқӣ, исломӣ ва ғ. гирифтаанд.

Гарчанде мавзӯот ва самтҳои глобалистика ниёзманди омӯзиши маҷмӯии масоили ҷаҳон мебошанд, дар таҳқиқоти худ мо аз чандин равияи мавҷуд дар шинохти ҷаҳонишавӣ, равияи фарҳангшиносии онро муҳим медонем, зеро дар маркази диққати он

масоили марбут ба соҳаи инкишофи илмӣ-техникӣ, нуфуз, тандурустӣ, фарҳанг, ҳуқуқ, маориф ва ғ. ҳаёти ҷомеа мебошанд. Зеро маҳз дар ҳамин соҳаҳо пайдо кардану омӯхтани масоили марбут ба ҷавонон, алалхусус, таъсири ҷаҳонишавӣ ба ин қишри ҷомеа мувофиқ мебошад.

Барлибаев Х.А. 18 мавзӯи глобалии марбут ба инсон ва ҷомеаи онро таҳлил намуда, таснифи масоилеро, ки ба таносуби инсон-ҷаҳоншумулӣ-рушди устувор ворид ҳастанд, пешниҳод кардааст [1,с.15-16]. Ин ҷадвал ба чунин тарз анҷом дода шудааст: дар сатҳи табиати инсон ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии инсон дар мавриди аввал гузошта, соҳаву самтгирии ҷаҳонишавиро нисбати ҷаҳонбинӣ муайян менамояд ва чорякҳои гузариш ба рушди устуворро иборат аз бозсозии ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии инсон муайян менамояд. Дар раддаи дуюм ӯ ниёзмандиҳои моддии инсонро гузошта, дар ин соҳа самту мазмуни ҷаҳонбиниро дар ҷаҳонишавии ниёзмандиҳо ва чораҳои гузариш ба рушди устуворро иборат аз ақлонӣ намудани онҳо медонад. Дар қатори сеюм масоили марбут ба меҳнат чун омили ташаккулёбии инсон баррасӣ гардида, соҳаи глобализатсияи касбӣ-меҳнатӣ ва чораҳои гузариш ба рушди устуворро мувофиқ кардани фаъолияти меҳнатии инсон ба талаботи экологӣ шарҳ додааст. Аз байни ин мавазӯъҳо, ки ҳар яке бо масъалаи ҷавонон вобастагӣ дорад ва самтҳои мубрам ба ҳисоб меравад, махсусан ҷавҳари иҷтимоии инсон, иттилоот чун захираи муошарати одамон, масоили марбут ба ҳаёти маънавии инсон, демография, рушди интеллектуалӣ, тарзи ҳаёт, рушди илмӣ-техникӣ сиёсат ва варзиш ба ҷавонон дахл доранд. Ба таври мушаххас мавзӯъҳои таъсиррасон ба ҳаёт ва фаъолити ҷавононро дар ҷадвали мазкур ба чунин тарз тавзеҳ додем:

**«Ҷадвали даврии низоми «инсон – глобализатсия – рушди устувор» марбут ба масоили ҷавонон**

| № р/т | Ҳудудҳои табиати инсон | Соҳаву самтҳои глобализатсия | Чораҳои гузариш ба рушди |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҷавҳари иҷтимоии инсон | Глобализатсияи иҷтимоӣ | Табаддулоти иҷтимоӣ |
| 2 | Забон ҳамчун воситаи муошырати инсон | Глобализатсияи забонӣ | Рушди бисёрзабонӣ |
| 3 | Иттилоот чун захираи муошыратии инсон | Глобализатсияи иттилоотӣ | Рушди амнияти иттилоотӣ |
| 4 | Нимёзмандиҳои шаҳвонӣ ва тамдиди насли инсон | Глобализатсияи демографӣ | Танзими равандҳои демографӣ |
| 5 | Ниёзмандии инсон ба эътиқоди динӣ | Глобализатсияи динӣ | Мустаҳкамшавӣ ва татбиқи нақши созандаи дин |
| 6 | Рушди интеллектуалии инсон | Глобализатсияи маърифатӣ | Рушди маълумоти интенсивӣ |
| 7 | Ҳаёти маънавии инсон | Глобализатсияи фарҳанг | Ҳамкории созандаи фарҳангҳо |
| 8 | Тарзи ҳаёти инсон | Глобализатсияи тарзи ҳаёт | Бозсозии тарзи ҳаёти одамон |
| 9 | Инсон чун мавҷуди сиёсӣ | глобализатсияи сиёсӣ | Ислоҳоти низомҳои сиёсӣ |
| 10 | Падидаҳои ғайриинсонӣ дар инсон | глобализатсияи ҷиноятӣ | Муборизаи ҷаҳонӣ бар зидди ҷинояткорӣ |
| 11 | Рушди ҷисмонии инсон | глобализатсияи варзишӣ | Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чун воситаи таъминкунандаи ҳаёти одамон |

Фаъолияти инсон иборат аз ҳамкориҳои унсурҳои гуногун: ҷаҳонбинӣ, қонеъ намудани ниёзмандиҳои моддиву маънавӣ, меҳнат ва амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ, муошират бо дигарон аз тариқи забон, гароиш ба фарҳанг ва санъат, риояи эътиқодоти динӣ ва ғ. мебошад. Дар давоми рушду инкишофи худ инсон як гунаи маҷмӯии соҳаҳои мазкури гуногун, ки дар ягонагӣ махлутеро ташаккул медиҳанд, ба вуҷуд меорад. Соҳаву самтҳои мазкури фаъолияти инсон бо ҳам баробарвазн нестанд ва дар алоқамандии тобеияти муайян қарор доранд, ки вобастагии инсон, табиат ва ҷаҳонро таҷассум намуда, ба ҳайси як низоми том баромад мекунанд.

Тамоми вобастагиҳои фарогири соҳаҳои мазкурро ба назар гирифта, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ консепсияи “рушди устувор” таҳия гардида, дар сохтори Созмони Милали Муттаҳид комиссияи махсус дар ин соҳа таъсис дода шудааст.

Ҷаҳони тағйирёбанда ба фаъолияти кишварҳои дунё ва ташкилотҳои байналмилалӣ бетаъсир намонда, воқеаҳои фарогирандаи тамоми ҷаҳон ба он оварда мерасонанд, ки ҳатто чунин ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ СММ низ мақому мартабаи худро мувофиқи таҷрибаи андухтаи хамкориҳои байналмилалиаш дар соҳаҳои гуногуни татбиқи муносибатҳои байналмилалӣ ва густариши дастгириву кумакҳои башаргароёна ба давлатҳои ҷаҳон мавриди боздид қарор диҳанд. Чунин тадбир талаби замон буда, адами чандирӣ дар масъалаи мазкур на танҳо сабаби нокомии кишвару ташкилотҳои байналмилалӣ, балки дар натиҷаи маншаи барҳамхӯрӣ ва нопадид шудани онҳо шуда метавонад [9,с.16].

Созмони Милали Муттаҳид ташкилоти бонуфузи байналмилалие мебошад, ки баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон бо раъйи кишварҳои ғолиб соли 1945 таъсис дода шуда, идораи марказиаш дар шаҳри Ню-Йорки ИМА қарор дорад. Аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ СММ вазифаҳои худро ба таври оинномавӣ ба роҳ монда, нигоҳдории сулҳи байналмилалӣ ва амният, ба ин хотир, қабули қарорҳои муассири муштаракро ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф кардани хатари барҳам додани сулҳ муайян намуд. Дар ин замина масъалаи сулҳ ва амалӣ кардани чораҳои пешгирикунандаи ҷанг аввалин маротиба ба таври глобалӣ гузошта шуда, дарки масъалаи мазкур ҳамчун як мушкили умумисайёравӣ ба миён омад. Дар айни ҳол принсипҳои муштараки ахлоқӣ-маъмурие ифода гардиданд, ки барои рушди муносибатҳои дӯстонаи байни миллатҳо дар асоси эҳтироми принсипи баробарӣ ва худмуайянкунии миллӣ, таъмини ҳамкориҳо дар ҳалли масъалаҳои байналмилалии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва башарӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ҷиҳати густариши эҳтироми инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, бидуни нажод, ҷинс, забону эътиқод зарур гардиданд, ки онҳо маҳаки фаъолияти СММ дар арсаи ҷаҳон ҳастанд [10].

Мухолифатҳое, ки СММ бо он дар ибтидо мувоҷеҳ мешуд (байни принсипи худмухторӣ ва ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ, байни ҳуқуқи инсон ва демократия), мазмунан тағйир ёфтанд. Чунин мавқеъ, ки ҳадафҳои асосии СММ- ро ҳамчун сулҳофар, сарпаноҳи рушд ва демократия муаррифӣ менамояд, вобастагии мазмунии ин арзишҳоро бо ҳамдигар дар назар дорад. Ҳамин тавр, мафҳуми сулҳ дар фалсафаи сиёсати байналмилалии СММ ҳамчун омил ва демократия шарти муҳимми тараққиёти устувор тавсиф дода мешавад [10]. Дар ин бора Раҳмонова Р.Э. дуруст таъкид менамояд, ки “ дар давоми даҳсолаи ахир, дар рафти пошхӯрии давлатҳои полиэтникӣ зуд-зуд мухолифатҳои байниэтникӣ ба миён меомаданд. Пешгирии онҳо вазифаи ба маротиб мушкиле гардид, зеро онҳо аксаран дар дохили давлат, на байни онҳо сурат мегиранд. Нигаҳдории таносуби зарурӣ байни эҳтироми худмухтории давлатҳо ва ҳуқуқи худдорӣ аз мудохила ба корҳои онҳо – новобаста аз он, ки ба ҷанги шаҳрвандӣ ё мухолифатҳои байниқабилавӣ дахл доштанд, хеле муҳим мебошад» [9,с.21]. Маҳз бинобар ин худмухтории давлатӣ чун мафҳуми бунёдии идеологияи ҳокимият беш аз пеш бо мафҳуми қонунмандӣ мутаносиб мешавад.

Бояд таъкид кард, ки фаъолияти давомдор ва босамари СММ ва ташкилоти назири он дар арсаи ҷаҳонӣ ҳудудҳои ҷаҳони глобалиро тағйир дод, ки дар он тимсоли фарҳанг ва идеологияи ҷаҳонишавӣ ташаккул ёфта истодааст [6,с.15]. Ин мафҳумҳо бинобар муҳим гардидани масоили маъмурияти глобалӣ ва истиқрори низоми нави ҷаҳонӣ ба арсаи аввал баромада, мазмун ва муҳтавои нав гирифта истодаанд. Воқеияти нав чунин аст, ки ҷаҳонро шабакаи глобалии терроризм печонидааст ва стратегияҳои ҳарбӣ офаридани силоҳи глобалиро тақозо доранд, ки истифодаи худро дар ҷанги насли шашум, ё ба истилоҳ- шабакавӣ интизор аст [6,с.15]. Аммо нигоҳи ҳушёрона ба масъалаи мазкур бебунёдии роҳҳалли силоҳнокро таъкид мекунад ва дар қаъри геополитика афкори рушди минбаъдаи ҷаҳони глобалӣ ҳамчун ваҳдат ва ягонагии геотамаддун - “фазои бузурги умумиро” ба миён овардааст.

Ҳамин тавр, дар асри XX ба таври куллӣ сиёсати ҷаҳонӣ тағйир пазируфта, акторҳои он ба ғайр аз давлатҳо- ташкилотҳои гуногуни фаромиллӣ ва байниҳукуматӣ, корпоратсияҳои фаромиллӣ, геотамаддунҳое гардиданд, ки масъулиятҳои худро дар ин фаъолият ба таври гуногун муайян менамоянд. Ҳамкориву муносибатҳои акторони сиёсӣ як қатор масоилеро ба миён меоваранд, ки ҳалли муштаракро дар асоси фалсафаи сиёсӣ,

назарияи геополитикӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ талаб менамояд. Ин ҳамкориҳо аз акторон масъулиятшиносиро дар мавриди амалҳои байналмилалӣ мехоҳанд, ки на ҳамеша созгори манфиатҳои миллии давлатҳо буда метавонанд. Масалан, ташкилотҳои фаромиллӣ метавонанд манфиатҳои ғайримиллӣ ва ё ҳатто харобиоварро дошта бошанд (ташкилоти террористии байналмилалӣ). Ба ғайр аз ин, фаъолияти акторони сершумори гуногун, ки хосси фаъолияти байналмилалии асри XX аст, вазъияти номуайянӣ, номушаххасии сурати сиёсии оламро ба бор оварда, сабабгори амал ва натиҷаҳои ғайричашмдору ногаҳонӣ мегарданд.


**АДАБИЁТ**

1. Барлыбаев Х.А. Глобализация: вопросы теории и практики / Х.А. Барлыбаев // Век глобализации. – 2008. – №2. – С.15-16.
2. Браунгарт Р. Д. Советская и американская молодежь: сравнительный взгляд. Предисловие В. Н. Шубкина / Р. Д. Браунгарт, М. М. Браунгарт // Полис. Политические исследования. – 1991. – № 4. – С. 158-169.
3. Вебер М. Избранные произведения / М. Вебер. – М.: Прогресс, 1990. – 808 с.
4. Гидденс Э. Социология. Учебник / Э. Гидденс. –М.: Эдиториал, 2005. –632 с.
5. Глобалистика. Энциклопедия. Гл.ред. И.И.Мазур, А.Н.Чумаков. –М.: Радуга, 2003. –С. 893-896.
6. Кефели И.Ф. Глобальная геополитика: реалии и теоретическое знание XX1 в. / И.Ф. Кефели // Век глобализации. – 2011. –№1. –С.11-19.
7. Парсонс Т. О структуре социального действия / Т. Парсонс. -2-е изд. -М.: Академический проект, 2002. – 246 с.
8. Чумаков А.Н. О предмете и границах глобалистики / А.Н. Чумаков // Век глобализации. – 2008. – №1. – С.5-19.
9. Рахмонова Р.Э. Ҳамкориҳои байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди дигаргуниҳои ҷаҳони муосир: дис. … ном. илм. Сиёсӣ / Р.Э. Рахмонова. –Душанбе, 2018. – 165 с.
10. Устав Организации Объединенных Наций [Электронный ресурс]. URL: http://www.un.org/ru/charter-united-nations/index.html (дата обращения: 25.12.2019 г.)
11. Springhall J.O. The boy scouts, class and militarism in relation to British youth movement // International Review of Social history. –Vol. XVI. – Part 2. – 1971. –p.158.



**ТАШАККУЛЁБИИ МУҲИТИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии ҷавонон ва муҳити ҷавонон таҳлилу баррасӣ гардида, дар ин замина хусусиятҳои муҳимми раванди ҷаҳонишавӣ нишон дода шудаанд. Муаллиф барои нишон додани таъсири ҷаҳонишавӣ ба муҳити ҷавонон хусусиятҳои муҳимми онро мавриди омӯзиш қарор додааст. Инчунин, дар мақола дигаргуниҳои ҷаҳони муосир, раванди тавсеаи ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ, ташкили созмонҳои минтақавию байналмилалиро ҳамчун пайомади ҷаҳонишавӣ нишон додааст. Муаллиф дар мақолаи худ раванди тағйирёбии талаботи объективии ҷавонон, қонеъ гардидани талаботҳои мазкур ва шаклгирии ҷаҳонбинии онҳоро низ матраҳ намудааст. Нишон дода шудааст, ки дар шароити муосир ва махсусан дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷавонон дар зери таъсири омилҳои гуногун қарор гирифта, ҷаҳонбинии онҳо дигаргун мешавад. Пеш аз ҳама, тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва дар заминаи он ба роҳ мондани сиёсати байналмилалии ҷавонон ҳамчун воситаи ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии онҳо ба шумор меравад.

**Калидвожаҳо:** муҳити ҷавонон, ҷаҳонишавӣ, ҷаҳонбинии ҷавонон, сиёсати ҷавонон, рушди маънавию ахлоқии ҷавонон, ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ.



**ФОРМИРОВАНИЕ МОЛОДЕЖНОЙ СРЕДЫ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ**

В данной статье рассматриваются и анализируются проблемы, связанные с формированием мировоззрения молодежи и молодежной среды, и на основе этого анализа показываются специфические особенности процесса глобализации. Также автор показывает влияние глобализации на молодежную среду и рассматривает особенности этого процесса. Кроме того, в статье описаны трансформация современного мира, процесс расширения регионального и международного сотрудничества и создания новых региональных и международных организаций как результат процесса глобализации. Также рассматриваются изменения объективных потребностей молодежи, удовлетворение этих потребностей и формирование мировоззрения молодежи. Показывается, что в современных условиях, особенно в условиях глобализации, под воздействием различных факторов сильно трансформируется мировоззрение молодежи. Прежде всего, международное сотрудничество и реализация международной молодежной политики считаются средствами формирования мировоззрения молодежи.

**Ключевые слова:** молодежная среда, глобализация, мировоззрение молодежи, молодежная политика, духовно-моральное развитие молодежи, региональное и международное сотрудничество.



**FORMATION OF YOUTH ENVIRONMENT IN THE CONDITIONS OF GLOBALIZATION**

This article discusses and analyzes the problems associated with the formation of the worldview of youth and the youth environment, and on the basis of this analysis specific features of the globalization process are shown. The author also shows the impact of globalization on the youth environment and considers the features of this process. In addition, the article shows the transformation of the modern world, the process of expanding regional and international cooperation and the creation of new regional and international organizations as the results of the globalization process. Also considered are the changes in the objective needs of youth, the satisfaction of these needs and the formation of the worldview of youth. It is shown that in modern conditions, especially in the context of globalization, under the influence of various factors, the

world outlook of young people is being significantly transformed. First of all, international cooperation and the implementation of international youth policy are considered means of shaping the worldview of youth.

**Keywords:** youth environment, globalization, worldview of youth, youth policy, spiritual and moral development of youth, regional and international cooperation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33

**Сведения об авторе:** ***Ахмадзода Дилноза Давронали*** – Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, соискатель отдела политических проблем международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33

**Information about the author:** ***Ahmadzoda Dilnoza Davronali*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.Bakhovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, applicant for the department of political problems of international relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33

**УДК: 322**

# ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ТАҲДИДИ СИЁСИКУНОНИИ ДИН БА ОРОМИИ ҶОМЕА

***Расулов С.Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таърихи инкишофи инсоният дин ҳамчун талаботи маънавии инсон ҳамсафари доимии ӯ буда, дар рушди арзишҳои инсонӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ таъсири бевосита дошт ва дорад. Махсусан, нақши дин дар ташаккулёбии ҳиссиёти ахлоқии одамон хеле барҷаста аст ва ин аст, ки аксари мутафаккирон ахлоқро пояи дин медонанд. Бархе аз мутафаккирони Ғарбу Шарқ ахлоқро дар баробари сиёсат ҳамчун пояи давлатдорӣ низ муаррифӣ намудаанд. Маҳз ин алоқамандии меҳварӣ боиси он гардидааст, ки дар ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ борҳо кӯшиши «диникунонии сиёсат» ва «сиёсикунонии дин» ба мушоҳида мерасад. «Диникунонии сиёсат ва сиёсикунонии дин тамоюлест, ки тамоми динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла буддоия, насрония ва исломро дар худ фаро гирифтааст. Агар динигардонии сиёсат ва сиёсигардонии дин дар дини буддоия ва насрония тадриҷан баъдан ба вуҷуд омада бошад, вале ин ҳолат дар дини мубини ислом аз оғози зуҳурот ба назар мерасид» [7,с.37-38].

Мавриди қайд аст, ки то ҳол дар байни олимон ва сиёсатмадорон баҳс доир ба он идома дорад, ки оё ислом ва сиёсатро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин аст ё ислом ҳамеша дини сиёсӣ буд ва мемонад. Раҳёфти содагардонидашуда бо он маҳдуд мешавад, ки ислом ва сиёсат аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Ба ин андеша ҳам бунёдгароёни исломӣ ва ҳам исломҳаросони ғарбӣ розӣ мебошанд. Аммо таҳлили нисбатан амиқи масъала ошкор месозад, ки “аз догматизми динӣ дида, прагматизм дар ҷамоаи исломӣ ҳамеша аҳамияти зиёдтар дошт, шариат танҳо як қисми муносибатҳои иҷтимоиро танзим мекунад ва дин ва давлат аз якдигар баръало фарқ мекунанд” [1,с.128-129]. Маҳз бо дарки ин нуқта Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсияи кишвар давлати дунявӣ эълон гардидааст, ки маънои ҷудо будани давлат аз динро дорад. Мутаассифона, ҳарчанд тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии виҷдон ҳамчун арзиш эътироф шуда бошад ҳам, кӯшиши сиёсикунонии дин аз тарафи гурӯҳҳои алоҳидаи иртиҷоӣ мушоҳида мешавад.

Дар луғати сотсиологӣ мафҳуми сиёсикунонӣ чунин шарҳ дода шудааст: сиёсикунонӣ - қувватгирии сиёсат дар ҳаёти ҷомеа, фарогирии васеи мардум ба фаъолияти сиёсӣ, инкишофи фаъолнокии сиёсии онҳо, қувватгирии рӯовариҳои сиёсии ҳаракатҳои иҷтимоӣ. Ба андешаи М.В. Данилов, сиёсикунонӣ «раванди азхудкунии мақоми сиёсӣ аз тарафи проблемаҳо ва зуҳуротҳо мебошад, ки моҳиятан сиёсӣ нестанд: он маънои гузариши проблемаро аз ин ё он соҳаи иҷтимоӣ ба соҳаи сиёсӣ дар назар дорад» [5,с.92-94].

Муҳаққиқон се сабаби асосии сиёсишавиро ҷудо мекунанд:

1. Набудани имконияти ҳалли проблемаҳои нав бо усули анъанавӣ (ғайрисиёсӣ).
2. Аҳамиятнокии баланди иҷтимоии проблема.

3. Сиёсикунонии «сунъӣ» бо мақсади бадастоварии манфиат аз тарафи субъектҳои сиёсат.

Масъалаи сиёсикунонии дин дар раҳёфтҳои гуногуни илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз нуқтаи назари намояндагони раҳёфти сохторӣ-функсионалӣ (Т.Парсонс, Р. Мертон) дин ва сиёсат ҳамчун «унсури сохтории ҷомеа баррасӣ мешаванд» [3,с.74]. Ин раҳёфт имконият медиҳад, ки унсурҳои сохтории дин шарҳ дода шаванд, тағйироти сифатии минбаъдаи онҳо дар алоқамандӣ бо равандҳои воқеии сиёсии дар ҷомеа мавҷудбуда, инчунин вазифаи онҳо муайян карда шавад.

Тарафдорони материализми диалектикӣ (К. Маркс, Ф. Энгелс) воқеияти иҷтимоиро бо назардошти гуногунтобишии он тадқиқ карда, пешниҳод мекунанд, ки «дин ва сиёсат бояд ҳамчун ду зуҳуроти ҳамдигарро пуркунанда ва ҳамзамон ҳамдигарро инкоркунанда дида баромада шаванд» [3,с.90].

Раҳёфти геополитикӣ бештар ба функсияи мобилизатсионии дин таваҷҷуҳ кардааст, ки ба расидан ба ҳадафҳои сиёсии минтақавӣ ва байналмилалӣ равона карда шудааст [8,с.227].

Дар байни ҳамаи ин раҳёфтҳои илмӣ назарияи бархӯрди тамаддунҳо (С. Хантингтон) ва назарияи модернизатсия мавқеи махсус доранд.

Ба андешаи сиёсатшиноси амрикоӣ С. Хантингтон, аз мансубияти этникӣ дида, мансубияти динӣ одамонро бештар тафриқа мекунад. Ӯ дар китобаш «Бархӯрди тамаддунҳо» чунин менависад: «Одам метавонад нимфаронсавӣ ё нимараб бошад… Аммо нимнасронӣ ё ниммусулмон будан хеле душвор аст» [12,с.36]. Бешубҳа, ин андешаи мутафаккир дуруст аст, зеро аз таъсири психологии мансубияти этникӣ ва миллӣ дида таъсири психологии мансубияти динӣ бештар аст. Ин аст, ки дар ҷаҳони муосир бештар низоъу ҷангҳо маҳз дар заминаи мансубияти динӣ ё мазҳабӣ сар мезананд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо вазъияти имрӯза дар Шарқи Наздик аст.

Аз тарафи дигар, қабул кардани арзишҳои динӣ хусусияти махсуси психологӣ дорад, зеро шинохти арзишҳои динӣ дар заминаи эътиқод сурат мегирад, маърифати дигар арзишҳо бошад, дар асоси талаботи маънавӣ ё эҳтиёҷот. Пайравие, ки дар заминаи эътиқод сурат мегирад, ниёзи махсус ба иштироки ақл ва шуур дар раванди маърифати ин арзишҳоро талаб накарда, метавонад хусусияти зершуурӣ дошта бошад ва дар асоси тақлид, талқин ё пайравӣ сурат гирад, зеро барои эътиқод на дониш дар бораи чизе, балки муносибати эмотсионалӣ ба он хос аст. Дар ин радиф механизми сирояткунии психикӣ низ нақши пешбарандаро бозӣ мекунад, зеро ба инсон, ки мавҷудоти иҷтимоӣ аст, муносибати атрофиён ба арзишҳо сироят мекунад ва ӯ огоҳу ноогоҳ ин арзишҳоро қабул мекунад. Ин ҳолатро И. Кант чунин тавсиф додааст: «Ба ман зарур омад, ки донишҳоро маҳдуд кунам, то барои эътиқод ҷой холӣ шавад…».

Дар охири асри XX назарияи модернизатсия хел машҳур гашт. Дар шароити ҷаҳонишавӣ модернизатсия на танҳо давлатҳои аврупоӣ, балки дигар давлатҳоро низ фаро гирифт. Агар, яз як тараф, модернизатсия таъсири динро ба равандҳои сиёсӣ коҳиш диҳад, ки ин боиси секуляризатсияи ҳаёти ҷомеа мегардад, аз тарафи дигар, таъсири модернизатсия ба баландшавии дараҷаи диният дар ҷаҳон мебарад. Ин боиси он мегардад, ки як навъ бархӯрди манфиатҳо бо тамаддуни аврупоӣ ба вуҷуд ояд. Дар натиҷа ташкилотҳои гуногуне пайдо мешаванд, ки дар идеологияи худ бархӯрди тезутундро бо тамаддуни аврупоӣ инъикос менамоянд. Бешубҳа, ин раванд мавқеи дини анъанавиро танг карда, доираи фаъолияти псевдодин, яъне дини сиёсишударо васеъ мегардонад. Батадриҷ афзоиш ёфтани ташкилоту ҳаракатҳои динии характери тундгароидошта дар минтақаи давлатҳои исломӣ, бешубҳа, исботи дуруст будани мавқеъгирии намояндагони ин назария аст.

Ҳамин тариқ, масъалаи муносибати дин ва сиёсат, сиёсикунонии дин ва таъсири ҷаҳонбинии динӣ ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар раҳёфту назарияҳои гуногуни илмӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Намояндагони ҳар як назарияи илмӣ дар таълимоти худ ягон меъёри муайянро ҳамчун асос қарор дода, ин масъаларо аз мавқеи худ шарҳ додаанд. Аммо дар мавқеъгирии ҳамаи назарияҳо як нуқтаи буриш вуҷуд дорад: сиёсикунонии дин мавқеи дини анъанавиро танг карда, боиси рӯйи кор омадани ташкилотҳои диние мегардад, ки хусусияти канорагирӣ дошта, фаъолияти онҳо бевосита ба оромии ҷомеа таҳдид дорад.

Дар байни ҳамаи динҳои ҷаҳон ислом дини сулҳпарвартару иҷтимоитар аст, зеро дар он тафриқаандозӣ ба динию дунявӣ дида намешавад ва умуман тафриқаандозӣ, ки сабаби бисёре аз ҷангу ҷидолҳо мебошад, маҳкум карда мешавад. Қонунҳои шариат тамоми муносибаҳои иҷтимоиро танзим мекунанд ва ҳаёти инсон аз рӯзи таваллуд то марг регламент кунонида мешавад. Шояд маҳз ҳамин хусусияташ бошад, ки истифодабарии эътиқоди динии пайравони ислом барои расидан ба мақсаду манфиатҳои худ аз ҷониби гурӯҳҳои гуногун фаъолона истифода мешавад.

Дар тӯли таърихи мавҷудияти дини ислом борҳо кӯшиши сиёсикунонии ислом анҷом дода шудааст. Таърих гувоҳ аст, ки маҳз ҳамин падида, яъне ба сиёсикунонӣ бештар гаравиш доштани пайравони ислом зери таъсири идеологияҳои таҳмилӣ чанд маротиба миллати тоҷик ва давлатдории миллиро дар пешорӯи нобудшавӣ қарор дод. Мисоли равшани ин гуфтаҳо ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри XX мебошанд, ки давлати навтаъсиси Тоҷикистонро пешорӯи нобудшавӣ қарор доданд.

Сиёсикунонии дин дар ислом решаи қадима дошта бошад ҳам, муҳаққиқон пайдошавии исломи сиёсиро ҳамчун асоси идеологии ташкилотҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба соли 1928 мутааллиқ медонанд ва дар Иттиҳоди Шуравӣ шаклгирии ташкилотҳои сиёсии исломӣ ба солҳои 50-60-уми асри XX рост меояд. Дар замони бозсозии горбачевӣ фаъолияти чунин ташкилотҳо боз авҷ гирифта, густурдатар шуд. Ин давраро барои ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, махсусан ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва Қафқоз давраи эҳёи ислом номидаанд, аммо дар асл ин давра давраи эҳёи исломи сиёсӣ аст, зеро исломи мардумӣ дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам арзи ҳастӣ дошт ва мардуми мусулмон аз дини худ пайравӣ мекарданд. Гувоҳи эҳёи исломи сиёсӣ будани ин давра дар он аст, ки ҳанӯз дар солҳои охири побарҷо будани Иттиҳоди Шӯравӣ ташкилотҳои динӣ ба таври пинҳонӣ ташкил карда шуда, фаъолият менамуданд.

Ба андешаи муҳаққиқ Долгов Б.В., ба эҳё ва авҷгирии ҳаракатҳои исломгароӣ дар охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90-уми асри XX ду омил мусоидат намуд. Якум, инқилоби исломӣ дар Эрон (соли 1979), ки боиси паҳншавии идеологияи исломгароӣ дар ҷаҳони ислом гардид ва дуюм, ҷанги шаҳрвандӣ дар Афғонистон (солҳои 1979-1992), ки ҳазорон мусулмоноро аз ҷаҳони ислом ба сафи муҳоҷидон пайваст. Дар натиҷа зархаридони ҷанги Афғонистон ядрои аксар гурӯҳҳои исломии экстремистиро дар тамоми ҷаҳон ташкил доданд [6].

Дар ибтидои солҳои 90-ум дар Осиёи Марказӣ 20 ташкилоти исломӣ ба қайд гирифта шуда буд. Ҳафтои он (35%) дар Ӯзбекистон, шашто (30%) дар Қазоқистон, чорто (20%) дар Қирғизистон, ду то (10%) дар Тоҷикистон ва 5% дар Туркманистон [13]. Аммо дар давраи пасошӯравӣ фаъолияти ташкилотҳои динӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон авҷ гирифта, сиёсикунонии дин зери таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна шиддат гирифт. Ташкилотҳои гуногуни динӣ ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ ба фаъолият оғоз карда, барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ аз эътиқоди динии мардум истифода мебурдагӣ шуданд.

Омилҳои дохилии фаъолгардии сиёсикунонии динро дар Тоҷикистони муосир чунин арзёбӣ кардан мумкин аст:

1. Барҳам хӯрдани идеологияи коммунистӣ, ки холигиро дар фазои идеологии ҷомеа ба вуҷуд овард ва системаи мувофиқи амният, ки барои ба таври ғайрирасмӣ ба фаъолият шурӯъ намудани ташкилотҳои динӣ мусоидат намуд.
2. Рушди худшиносии миллӣ, арзишҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, ки бо дин алоқамандӣ доранд. Дар ин давра барои эъмори давлатдории миллӣ рӯоварӣ ба хотираи таърихӣ ва арзишҳои фарҳангии миллӣ сурат гирифт, ки дар тӯли таърихи зиёда аз 1400-солаи мавҷудияти дини ислом ба арзишҳои динӣ хеле омезиш ёфтаанд.
3. Бuҳрони иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи гузариш аз як системаи иқтисодӣ ба дигараш ба вуҷуд омад. Ба вуҷуд омадани буҳрони иқтисодӣ дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз қабили иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғайра низ душвориҳоро рӯйи кор овард.
4. Бо истифода аз нобасомониҳои сиёсӣ дар солҳои 90-уми асри XX ба майдони сиёсат ворид шудани ҳаракатҳои иртиҷоии диннӣ, аз қабили ташкилоти терористии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ки як қатор ҳаракатҳои демократиро, ба монанди ҳаракати «Растохез», «Лаъли Бадахшон» ва монанди инро тобеи идеологияи худ намуд.

Дар ин ҷо саволи дигаре ба вуҷуд меояд, ки зери таъсири кадом омил гаравиши мардум, махсусан ҷавонон ба ташкилотҳои ғайрианъанавии динӣ сурат мегирад? Мавриди

қайд аст, ки дар ҷавонон ҳоло системаи арзишҳо пурра шакл нагирифтааст ва ё дар марҳилаи бозсозӣ қарор дорад. Маҳз системаи арзишҳои ташаккулнаёфта ва ё дар ҳолати бозсозӣ қарордошта барои ҷалб кардани одамон ба ташкилотҳои ғайрианъанавии динӣ заминаи мусоиди психологӣ аст, зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки механизми асосии ҷалб кардани одамон ба чунин ташкилотҳо вайронкунии шакли шуур аст, ки ба тағйир додани системаи тамоюлҳои арзишӣ равона карда шудааст.

Ин ташкилотҳои динӣ, ки асосан хусусияти экстремистӣ доранд, барои зиёд кардани шумораи пайравони худ ва таъсир ба одамони эътиқодманд аз усулҳои психологии таъсиррасонӣ, ба монанди сирояткунии психикӣ, талқин, тақлид ва пайравӣ истифода мебаранд.

Хусусияти дигари синни ҷавонӣ ин аст, ки ин давра давраи дигаргуншавӣ ё худ ислоҳоти ҷаҳонбинӣ аст. Ҷавонон мехоҳанд ҷаҳонбинии худро ҳамаҷиҳата инкишоф диҳанд, аз ҷумла дар доираи эътиқоди динӣ низ. Аз ин лиҳоз, ба баъзе саволҳо аз нигоҳи дин ҷавоб меҷӯянд. Вале, мутаассифона, «фаъолияти имрӯзаи намояндагони дин дар кишвар на дар доираи масҷид ва на дар доираи чорабиниҳои маърифатӣ ин талаботи ҷавононро қонеъ карда наметавонад. Аз тарафи дигар, то ҳанӯз мафкураи рӯҳониёни мардумӣ (муллоҳо) аз хурофоту таассуб ба қадри зарурӣ поксозӣ карда нашудааст, ки баҳогузории ҷавононро ба ин намояндагони дин ба тарафи манфӣ тағйир медиҳад. Ин ҳолатро тарроҳони ташкилотҳои ғайрианъанавии динӣ хеле хуб дарк карда, моҳирона истифода мебаранд» [9,с.205].

Мавриди қайд аст, ки дар сиёсикунонии дин дар давлатҳои пасошӯравӣ нақши омилҳои буруна низ хеле муассир аст. Маълум аст, ки паҳн кардани диникунонии режими давлатдорӣ яке аз самтҳои сиёсати хориҷии бархе аз давлатҳои исломиро ташкил медиҳад. Маҳз дар солҳои 90-уми асри XX ин давлатҳо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро, ки дар онҳо холигии идеологӣ ба вуҷуд омада буд, ҳамчун минтақаи осебпазир ҷиҳати амалӣ намудани ин бахши сиёсати хориҷии худ ҳадаф қарор доданд. Омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки дар ин давра дар байни бархе аз давлатҳои исломӣ барои маблағгузорӣ кардани диникунонии режими давлатдорӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ як навъ рақобат ҳам ба вуҷуд омада буд. Аз тарафи дигар, бо назардошти хусусиятҳои шаклгирии муносибатҳои иҷтимоӣ ва муколамаи динию дунявӣ дар ин минтақа равандҳои ҷаҳонишавӣ ва модернизатсия низ ба сиёсикунонии дин бетаъсир намонданд.

Аз тарафи дигар, ҷанги шаҳрвандӣ таъсири психологии динро ба рафтори сиёсии одамон афзоиш дод. «Дар он ҷое, ки амалиётҳои ҷангӣ вуҷуд доштанд, дар аксари аҳолӣ солҳои зиёд тағйирёбиҳо дар мақсадгузориҳои арзишӣ, дар дарки воқеияти атроф боқӣ хоҳанд монд. Ба онҳо изтиробнокии баланд ва нобоварӣ ба он ки ҷомеа ва давлат онҳоро аз зӯроварӣ ва хушунат ҳифз хоҳад кард, хос мебошад. Дар чунин шароит таъсири диндорӣ ба соҳаи арзишии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва синнусолии аҳолӣ метавонад характери қавиро касб кунад, зеро дар ин ҳолат фаъолони динӣ динро ҳамчун ҳомии тану ҷони инсон ва таъминкунандаи оромию осудагӣ муаррифӣ мекунанд. Мутаассифона, натиҷаи чунин таъсиррасонӣ на ҳама вақт мусбӣ аст. Баъзе одамон меъёрҳои диниро муболиға карда, арзишҳои давлатӣ, шаҳрвандӣ ва иҷтимоиро рад мекунанд ва ҳатто дин ва давлатро муқобили ҳам мегузоранд. Ин метавонад боиси рӯйи кор омадани як қатор мушкилоти шахсӣ ва иҷтимоӣ, аз қабили фанатизм, экстремизм, миститсизм гардад…» [4,с.19].

Мавриди қайд аст, ки ислом идеология таҳаммулпазирӣ аст ва дар он сулҳу осоиш ба қатори арзишҳои умумиинсонӣ дохил мешаванд. Аммо чун идеологияи исломӣ ва умуман идеологияи дилхоҳ дин барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ истифода шуд, он хусусияти тундгароиро касб мекунад. «Ин ё он дин, аз ҷумла, ислом дар он вақт хусусияти тундгароӣ, ифротгароӣ, террористӣ ва гароиҳои дигарро ба худ мегирад, ки ин ё он қувваҳои сиёсию иҷтимоӣ барои баровардани ғаразҳои гурӯҳӣ, ҳизбӣ ва ҳадафҳои ибнулвақтии худ онро ба воситаи ба даст даровардани қудрати сиёсӣ табдил медиҳанд» [2,с.281].

Аз ин мавқеъ метавон ба хулосае омад, ки ҳама гуна фаъолияти исломи сиёсӣ хусусияти тундгароӣ дорад. Муҳаққиқони соҳа дар тундгароии исломӣ се ҷараёнро ҷудо мекунанд:

1. Исломгароёни мутамаддин. Ин гурӯҳ дар фаъолияти худ барои ба даст овардани ҳокимият таҳаммулпазир буда, он лаҳзаеро интизор мешаванд, ки халқ барои

пазируфтани давлати исломӣ омода шавад ё вазъияти инқилобӣ ба вуҷуд ояд. Муҳаққиқи машҳур А. Малашенко Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро, ки тибқи шартҳои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон фаъолияти он ҳамчун ҳизби сиёсии динӣ расман иҷозат дода шуда буд, ба ин гурӯҳ дохил намуда буд. Албатта, ҳадафи ин ҳизб ҳам ҳамчун ҳизби сиёсӣ ба даст овардани ҳокимият буд. Аммо шеваи кори он то ҷое фарқ дорад ва аз усулҳои гуногуни психологии таъсиррасонӣ истифода мебарад.

Дар фарқият аз дигар ҳизбҳо лидерони ин ҳизб барои ба даст овардани ҳокимият гӯё таҳаммули бештар доштанд, зеро вазифаи аввалиндараҷаи онҳо омода кардани мардум ба пазируфтани давлати исломӣ буд. Онҳо дар равандҳои демократӣ иштирок карда, нишон додани мешуданд, ки ба арзишҳои демократӣ ва озодии виҷдон эҳтиром доранд.

Ин танҳо як усули хуби ба вуҷуд овардани иллюзия дар мардум аст, зеро бо дарёфти фурсати муносиб бо роҳҳои ба онҳо хос, яъне истифодаи силоҳу зӯроварӣ кӯшиши ба даст овардани ҳокимиятро карданд. Ҳодисаҳои аввали моҳи сентябри соли 2015 дар ҷумҳурӣ бавуқӯъомада, ки саркардаҳои ин ҳизб дар он бевосита даст доштанд, исботи равшани ин гуфтаҳост.

2. Ҷараёни дуюмро гурӯҳе ташкил медиҳад, ки бо иштирок дар фаъолияти парлумон ва фаъолият тавассути ВАО қаноат накарда, гирдиҳамоию роҳпаймоиҳо ташкил намуда, баъзан ба бетартибиҳо дар кӯча даст мезананд. Фаъолияти ин гурӯҳ аз рӯйи характераш зудсирояткунанда буда, пешгирии фавриро тақозо мекунад. Яке аз хусусиятҳои психологии фаъолияти ин гурӯҳ дар он аст, ки аксар пайвастшудагон ба он дар давраҳои ба вуҷуд овардани бесарусомониҳо аз идеологияи ин гурӯҳ бехабар буда, бо ҳисси авбошӣ ба чунин ҳаракатҳо пайваст мешаванд ва фаъолияти онҳо бетартибии бавуҷудомадаро вусъат бахшида, хисороти зиёде барҷо мегузорад.

3. Нафарони тундраве мебошанд, ки барои расидан ба ҳадаф аз зӯроварӣ ва силоҳ истифода менамоянд. Барои ҷалб кардани тарафдорони ин гурӯҳ фаъолияти худро «ҷиҳод» ва аъзоёнашро «муҷоҳид» муаррифӣ карда, ҳамчун воситаи асосии расидан ба мақсад ҷангу зӯровариро интихоб менамоянд, яъне ҷиҳодро ҳамчун роҳи ягонаи сохтани давлати исломӣ қабул кардаанд. Фаъолияти гурӯҳҳои террористии ба ном Давлати исломӣ, «Ал-Қоида», «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Толибон» ва монанди ин намунаи равшани ин ҷараён мебошанд.

Мутаассифона, новобаста аз кӯшишҳои зиёди ҳукумат ва дунявӣ будани сохтори давлатдорӣ дар Тоҷикистон ҳаракату равияҳои нав ба нави динӣ ба фазои сиёсии кишвар сар халонида, аҳолӣ ва махсусан ҷавононро ба тарафдории идеологияи худ ҷалб мекарданд ва карда истодаанд. Баъзе аз ташкилотҳои иртиҷоӣ ҳатто баъд аз барқарор кардани сулҳ дар Тоҷикистон ҳам кӯшиш намуданд, ки гӯё бо далелҳои тавассути тадқиқоти илмӣ исботшуда зарурати динӣ (исломӣ) будани режими давлатдориро дар Тоҷикистон исбот намоянд.

Яке аз далелҳои пешниҳоднамудаи таҳмилгарони идеологӣ ин буд, ки дар Тоҷикистон зиёда аз 90%-и аҳолӣ мусулмонанд ва бо ин далел Тоҷикистон бояд давлати исломӣ бошад. Аммо, нафаре аз мубаллиғони ин андеша намегуфт, ки аксари аҳолии Тоҷикистон тарафдори кадом исломанд: исломи сиёсӣ, ки ҳадафаш ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ асту бо номҳои «фундаментализми исломӣ» ва «исломи радикалӣ» низ ишора мешавад ва ё исломи мардумӣ, ки асоси онро таҳаммулпазирӣ ташкил медиҳад.

Ин таҳмилгарони идеологӣ, ки тарроҳони методологиашон хориҷиён буданду истифодабарандагони ин методология як гурӯҳ рӯҳониён ва зиёиёни таассубӣ, аз усулҳои психологии таъсиррасонӣ ба шуури омма моҳирона истифода мебурданд.

Чун дар давраи Шӯравӣ омӯзиши дин манъ шуда буд, мардум саводи кофии динӣ надоштанд ва дастрасии кофӣ ба адабиёти динӣ низ вуҷуд надошт, зеро аксар адабиёт бо забони арабӣ буд. Аз ин лиҳоз, дар доираи нозукиҳои шариат мардум танҳо ба он донишҳое такя мекарданд, ки аз уламои динӣ шунида буданд. Мардум мафкураи эътиқодии худро бо ин донишҳо пур мекарданд, ки, мутаассифона, аксаран сатҳию руякӣ буданду бо тобиши субъективӣ таблиғ мегаштанд. Дар ин давра осебпазиртарин тори идеологии мардуми Тоҷикистон эътиқоду маърифати динию мазҳабии онҳо буд, зеро «агар эътиқоди динӣ қавӣ бошаду маърифати динӣ заиф, ин ҳам ба худи шахс ва ҳам ба давлату ҷомеа хатарнок мебошад». Ин ҳолате буд, ки бозингарони аҷнабӣ онро бо хости худ истифода бурданд.

Аз тарафи дигар, мақсади асосии канорагирони динӣ – на «поксозии дин», балки ноором кардани вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ бо мақсади амалинамоии ҳадафҳои сиёсии худ мебошад. Ин афрод дар фаъолияти хеш суханони олими итолиёвӣ Н. Макиавеллиро сармашқи кор қарор медиҳанд, ки гуфта буд: «Сиёсатмадор барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ бояд аз тамоми воситаҳо истифода барад». Барои онҳо дин на талаботи маънавии инсоният, балки танҳо як воситаест барои расидан ба ҳадафи сиёсӣ. Онҳо барои дастрасӣ доштан ба ҳадафҳои худ омадаанд арзишҳои аслии диниро, ки аксаран арзишҳои ахлоқии умуминсонӣ маҳсуб меёбанд, олуда созанд ва дар мафкураи мардум каҷфаҳмиҳоро дар фаҳмиши моҳияти аслии арзишҳои динӣ ба вуҷуд оваранд, махсусан дар нафроне, ки маърифати динашон кофӣ нест ё моломоли таассуб аст. Бешубҳа, чунин каҷфаҳмӣ монанди дигар каҷфаҳмиҳо оқибат ба бархӯрди мавқеъ андешаҳо мебарад, ки нуқтаи ниҳоияшон низоъ аст ва як навъ халалдорсозии оромии ҷомеа.

Тарафдорони исломи сиёсӣ пешниҳод менамоянд, ки гӯё сохти давлатдории динӣ ба арзишҳои демократӣ мухолифат намекунад ва омили таҳкими арзишҳои миллӣ мегардад. Масалан, саркардагони гурӯҳи террористии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ки феълан идеяи Паймони миллии Тоҷикистонро пешниҳод менамоянд, дар идеологияи пешниҳоднамудаашон худро ҳомии манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ нишон додани мешаванд. Мавриди қайд аст, ки ин идея бемантиқ ва сафсата аст, зеро «субъекти исломи глобалии қадимтар исломи сиёсӣ аст, ки ба ақидаи ҷамоаи исломӣ такя мекунад. Тибқи ин ақида, бояд мухофилат дар байни арзишҳои давлатӣ, этникӣ ё нажодӣ ва шакли мавҷудияти давлат, ки хилофат аст, вуҷуд надошта бошад. Далели муҳимми тақвиятдиҳандаи ин нуқтаи назар далели шикастани сарҳади ислом аст – кӯчонидани мусулмонҳо ба Ғарб ва дар онҳо аз байн бурдани ҳувияти миллӣ, инчунин ташаккул додани ҳисси мутааллиқ набудан ба шаҳрвандии ягон давлат» [11, с.70]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки мақсади аввалиндараҷаи исломи сиёсӣ ташкил кардани хилофат аст, ки дар он яке аз нишонаҳои муҳимми давлат, яъне сарҳади давлатӣ аз байн бурда мешавад. Гузашта аз ин, исломи сиёсӣ коҳиш додан ва ҳатто аз байн бурдани муҳимтарин омили таҳкими худшиносии миллӣ ва пояи давлатдорӣ – ҳувияти миллиро яке аз ҳадафҳои худ қарор медиҳад. Ин далел кифоя аст, ки то кадом андоза хатарнок будани исломи сиёсиро барои оромии ҷомеа, махсусан барои пойдории сулҳу субот ва якпорчагии Тоҷикистони азиз дарк намоем.

Умуман, ислом ин на танҳо дин, балки образи ҳаёт аст, ки ошкоро ё пинҳон дар худ фаъолии сиёсиро таҷассум мекунад. Ин аст силоҳи асосии аҷнабиёне, ки кишвари азизи моро ором ва мардуми онро осуда дидан намехоҳанд ва дини моро ба муқобили мо истифода мебаранд.

Таҳдидҳои дар боло овардашуда ба таҳдидҳои дохилии ба оромии ҷомеа ва манфиатҳои миллӣ таъсиррасон дохил мешаванд. Дар баробари ин сиёсикунонии дин таҳдидҳои берунаро низ ба оромии ҷомеа ва давлат ба бор меоварад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари ташкилотҳои динии фаъолияти сиёсидошта, махсусан ташкилотҳои ба таври ғайрирасмӣ фаъолияткунанда аввал дар хориҷи кишвар ташкил карда мешаванд ва тадриҷан фаъолияти худро дар дохили кишвар роҳандозӣ менамоянд. Дар баъзе ҳолатҳо чунин ташкилотҳо ҳатто аз тарафи мамлакатҳои абарқудрат махсус ташкил карда мешаванд. Мусаллам аст, ки барои фаъолияти онҳо маблағ зарур аст ва ин маблағ аз тарафи кишварҳои хориҷа ба онҳо дода мешавад. Ин кишварҳо бо воситаи дар ҳолати вобастагии молиявӣ қарор додани чунин ташкилотҳо тавассути онҳо манфиатҳои худро дар кишвари дигар амалӣ кардани мешаванд, ки ин таҳдиди бевосита ба оромии ҷомеа, амният ва манфиатҳои миллии давлат мебошад.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки «омили динӣ дар системаи сиёсии муосир сарчашмаи намудҳои алоҳидаи таҳдид ба амнияти давлати алоҳида ва умуман системаи муносибатҳои байналхалқӣ аст. Агар қаблан ташкилотҳои динӣ дар фаъолияташон танҳо ҳадафҳои худро пайгирӣ менамуданд, дар замони муосир тамоюли интерсификатсия дар фаъолияти онҳо мушоҳида мешавад» [10].

Бешубҳа, ислом ҳамчун дин ба ҷомеа ва ҷаҳон ягон таҳдид надорад. Таҳдид он вақте ба вуҷуд меояд, ки арзишҳои сирф динӣ коста мегарданд ва ислом ба сифати идеологияи сиёсӣ барои ба даст овардани ҳокимият дар кишварҳои алоҳида мавриди истифода қарор дода мешавад. Чун Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ

аз таҳдиди хатари сиёсикунонии дин дар канор нест, барои коҳиш додани хатари ташкилотҳои ғайрианъанавии динӣ ба оромии ҷомеа пешниҳод менамоем:

1. Мусоидат намудан ба шинохти дурусти арзишҳои умумиинсонӣ, давлатӣ, миллӣ ва махсусан динӣ. Бо дарназардошти хусусиятҳои шаклгирии ҷаҳонбинӣ ҳамчун унсури сохти психологии шахс зарур аст, ки чорабиниҳои маърифатӣ дар самти шинохти ин арзишҳо ҳанӯз аз мактаби миёна расман ба роҳ монда шаванд. Дар ин радиф бояд шинохти динро дар доираи ҷаҳонбинии фалсафӣ (илмӣ) ба роҳ монд.

2. Вусъат бахшидан ба тадқиқи илмии масъалаи мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои этнопсихологӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистонӣ. Дар ин радиф зарур аст, ки бо ҷалби олимони соҳаи фалсафа, диншиносӣ, психология, сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ исломи сиёсӣ, махсусан моҳият ва хусусиятҳои гурӯҳу ташкилотҳои экстремистӣ (фаъолияташон ба экстремизми динӣ алоқамандбуда) мавриди тадқиқи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ҷиддии илмӣ қарор дода шавад. Бо дарки ин масъала Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронииашон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар санаи 18.03.2020 қайд намуданд: «Аз ин рӯ, олимони сиёсатшинос, файласуфҳо ва умуман, ҷомеашиносонро зарур аст, ки сабабу омилҳои зуҳури ақидаҳои хурофотӣ, шиддат гирифтани ифратгароии динӣ ва оқибатҳои онҳоро таҳқиқ карда, роҳҳои аз байн бурдани хурофот ва сабабу омилҳои дохиливу хориҷии сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро дар кишвар ҳамаҷониба мавриди арзёбӣ қарор диҳанд». Воқеан, ҳарчанд имрӯзҳо оқибатҳои иқтисодию, сиёсӣ ва фарҳангию иҷтимоии ҷанги шаҳрвандӣ бартараф шуда бошанд ҳам, таъсири психологии он то ҳанӯз побарҷост.

3. Ба роҳ мондани барномаҳои маърифатӣ тавассути ВАО ва технологияҳои иттилоотию иртиботӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати динии аҳолӣ. Дар ин доира, ба мардум пешниҳод намудани арзишҳои инсонгароӣ ва таҳаммулпазирии дини ислом, на бартарияти ислом аз дигар динҳо ва муқобилгузории арзишҳои динӣ ба дигар арзишҳо.

4. Истифодаи зарфияти рӯҳониёне, ки дар ҷомеа маъруфият доранд, барои баланд бардоштаи маърифати динии аҳолӣ ва поксозии арзишҳои ноби динӣ дар партави арзишҳои умумиинсонӣ.

**АДАБИЁТ**


1. Haynes J. Religion in Global Politics. – London and New York: Longman, 1998. – P. 128–129
2. Абдунабӣ Сатторзода. Мушкилоти ҳамгироии созмонҳои исломӣ дар фазои сиёсии аврупоосиёӣ //Дар бораи мувофиқати исломи сиёсӣ ва амният дар қаламрави САҲА. Санадҳои муколамаи дунявӣ ва исломӣ дар Тоҷикистон. -Душанбе, 2004.
3. Гараджа В.И. Социологияи релии. -М.: Наука, 1995
4. Гримсолтанова Р.Э. Психологияи воздействия религиозных учений и тоталитарных культов на личностные особенности в контексте различных психологических подходов / Р.Э. Гримсолтанова //Северо-Кафказский психологический вестник. -2013. -№11/4. – С.19
5. Данилов М.В. Явление «политизации» в современном обществе: постановка исследовательской проблемы / М.В. Данилов //Известия Саратовского университета. Новая серия: Социология. Политология. - 2009. -Т. 9. - Вып. 1.
6. Долгов Б.В. Политический ислам в современном мусульманском мире [Электронный ресурс] www.perspektivy.info/book/politicheskij_islam_v_sovremennom _musulmanskom_mire_2007-10-04.htm
7. Зафар Диловар. Дин ва ирфон. –Душанбе, 2014.
8. Илларионо Г.А. Геополитическая теория взаимодействия культуры и религии / Г.А.Илларионо //Мировое культурно-языковое и политическое пространство: взгляд через столетия. - М., 2010. -Т.1.
9. Каримова Р.Б. Психологические особенности личности, находящейся под влиянием нетрадиционных религиозных организаций / Р.Б.Каримова, Ж. К. Аксакалова //Сибирский педагогический журнал. -2012. -№4. – С. 205-210.
10. Политизация религиозного фактора в контексте региональной безопасности: северокавказская проекция: коллективная монография /Г.В. Косов, В.Н. Панин, Г.В. Станкевич, О.Ф. Волочаева, М.А. Горбунова, Г.Г. Гусев, В.А. Потапов, В.А.Ширяев; РГНФ. -М.: МИРАКЛЬ, 2014
11. Почта Ю.М. Ислам и политика. – М.: РУДН, 2008
12. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций / С. Хантингтон //Полис. -1994. -№1.
13. Шарипов С. Политическая трансформация ислама / С. Шарипов Газета «Чашмандоз». -2001. -№7.


## ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ ТАҲДИДИ СИЁСИКУНОНИИ ДИН БА ОРОМИИ ҶОМЕА


Дар мақолаи мазкур моҳият, сабабҳо ва хусусиятҳои сиёсикунонии дин ва таҳдиди он ба оромии ҷомеа мавриди таҳлили психологӣ қарор дода шудаанд. Қайд карда шудааст, ки дар ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ борҳо кӯшиши «диникунонии сиёсат» ва «сиёсикунонии дин» ба мушоҳида мерасад. Ҳарчанд дар байни

олимон то ҳол доир ба масъалаи муносибати дин ва сиёсат баҳсҳо идома доранд, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки моҳиятан дин ва давлат бояд аз якдигар ҷудо бошанд.Сиёсикунонии дин дорои сабабҳои худ мебошад, ки муҳимтаринашон инҳоянд: набудани имконияти ҳалли проблема бо усули анъанавӣ; аҳамиятнокии баланди иҷтимоии проблема, сиёсикунонии «сунъӣ» бо мақсади ба даст овардани манфиат. Масъалаи сиёсикунонии дин дар раҳёфтҳои гуногуни илмӣ аз мавқеъҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Назарияи бештар маъруф назарияи олими амрикоӣ С. Хантингтон мебошад, ки мувофиқи он аз мансубияти миллию этникӣ дида мансубияти динии одамонро бештар тафриқа мекунад. Ошкор карда шудааст, ки шинохти арзишҳои динӣ хусусияти махсуси психологӣ дошта, дар заминаи эътиқод ба вуҷуд меояд.Пас аз пош хӯрдани режими сотсиалистӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсикунии дини ислом авҷ гирифт, ки ба он ташкилотҳои динии то ин дам дар хориҷи кишвар ташкилкардашуда даст доштанд. Ин боиси рӯйи кор омадани гурӯҳҳои экстремистӣ дар кишвар гардид, ки яке аз сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ буд. Новобаста аз кӯшишҳои зиёди ҳукумат ва дунявӣ будани сохтори давлатдорӣ дар Тоҷикистон ҳаракату равияҳои нав ба нави динӣ ба фазои сиёсии кишвар сар халонида, аҳолӣ ва махсусан ҷавононро ба тарафдории идеологияи иртиҷоии худ ҷалб мекарданд ва карда истодаанд.Дар мақола тавсияҳо барои коҳиш додани хатари сиёсикунонии дин ба оромии ҷомеа ва сулҳу субот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** дин, сиёсат, сиёсикунонии дин, ҷомеа, таҳдид, омил, манфиат, эътиқод, арзиш, ҷаҳонбинӣ.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ УГРОЗЫ ПОЛИТИЗАЦИИ РЕЛИГИИ НА СТАБИЛЬНОСТЬ ОБЩЕСТВА

В данной статье подвергались психологическому анализу сущность, причины и особенности политизации религии и ее угроза на стабильность общества. Отмечается, что во всех мировых религиях многократно осуществлялись попытки «религизации политики» и «политизации религии». Несмотря на то, что среди учёных до сих пор продолжается спор на предмет соотношения религии и государства, анализы показывают, что религия и государство должны быть отдельны друг от друга. Политизация религии имеет свои причины, среди которых наиболее важными являются: отсутствие возможности решения проблем традиционным путем; высокая социальная значимость проблемы, «искусственная» политизация целью которой является получение выгоды. Проблема политизации религии в разных научных подходах трактуется с разных позиций. Наиболее известной теорией является теория американского ученного С. Хангтингтона, согласно которой национальная и этническая принадлежность дифференцирует людей больше, чем религиозная. Выявлено, что познание религиозных ценностей имеет особую психологическую специфику и проявляется на основе веры.После распада социалистического режима политизация религии в Республике Таджикистан увеличилась, в чем были замешены религиозные организации, созданные за рубежом. Это способствовало проявлению экстремистических групп в стране, являющимся одним из основных факторов, способствующих гражданской войне. Независимо от усилий правительства и от того, что государственная структура является светской, все же в Таджикистане отдельные группы привлекали и продолжают привлекать население, особенно молодежь, в свою консервативную идеологию.
В статье приведены несколько рекомендаций, направленных на снижение угрозы политизации религии, стабильности общества и мира в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова**: религия, политика, политизация религии, общество, угроза, фактор, интересы, вера, ценность, мировоззрение.

## PSYCHOLOGICAL ANALYSIS OF THE THREAT TO POLITICALIZATION OF RELIGION ON STABILITY OF SOCIETY

In this article, the essence, causes and characteristics of the politicization of religion and its threat to the stability of society were subjected to psychological analysis. It is noted that in all world religions, attempts have been repeatedly made to “religiousize politics” and “politicize religion”. Despite the fact that there is still a debate among scientists regarding the relationship between religion and state, analyzes show that religion and state should be separate from each other.The politicization of religion has its own reasons, among which the most important are: the lack of the ability to solve problems in the traditional way; high social significance of the problem, the “artificial” politicization of which is aimed at obtaining benefits.The problem of politicization of religion in different scientific approaches is interpreted from different perspectives. The most famous theory is the theory of the American scientist S. Huntington, according to which national and ethnicity differentiates people more than religious. It is revealed that the knowledge of religious values has a special psychological specificity and is manifested on the basis of faith.After the collapse of the socialist regime, the politicization of religion in the Republic of Tajikistan increased, which involved religious organizations established abroad. This contributed to the manifestation of extremist groups in the country, which is one of the main factors contributing to the civil war.Regardless of the efforts of the government and the fact that the state structure is secular, in Tajikistan, certain groups have attracted and continue to attract the population, especially young people, into their conservative ideology. The article provides several recommendations aimed at reducing the threat of politicization of religion, the stability of society and peace in the Republic of Tajikistan.

**Keywords**: religion, politics, politicization of religion, society, threat, factor, interests, faith, value, worldview.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Расулов Сайфиддин Худоиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи психология. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел.: **918.80.68.07.** E-mail: **sayf76@mail.ru**

**Сведения об авторе**: ***Расулов Сайфиддин Худоиевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры психологии. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **918.80.68.07.** E-mail: **sayf76@mail.ru**

**Information about the author**: ***Rasulov Saifidin Khudoievich*** – Tajik national University, candidate of political Sciences, associate Professor of the Department of psychology. 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone **918-80-68-07**. E-mail: **sayf76@mail.ru**

**УДК 329.61**

# МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ТЕРРОРИЗМИ МУОСИР

***Мадвалиев Ҷ.А.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Таҳқиқу омӯзиши моҳияти терроризм имкон медиҳад, ки хусусиятҳои бевоситаи он муайян карда шаванд ва дар заминаи чунин таҳқиқот мубориза бо ин падида ба роҳ монда шавад. Самаранокии мубориза бо терроризм аз он вобаста аст, ки то кадом андоза моҳияти ин падида ва таъсири он ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда шудааст. Дар ин маврид дар баробари механизмҳои ҳуқуқӣ, инчунин роҳу воситаҳои дигари пешгирӣ намудани зуҳуроти терроризм имконпазир мегардад. Аммо, бо дарназардошти омилҳои гуногун, гуфтан мумкин аст, ки муайян намудани моҳияти терроризм кори чандон осон нест. Аввал ин ки терроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар шароити рушди бемайлони илму техника бо суръати хеле баланд тағйир меёбад ва шаклҳои зоҳиршавӣ ва роҳу усулҳои фаъолияти он низ дигаргун мешаванд. Дуюм ин ки терроризмро дар доираи илмҳои гуногун таҳлилу баррасӣ менамоянд, ки дар натиҷа вобаста ба ин падида андешаҳои гуногун ва баъзан мухолифи ҳамдигар ба вуҷуд оварда шудаанд. Чунин ҳолат имкон намедиҳад, ки ба осонӣ дар бораи он тасаввуроти ягона ба вуҷуд оварда шавад. Сеюм ин ки дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ дар маъноҳои мухталиф ва дар муносибат бо ҳодисаю воқеаҳои гуногун истифода бурдани мафҳуми терроризм имкон намедиҳад, ки сарҳади он ба таври дуруст муайян карда шавад. Масалан, олимону сиёсатмадорон вобаста ба моҳияти терроризм таърифҳеро пешниҳод менамоянд, ки бо мақсад ва вазифаҳои онҳо мувофиқ аст. Баъдан рӯзноманигорон ва таҳлилгарон таърифҳои мазкурро иқтибос оварда, боз фикру андешаҳои худро илова менамоянд ва падидаи мазкурро аз мавқеи касбию идеологии хеш шарҳ медиҳанд. Яъне, гуногунандешӣ ва плюрализми сиёсию идеологӣ низ дар самти омӯзиши терроризм мушкилиҳои зиёд эҷод менамояд. Чорум ин ки терроризмро дар аксар маврид бо экстремизм, ҷанг, фашизм, диверсия, ҳаракатҳои шӯришчиён ҳамшабеҳ медонанд, ки ин гуна баррасӣ гуногунфаҳмиро ба вуҷуд меорад. Панҷум ин ки давлатҳои алоҳида бо масъалаи терроризм бо дарназардошти манфиатҳои миллии худ бархӯрд менамоянд. Масалан, агар фаъолияти ҳизбу харакатҳои ифротӣ ва тундгароӣ ба манфиатҳои миллии онҳо таҳдид намояд, онҳоро ҳамчун ташкилотҳои террористӣ муайян менамоянд ва агар таҳдид накунад, на танҳо террорист намешуморанд, балки дар мавридҳои мувофиқ онҳоро пуштибонӣ ва дастгирӣ намуда, барои амалӣ намудани мақсадҳои стратегии худ истифода мебаранд. Бо дарназардошти омилҳои мазкур гуфтан мумкин аст, ки вобаста ба моҳияти терроризм на танҳо таърифи ягона ба вуҷуд овардан мушкил аст, балки дар натиҷаи омезиш пайдо намудани андешаҳои сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию психологӣ, фалсафию ҳуқуқӣ анҷом додани ин кор ғайриимкон аст. Дар чунин шароит омӯзиши терроризм ба он хотир зарур аст, ки дар навбати аввал, дар доираи методологияи илмҳои сиёсӣ моҳият ва хусусиятҳои ин падида бояд муайян гарданд ва нишонаҳои фарққунандаи он аз падидаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ҷудо карда шаванд. Пеш аз ҳама, бояд нишонаҳо, хусусиятҳо ва дигар аломатҳои терроризм муайян карда шаванд, то ки ин падидаро аз падидаҳои дигар фарқ намудан имконпазир гардад.

Бояд қайд намуд, ки омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи терроризм аз солҳои 1970 оғоз гаштааст. Ба таҳлилу таҳқиқи ин масъала олимони соҳаҳои гуногуни илм хеле зиёд машғул гардидаанд. Махсусан, тӯли ду даҳсолаи охир шумораи ин гуна таҳқиқот рӯ ба афзоиш аст. Олимону муҳаққиқон ба он хотир ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд, ки аз солҳои 1970 сар карда, яку якбора шумораи амалҳои террористӣ дар

кишварҳои гуногуни олам рӯ ба афзоиш мениҳад ва тибқи Пойгоҳи иттилоотии ҷаҳонӣ оид ба терроризм солҳои 1970-2018 дар олам зиёда аз 176 313 амали террористӣ рух додааст (ниг. ба ҷадвали №1).

**Ҷадвали 1. Амалҳои террористии бавуқӯъомада дар солҳои 1970-2018 тибқи омори Пойгоҳи иттилоотии ҷаҳонӣ оид ба терроризм (Global terrorism database) [21]**

| Амали террористӣ | Амали террористии мушоҳидашуда | % мушоҳида |
|---|---|---|
| Ҳуҷуми мусаллаҳона | 43 372 | 24,60 |
| Суиқасд | 18 567 | 10,53 |
| Таркиш | 83 559 | 47,39 |
| Ҳуҷум ба объектҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ | 11 136 | 6,32 |
| Дуздидани ҳавопаймоҳо | 613 | 0,35 |
| Асир гирифтан | 939 | 0,53 |
| Рабудани одамон | 10 757 | 6,10 |
| Ҳуҷумҳои ғайримусаллаҳона | 942 | 0,53 |
| Маълумот нест | 6 428 | 3 |
| Ҳамагӣ | 176 313 | 100 |

Тибқи маълумоти омории ин пойгоҳи иттилоотӣ дар соли 2020 ин рақам ба 190 ҳазор баробар шудааст. Яъне, танҳо дар ду соли охир дар кишварҳои гуногуни олам боз 14 ҳазор амали террористии дигар ба қайд гирифта шудааст [21]. Бо дарназардошти тавсеаи миқёси амалҳои террористӣ тӯли ду даҳсолаи охир масъалаи терроризм ба таври ҷиддӣ таҳқиқ гардида истодааст. Махсусан, дар таҳқиқоти солҳои охир оид ба моҳияти терроризми муосир фикру андешаҳои мухталиф баён мегарданд.

Дар доираи илмҳои сиёсӣ низ ба омӯзиши терроризм таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст. Аммо дар аксар маврид дидан мумкин аст, ки дар чунин таҳқиқот предмети илмҳои сиёсӣ ба инобат гирифта нашудааст ва аз ин сабаб муҳаққиқон ба илмҳои дигар ворид гардида, ба ҳадафи таҳқиқотии худ ноил нагардидаанд. Аз ин рӯ, қобили зикр аст, ки дар доираи таҳқиқоти сиёсӣ таъсири терроризм ба устувории системаи сиёсии ҷомеа ва дар зери таъсири он вайрон гардидани суботи сиёсии ҷомеа бояд дар маркази диққат қарор дода шавад. Дар робита бо масъалаҳои мазкур гуфтан мумкин аст, ки терроризм падидае мебошад, ки мухолифатҳои мавҷудаи ҷамъиятиро мехоҳад бо роҳи зӯроварӣ ва ғайриқонунӣ ҳаллу фасл намояд. Аз ин рӯ, хатари ҷамъиятӣ, рафтори ғайрилегитимӣ ва тарсу даҳшат пайомадҳои терроризм мебошанд, ки дар натиҷаи инкор намудани созиши ҷонибҳои гуногун ба вуҷуд меоянд.

Ҳарчанд масъалаи терроризм аз ҷониби олимони зиёд омӯхта шуда бошад ҳам, вобаста ба моҳияти он ҳанӯз ҳам муҳаққиқон ба мувофиқа нарасидаанд. Олими амрикоӣ Э.Ричардс ин ҳолатро мушоҳида намуда, иброз медорад, ки «дар доираҳои академикӣ масъалаи омӯзиши терроризм дар марҳилаи пешазназариявӣ қарор дорад» [25,с.225]. Яъне, назарияи илмии терроризм дар ҳоли пайдоиш ва ташаккулёбӣ мебошад. Ба ибораи дигар, назарияи мукаммали терроризм то ба имрӯз ҳанӯз ташаккул дода нашудааст ва ё агар бошад ҳам, номукаммал аст. Олими рус О.Г. Харитонова низ чунин ҳолатро мушоҳида намуда, ташаккулдиҳии назарияи ягонаи терроризмро аз ҳалли масъалаҳои зерин вобаста медонад:

– консептуализатсияи терроризм;

– мавҷуд набудани таърифи ягонаи терроризм ва аз ҷониби олимон ба таври мухталиф шарҳу тавзеҳ ёфтани моҳияти ин падида;

– ба таври пурра ифода нагардидани хусусиятҳои сиёсӣ ва ҷиноятии терроризм;

– тағйирёбанда будани фаъолияти террористӣ;

– номумкин будани гузаронидани таҳқиқотҳои саҳроӣ [14,с.15-16].

Бо андешаҳои мазкур розӣ шудан мумкин аст ва онҳо арзиши зиёди илмӣ доранд. Зеро консептуализатсияи терроризм имкон медиҳад, ки амалҳои террористӣ аз амалҳои шӯришчиён, кушторҳо, одамрабоӣ, наслкушӣ (генотсид), ҷазодиҳӣ (репрессия) ва ҷангҳои шаҳрвандӣ, ки дар бисёре аз мавридҳо бо терроризм ҳеҷ робитае надоранд, фарқ карда шаванд. Дар мавриди таърифи ягона нисбат ба моҳияти терроризм гуфтан мумкин аст, ки то имрӯз маълум нест, ки терроризм мақсад аст ва ё воситаи амалӣ намудани мақсад,

идомаи сиёсат аст ва ё воситаи дар амал татбиқ намудани сиёсат. Оё терроризми давлатӣ ва ғайридавлатӣ, дохилӣ ва байналмилалӣ гуфтан ҷоиз аст ё не? Посух ба ин саволҳо ба таври илмӣ бояд асоснок карда шаванд. Вобаста ба хусусиятҳои нопурраи сиёсию ҷиноятии терроризм низ масъала хеле мураккаб аст. Зеро амали террористие, ки дар ин тарафи сарҳад содир мешавад, баъди убур намудани сарҳад дар он тараф террористро ҳамчун муборизи роҳи озодӣ дониста, амали ӯро қаҳрамонӣ маънидод менамоянд. Гузашта аз ин, ташкилотҳои террористӣ марҳила ба марҳила бо дастовардҳои навини илму техника ошноӣ пайдо намуда, онҳоро дар фаъолияти худ мавриди истифода қарор медиҳанд, ки чунин ҳолат стратегия ва тактикаи онҳоро ба таври ҷиддӣ тағйир медиҳад. Аммо мушкилии аз ҳама асосӣ ин аст, ки терроризмро аз дохил омӯхта намешавад, дар байни террористон гузаронидани таҳқиқотҳои эмпирикӣ, аз қабили назарсанҷӣ ғайриимкон аст ва аз ин рӯ, ҳамаи таҳқиқотҳои дар ин самт анҷомёфта сирф хусусияти тавсифӣ доранд, ки дар аксар маврид воқеиятро наметавонанд инъикос намоянд.

Бояд эътироф кард, ки ба омӯзиши терроризм олимони Ғарб каме пештар оғоз намудаанд. Аз ин рӯ, дар солҳои 80-уми асри гузашта як зумра таҳқиқоти ҷиддӣ дар ин самт анҷом дода шудаанд. Дар навбати аввал, таҳлилгарони амрикоӣ кӯшиш намудаанд, ки моҳияти ин мафҳумро нишон диҳанд. Ба андешаи онҳо, «терроризм зӯроварии иҷтимоию сиёсиест, ки истифодаи он қобили қабул нест ва бо мақсади тағйир додани ҳолати рӯҳиву равонии одамон анҷом дода мешавад» [20,с.107]. В.Маллисон ва С.Маллисон иброз медоранд, ки «терроризм истифодаи муназзами шакли ниҳоии зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифода намудани он барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ ва ё оммавӣ мебошад» [24,с.37].

Сиёсатшиноси голландӣ А.Шмид таърифҳои гуногуни терроризмро таҳлилу баррасӣ намуда, кӯшиш менамояд, ки таърифи ягонаи онро пешниҳод созад. Ба ақидаи ӯ, «терроризм ин роҳу усулҳои зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифода намудани онҳо мебошад, ки аз ҷониби шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ба таври пинҳонӣ барои расидан ба мақсадҳои мушаххас дар муқобили объектҳои гуногун истифода мешавад» [26,с.124]. Қобили зикр аст, ки маҳз бо ташаббуси А.Шмид барои пешгирӣ намудани терроризм дар назди СММ маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ ташкил гардидааст. Мақсади асосии ин марказ ҷамъоварии ҳама гуна иттилооти марбут ба терроризм мебошад. Ба ақидаи худи А.Шмид, замоне мубориза бо терроризм самаранок мегардад, ки дар бораи он иттилооти зарурӣ ба вуҷуд оварда шавад [16]. Дар маҷмӯъ, ба андешаи А.Шмид, терроризм «доктринаи ба амал баровардани тактикаи даҳшатафканӣ ва истифодаи зӯроварии сиёсӣ мебошад, ки ба таври пинҳонӣ, аммо намоишкорона анҷом додани зӯроварии сиёсиро бе дарназардошти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ ифода менамояд, ки он ба ҷониби аҳолии осоишта ва шахсоне, ки дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирок надоранд, нигаронида мешавад, то ки ба ҷонибҳои низоъ таъсири психологӣ ва таблиғотӣ расонида шавад» [27,с.588].

Олимони англис С.К. Андерсон ва С. Слон зиёда аз 250 таърифи терроризмро мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омадаанд, ки ҳеҷ яке аз онҳо наметавонанд аз ҷониби ҳамагон эътироф карда шаванд. Аммо онҳо нишонаҳои терроризмро ба таври зайл муайян намудаанд: зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифода намудани он, нияти дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳои динию сиёсӣ, тарсонидан ва дар ҳолати тарсу даҳшат нигоҳ доштани одамон [19, с.320]. Як гурӯҳ олимон муътақиданд, ки терроризм айни замон ҳамчун консепсияи сиёсӣ ташаккул ёфтааст, ки ҷавҳари онро ҷанг ва санъати пешбурди ҷанг ташкил медиҳад. Ҳатто баъзе муҳаққиқон бар он боваранд, ки худи ташкилотҳои террористӣ хеле заиф, аммо стратегияи онҳо хеле қавӣ мебошад [11]. Терроризм ҳамчун консепсияи сиёсӣ ва ҳамчун консепсияи ҷанг ба чаҳор масъалаи муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа робита дорад:

– исён ва ё шӯриш дар муқобили ҳукумати қонунӣ;

– истифодаи зӯроварӣ аз ҷониби ҳукумат бо мақсади пешгирӣ намудани поймолшавии ҳуқуқ (масалан, ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ);

– кӯшиши тағйир додани сохтори конститутсионии давлат бо роҳи фишор ва зӯроварӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ анҷом дода мешавад;

– оғоз намудани ҷанг бо мақсади пешгирӣ намудани қонуншиканӣ ва қоидавайронкунӣ, аз ҷумла ҳангоми ҳуҷум намудани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва дастаҳои силоҳбадаст ба муқобили аҳолии осоишта [15,с.30].

Чуноне ки дидан мумкин аст, терроризмро ҳамчун консепсияи сиёсии ҷанг муаррифӣ намудаанд. Аммо ҷангҳо ба таври кушоду равшан сурат мегиранд ва ҷонибҳои низоъ низ барои якдигар маълуманд. Терроризм бошад, хусусияти пинҳонӣ дорад ва ба амал омадани онро пешгӯӣ намудан кори басо мушкил аст. Аз ин рӯ, ҷангҳоеро, ки террористон ташкил менамоянд, ҷангҳои иттилоотӣ номидан мумкин аст. Барои мисол, «насли имрӯзаи экстремистони исломӣ арзишҳои исломии асри VII-ро таърифу тавсиф намуда, ҳамзамон Интернети асри XXI-ро фаъолона истифода менамоянд. Дар чунин маврид, терроризм ҳамчун театр аст, яъне барои тасхир намудани тамошобинон анҷом дода мешавад. Воқеаҳои ҳузнангез барои ҷалб намудани диққати одамон анҷом дода мешаванд» [8,с.207].

Нисбат ба терроризм мавқеи давлатҳо ва созмонҳои байналмилалиро низ бояд ба инобат гирифт. Агар аз нуқтаи назари амнияти миллӣ ва суботи сиёсии ҷомеа ба ин масъала баҳогузорӣ гардад, мавқеи давлатҳо ва андешаи олимоне, ки аз ин мавқеъ ба масъалаи терроризм баҳогузорӣ менамоянд, хеле муҳим дониста мешавад. Масалан, департаменти давлатии ИМА терроризмро ба таври зерин муайян намудааст: «терроризм зӯроварии хусусияти сиёсидошта ва ба таври пешакӣ банақшагирифташудае мебошад, ки аз ҷониби гурӯҳҳои алоҳида ва ё агентҳои махфии давлатӣ дар муқобили шахсоне, ки дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирок надоранд, истифода бурда мешавад» [28]. Дабири кулли СММ Кофи Аннан соли 2005 бо мақсади ба вуҷуд овардани таърифи ягонаи терроризм ин падидаро ба таври зерин муайян намуда буд: «амалҳое, ки аз ҷониби субъектҳои ғайридавлатӣ содир мешаванд ва бо мақсади тарсонидани мардум ва ё таъсир расонидан ба ҳукуматҳо барои куштан ва ё расонидани зарар ба аҳолии осоишта ва ё шахсоне, ки дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирок надоранд, равона карда мешаванд» [12].

Дар замони шӯравӣ низ олимону муҳаққиқон ба омӯзиши ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда буданд. Аз ҷумла, В.В. Витюк моҳияти терроризмро чунин муайян намудааст: а) тактикаи муборизаи сиёсӣ, ки бо истифодаи амалҳои зӯроварона роҳандозӣ мегардад; б) тарсонидани на танҳо шахсони баландмақом, балки тарсонидани ҳукумат ва қишрҳои гуногуни ҷомеа; в) тактикаи ташкил намудани кушторҳои сиёсие, ки бо инқилобҳои оммавӣ ҳеҷ рабт надоранд [5,с.7].

Як қатор муҳаққиқон иброз медоранд, ки нишонаҳои асосии терроризм аллакай дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии сатҳи байналхалқӣ ва қонунгузории давлатӣ ворид карда шудаанд. Аз ин рӯ, онҳо пешниҳод менамоянд, ки гурӯҳбандӣ намудан, таҳлил кардан ва дар заминаи маълумоти бадастомада ташаккул додани таърифи ягонаи терроризм имконпазир аст [9,с.22]. Аммо дар муқобили ин гуфтаҳо муҳаққиқи рус Я.И. Глинский иброз медорад, ки терроризм ва шаклҳои зоҳиршавии он хеле гуногунранг ва гуногунсатҳ мебошад ва аз ин рӯ, ба вуҷуд овардани таърифи ягонаи он ғайриимкон аст. Ӯ дар заминаи омӯзиши чунин мураккабӣ терроризмро дар маъноҳои зерин ифода намудааст:

– ба таври муназзам амалӣ намудани тарсу даҳшат, иғвоангезӣ намудан, бо роҳи зӯроварӣ ноустувор намудани ҷомеа;

– барои расидан ба мақсадҳои сиёсӣ истифода намудани зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифода намудани он дар муқобили шахсони алоҳида ва ё объектҳои ҷамъиятӣ;

– барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ истифода намудани амалҳои зӯроварона ва ё таҳдиди истифода намудани онҳо аз ҷониби субъектҳои сиёсат;

– ба таври муназзам анҷом додани куштор, расонидани зарари ҷисмонӣ, тахрибкорӣ ва ё таҳдиди ба амал баровардани ин амалҳо барои расидан ба мақсадҳои сиёсӣ;

– терроризм ҳамчун усули муборизаи сиёсӣ дар шакли маҷбурнамоии ғайриқонунӣ барои тарсонидани рақибони сиёсӣ истифода бурда мешавад [6,с.220].

Дар таҳқиқоти сиёсатшиносон масъалаи терроризм бо дарназардошти равандҳои сиёсии дохилию хориҷӣ, инчунин бо роҳи муайян намудани хусусиятҳои сиёсии он мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ин аст, ки дар аксар маврид сиёсатшиносон мафҳуми «терроризми сиёсӣ»-ро истифода менамоянд. Боташева А.К. терроризмро дар маҷмӯъ ҳамчун стратегия ва тактикаи амалҳои зӯроваронаи сиёсӣ ва бо роҳи таъсиррасонӣ намудан ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба таври муназзам дар ҳолати трас қарор додани ҷомеа медонад, ки ин гуна амалҳои зӯроварона аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ (террористӣ) роҳандозӣ мегардад [3,с.27]. Дар таърифи мазкур хусусияти сиёсӣ доштани терроризм баръало ба мушоҳида мерасад. Аммо ӯ боз терроризми сиёсиро ҳамчун механизми фишороварӣ ба ҷомеа ва давлат медонад, ки он

барои амалӣ намудани манфиатҳои ғайриқонунии сиёсӣ ва манфиатҳо ба ин монанд аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ истифода бурда мешавад [3,с.27].

Дар таҳқиқоти Сорока Е.Ю. доираи васеи адабиёти илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, бо дарназардошти таърифҳои гуногуни терроризм моҳияти он дар алоқамандӣ бо экстремизм муайян гардидааст. Ба андешаи Сорока Е.Ю., «терроризм шакли сиёсӣ ва муташаккили экстремизм буда, дар зери таъсири мухолифатҳои мушаххаси иҷтимоию сиёсӣ пайдо мегардад ва зӯроварии ғайриқонунӣ ва ё таҳдиди истифода намудани ин гуна зӯроварӣ дар муқобили одамони алоҳида ва ё ҷомеа, бо мақсади таъсир расондан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва тағйир додани рафтори сиёсии онҳо аз ҷониби неруҳои мушаххас амалӣ карда мешавад» [13,с.15-16]. Дар таърифи мазкур, аввалин ин ки терроризм ҳамчун шакли экстремизми сиёсӣ нишон дода мешавад ва дуюм ин ки он аз ҷониби неруҳои мушаххаси сиёсӣ ба амал бароварда мешавад, ки чунин муносибат нисбат ба терроризм имкон медиҳад хусусиятҳои муҳимми он каме равшан нишон дода шаванд.

Сиёсатшиноси дигари рус Лазарев Н.Я. низ терроризмро дар алоқамандӣ бо экстремизм шарҳ медиҳад ва онро зуҳуроти экстремистӣ номидааст. Ӯ терроризмро ҳамчун сиёсат ва ҳамчун амалияи таъсиррасонии экстремистӣ муаррифӣ намуда, зӯроварии ғайриқонунӣ ва пайгирӣ намудани ҳадафҳои сиёсиро нишонаҳои асосии он медонад [10,с.16]. Дар чунин маврид мақсади асосии террористон, ки ҳамзамон пайравони экстремизми сиёсӣ низ ҳастанд, тағйир додани тартиботи идоракунии сиёсию ҷамъиятӣ мебошад. Дар чунин шакл зоҳир шудани терроризм хосси фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои динию исломӣ мебошад, ки онҳо нияти ташкил намудани давлати исломӣ ва сохтори сиёсии ткратиро доранд. Баъзан вақт терроризм дар натиҷаи зуҳури ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ низ пайдо мегардад. Масалан, фаъолияти «Ҳаммос» ва «Ҳизбуллоҳ» дар Шарқи Наздик. Дар мавридҳои дигар терроризм метавонад бо сепаратизм алоқаманд гардад, ки мақсади он аз ҳудудҳои як давлат ҷудо намудани қисми он ва ташкил намудани давлати алоҳида мебошад. Ҷудо намудани Панҷоб аз Ҳиндустон, Чеченистон аз Россия, Курдистон аз Туркия ва монанди инҳо ба он мисол шуда метавонанд.

Дар таҳқиқоти як қатор ҳуқуқшиносон аз ҳама бештар омӯзиши амалҳои террористии ташкилшуда ва рухдода дар мадди аввал гузошта мешаванд. Зеро таҳлили қонунгузории давлатӣ нишон медиҳад, ки дар онҳо баъзе унсурҳои навини терроризм ба мушоҳида намерасанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, дар таҳқиқоти ҳуқуқшиносон омӯзиши терроризм ва амалҳои террористӣ мавқеи махсус ишғол намудааст. Одатан, олимону муҳаққиқони ин соҳаи илм ин зуҳуротро ҳамчун амали ҷиноятӣ ва ғайриқонунӣ баҳогузорӣ намуда, дар доираи қонунгузории амалкунанда онро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Чунончи, Валеева А.С. иброз медорад, ки «терроризм низоми таъсиррасонии ғайриқонунӣ ва амалҳои ҷиноятие мебошад, ки барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ба ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ равона карда мешаванд. Ҳадафи ниҳоии терроризм ба даст овардани ҳокимият мебошад» [4,с.32]. Горбунов Ю.С. бошад, терроризмро амалия ва тактикаи зӯроварии сиёсии зиддиҳуқуқие медонад, ки он аз ҷониби неруҳои сиёсии ғайридавлатӣ истифода бурда мешавад [7,с.31]. Ҷойи дигар терроризм тактикаи сиёсие дониста мешавад, ки шаклҳои гуногуни зӯроварии мусаллаҳонаро истифода намуда, дар шакли амали террористӣ зоҳир мегардад [2,с.5]. Дар луғатҳои соҳаи ҳуқуқшиносӣ бошад, терроризмро ҳамчун ҷинояте муаррифӣ намудаанд, ки он ба амнияти ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад ва баъзан вақт на танҳо характери миллӣ дорад, балки характери байналмилалӣ низ мегирад [18,с.1086].

Таҳлилу омӯзиши асарҳои олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар раванди таҳлили фаъолияти террористӣ ба шаклҳои зоҳиршавии терроризм диққати бештар медиҳанд. Дар натиҷаи чунин омӯзиш муайян мегардад, ки субъектҳои терроризми муосир бештар ба чунин шаклҳои зӯроварӣ рӯ овардаанд: ташкил намудани таркиш дар ҷойҳои серодам: дар истгоҳҳо, фурудгоҳҳо, биноҳои истиқоматии баландошёна, роҳҳои серодами зеризаминӣ (метро), ҳавопаймоҳо, поездҳо ва ғайраҳо; гаравгон гирифтани одамони бегуноҳ; рабудани ҳавопаймоҳо ва истифодаи он ҳамчун воситаи қасосгирӣ; истифода намудани яроқҳои гуногун, аз ҷумла яроқҳои иттилоотӣ, кибернетикӣ, биологӣ, психологӣ, генетикӣ ва ғайраҳо; истифодаи шабакаи интернет барои ба амал баровардани амалҳои террористӣ (кибертерроризм); истифодаи террористони худкуш барои анҷом додани таркиш дар ҷойҳои серодам.

Ҳуқуқшиноси шинохтаи рус Ю.М. Антонян иброз медорад, ки бо роҳи тарсонидан тағйир додани рафтори одамон (гурӯҳи одамон, давлатҳо, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ.), ки ба фоидаи террористон анҷом меёбад, моҳияти терроризмро ифода менамояд. Тарсонидан олоти асосии террористон мебошад, ки бо истифода аз он ҷониби сеюмро маҷбур месозанд, ки на ба фоидаи давлату ҷомеа ва ё ба фоидаи худашон, балки ба фоидаи террористон амал намоянд. Ю.М. Антонян муътақид аст, ки чи қадаре ки сарчашмаи таҳдид номаълум бошад, ҳамон қадар таъсири тарсу даҳшат зиёд мегардад [1,с.9-10].

Вобаста ба мазмуни этимологии мафҳуми «терроризм» хусусиятҳои он низ ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Терроризм аз калимаи лотинии terror гирифта шуда, маънояш «тарс», «даҳшат» мебошад. Дар чунин маврид як қатор муҳаққиқон бо такя ба мазмуни этимологии терроризм мехоҳанд ба саволҳои зерин посух диҳанд: Оё терроризм зӯроварӣ ва ё идеологияи даҳшатафканист? Агар он яке аз шаклҳои зӯроварӣ бошад, пас хусусиятҳои фарқкунандаи он аз шаклҳои дигари зӯроварӣ дар чӣ ифода меёбад? Агар идеологияи даҳшатафканӣ бошад, пас хусусиятҳои он чӣ гуна аст? [17,с.167]

Зӯроварӣ ҳамчун унсури муҳимтарини терроризм аз ҷониби муҳаққиқон ба таври гуногун таҳлилу баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла С.Каливас иброз медорад, ки «зӯроварӣ дар ҳама гуна шароит воситаи расидан ба мақсадҳои сиёсӣ мебошад, новобаста аз он ки онро кӣ истифода намуда истодааст. Барои террористон бошад, зӯроварӣ ба сифати манбаи тактикӣ баромад намуда, ба воситаи он тарсонидан, вайрон намудани вазъи ҷомеа, тавсеаи тундгароӣ, ҷазодиҳӣ, сафарбарнамоӣ, иғвоангезӣ ва тарғибу ташвиқ ба амал бароварда мешавад» [23,с.113].

Мутахассисон ва коршиносони Пойгоҳи иттилоотии ҷаҳонӣ оид ба терроризм низ, дар навбати худ, вобаста ба мақсади терроризм ва нишонаҳои он меъёрҳои мушаххаси баҳогузориро пешниҳод намудаанд ва аз рӯйи онҳо терроризмро баҳогузорӣ менамоянд. Барои он, ки амали террористӣ дар пойгоҳи мазкур сабт карда шавад, бояд яке аз ин нишонаҳо дар онҳо дида шаванд:

– амали анҷомёфта бояд ҳадафмандона сурат гирифта бошад (натиҷаи фаъолияти бошууронаи субъекти мушаххас бояд бошад);

– дар амали анҷомёфта зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифода намудани зӯроварӣ дида шавад;

– агар амали мазкур аз ҷониби неруҳои ғайридавлатӣ анҷом дода шуда бошад;

– агар амали мазкур ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, динию мазҳабӣ ва ё иҷтимоӣ дошта бошад;

– нияти интиқол додани таҳдид ва ё тарсонидани доираи васеи одамон мушоҳида гардад;

– агар амали мазкур фаъолияти неруҳои ҳарбӣ набошад ва ё бо неруҳои ҳарбӣ иртибот надошта бошад [22].

Ҳамин тариқ, ҳарчанд то ба имрӯз назарияи ягонаи терроризм ташаккул наёфта бошад ҳам, олимону муҳаққиқон дар атрофи як қатор масъалаҳои марбут ба терроризм, аз ҷумла дар бораи унсурҳои таркибии он ба мувофиқа расидаанд: чунончи, дар мавриди субъектҳои терроризм (давлатӣ ва ғайридавлатӣ), мақсадҳои терроризм (тарсонидани рақибон ва тағйир додани рафтори онҳо), объектҳои рамзии терроризм (аҳолии осоишта ва арзишҳои моддии ҷомеа), тактика (зӯроварӣ ва ё таҳдиди ба амал баровардани зӯроварӣ), натиҷаҳои интизорӣ (таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва тарсонидани онҳо). Ин имкон медиҳад, ки мундариҷаи терроризм муайян карда шавад ва дар самти пешгирӣ намудани зуҳуроти терроризм муваффақиятҳои назаррас ба даст оянд.

Ғайр аз ин, дар муносибат бо падидаи терроризм давлатҳои алоҳида ва сарварони сиёсӣ низ муносибати яксон надоранд. Дар аксар маврид дар шароити муосир сиёсати дугона амалӣ карда мешавад, ки фаҳмиши терроризмро низ тағйир медиҳад. Чунончи, дар баъзе давлатҳо агар ин ё он амалро террористӣ ва зуҳуроти терроризм муаррифӣ намоянд, ҷойи дигар онро фаъолияти муборизони роҳи озодӣ ва ё ҳомиёни ҳуқуқу озодиҳои инсон унвон менамоянд. Чунин ҳолатро дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ва дар сиёсати ҷаҳонии замони муосир хеле зиёд мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар маҷмӯъ, ҳамаи таърифҳои терроризмро ба якчанд гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст. Гурӯҳи аввали муҳаққиқон терроримзро ҳамчун шакли махсуси зӯроварӣ (зӯроварии ғайриқонунӣ) муаррифӣ намудаанд. Гурӯҳи дуюми муҳаққиқон терроризмро ҳамчун

фаъолияти ҷиноятӣ номидаанд. Гурӯҳи сеюми муҳаққиқон терроризмро бо дарназардошти таъсиррасонии психологии он технологияи тарсонидан ва дар ҳолати тарсу даҳшат қарор додани ҷомеа номидаанд. Гурӯҳи чоруми олимон терроризмро яке аз шаклҳои мубориизаи сиёсӣ муаррифӣ карда, хусусиятҳои сиёсии онро нишонаи асосии терроризм номидаанд. Як зумра олимону муҳаққиқон терроризмро шакли махсуси низои иҷтимоӣ номида, тезутунд гардидани мухолифатҳои ҷамъиятӣ ва байнидавлатиро сабаби пайдоиши он медонанд. Ҷонибдорони ин гуна баррасиҳо иброз медоранд, ки таърифи ягонаи терроризм наметавонад вуҷуд дошта бошад, зеро моҳият ва хусусиятҳои онро танҳо бо дарназардошти вазъияти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва минтақа муайян намудан мумкин аст.

**АДАБИЁТ**


1. Антонян Ю.М. Природа этнорелигиозного терроризма / Ю.М. Антонян. –М.: Аспект-пресс, 2008. – 365 с.
2. Байрамов Г.И. Борьба с политическим терроризмом: международно-правовое регулирование: дис. ... канд. юр. наук / Г.И. Байрамов. – М., 2004. – 169 с.
3. Боташева А.К. Терроризм как фактор современных политических процессов: детерминация, проявления, стратегия противодействия: автореф. дис. … д-ра полит. наук / Г.И. Байрамов. –Краснодар, 2009. – 54 с.
4. Валеева А.С. Разграничение понятий террор, терроризм, террористический акт / А.С. Валеева // Российский следователь. – 2012. – № 14. –С.31-33.
5. Витюк В.В. Социальная сущность и идейно-политические концепции современного левого терроризма: автореф. дис. … д-ра филос. наук / В.В. Витюк. –М., 1985. – 42 с.
6. Гилинский Я.И. Криминология. Теория, история, эмпирическая база, социальный контроль / Я.И. Гилинский. – СПб.: АлефПресс, 2014. – 574 с.
7. Горбунов Ю.С. Об определении понятий «террор» и «терроризм» / Ю.С. Горбунов // Журнал российского права. – 2010. – № 2. – С.31-40.
8. Джозеф Н. Будущее власти. Как стратегия умной силы меняет XXI век / Н. Джозеф. - Пер. с англ. В.Н.Верченко. –М.: АСТ, 2014. –444 с.
9. Емельянов В.П. Терроризм и преступления с признаками терроризирования (уголовно-правовое исследование) / В.П. Емельянов– М., 2000. – 291 с.
10. Лазарев Н.Я. Терроризм как социально-политическое явление: истоки, формы и динамика развития в современных условиях: автореф. дис. … канд. полит наук / Н.Я. Лазарев. –М., 2007. – 27 с.
11. Новикова Г.В. Сильная стратегия слабых. Террор в конце ХХ века/ Г.В. Новикова // Полис. Политические исследования. –2000. –№1. –С.169-172.
12. Реорганизация объединенных наций. Кофи Аннан хочет спасти ООН [Электронный ресурс]. URL: https://www.kommersant.ru/doc/556543 (дата обращения: 06.04.2020 г.)
13. Сорока Е.Ю. Особенности и тенденции эволюции современного терроризма: автореф. дис. … канд. полит. наук / Е.Ю. Сорока. –М., 2006. –32 с.
14. Харитонова О.Г. Изучая терроризм: Основные контуры дискуссии / О.Г. Харитонова // Политическая наука. – 2018. –№4. –С.13-33.
15. Хардт М. Множество: война и демократия в эпоху империи / М.Хардт, А.Негри. – М.: Культурная революция, 2006. – 559 с.
16. Шмид А. Статистика терроризма: задача определения тенденций в глобальном терроризме / А.Шмид // Форум по проблемам преступности и общества. –2004. –Т.4. –№2. –С.51-71.
17. Щербакова Л.М. Некоторые проблемы борьбы с экстремизмом и терроризмом в современных условиях / Л.М. Щербакова // Общество и право. – 2014. – № 4 (50). –С.164-169.
18. Юридическая энциклопедия / Отв. ред. Б. Н. Топорнин. – М.: Юрист, 2001. – С.1086.
19. Anderson S. K., Sloan S. Historical Dictionary of Terrorism. – UK: The Scarecrow Press, 2009. – 800 p.
20. Crenshaw M. Terrorism, Legitimacy, and Power. – Middletown: Wesleyan University Press, 1983. – 174 p.
21. Global terrorism database. URL: https://www.start.umd.edu/gtd/ (accessed: 20.06.2020)
22. GTD codebook: Inclusion criteria and variables. – 2018. – July. – URL: https://1pdf.net/gtd-codebook-national-consortium-for-the-study-of-terrorism_59c343f7f6065d432b267072 (Accessed: 20.06.2020)
23. Kalyvas S. The paradox of terrorism in civil war // The journal of ethics. – Springer, 2004. – Vol. 8. –№1. – P.97-138.
24. Mallison W.T., Mallison S.V. The Concept of Public Purpose Terror in International Law // Journal of Palestine Studies. –Vol. IV. – 1991. – № 2. – P.36-41.
25. Richards A. Conceptualizing terrorism // Studies in conflict and terrorism. – 2014. – Vol. 37. – №3. – P.213-236.
26. Schmid A.P. Political Terrorism: A Research Guide to Concepts, Theories, Data Bases and Literature. – New Brunswick: Transaction, 1983. – 220 p.
27. Schmid A.P. Comments on Marc Sageman's polemic «The stagnation in terrorism research» // Terrorism and political violence. – N.Y., 2014. – Vol. 26. – P. 587-595.
28. U.S. Department of State, Office of the Ambassador at Large for Counter-Terrorism, Patterns of Global Terrorism. – Washington, 1988.


## МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ТЕРРОРИЗМИ МУОСИР

Терроризм яке аз падидаҳои мураккаби иҷтимоию сиёсӣ ва ҳамзамон яке аз шаклҳои зӯроварии сиёсие мебошад, ки аз ҷониби ташкилотҳои террористию экстремистӣ ба амал бароварда мешавад. Омӯзиши

моҳият ва хусусиятҳои терроризм нишон медиҳад, ки нисбат ба ин падида таърифи ягона мавҷуд нест. Аввал ин ки олимони соҳаҳои гуногуни илм онро вобаста ба предмети таҳқиқоти худ шарҳ медиҳанд ва аз ин рӯ, ҳар муҳаққиқ моҳияти ин падидаро вобаста ба хусусиятҳои соҳаи худ баён менамояд, ки дар натиҷа таърифҳои гуногуни терроризм ба вуҷуд меоянд. Гузашта аз ин, давлатҳо ва сарварони сиёсӣ низ ба терроризм муносибати яксон надоранд. Ҳар яки онҳо ба ин масъала бо дарназардошти манфиатҳои миллию геополитикии кишвари худ баҳогузорӣ менамоянд. Аммо дар маҷмӯъ, терроризм зӯроварии сиёсие мебошад, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсӣ истифода бурда мешавад. Мақсади террористон зери фишор қарор додани мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дар ҳолати тарсу даҳшат нигоҳ доштани ҷомеа ва давлат, бо роҳи зӯроварии сиёсӣ несту нобуд намудани рақибони сиёсии худ мебошад. Дар чунин шароит терроризм ҳамчун стратегия ва амали террористӣ ҳамчун тактикаи муборизаи сиёсии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ бояд дониста шавад. Махсусан, дар шароити рушди илму техника ва ташаккулёбии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ миқёси чунин муборизаҳои сиёсӣ хеле тавсеа ёфтааст. Айни замон ташкилотҳои террористию экстремистӣ аз шабакаи интернет ва дигар воситаҳои технологию техникӣ ба таври васеъ истифода менамоянд.
**Калидвожаҳо:** терроризм, терроризми сиёсӣ, терроризми байналхалқӣ, амали террористӣ, зӯроварии сиёсӣ, муборизаи сиёсӣ.

## СУЩНОСТЬ И СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СОВРЕМЕННОГО ТЕРРОРИЗМА

Терроризм является одним из сложнейших социально-политических явлений и одновременно одной из форм политического насилия, который реализуется со стороны экстремистско-террористических организаций. Изучение сущности и особенностей терроризма показывает, что в отношении этой проблемы до сих пор нет единого определения. Во-первых, это связана с тем, что ученые разных сфер науки интерпретируют его с точки зрения предмета своей науки и поэтому каждый ученый рассматривает данный вопрос исходя из своей сферы деятельности. В результате этого появляется множество определений терроризма. Кроме того, в отношении терроризма каждое государство и каждый политический лидер имеет свое видение. Каждый из них оценивает эту проблему с учетом своих национальных и геополитических интересов. Но, в целом, терроризм является одной из форм политического насилия, который используется для реализации политических целей. Давление на структуру государственной власти, устрашение общества и государства, ликвидация соперников с использованием политического и незаконного насилия являются целями терроризма. Именно в таких условиях терроризм должен быть определен как стратегия, а террористический акт как тактика политической борьбы, которые используются со стороны организованных преступных группировок и экстремистско-террористических организаций. Особенно в условиях развития науки и техники, а также в процессе формирования информационно-коммуникационных технологий расширяются масштабы политической борьбы. В настоящее время для реализации своих целей экстремистско-террористические организации активно используют интернет и другие информационно-технологические средства.
**Ключевые слова:** терроризм, политический терроризм, международный терроризм, террористический акт, политическое насилие, политическая борьба.

## ESSENCE AND SPECIFIC FEATURES OF MODERN TERRORISM

Terrorism is one of the most difficult socio-political phenomena and at the same time one of the forms of political violence that is being carried out by extremist-terrorist organizations. A study of the nature and characteristics of terrorism shows that there is still no single definition regarding this problem. Firstly, this is due to the fact that scientists from different fields of science interpret it from the point of view of the subject of their science, and therefore, each scientist considers this issue based on his field of science. As a result, there are many definitions of terrorism. In addition, with regard to terrorism, each state and each political leader has its own vision. Each of them evaluates this problem taking into account their national and geopolitical interests. But in general, terrorism is a form of political violence that is used to realize political goals. Pressure on state structures, intimidation of society and the state, elimination of rivals using political and illegal violence are the goals of terrorism. It is in such circumstances that terrorism should be defined as a strategy, and a terrorist act as a tactic of political struggle, which are used by organized criminal groups and extremist terrorist organizations. Especially, in the conditions of the development of science and technology, the scale of the political struggle is expanding in the process of forming information and communication technologies. At present, extremist-terrorist organizations are actively using the Internet and other technical and technological means to realize their goals.
**Keywords:** terrorism, political terrorism, international terrorism, terrorist act, political violence, political struggle.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **Taj-Lucky@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мадвалиев Джамолиддин Алиджонович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры политологии и международных отношений. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г.Бохтар, ул. Айни, 67. E-mail: **Taj-Lucky@mail.ru**

**Information about the author:** ***Madvaliev Jamoliddin Alijonovich*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, competitor of the Department of Political Science and International Relations. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar city, street Ayni, 67. E-mail: **Taj-Lucky@mail.ru**

## ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА


*Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, Ҳукматов Д.Ч., Ҳасанова Н.Ч.* Заминаҳои бунёдгардӣ ва рушди назорати дохилӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ........ *5*

*Давлатзода Кудрат Камбар, Бобошерзода Нозанин Каракул.* Историко-экономические условия формирования агропромышленной интеграции в Республике Таджикистан........ *11*

*Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, Гулов А.Б.* Омилҳои таъсиркунанда ба рушди иқтидори меҳнат дар бахши аграрӣ........ *17*

*Зокирова Ф.Дж.* Направления повышения эффективности проведения государственного аудита в Республике Таджикистан........ *21*

*Шамсов И.С.* Развитие механизма взаимодействия учреждений высшего профессионального образования с потенциальными работодателями........ *26*

*Худойназаров Д.А., Исупов А.К.* Муаммоҳои рушди низоми бонкии исломӣ дар шароити имрӯза *31*

*Хамидова С.Х.* Система высшего профессионального образования в среде развития индустриально - инновационной экономики в Республике Таджикистан........ *35*

*ИброҳимовИ.Р. Сайдаҳмадов Ф.Б.* Масъалаҳои ҷойгиркунонии захираҳои сармоягузории корхона ва калстери аграрӣ........ *39*

*Давлатов Н.А., Ҳусайнов М.Н.* Усулҳои пардохти хизматрасонии қарзи давлатӣ дар замони муосир........ *45*

*Хушвахтзода Қ.Х., Холназаров М.Б.* Таҳлили самаранокии рушди электроэнергетика ва таҳдидҳои дохилии бехатарии энергетикӣ........ *49*

*Хамидова С.Х.* Особенности и проблемы налогообложения и его совершенствование в современных условиях........ *55*

*Исупова Б.Ф., Талбакзода Сулаймон.* Совершенствование системы управления операционным риском в кредитных организациях Республики Таджикистан........ *61*

*Марупова Н.Ш.* Формирование системы социального страхования как базовый институт социальной защиты населения........ *65*

*Ахмеджанова Р.С.* Устойчивое развитие промышленности региона........ *71*

*Шоев Д.П., Махмадиев Ф.Б., Махмадизода Сафарали Бачабек.* Развитие зернового хозяйства центрального региона Таджикистана........ *76*

*Тайгуншоева Ч.* Сайёҳӣ омили муҳимтарини соҳаи иқтисодиёт дар замони муосир........ *80*

*Самадзода Ф.Ҳ.* Рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақа........ *84*

*Одинаев Ш.Т., Тураев Н.А.* Инноватсия ҳамчун як ҷузъи унсури стратегияи фаъолияти сармоягузорӣ........ *89*

*Обидова М.Р.* Влияние денежных переводов на трансформацию монетарных пропорций национальной экономики........ *93*

*Каримов Р.А., Абдухалилов Д.Б.* Мукаммалгардонии механизми ташкилию иқтисодии ҷойгиркунии маконии сохторҳои корпоративӣ дар иқтисодиёти минтақа........ *99*

*Саидова М.Х., Ойматов Б.Ш., Гурезов С.И.* Анализ и оценка современного состояния среднего образования в развитии человеческого капитала Республики Таджикистан........ *105*

*Ҷӯраев М.Б.* Нақши саноат дар пешрафти иқтисодиёти вилояти Суғд........ *112*

*Бегматов А.А., Одинаев Э.С.* Масъалаҳои методологӣ ва амалии таъсири низоми андоз ба рушди иқтисодӣ........ *116*

*Курбанова С.М.* Управление ассортиментом санаторно-оздоровительных услуг в санаторно-курортном комплексе Республики Таджикистан........ *121*

***Махмудов М.К.*** Оценка возможностей создания инфраструктуры рынка экологически чистой продукции в регионе…………………………………………………………………………………… ***129***

***Қаюмова Ш.Т.*** Рушди соҳибкории саноатӣ омили асосии пешрафти иқтисодиёти кишвар ва таъмини сатҳи некӯаҳволии мар дум………………………………………………………………… ***136***

***Тухтаев Т.М., Турдиматова П.М.*** Оценка финансового потенциала региона в системе мер антикризисного управления Согдийской области………………………………………………….. ***144***

***Вазиров А.К., Вазиров Ф.А., Махмадизода Файзали Бачабек.*** Теоретические подходы к пониманию экологического развития сельского хозяйства региона………………………………… ***153***

***Алиджанова С.А.*** Рушди неруи сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................... ***158***

***Комилов С.Дж., Алимардонов Т.А.*** Моделирование параметров качества жизни населения в территориальных образованиях…………………………………………………………………….. ***162***

## ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИСПРУДЕНЦИЯ

***Диноршоев А.М., Солехзода Г.Д.*** Эволюция представлений о социальном государстве в мировой философско-правовой мысли…………………………………………………………………………. ***174***

***Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон*** Конституционно - правовой статус экономических судов Республики Таджикистан………………………………………………………………………….. ***178***

***Мурзабекова Ж.Т., Насбекова С.К.*** Функции экологического права и формы их реализации…… ***186***

***Ажибеков Б.Б., Жылкичиева К.С.*** Гражданско-правовая ответственность как разновидность юридической ответственности……………………………………………………………………….. ***193***

***Ходжазода Ф.Ф.*** Самостоятельные составы преступления как вид прикосновенности к преступлению на примере легализации доходов, добытых в результате совершения преступления……………………………………………………………………………………………….. ***196***

***Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон*** Конституционные основы единства судебной власти Республики Таджикистан………………………………………………………………………………… ***200***

***Бухориева Сафаргул Мансуровна*** Правовая регламентация и реализация личных и политических прав и свобод женщин в Республике Таджикистан…………………………………… ***207***

***Ғаффорзода Илёс*** Баъзе ҷанбаҳои мубоҳисавии вазъи ҳуқуқии кӯдак дар иртибот бо ҳуқуқи падару модар ба таълиму тарбияи фарзандон……………………………………………………….. ***213***

***Ширинҷонов Ф.И.*** Оид ба декриминализатсияи ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа................................................ ***218***

***Юсуфзода Ф.А.*** Оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии доғи судӣ.......................................................... ***223***

***Ҳасанов Ш.К.*** Таҳлили таърихӣ-генетикии коррупсия...................................................................... ***228***

***Амиров А.А.*** Ҷавобгарии ҷиноятии хизматчиёнии ҳарбии қувваҳои мусаллаҳи Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд............................................................... ***236***

***Қурбонзода Б.Ш.*** Терроризм ва экстремизм–таҳдид ба сулҳ ва амнияти миллӣ............................ ***241***

***Мазарифов М.К.*** Танзими ҳуқуқии низоми бонкӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ………………………………………………………………………………………………. ***246***

***Ғаффорзода Илёс*** Масоили назариявӣ ва танзими ҳуқуқии қобилияти субъекти ҳуқуқи гражданӣ будани кӯдак…………………………………………………………………………………… ***251***

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

***Темуров У.С., Наимов И.Н.*** Концептуальные подходы к изучению внешней политики Японии в начале XXI века……………………………………………………………………………………………. ***260***

***Муродов С.А.*** Согласованность и внутренняя сплоченность стороны конфликта как фактор успеха посредничества…………………………………………………………………………………… ***265***

***Акбаров Ф.Х.*** Внешнеполитические приоритеты института дипломатии в Таджикистане в контексте геополитических изменений………………………………………………………………….. ***269***

***Мирзоев Н.М.*** Некоторые вопросы организации работы по предотвращению радикализации сознания молодежи Таджикистана в виртуальной среде…………………………………………… ***275***

***Нуриддин П.Р.*** Низоъҳои байнидавлатӣ ва шаклҳои ҳамкориҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ…………….. ***279***

***Саидзода Шӯҳрат Шукур***. Арзишҳои сиёсӣ ва иҷтимоъгароии сиёсӣ: моҳият ва мушкилот......... ***284***

***Муҳаммад С.А.*** Хусусиятҳои бевоситаи аломат ва рамзҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа..... ***290***

***Аҳмадзода Д.Д.*** Ташаккулёбии муҳити ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ.................................. ***295***

***Расулов С.Х.*** Таҳлили психологии таҳдиди сиёсикунонии дин ба оромии ҷомеа………………….. ***301***

***Мадвалиев Ҷ.А.*** Моҳият ва хусусиятҳои муҳимми терроризми муосир…………………………….. ***309***

# ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

## Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

**Требования к оформлению научных статей:**

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора).

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
## Серия социально-экономических и общественных наук

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2020. №2.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А.Назарова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 41,5, усл. п.л. 41,5.
Подписано в печать 24.02.2020